# МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
2021. №2

---

# МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ
## ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
2021.№2

---

# YOUNG RESEARCHER
## TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
2021. No2

---

*МАРКАЗИ ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА*
*ДУШАНБЕ – 2021*
*ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН*

**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»**
**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2019 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилҷон Хушвахт** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Точикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмаҳмад** | *Доктори илмҳои техникӣ, профессор* |
| **Солиҳов Давлат Қуватович** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Сатторов Абдуманон** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Номзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия* |
| **Валиев Шариф Файзуллоевич** | *Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор, декани факултети геологии ДМТ* |
| **Расулиён Қаҳҳор** | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Муродов Мурод** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ* |
| **Низомова Туҳфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор* |
| **Одинаев Фурқат Фарҳодович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сафарализода Хучамурод Қуддус** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **Рачабов Имомиддин Ширинович** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **НуриддиновРаймалихон Шаҳбозович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Шарипов Фаридун Файзуллоевич** | *Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент* |
| **Устоев Мирзо Бобоҷонович** | *Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ* |


Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон
ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2021©

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»**
**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2019 г. Издается 6 раз в год.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** | *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Карорматулло Бадридинович** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

***РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:***

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмахмад** | *Доктор технических наук, профессор* |
| **Солихов Давлат Кувватович** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Сатторов Абдуманнон** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Валиев Шариф Нарзуллоевич** | *Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Кандидат химических наук, декан факультета химии ТНУ* |
| **Расулиён Ҳаҳхор** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Дустов Хамрохон** | *Кандидат филологических наук, доцент* |
| **Муродов Мурод** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Нагзибекова Мехринисо Бозоровна** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Абдусатторов Абдушукур** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Одинаев Фуркат Фарходович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сафарзода Бахтовар Амирали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Раджабов Имомиддин Ширинович** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Сафарализода Хучамурод Куддус** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Шарипов Фаридун Файзуллоевич** | *Доктор педагогических наук, доцент* |
| **Устоев Мирзо Бободжонович** | *Доктор биологических наук, профессор* |

**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41
© ТНУ, 2021

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**SCIENTIFIC JOURNAL "YOUNG RESEARCHER"**
**Founder of journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal was founded in 2019. It is published 6 times a year.**

***CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht** | *Doctor of Economics, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Ismonov Karomatullo Badridinovich** | *Candidate of philological sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

***EDITORIAL BOARD:***

| | |
|---|---|
| **Shermatov Nurmahmad** | *Doctor of technical sciences,* Professor |
| **Solihov Davlat Quvatovich** | *Doctor of physical and mathematical sciences* |
| **Sattorov Abdumannon** | *Doctor of physical and mathematical sciences* |
| **Fayzulloev Erkin Fathulloevich** | *Candidate of chemical sciences, dean of the chemical faculty* |
| **Valiev Sharif Fayzulloevich** | *Doctor of geological and mineralogical sciences, Professor* |
| **Rasuliyon Qahhor** | *Doctor of historical Sciences, Professor* |
| **Kucharov Alamkhon** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University* |
| **Dustov Hamrokhon Dzhumaevich** | *Candidate of philological sciences,* |
| **Murodov Murod** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University* |
| **Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economics, Professor* |
| **Odinaev Furqar Farhodovich** | *Candidate of Economics, assistant professor* |
| **Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi** | *Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science* |
| **Sotivoldiev Rustam Sharofovich** | *Doctor of law, Professor* |
| **Safarzoda Bakhtovar Amirali** | *Doctor of law, Professor* |
| **Rajabov Imomiddin Shirinovich** | *Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science* |
| **Nuriddinov Raymalikhon Shahbozovich** | *Doctor of politics, Professor* |
| **Sharipov Faridun Fayzulloevich** | *Doctor of pedagogical sciences, Professor* |
| **Ustoev Mirzo Bobojonovich** | *Doctor of Biological sciences, Professor* |

Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
**E-mail:** molodoy.issledovatel@mail.ru
**Phone:** (+992 37) 227-74-41
© TNU, 2021

## ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ – HISTORY AND ARCHAEOLOGY

# ТАҶРИБАИ МИЛЛИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР МУҚОВИМАТ БО ИФРОТГАРОЙ

***Ғайратова Ф.А., Ашуров У.Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар алоҳидагӣ ва дар доираи созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то ин ки бо хатари ифротгарои муқовимат намоянд. Зеро роҳи ягонаи муқовимат бо чунин падидаи номатлуб, дастаҷамъона ба вуҷуд овардани роҳҳои коҳишдиҳандаи ин хатар ва мубориза бар зиддӣ он мебошад.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ бо хатари ифротгарои ҳар яке бо роҳҳои мухталиф муқовимат менамоянд ва хусусияти ҳар кишвари минтақа гуногун ба назар мерасад.

*Ҷумҳурии Тоҷикистон.* Мақомоти Тоҷикистон солҳои охир чораҳо барои муқовимат бо гурӯҳҳои ифротгароиро боз ҳам қавитар намуданд.

Дар Тоҷикистон бори аввал 8 декабри соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисттон “Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгарой)” интишор шудааст, ки асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии муқовимат бо ифротгароиро бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори конституционӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амниятии давлатро муайян менамояд.

Қонуни мазкур аз 02.01.2020 аз эътибор соқит дониста шуда, санаи 2 январи 2020 сол №1655 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз нав интишор гардидааст.

Инчунин, дар Тоҷикистон барои муқовимат бо ифротгарои бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 12 ноябри соли 2016 дар бораи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бо экстремизм (ифротгарои) ва терроризм барои солҳои 2016-2020 ва “Нақшаи амалҳо доир ба амалишавии стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бо экстремизм (ифротгарои) ва терроризм” қабул шуд. Тоҷикистон дар миёни давлатҳои Осиёи Марказӣ аввалин кишваре шуд, ки чунин санадеро ба тасвиб расонид.

Дар Тоҷикистон барои муқовимат бо ифротгарои ҳамасола ҷораҳои дахлдор гузаронида мешавад, ки бевосита барои коҳиш додани ифротгарои равона шудааст. Масалан, рӯзҳои 16-17 уми майи соли 2019 дар Тоҷикистон конфронси сатҳи баланд таҳти унвони “Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез” дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки мақсади ин чорабинӣ, дар якҷоягӣ дарёфт намудани роҳҳои коҳиш додани хатари терроризм ва ифротгарои дар минтақа ва ҷаҳон буд.

Барои коҳиш додани терроризм ва ифротгарои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соли 2015 ба Кодекси ҷиноятӣ банди махсусеро илова намуданд, ки дар асоси он ҷангҷӯёне, ки ихтиёрӣ ба ватан бармегарданд, авф хоҳанд шуд. Тоҷикистон дуюмин кишвари Осиёи Марказӣ баъд аз Қазоқистон аст, ки барои баргардонидани шаҳрвандони худ аз минтақаи Ховари Миёна ҷадду талош дорад.

Ҳамчунин, барои муборизаи коршоям бо хатари ифротгарои ҳамасола аз тарафи Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон дастурҳои амалӣ ва воситаҳои таълимӣ-амалӣ барои воҳидҳои фаврии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои дорои хислати ифротгарой ва террористи дошта нашр мешавад ва мақомот аз он васеъ истифода мебаранд.

Тоҷикистон ба пуррагӣ хатари ифротгароиро дарк намуда, дар доираи Созмони Миллали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва Созмони Ҳамкории Шанхай тамоми ҷораҳоро барои коҳиш додани ин падидаи номатлуб пешкаш ва амалӣ менамояд.

*Ҷумҳурии Ӯзбекистон.* Масъалаи мубориза бар зидди ифротгароии сиёсӣ-динӣ ва пешгирии он яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва инчунин мақомоти худидоракунии маҳалливу ташкилотҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ҳисоб меравад.

Дар кишвар низоми муқовимат бо ифротгарои ва терроризм ташкил ва рушд ёфта истодааст. Унсурҳои асосии ин низомро: Прокуратураи Генералии кишвар ва воҳидҳои дахлдори Кумитаи амнияти миллӣ, инчунин Вазорати корҳои дохилии кишвар ва мақомоти маҳаллӣ (комитети маҳалли) дар бар мегиранд. Ҳамзамон, ҳамчун унсурҳои ёрирасон дар ин низом васоити ахбори омма ва ҷомеаи шаҳрвандии кишвар фаъолият менамоянд.

Бо мақсади мубориза бо ифротгарои Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо фармони Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев Қонун "Дар бораи муқовимат бо экстремизм (ифротгарои)" аз 30.07.2018 №ҚҶӮ-489 қабул шудааст. Мақсади қонуни мазкур танзими муносибатҳо дар самти муқовимат бо ифротгарои мебошад. Дар қонунуни мазкур ба мафҳумҳои "ифротгарои", "фаъолияти ифротгарой" ва "гурӯҳҳои ифротгарой" ифодаи дақиқ ва фаҳмо дода шудааст.

Барои муқовимат дар самти ифротгарои ва пешгирии ҷалби ҷавонон ба созмону ҳаракатҳои ифротӣ дар Ӯзбекистон корҳои дахлдор гузаронида мешавад, ки он дар ҳамкории мақомати давлатӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятиву динӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ, дар ҷумҳурӣ ҳар сол барномаҳои махсуси давлатӣ барои мубориза бо ифротгарои, терроризм, маводҳои таблиғоти дар интернет (шабакаҳои иҷтимой), баланд бардоштани таҳаммулпазирии ҷавонон ва корҳои фаҳмондадиҳӣ бо муҳоҷирони меҳнатӣ гузаронида мешавад.

Муборизаи иттилотиву идеологӣ тавассути васоити ахбори омма, бахусус, тавассути барномаҳои телевизионӣ ба монанди: "Зиё", "Ҳидоят сари", "Зиёчашмаси", инунин нашрияҳои чопиву электронӣ ва гузаронидани мулоқоту семинарҳо бо шаҳрвандон ба роҳ монда шудааст. Ба корҳои фаҳмондадиҳӣ аъзоёни гурӯҳҳои ифротгароие, ки дар маҳбасҳо адои ҷазо мекунанд, инчунин аъзои оилаи онҳо фаро гирифта шудаанд.

Инчунин, Ӯзбекистон дар доираи Ташкилоти зидди террористии Созмони Миллали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва Созмони Ҳамкории Шанхай дар самти мубориза бо ифротгарои ва терроризм ҳамкорӣ менамояд.

Вижагии низоми муқовимат бо ифротгарои дар Ӯзбекистон дар он аст, ки бевосита ҷалби мақомоти давлатӣ ва хусусӣ барои коҳиш додани ин падидаи номатлуб гузаронида мешавад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон "Дар бораи худидоракунии шаҳрвандон" онҳо ба сабти шаҳрвандон ва корҳои фаҳмондадиҳиро бо ҷиноятқорон гузаронида, бо мулло – хатибон ҳам тренингҳо мегузаронанд. Идораи рӯҳонии мусулмонони Ӯзбекистон воқеан як мақомоти давлатӣ ба ҳисоб рафта, роҳбарияти он аз тарафи ҳокимияти кишвар таъин шуда, сиёсати муқарраркардаи онҳоро пеш мебарад. Дар маҷмӯъ, сиёсати Ӯзбекистон дар самти муқовимат бо терроризм ва ифротгарои бо он фарқ мекунад, ки дар он бисёртар чораҳои маҳдудкунанда дида мешавад.

*Ҷумҳурии Қазоқистон.* Муқовимат бо терроризм ва ифротгарои динӣ (мазҳабӣ) дар Қазоқистон хусусиятҳои худро дорад ва яке аз самтҳои таъмини амнияти миллӣ давлат ба ҳисоб меравад.

Санади асосии барои муқовимат бо ифротгарои дар Ҷумҳурии Қазоқистон ин Қонун " Дар бораи муқовимат бо экстремизм ва тероризм" аз 18 феврали соли 2005 ба ҳисоб меравад, ки базаи асосиро барои дарки моҳияти ифротгарои (амалҳои ифротгарой) ташкил медиҳад [5].

Ҳуҷҷати дигари қабулшудае, ки он ҳам хело муҳим аст, барномаи муқовимат бо терроризм ва ифротгароии динӣ (мазҳабӣ) барои солҳои 2018-2020 ба ҳисоб меравад. Дар сарлавҳаи ин ҳуҷҷат омадааст, ки хатари ҷиддӣ барои амнияти миллии кишвар ин масъалаи ифротгарои ва терроризм ба ҳисоб меравад.

30 январи соли 2017 дар паёми солонаи худ ба мардум Президенти ҳамонвақтаи кишвар Нурсултон Назарбоев барномаи давлатии "Қазоқистони рақамӣ" – ро таҳия намуд, ки яке аз қисмҳои он ба самти мубориза бар зидии терроризм, ифротгароии динӣ (мазҳабӣ) ва кибертерроризм равона шуда буд [9].

Инчунин дар кишвар барои солҳои 2017-2020 Кумитаи амнияти миллии Қазоқистон дар якҷоягӣ бо мақомотҳои давлатии ин кишвар барномаи давлатии "Мубориза бо ифротгароии динӣ (мазҳабӣ) ва терроризм дар Ҷумҳурии Қазоқистонро" таҳия намудааст.

Тавре, ки дар лоиҳа қайд карда шудааст, ҳадафи барнома то охири солҳои 2020 - 20% (дар муқоиса бо соли 2016) кам намудани шумораи одамоне, ки ғояҳои ифротиро пайравӣ менамоянд ва барои барангехтани кинаву адовати қавмӣ,

миллӣ ва динӣ (мазҳабӣ) мусоидат мекунунанд. Ба 95% баланд бардоштани самаранокии кори мақомотҳои дахлдор оид ба пешгирии зуҳуроти ифротгаровӣ ва амлаҳои террористӣ дар Қазоқистон пешбинӣ шудааст. Инчунин, мувофиқи ин санад то соли 2020 ба нақша гирифта шудааст, ки сатҳи амалҳои террористӣ ва ифротгаровӣ дар кишвар коҳиш дода мешавад ва рафъи оқибатҳои он ҳадди ақал 95%-ро ташкил хоҳад дод [8].

Ба вуҷуд овардани чораҳои коршоям ва муосири пешгирикунандаи ифротгарои ва роҳҳои гуногуни муқовимат бо ин падидаи номатлуб яке аз мақсадҳои асосии мақомотҳои дахлдори амниятии Қазоқистон ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмӯъ, гуфтан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Қазоқистон барои муқовимат бо ифротгарои ва коҳиш додани ин падидаи номатлуб ҳам дар кишвар ва ҳам дар минтаҚа намунаи мушаххаси худро дорад ва барои амалӣ намудани он кушишҳои зиёд дорад. Аз ин рӯ, бояд гуфт, ки усуле, ки Қазоқистон барои муқовимат бо ифротгарои истифода мебарад, метавонад барои кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ намуна бошад.

*Ҷумҳурии Қирғизистон.* Дар Қирғизистон ҳанӯз аз 17 августи соли 2005 таҳти №150, бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пояҳои сохтори конституцсионӣ, таъмини тамомияти арзӣ ва амнияти давлат ва ташкили муқовимат бар зидди фаъолияти ифротгаровӣ, Қонун “ Дар барои муқовимат бар зидди фаъолияти ифротгаровӣ” қабул шудааст [6]. Дар қонуни мазкур мафҳум ва моҳияти ифротгарои ва базаи асосӣ барои муайян намудани фаъолияти ифротгаровӣ гузошта шудааст.

Қабули қонун оид ба муқовимат бо ифротгарои дар Қирғизистон ҷонибдорони созмону ҳаракатҳои ифротгароиро нигарон кардааст. Тибқи иттилои васоити ахбори оммаи кишвар, фаъолони гурӯҳи ифротгароии Ҳизб- ут - Таҳрир баъд аз қабули қонун изҳор доштанд, ки ҳукумат ҷанги навро алайҳи равияҳои динӣ (мазҳабӣ) оғоз намудааст ва онҳоро ба ифротгаровӣ гумонбар мекунад.

Вале мақомот боварӣ доранд, ки қонуни мазкур ба ташаккули замимаи ҳуқуқии муқовимат бо ифротгарои равона шудааст. Қонуни мазур метавонад барои боз ҳам хубтар намудани санадҳои ҳуқуқӣ ва фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба пешгирии ифротгарои мусоидат намояд [6].

Инчунин, барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар самти муқовимат бар зидди ифротгарои ва терроризм барои солҳои 2017-2020, ки асоси консептуалии татбиқи Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Қирғизистон ба ҳисоб меравад, бо фармони Президенти кишвар аз 09 июни соли 2012 №120 қабул шудааст [1].

Яке аз самтҳои асосии барнома таҳияи чораҳои коршоям ва самарабахш оид ба маҳдуд кардани иқтидори гуруҳҳои ифротгаровӣ ва террористӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, омӯзиши сабаб ва оқибатҳои ифротишавӣ таҳлил ва таҳқиқи созмону ҳаракатҳои ифротӣ барои дарк намудани хусусияти ин падидаи номатлуб ва пешниҳоди чораҳои пешгирикунанда ва коҳишдиҳандаи он, самтҳои асосии барномаро ташкил медиҳад.

Созмону ҳаракатҳои ифротгаровӣ асосан барои таблиғи ғояҳои ифротии худ ва ҷалби наваскарони фазои Интернетиро, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ васеъ истифода мебаранд. Аз ин рӯ, фаъолияти Фонди ҷамъиятии “ташаббуси шаҳрвандон дар сиёсати Интернетӣ” (Общественный фонд “гражданская инициатива Интернет политики”) дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ ва коршиносон пайваста дар самти мубориза бо ғояҳои ифротӣ дар фазои маҷозӣ як қатор чорабиниҳо барпо мекунад.

Фонди мазкур барои муқовимат бо ғояҳои ифротӣ ва маводҳои таблиғотӣ дар фазои маҷозӣ бо истифода аз методҳои гуногун ҳаматарафа истифода мебарад. [2]:

–пешбурди принсипҳои байналмилалӣ барои маҳдудкунии маводҳои хислати ифротидошта дар фазои маҷозӣ (интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ);

–ташаккул додани тафаккури интиқодии истифодабарандагони интернет ва бахусус ҷавонон;

–пешбурди консепсия оид ба аз байн бурдани маводҳои таблиғотии хислати ифротидошта аз фазои маҷозӣ;

–ташкили чораҳои пешгирикунанда дар муҳити иттилоотӣ барои муқовимат бо кибертерроризм;

–баланд бардоштани нерӯи мутахассисоне, ки дар самти мубориза бар зиддӣ ифротгарои ва терроризм фаъолият менамоянд.

Инчунин баланд бардоштани рӯҳияи ҷавонон ва устувор намудан ақидаҳои онҳо барои тобовар буданашон ба таблиғотҳои хислати ифротидоштае, ки дар интернет рӯ ба рӯ мешаванд.

*Ҷумҳурии Туркманистон.* Туркманистон ҳамчун кишвари соҳибихтиёр барои муқовимат бо ифротгарои ва терроризм дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҳамкории худро ба роҳ мондааст.

Ба иттилои Президенти Ҷумҳурии Туркманистон Гурбангули Бердимуҳаммадов, дар шароити муосир ифротгарои ҳамчун хатари ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ дониста шудааст ва барои муқовимат бо ин падидаи номатлуб Туркманистонро зарур аст, бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо Созмони Миллали Муттаҳид ҳамкорӣ намояд [8]. Ба ин васила, бояд гуфт, ки муқовимат бо ифротгарои дар шароити муосир чораҳои коршоямро талаб менамояд, зеро ифротгароён роҳу усулҳои гуногуни ҷалб намуданро аз худ намуда, онро дар фазои Осиёи Марказӣ васеъ истифода менамоянд.

Моҳи ноябри соли 2019 дар Ашқобод оид ба мавзӯи ҳамкории кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои мубориза бо терроризм ва ифротгарои машваратҳо баргузор шуданд. Дар он ҷо намояндагони кишварҳои Россия, Қазоқистон, Беларус, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Арманистон ва Туркманистон имкони густариши ҳамкориҳо дар самти мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароиро дар доираи созмони мазкур баррасӣ намуданд.

Ғайр аз он, иштирокчиёни вохӯри таъкид доштанд, ки барои муқовимат бо ифротгарои ва терроризм васоити ахбори омма ва ҷомеаи шаҳрвандӣ унсури хеле муҳим ба ҳисоб рафта, ҳамкорӣ бо онҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Гузаронидани чунин чорабиниҳо барои мустаҳкам намудани ҳамкориҳои кишварҳои пасошӯравӣ дар самти муқовимат бо ифротгарои ва терроризм метавонад мусоидат намояд ва барои эҷоди чораҳои пешгирикунандаи ин падидаҳои номатлуб базиси хуберо эҷод намояд.

Ҳамчунин, Туркманистон барои муқовимат бо ифротгарои дар дохили кишвар низ барномаҳои заруриро қабул менамояд. Аз ҷумла, стратегияи миллии Туркманистон “Дар бораи муқовимат бо экстремизм (ифротгарои ва терроризм” барои солҳои 2020-2024 06 декабри соли 2019 аз тарафи Президенти Туркманистон Гурбангули Бердимуҳаммедов имзо гардид.

Тибқи ҳуҷҷати мазкур вазорату мақомотҳои дахлдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятии Туркманистон вазифадоранд, ки барои иҷрои нуктаҳои дар стратегия зикршуда мусоидат намоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Ашурзода Ҷ.Х. Экстремизми динӣ: мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он. Ҷ.Х Ашурзода/ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон //Экстремизми динӣ: мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он. 2017. №2/10. С. 286-290.
2. Закон Республики Казахстан “О противодействию экстреизму” от 18 февралья 2005 года. URL: https://online.zakon.kz/document/?doc_id=3004865 (05.04.2020)
3. Закон Республики Кыргызской Республики от 17 августа 2005 года «О противодействии экстремистской деятельности». URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=9207 (28.04.2020)
4. Закон Ресублики Узбекистан “О противодействии экстремизму” от 30 июля 2018 года №ЗРУ-489. URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=108616 (02.03.2020)
5. Казахстанцев приглашают к обсуждению госпрограммы по противодействию экстремизма. URL: https://ru.putnik.kz/society/20170208/1539002/knb-opublikoval-proekt-novoj-programmy-po-borbe-s-ehkstremizmom-v-rk/html/ (19.03.2020)
6. Меры противодействия терроризму и экстремизму в Казахстане. URL: https://articlekz.com/article/9511 (05.04.2020)
7. Назиров Д. Проблемы терроризма и религиозного экстремизма в условиях глобализации. Ч.1. Терроризм: понятие, сущность, идейные истоки, факторы, противодействия. – Душанбе, 2009. – 288 с.
8. Общественный фонд “гражданская инициатива Интернет политики” URL: https://internetpolicy.kg/onlajnjekstremizm/
9. Объединяя усилия в противодействии экстремизма и терроризма URL: https://russian.tambassy.go.tm/ru/news/17120
10. Программа Кыргызской Республики по противодействию экстремизму и терроризму на 2017-2022 годы. URL: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/100104 (29.04.2020)
11. Х.Холикназар, Республика Таджикистан в борьбе против терроризма и религиозного экстремизма в период государственной независимости. – Душанбе, 2016. – 317с.

**НАЦИОНАЛЬНЫЙ ОПЫТ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В БОРЬБЕ С ЭКСТРЕМИЗМОМ**

Каждый участник международных отношений в наше время сталкивается с опасностями терроризма и экстремизма. В этом контексте государство, которое является одним из основных игроков в международных отношениях, не является нейтральным. Каждое государство стремится своевременно предотвратить эти опасные действия. Исходя из этого, каждый из них принял и реализует законы, стратегии по предотвращению этих нежелательных действий, главной целью которых является свержение правительства. Проблема экстремизма представляет серьезную угрозу для стран Центральной Азии, поэтому страны региона, индивидуально или в рамках региональных и международных организаций, противостоят этому нежелательному явлению. Каждое государство определило свои пути и методы борьбы с экстремизмом. Страны региона пытаются бороться с угрозой экстремизма и терроризма путем принятия законов о борьбе с экстремизмом, проведения конференций и информационно-просветительских мероприятий.

**Ключевые слова:** экстремизм, международные отношения, виртуальный персонаж, стратегия, религиозно-политический экстремизм, субъект.

**ТАҶРИБАИ МИЛЛИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БО ИФРОТГАРОӢ**

Ҳар як актори муносибатҳои байналхалқӣ дар замони муосир бо хатару зуҳуроти терористӣ ва ифротгароӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Дар ин замина давлат, ки яке аз бозингарони асосии муносибатҳои байналхалқӣ ба шумор меравад бетараф намебошад. Ҳар як давлат кушиш мекунанд, ки сари вақт аз ин амалҳои хатарнок пешгирӣ намоянд. Дар ин замина ҳар яки онҳо қонунҳо, дурнамоҳо (стратегияҳо) барои пешгирӣ аз ин амалҳои номатлуб, ки мақсади асосиашон барканор кардани ҳокимиятӣ вуҷуд дошта мебошад, қабул кардаанд ва дар амал татбиқ намуда истодаанд. Масъалаи ифротгарои барои кишварҳои Осиёи марказӣ таҳдиди ҷиддиеро ба миён овардааст, аз ҳамин сабаб кишварҳои минтақа дар алоҳидагӣ ва ё дар доираи созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ бо ин падидаи номатлуб муқовимат менамоянд. Ҳар як давлат дар самти муқовимат бо ифротгарои роҳ ва усулҳои пешгирикунандаи худро муайян намудаанд. Кишварҳои минтақа бо қабули қонунҳо дар самти муқовимат бо экстремизм, гузаронидани конфронсҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ кушиш мекунад, ки бо таҳдиди ифротгарои ва терроризм муборизе баранд.

**Калидвожаҳо:** ифротгарои, муносибатҳои байналхалқӣ, хислати маҷозидошта, стратегия, ифротгароии диниву сиёсӣ, актор.

**NATIONAL EXPERIENCE OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES IN THE FIGHT AGAINST EXTREMISM.**

Every participant in international relations in our time is faced with the dangers of terrorism and extremism. In this context, the state, which is one of the main players in international relations, is not neutral. Each state strives to prevent these dangerous actions in a timely manner. Based on this, each of them adopted and implements laws, strategies to prevent these undesirable actions, the main goal of which is to overthrow the government. The problem of extremism poses a serious threat to the countries of Central Asia, therefore the countries of the region, individually or within the framework of regional and international organizations, are opposing this undesirable phenomenon. Each state has determined its own ways and methods of combating extremism. Countries in the region are trying to combat the threat of extremism and terrorism through the adoption of anti-extremism laws, conferences and awareness-raising events.

**Keywords:** extremism, international relations, virtual character, strategy, religious and political extremism, actor.

**Сведения об авторах:** ***Гайратова Фотима Асламшоевна*** – ассистент кафедры международных отношений, Таджикского национального университета. E-mail: fotima.gairatova.84@mail.ru Тел.: **915 19 18 60**

***Ашуров Умеджон Бахридинович*** – Таджикский национальный университет, магистр кафедры международных отношений, Таджикского национального университета. E-mail: umedjonalizoda96@gmail.com

Тел: **900 01 92 95**

**Information about the authors:** ***Gayratova Fotima Aslamshoevna*** – an assistant of the international relations development, Tajik National University. E-mail: fotima.gairatova.84@mail.ru Ph.: **915 19 18 60**

***Ashurov Umedjon Bahridinovich*** – Tajik National University, Master of the Department of International Relations, Tajik National University. E-mail: umedjonalizoda96@gmail.com Тел: **900 01 92 95**

# РАШИДУДДИН ФАЗЛУЛЛОҲИ ҲАМАДОНӢ ПИЗИШК, МУАРРИХ ВА ХОДИМИ ДАВЛАТИИ ЭЛХОНОНИ ЭРОН

***Рачабова Ш.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рашидуддин Фазлуллоҳ ибни Абулхайр Алии Ҳамадонӣ муаррих, сиёсатмадор, табиб ва донишманди-энсиклопедисти тоҷик дар асрҳои XIII-XIV аст. Рашидуддин соли 1247 дар шаҳри Ҳамадони Эрон таваллуд ёфт. Ҷадди бузург ва падарони ӯ ба табобат машғул буданд, падари бузургаш МуваффаҚуддавла

ҳамроҳи ҷамъе аз пизишкон ва донишмандон назди ҳуккоми исмоъилии кӯҳистон, дар қалъаи Аламут зиндагӣ мекарданд. Ҳамзамон бо фатҳи қалъаи Аламут (1255-1257) Мувафақуддавла ҳам ҳамроҳи дигар донишмандон ба хидмати Ҳалокухони муғул даромад. Ва аз он ҳангом бо донишу заковати хонадонаш шӯҳрат ёфтанд. Бад-ин тартиб бузургони ин хонадон дар тамоми давраи Элхонони муғул (1256-1349) ва дар қисмате аз он давра соҳиби қудрат ва тасарруфи том дар умур будаанд. Бидуни шак фаъолиятҳои сиёсии ин вазири мудаббир ва донишманд аз ин хонадони бо фазлу дониш таълим гирифта, то ба дараҷаи вазирии салтанати элхонӣ расида дар умури давлат саҳми босазо гузоштааст [1].

Хоҷа Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ замоне мезист, ки Эрон дар арсаи вуруд ва истикрори қабоили муғул ва турк ва эҷоди дигаргуниҳо ва гусастҳои густурда дар сохтор ва низоми сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеъаи тоҷик буд. Рашидуддин дар давраи Обақохон (1265-1282) ба хизмати давлатӣ дохил шуда, вай эҳтимолан дар шӯъбаи молия хидмат мекард ва ҳамзамон табиби машҳур буд. Тиб дар асрҳои миёна аз дигар илмҳои табиӣ, ки ба монанди математика, алхимия ва ситорашиносӣ аз ҷониби Элхони муғул баҳои баланд мегирифтанд, ҷудо набуд. Обрӯи табиб ва ботаникӣ донишманд ба таҳкими нуфӯзи Рашидуддин кӯмаки калон расонд. Ҳамчун табиби дарбори Элхони Ғозонхон (1295-1304) гардид. Рашидуддин баъди қатли вазир Садруддин Холидӣ, ки чанде пеш ислоҳоти номуваффақеро барои ба муомилот баровардани пулҳои коғазӣ анҷом дода буд, яке аз наздиктарин мушовир ва яке аз ду вазири девони императорӣ гардадаст (1298). Ӯ мақоми асосии идоракунии давлат ба ӯҳда дошт. Рашидуддин аввалин вазир ва нигаҳбони мӯҳри давлатӣ буда, дар тӯли ду даҳсола тамоми корҳои давлатро идора мекард (2). Дар оғози ҳукмронии Ғозанхон давлат ба бӯҳрони амиқи иқтисодӣ дучор омад. Зарурати тағиротро дарк карда, Ғозон, пеш аз ба тахт нишастан дини исломро қабул кард ва пас онро ба дини давлатӣ табдил дод. Ин қадам ба ӯ имкон дод, ки бо ашрофони рӯҳонӣ ва ашрофони эронӣ, ки ба таҳкими ҳукумати марказӣ манфиатдоранд, наздиктар шавад. Ба вазифаи баландтарин пешбарӣ шудани мансабдори ирсӣ Рашидуддин низ ба ҳамин мақсад хидмат мекард. Ғозонхон барои ислоҳи камбудиҳое, ки дар корҳои ҷамъиятӣ Элхон шуданд, равона кард, ва навоварӣ ва ваҳшониятро амалдорони муғулро комилан аз байн бурд. Дар ин кор саҳми Рашидуддин низ хеле зиёд буд. И.П. Перушевский менависад, ки «вай ислоҳотро бо кӯмаки Рашидудин, ки ба сифати вазири дуввум ба дарбор хонда шуда буд, мегузаронид, ки феълан вазири идоракунанда ва ташабускору илҳомбахши ислоҳотҳои Ғозонӣ ӯ буд. Ислоҳотҳои Ғозонхон ғолибан дар асоси ақидаҳои сиёсии Рашидуддин сурат мегирифтанд» [3].

Таҳти бародар ва вориси Ғозон Элхон Улҷойту (1304-1316) хатти сиёсии гузоштаи ислоҳот ҳифз карда шуд. Рашидуддин низ нуфузи худро нигоҳ дошт. Дар давраи ҳукмронии Олҷейту, Рашидуддин ба Ҳиндустон ба султони Деҳлӣ Алауддин Хилҷӣ (1296-1316) сафар кард. Ҳадафи сафар маълум нест, аммо аз мукотибаи Рашидуддин маълум мешавад, ки султон ба ӯ чизҳои гаронбаҳо (нукра, тилло, ҳанут, либос) тӯҳфа карда, ба чор деҳаи бароҳати султонии Деҳлӣ ба сейургали абадӣ (гранти ирсӣ) тақдим кардааст. Маблағи аз онҳо пешбинишуда бояд ҳамасола ба Рашидуддин бо одамони боэътимод ба шаҳри Басра фиристода мешуд. Ғайр аз ин, ба ӯ як қисми даромад аз музофоти Гуҷарат тақдим карда шуд. Абусаид Баҳодурхон, писари Улҷойту, дар синни дувоздаҳум дар миёнаи соли 1317 ба тахт нишаст. Амир Чобан, ки аз қабилаи муғул Сулдус буд, дар зери ӯ ҳокими воқеӣ шуд. Ба туфайли дастгирии Чобан, вазири дуввум Тоҷуддин Алишоҳ тақвият ёфт. Фитнаҳои ӯ Рашидуддинро аз қудрат дур кард. Рашидуддин, ба монанди Саъдуддин пештар, дар азхудкунии маблағҳои давлатӣ айбдор карда мешуд. Сипас, ӯро ба он айбдор карданд, ки бо писараш Иброҳим, Улҷойтуро заҳролуд кардааст. Падар ва писар аз ҷониби Чобан дастгир карда шуданд, онҳоро гунаҳкор дониста 18 июли соли 1318 ба қатл расониданд.

Пас аз эъдоми амир Чобан дар соли 1327, дар замони везирати писари Рашидуддин Ғиёсуддин Муҳаммад Рашидӣ, ки суннатҳои сиёсии падари худро пайравӣ мекард, мулкҳо ба хешовандонаш баргардонида шуданд ва номи неки ӯ барқарор карда шуд. Аммо, дар соли 1407, дар аҳди ҳокими Эрони Ғарбӣ, Мироншоҳ, писари Темур, боқимондаҳои Рашидуддинро аз қабристони мусалмонони Табрез бароварда, дар яҳудиён дубора дафн карданд. Чунки ӯро бо дини яҳудӣ будан гунаҳкор медонистанд.

Тасдиқи таъсири назарраси Рашидуддин дар замони Ғозон ва Улҷойту он аст, ки аксари музофотҳои иёлот таҳти назорати аъзои оилаи ӯ - писарон ва ҷияни сершумори Маъруф буданд. Озодии Рашидуддин Сункур Баварчӣ ҳакими (губернаторӣ) Басра буд. Дар васияти Рашидуддин дар бораи чаҳор духтари ӯ - Фирман-Ханд, Ай-Хатун, Шоҳи-Хатун, Хадия-Мулк ва 14 писар ёдоварӣ шудааст: Нақшаи канали Рашидуддин дар наздикии Мосул. Деҳаҳое, ки ӯ обёрӣ мекунад, ба номи Рашидуддин ва писаронаш гузошта шудааст(1). Дар тӯли солҳои везираташ Рашидуддин сарвати бениҳоят зиёд ба даст овард, ки он пеш аз ҳама аз заминдорӣ иборат буд. Ин мулкҳо дар ноҳияҳои Басра, Мосул, Кирмон, Бам, Табриз, Хузистон, дар Осиёи Хурд ва ғайра буданд. Рашидуддин ба 12.770 феддан (қитъаҳои шудгор) ҳамчун мулк (моликияти бечунучаро) тааллуқ дошт, ки тақрибан 70-80 ҳазор гектар заминҳои корамро ташкил медод (барои муқоиса, дар инду, яъне моликияти шахсии Элхон Ғозон 20 000 федданро ташкил медод), ӯ тақрибан 170 ҳазор деҳқон дошт; заминҳои назаррас ба онҳо барои писарон ва духтаронашон ҷудо карда шуданд. Молу мулки ӯ на танҳо дар қаламрави давлати Ҳулагуид маҳдуд буд. Заминҳо дар Сурия, Яман ва Ҳиндустон аз ҷониби ҳокимони маҳаллӣ харида мешуданд ё ба ӯ дода мешуданд.

Корҳои илмии Рашидуддин хеле зиёд аст, ки яке аз онҳо асари энсиклопедии «Китоб-ал-аҳя ва-л-асар»-ро тартиб додааст, ки дорои маълумот дар бораи табиатшиносӣ, технологияи кишоварзӣ ва сохтмон мебошад. Вай тафсири қуръонӣ «Мифтоҳи-ат-тафосир» ва се асари дигари илоҳиёти шофиро, ки ба арабӣ тарҷума шудаанд ва бо унвони умумии маҷмӯаи Рашидия (маҷмӯаи асарҳои Рашидуддин) маъруфанд, ба қалам додааст. Мукотиботи Рашидуддин (ё муншаати Рашидӣ) - мукотибаи Рашидуддин дар бораи таърихи Эрон, дар бораи ғояҳои сиёсии муаллиф ва иқтисодиёти ӯ маълумоти пурарзиш дорад. Он аз 53 мактуб иборат аст, аз ҷумла 4 мактуб ба Рашидуддин аз шахсони гуногун, боқимонда мактубҳо ба писаронашон, рӯҳониёни гуногуни мусалмон, мансабдорони ҳарбӣ ва шаҳрвандӣ мебошанд. Онҳо ҷамъоварӣ ва ба китобе бо номи «Савониҳ-ал-афкор»-и Рашидуддин (Андешаҳо ва мулоҳизаҳои Рашидуддин) аз ҷониби котиби худ Муҳаммад Аберкӯҳӣ дар давраи везират Ғиёсуддин Муҳаммад Рашидӣ (1327-1336) гирд оварда шуданд. Аз ҳама шавқовартар он мактубест, ки васияти Рашидуддин бо рӯйхати мулкҳо ва амвол дода мешавад. Услуби номаҳо якранг нест, шояд қисмате аз онро котибони вазир навишта бошанд. Дар бораи дурустии мукотиба шубҳаҳои беасос вуҷуд доштанд. Аз ҳама арзишмандтарин асари таърихии «Ҷомеъу-т-таварих» аст, ки онро Рашидуддин таълиф кардааст. Ёдоварии гузаштагони пурифтихори худ, Ғозонхонро бар он овард, ки воқеа таърихи муғулро ва Элхонон китобат карда шавад, то ояндагон бар он воқиф ёбанд. Ғозон вазири бофазилату огоҳи худ Рашидуддинро лоиқи ин кор дониста ӯро барои тартиби таърихии муғул вазифадор намуд. Рашидуддин ба таклифи Ғозонхон ба навиштани бузургтарин китоби таърихӣ «Ҷомиъу-т-таварих» машғӯл шуд ва оиди ин китоб чунин мегуяд: «Ва наводир аҳволу маъзамат воқеа ва ҳаводисе, ки дар замони зуҳури давлати муғул иттифоқ афтода ба мурури аём ва иштидод шуҳур ва аввои мунтамас ва мулдрас нагардид ва дар парда тавори маҳҷуб ва мастур намонд». Рашидуддин дар давраи ҳукумронии Ғозонхон ин китобро ба анҷом нарасондааст, аммо «Ҷомеъу-т-таварих» ба Улҷойту соли 1307 тақдим карда буд (7). Ин асар ҳамчун манбаъ дар бораи таърихи Эрон, Озарбойҷон, кишварҳои Осиёи Миёна, Муғулистон ва қисман дигар кишварҳо ва халқҳо, кайҳо аз ҷониби муҳаққиқон таъсис дода шудааст, то ба наздикӣ мо нашри илмӣ матни пурраи форсии "Ҷомеъу-т-таварих" надоштем, тарҷума ва тавзеҳот надорем ба матни пурра, на таҳқиқоти археографӣ ва таърихӣ-филологии умумие, ки ба кори Рашидуддин дар маҷмӯъ бахшида шудаанд.

Рашидуддин ҳамчун арбоби давлатӣ дар хидмати ҳамон Элхонҳо ҷудо кардан душвор аст. Чунин тақсимот сунъӣ хоҳад буд, зеро ҳам дар «Ҷомеъу-т-таварих» ва ҳам дар мукотибаи Рашидуддин ҳамон тамоюли сиёсӣ амалӣ карда мешавад, ки тамоми ислоҳоти Ғазанхонро фаро мегирад. Аз ин рӯ, дидгоҳҳои таърихии муаллифи "Ҷомеъу-т-таварих" -ро танҳо дар иртибот бо ғояҳои сиёсии ҳукмрони замон комилан равшан ва собит кардан мумкин аст.

Давраи асрҳои XIII-XIV, дар таърихи Эрон ва кишварҳои ҳамсоя (Месопотамия, Озарбойҷон, Арманистон), ки ба ҳайати давлати Ҳулагӯиён дохил буданд (1256-1353), то ба наздикӣ, сарфи назар аз як қатор корҳои муҳими академик. В.В. Бартольд ва дигар муаллифони пеш аз инқилоб, ҳанӯз ҳам тадқиқоти суст доштанд. Давлати Ҳулагӯиён мувофиқи таърифи амиқи И.В.

Сталин, «заминаи иқтисодии худро надошт ва иттиҳодияҳои муваққатӣ ва нозуки ҳарбӣ-маъмуриро намояндагӣ мекард» инҳо «конгломератҳои тасодуфӣ ва каме ба ҳам пайвастаи гурӯҳҳо буданд, ки вобаста ба муваффақият ё нокомии ин ё он ғалаба пароканда ва муттаҳид шуданд» [5].

Рашидуддин олими барҷаста ва ҳаматарафаи замони худ буд. Набудани тафриқаи шадиди ихтисосҳо ва тамоюли энсиклопедия падидаҳои маъмули фаъолияти илмӣ дар Шарқи Наздик ва Миёнаи асримиёнагӣ буданд. Ихтисоси асосии ӯ тиб буд, ки дар ин давра аз дигар илмҳои табиӣ комилан ҷудо набуд. Маълум аст, ки ӯ асари энсиклопедии «Китоб-ал-аҳя ва-л-асар»-ро тартиб додааст. Илмҳои табиӣ ва математика дар баробари кимиё ва ситорашиносӣ аз ҷониби аввалин Элхони муғул, ки нисбат ба илоҳиётшиносии мусалмонон ва қасидҳои форсу араб бепарво буданд, махсусан қадр мекарданд. Обрӯи табиб ва ботаникӣ донишмандтарин дар таҳкими нуфӯзи Рашидуддин саҳми калон гузошт. Аммо шӯҳрати воқеии Рашидуддинро асари бузурги таърихии «Ҷомеъу-т-таварих », ки ӯ ба зимма гирифтааст, овардааст. Ин шӯҳрат сазовори он аст. Ғайр аз нақшаи комилан аслии ин асар ва арзиши бениҳоят бузурги он ҳамчун сарчашмаи таърихӣ, он яке аз беҳтарин ёдгориҳои тамоми адабиёти насри форсии асрҳои миёна мебошад [6]. Он бо як хуб ва дар маҷмӯъ содда, вале маҷозӣ ва ифодаёфта навишта шудааст. Чунин нақшаи маҷмӯаи таърихӣ, ки монанди инҳо ҳеҷ гоҳ ба вуҷуд наомада буд, метавонад маҳз дар давраи XIII - ибтидои асри XIV пайдо шавад, вақте ки дар робита бо Салибҳо бунёди Империяи азими Муғулистон, афзоиши бузурги савдои корвон баҳри Миёназамин, Осиё (пайдоиш дар шаҳрҳои Осиёи Ғарбӣ, Закавказия ва Эрон аз савдогарон ва консулҳои Ҷенуэ ва Венетсия, инчунин намояндагиҳои католикӣ), муносибатҳои Элхонҳо бо салибдорон ва давлатҳои Ғарб, равобити Эрону Озарбойҷон ва Осиёи Миёна бо Чин, Муғулистон, Ҳиндустон, кишварҳои баҳри Миёназамин, қисман бо Русия, ашрофи феодалӣ ва амалдорони Эрон, Озарбойҷон, Арманистон забонҳои муғулӣ ва уйғуриро меомӯхтанд; дар дарбори Элхонҳо нафароне буданд, ки ба ҷуз форсӣ, арабӣ ва озарбойҷонӣ, инчунин забонҳои чинӣ, тибетӣ, ҳинду (санскрит), кашмир, ибрӣ, суриягӣ ва франкиро (фаронсавии қадим) медонистанд ва намояндагони ин халқҳо; дар шаҳрҳо, дар байни муҳити савдо мутахассисон бо ин забонҳо буданд. Осори адабии арабӣ ва форсӣ ба забонҳои уйғурӣ ва муғулӣ тарҷума карда шуданд. Ғайр аз ин, як омили дигарро низ ба назар гирифтан лозим аст: сулолаҳои туркҳо, аз асри XI ба пайдоиши асарҳои таърихӣ ташвиқ мекарданд, ки таърихи қабилаҳои туркиро дар асоси анъанаи худ ба назар мегирифтанд. Ҳамаи ин шароит имкон дод, ки пайдоиши меҳнат ба мисли «Ҷомеъу-т-таварих» пайдо шавад. Аммо ҳатто дар чунин шароит ба як олими бузург, ки ҷаҳонбинии фавқулодда васеъ лозим буд, лозим меомад, ки ҷуръат кунад на танҳо дар соҳаи таърихнигорӣ чунин нақшаи навовариро пешкаш кунад, балки онро амалӣ кунад.

**АДАБИЁТ**


1. Бартольд В.В История культурной жизни Туркестана. Сог.Т.11.часть 11.-М.: 1963-1977.
2. Рашид-ад-дин. Сборник летописей.// Том I, кн. 1. М.-Л.: 1952.
3. Петрушевский И. П. Землевладение и аграрные отношения в Иране XIII—XIV веков. М.-Л.: Издательство Академии наук СССР, 1960. – 494 с.
4. Рашид-ад-дин. Сборник летописет.Т.1 Т.1.2 Пер. с перс Хетачурова А.А.И.Смирнова – М.-Л.1952-т. 3 С перевод перс Арендса А.К.-М.Л. 1946.
5. Рашидуддин Фазлуллоҳ ва «Ҷомеъу-т-таворих» Доктор Парвин Туркмани Озар.
6. Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. Ҷомеъу-т-таворих. Ба тасҳеҳ ватахияи Муҳаммад Равшан, Муставфии Мусавӣ. - Техрон. 1373.
7. Фалина А. И. Рашид ад-Дин и его переписка. Дата обращения 7 августа 2008.


**РАШИДУДДИН ФАЗЛУЛЛОҲИ ҲАМАДОНӢ ПИЗИШК, МУАРРИХ ВА ХОДИМИ ДАВЛАТИИ ЭЛХОНОНИ ЭРОН**

Рашидуддин Фазлуллоҳ ибни Абулхайр Алии Ҳамадонӣ муаррих, сиёсатмадор, табиб ва донишманди-энсиклопедисти тоҷик дар асрҳои XIII-XIV аст. Рашидуддин соли 1247 дар шаҳри Ҳамадони Эрон таваллуд ёфт. Ҷадди бузург ва падарони ӯ ба табобат машғул буданд, падари бузургаш Муваффақуддавла ҳамроҳи ҷамъе аз пизишкон ва донишмандон назди ҳуккоми исмоъилии кӯҳистон, дар қалъаи Аламут зиндагӣ мекарданд. Ҳамзамон бо фатҳи қалъаи Аламут (1255-1257) Мувафақуддавла ҳам ҳамроҳи дигар донишмандон ба хидмати Ҳалокухони муғул даромад. Ва аз он ҳангом бо донишу заковати хонадонаш шӯҳрат ёфтанд. Бад-ин тартиб бузургони ин хонадон дар тамоми давраи Элхонони муғул (1256-1349) ва дар қисмате аз он давра соҳиби қудрат ва тасарруфи том дар умур будаанд. Бидуни шак фаъолиятҳои сиёсии ин вазири мудаббир ва донишманд аз ин хонадони бо фазлу дониш таълим гирифта, то ба дараҷаи вазирии салтанати

элхонӣ расида дар умури давлат саҳми босазо гузоштааст. Шӯҳрати воқеии Рашидуддинро асари бузурги таърихии «Ҷомеъу-т-таварих », ки ӯ ба зимма гирифтааст, овардааст.

**Калид вожаҳо:** Рашиддудин, Элхонон, мугул, «Ҷомеъу- т- таворих», Ғозонхон, тиб, Эрон.

**РАШИДУДДИН ФАЗЛУЛЛА ХАМАДАНИ – ВРАЧ, ИСТОРИК И ПРАВИТЕЛЬСТВЕННЫЙ ЧИНОВНИК В ИРАНЕ**

Рашидуддин Фазлуллах ибн Абулхаир Али Хамадони - таджикский историк, политик, врач и энциклопедист XIII-XIV веков. Рашидуддин родился в 1247 году в городе Хамадан в Иране. Великий Джадд и его отцы занимались медициной, а его прадед Муваффакуддаула жил в крепости Аламут с группой врачей и ученых под властью исмаилитов в горах. Одновременно с завоеванием крепости Аламут (1255–1257) Мувафакуддавла вместе с другими учеными поступил на службу к монгольскому Халокухону. С тех пор он прославился знаниями и мудростью своей семьи. Таким образом, великие люди этой семьи находились у власти в течение всего периода монгольских Эльханов (1256-1349 гг.), И в какой-то период они обладали полной властью и контролем. Несомненно, политическая деятельность этого главного редактора и ученого, получившего образование в этой знатной семье и дослужившегося до ранга министра Эльханства, внесла значительный вклад в дела государства. Настоящая известность Рашидуддина пришла из его великого исторического труда «Джамеу-т-Таварик», за который он взялся.

**Ключевые слова:** Рашидуддин, Эльханон, Монгол, Джомеут-таворих, Газанхан, медицина, Иран.

**RASHIDUDDIN FAZLULLAH HAMADANI IS A PHYSICIAN, HISTORIAN AND GOVERNMENT OFFICIAL IN IRAN**

Rashiduddin Fazlullah ibn Abulkhair Ali Hamadoni is a Tajik historian, politician, doctor and encyclopedist of the 13th-14th centuries. Rashiduddin was born in 1247 in the city of Hamadan in Iran. The great Judd and his fathers practiced medicine, and his great-grandfather Muwaffakuddaula lived in the Alamut fortress with a group of doctors and scientists under the rule of the Ismailis in the mountains. Simultaneously with the conquest of the Alamut fortress (1255-1257), Muwafakuddawla, along with other scientists, entered the service of the Mongolian Khalokukhon. Since then, he has become famous for the knowledge and wisdom of his family. Thus, the great people of this family were in power during the entire period of the Mongol Elkhan (1256-1349), and at some period they had complete power and control. Undoubtedly, the political activities of this editor-in-chief and scientist, who was educated in this noble family and rose to the rank of Minister of Elkhanism, made a significant contribution to the affairs of the state. Rashiduddin's real fame came from his great historical work "Jameu-t-Tavarik", which he undertook.

**Keywords:** Rashiduddin, Elkhanon, Mongol, Jomeut-tavorikh, Gazankhan, medicine, Iran.

**Сведения об авторе:** ***Раджабова Шоира*** **–** магистр второго курса исторического факультета Таджикского национального университета. **shoira-5@mail.ru.** Tel: **988 19 07 92.**

**Information about the author:** ***Rajabova Shoira*** – second-year Master of History at the Faculty of History of the Tajik National University. shoira-5@mail.ru. Tel: **988 19 07 92.**

# ИШТИРОКИ КУРДҲО ДАР ҚАЗИЯИ СУРИЯ

***Шарипов А. М.***
**Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон**

Курдҳо як қабилаи ҳиндуаврупоие мебошанд, ки ватани таърихии онҳо минтақаҳои кӯҳии шимоли Ироқ, қисми ғарби Эрон, қисми шимоли Сурия ва ҷанубу шарқи Туркияи кунунӣ ба ҳисоб меравад. Ин кишвари дар дилу орзуҳои курдон ҷо гирифта дар маҷмӯъ бо номи Курдистон машҳур аст. Таърихи курдҳо ба қадри кофӣ маълум нест, аммо ба назар чунин мерасад, ки гузаштагони онҳо дар тӯли ҳазорсолаҳо дар як минтақаи баландкӯҳои Эрони имруза зиндагони мекарданд. Дар сабтҳои империяҳои ибтидоии Байнаннаҳрайн ишорахо ба қабилаҳои кӯҳӣ бо номҳои ба “курд” пайваста оварда шудаанд. Пайдоиши номи Курдонро ба замони қабилаҳое, ки дини исломро дар асри VII милодӣ кабул карданд гузоштан мумкин аст. Аксари курдҳо мусулмонони суннӣ ҳастанд. Бо вуҷуди ишғоли мақоми деринаи худ дар як минтақаи мушаххаси ҷаҳон, курдҳо ҳеҷ гоҳ ба мақоми давлатдори давлати миллӣ даст наёфтаанд. Обрӯи эътибори онҳо барои қобилияти ҳарбӣ доштанашон онҳоро ҳамчун зархаридон дар бисёр артишҳо талаб мекунанд [1, с.35].

Натиҷаҳои пурсишҳои демографи СММ дар соли 2013 нишон медиҳанд, ки шумораи курдҳо дар Ховари Миёна беш аз 40 миллион нафарро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон тибқи маълумоти СММ шумораи курдон ҳар даҳсолаи охир зиёд шуда истодааст. Ҳамин тариқ бояд қайд кард, ки бидуни ҳалли масоили курдҳо, хавфи шиддат гирифтани низоъ ва нооромиҳо дар Ховари Миёна руз аз руз меафзояд.

Рузе дар яке аз наворҳои интернетӣ дидам чӣ тавр ҳатто духтарони ҷавони курдӣ, ки солашон шояд аз 18 то 25 буд бар зидди ДИИШ муборизо мебурданд ва

ҳатто ҳангоми ҳимояи манзили ҳуд бар мукобилли терористон маҳорати хуби тирпарони ҳам нишондоданд.

Дар ибтидои асри 19 буҳрони амиқ ва таназзули империяи Усмони бо шуришҳои фаъоли курдон алайҳи султонҳои Туркия рост меояд. Чунин шуришҳо дар Эрони шоҳи низ баргузор мегардиданд. Дар нимаи аввали асри 19 мавқеъи асосии ҳараки озодихоҳии курдҳо ин минтақаҳои таърихии Баҳденан, Саран ва Ҳакири дар шимоли Эрони имруза буданд. Дар солҳои 1854-1855 қариб тамоми Курдистони Шимоли ва Ғарби бо исёни Эзданшир забт карда шуда буд.Дар давоми ин шуришҳо курдҳо талафоти зиёд дида, аммо ба ҳеч комёби ноил нагаштанд. Султон Салоҳиддин Аюбӣ, ки ба олами Ғарб бо корнамоиҳои ҳуд машҳур аст, эътибори ҳарбии курдҳоро нишон медиҳад. Баъд аз ба итмом расидани чанги якуми ҷаҳон, дар конфронси Лазан империяи Ӯсмонӣ бархам хӯрда дар натича курдҳо мехостанд, ки дар як қисми Туркия, Сурия, Ироқ ва Эрон кишвари соҳибистиқлоли ҳудро ташкил намоянд, аммо ин хушбахтӣ ба онҳо муясар нагашт. Тамоми кишварҳои абарқудрати он вақта ба курдҳо соҳиб шудани давлати ҳудро ваъда дода буданд. Курдҳо гӯрӯҳ гӯрӯҳ тақсим шуда дар Сурия як қисми Ирок, Эрон ва Туркия умр ба сар мебаранд. Курдҳо то ҳол кишвари соҳибистиқлоли ҳудро соҳиб нестанд, танҳо соли 2005 дар як қисми Ироқ бо кумаки Амрико давлати ҳудмухтори ҳудро ташкил доданд, ки пойтахташ шаҳри Эрбил мебошад. Дар охири Ҷанги Дуюми Ҷаҳон, барои ба даст овардани истиқлолияти Курдистон ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ барои ба даст овардани нуфуз дар байни кишварҳои Араб Шарқи Миёнаро ҳамчун ба як майдони ҷанг табдил доданд. Моҳи декабри соли 1945 таҳти сарпарастии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Маҳобод Ҳизби Демократии Курдистон таъсис дода шуд [6, с.8-9].

Қозӣ Муҳаммад раиси кумитаи эронӣ Ҳизби Демократии Курдистон ва Мустафо Барзонӣ раиси кумитаи ироқӣ Ҳизби Демократии Курдистон таъйин шуданд. Баъд аз ин Барзонӣ сарфармондеҳи нерӯҳои кувоҳои курдон таъйин шуд. Ҳадафи онҳо ташкил кардани Ҷумҳурии Муттаҳидаи Курдистон буд. Вазъият дар Курдистон, Эрон ва Ироқ дар робита ба ҷанге, ки дар давоми солҳо байни ҳуд ин давлатҳо мебурданд ва он ҷанге, ки бисёр мушкилоти навро дар масоили ҳуқуқӣ-миллии мардуми курдҳо ба вуҷуд овард мушкил гардида буд. Аз ин ҷо муайян мешавад, ки дар рафти ҷангҳо роҳбарҳои Эрон ва Ироқ масъалаи курдҳоро низ, дар кишварҳои ҳуд ҳал намуданд. Вазъият дар ҳар яке аз чор қисмати Курдистон гуногун аст. Дар Эрон барномаҳои радиой ва телевизионии маҳалли бо забони курди пахш мегарданд, имконияти чопи адабиётҳо бо забони курди мавҷуд аст, вале курдҳо ҳуқуқи дар парлумон намояндаги доштанро надоранд, гарчанде, ки ин имкониятро арманиҳо ва яҳудиёни Эрон доранд.

Амалиётҳои ҷангӣ дар ҳудуде бурда мешуд, ки он ҷо курдҳо зиста дар натиҷаи он қурбониёни зиёд маҳз ба онҳо рост меомад. Собит намудани ин далел метавонад бомбаборон намудани дар моҳи марти соли 1988 аз ҷониби ҳавопаймоҳои неруҳои ҳавоии Ироқ ва истифодаи яроқҳои химиявие, ки бар алайҳи нуқтаҳои аҳолинишини Эрон, ки аҳолии ин минтақа бисёрат аз курдҳо иборат буданд амали мешуд. Дар натиҷаи ин танҳо дар шаҳри Халабз 5 ҳазор нафар фавтида, 4 ҳазор нафари дигар ҷароҳат бардоштанд. Пас аз бастани шартнома дар соли 1988 бо Эрон, Ироқ соли 1990 ба Кувайт ҳуҷум кард. Дар соли 1991 дар рафти амалиёти “тазоҳурот дар биёбон”, Ироқ аз ҷониби неруҳои милатҳои зиёд маглуб шуда ва артиши ҳудро бар зиди курдҳо равона сохт ва дар ҳамон вақт назоратро аз болои Курдистони Ироқ барқарор кард [14, с.10].

Августи соли 1946 Барзонӣ ғоибона раиси Ҳизби Демократии Курдистон интихоб шуд ва аз он вақт ин ҷониб идоракунии самараноки ҳизбро ба ӯҳда гирифт. Дар моҳи декабри соли 1946 шоҳи Эрон Паҳлавӣ барои несту нобуд кардани курдони муқимии Эрон шумораи зиёде аз нерӯҳоро фиристод ва бисёр аъзоҳои калидии Ҳизби Демократии Курдистонро кӯшт ва асир гирифт. Муҳаммадро дастгир ва ба дор овехт. Дар ҳоле ки Муҳаммад Барзанӣ аз тарафи Иттиҳоди Шӯравӣ муҳофизат карда мешуд, ба Иттиҳоди Шӯравӣ рафт. Дар моҳи ноябри соли 1979 сиезди нуҳуми ҳизб барпо шуд. Вазифаи аввалиндараҷаи муборизa бурдани аскари Курдистон дар сиезд ба таври зайл коркард шуд:

1. Идома додани ҷангҳои партизанӣ.
2. Муборизa бар зидди кучидани курдҳо ва арабикунонии ҳудуди курд.
3. Таъсиси фронти васеъи миллӣ дар Ироқ.
4. Таъсиси шуроҳои курдҳо.

Дар маҷмуъ ҳизб самти сиёсати демократиро пеш гирифта, вай инчунин меҳисобид, ки ҳалли масъалаи курд бо демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии Ироқ алоқаманд аст. Аз солҳои 1978 сар карда инчониб Ҳизби Коргари Курдистон дар Туркия муқобили ҳукумати Туркия барои ба даст овардани минтақаи худмухтори муборизa мебарад. Ин ҳизб бо роҳбари Абдулло Оҷалан ташкил шуда буд. То ин ҷониб ин ҳизб ҳатто якчанд гӯрӯҳи ихтиерии ҳарбӣ бо номи Озодии Курдистон низ, ки дар микёси Туркия муборизa мебурданд ташкил карда буд. Аз оғози таъсис ин гӯрӯҳ аз ҷониби Сурия дастгирӣ карда мешуд. Имрузҳо ин гӯрӯҳ дар ҳудуди Туркия ва Иттиҳоди Аврупо ҳамчун гӯрӯҳи террористи дониста мешавад [11, с.43-44].

Аз солҳои 80-90-ум ин ҷониб дар Аврупо ташкилотҳои зиёди курдҳо амал мекунанд, ки қисмати зиёди ҷомеа ва иттифоқчиёни курдҳои маҳаллиро муттаҳид менамояд. Ба мисли Федератсияи иттифоқи коргарони курдҳо дар Олмони, Иттифоқи демократии Курдистон, Хонаи мардуми курд, Ҷомеаи фарҳангии курд ва якдили дар Шветсия, Ҷамъияти коргарони демократони Курдистон дар Норвегия, Иттифоқи коргарони курдҳо дар Шветсия, Иттифоқи донишҷуён дар Британия ва дигар ташкилотҳо фаъолият мекунанд.

Яке аз ташкилотҳои бонуфузи курдон ин Федератсияи иттифоқи коргарони курд дар Олмон ба шумор меравад. Дар моҳи январи соли 1979 дар Франкфурт дар натиҷаи муттаҳид гардидани коргарон таъсис дода шудааст. Ин ташкилот дар шаҳрҳои гуногуни Олмон ҷамъият ё кумитаҳои курдҳоро дорад.

Аз солҳои 1998 Сурия баъд аз фишори бисёр аз чониби Туркия кумакро ба ин гӯрӯҳ катъ намуда Абдулло Оҷаланро ай марзаш берун кард. Соли 1998 Абдулло Оҷаланро ҳукумати Туркия дастгир карда ба у ҳукми катл доданд, ки баъдан ба зиндони якумра иваз карда шуд. Соли 2013 президенти Туркия ҷаноби Эрдоган оиди музокирот дар бораи ҳалли қазияи курдон бо Оҷаланро шарҳ дод, ки дар ҷараёни музокирот байни Эрдоган ва Оҷалан созишномае ба имзо расидааст, ки Ҳизби Коргари Курдистон фаъолияташро дар Туркия қатъ карда ба Ироқ хоҳанд баргашт. Туркия бояд аз ҷониби худ дар Конституцсия тағиротҳо ворид карда ба курдон озоди медода якҷанд пешвоёни сиёсии курдонро озод мекунад. Мутобиқи тағйрот дар Конституцсия курдҳо ва дигар миллатҳо дар Туркия озод фаъолият хоҳанд кард. Имрузҳо курдони тамоми ҷаҳон барои озоди Абдулло Оҷалан кушишҳои зиёде ба ҳаҷ дода гирди ҳамоиҳои зиёде ташкил мекунанд. Аммо ҳамаи ин бе натиҷа анҷомида истодааст, чунки дар ин ҷодда манфиатҳои миллии Туркия поймол мешаванд. Дигаре аз пешвоёни курдҳо ин сардори Ҳизби Демократӣ Курдистон Масъуд Барзони мебошад, ки аз соли 1947 дар марзи Ироқ ин ҳизбро сардори мекунад. Аз соли 2005 то солҳои 2017 Масъуд Барзони вазифаи президенти давлати автономии Курдистонро ба уҳдаи худ дошт. Аз соли 2019 ин ҷониб президенти Курдистон Нечирван Идрис Барзони мебошад. Нечирван Идрис Барзони барои давлати соҳибистиқлоли Курдистонро ташкил кардан кушишҳои зиёде ба пеш оварда истодааст. Имӯзҳо мушкилии ассосии курдон ин дар надоштани давлат мебошад. Имрӯзхо дар тамоми ҷаҳон зиёда аз 40 миллион курдҳо зиндагӣ мекунанд.[10,с.8].

Дар асри ХХ дар ИҶШС се маркази калонтарини курдшиносӣ ва омӯзиши миллати курд мавҷуд буд. Аввалин Институти Академияи илмҳои ИҶШС дар байни олимоне, ки таърихи миллати курдро омӯхтаанд, машҳуртарин О.И. Жигалина, М.А. Гасратян ва асари ӯ ҳаракати курдҳо дар замони нав ва муосир, М.С. Лазарев ва асарҳои ӯ: "Курдҳо ва Курдистон - омили ташаккули мушкилот", "Русия ва Курдистон", "Курдистон дар ҷанбаи геополитикӣ"), Институти шарқшиносии Академияи илмҳои ИҶШС Арманистон ва Институти Шарқшиносӣ, филиали Ленинград.

Дар соли 1975 шуришҳо ором гардиданд, гарчанд ҳаракатҳои партизани дар кӯҳҳо идома меёфт. Мустафо Барзони маҷбур гардид, ки Курдистонро тарк намояд. Аллакай чандин маротиба дар таърихи бисёр асраи фоҷиавии худ курдҳо, қурбони қувваҳои рафъонопазир ҳам дар сатҳи минтақави ва ҳам дар сатҳи ҷаҳони гардиданд. Дар аҳдномаҳои миёни Бағдод ва Теҳрон дар ивази баъзе аз имтиёзҳо, ки аз ҷониби Ироқ дар минтақаҳои баҳсталаб карда шуд, алоқаи аз ҳудуд мегузаштаро, дар он таъмини артиши саркаши Барзони ва минтақаҳои озодгаштаи Курдистони ҷанубиро баст толибони курд дар як вазъияти қариб беилоҷ монданд. Оштии Брежниви, ки авҷи у ба нимаи солҳои 70 рост меомад, якбора имконияти Иттиҳоди Шуравиро дар расонидани кумаки воқеи ба курдҳо кам намуд. Дар ин вазъият кушиши Мустафо Барзони барои ҷалб кардани ИМА

ва Ироқ ба суи худ бемувафаққият анҷом ёфт. Шикасти шуришгарони курд дар Ироқ манфи набуда, нисби буд ва инчунон муваққати буд. Ғайр аз ин таъсири у дар вазъияти байналхалқи нагузашта буд, он ба ҷунбиши назаррас дар худи Ироқ оварда расонид. Бағдод маҷбур гардид, ки имтиёзҳои муҳими сиёси ба ҳаракати миллии курдҳо пешкаш намояд [9, с.47].

Дар қисми зиёди Курдистони Ироқ ба истиснои ноҳияи Киркук,ки дорои нафт аст Вилояти Мухтори Курд бо ҳукумати маҳалли, ки дар сарқонун сабт мегардад, таъсис дода шуд. Ва гарчанд системаи диктатории баасисти тамоми кушишҳоро ба харҷ бурд, то ин ки мухториятро аз байн барад, вале мавҷудияти ҳуқуқии у зиёда аз 20 барои ҳалли марҳиллавии қазияи курд, ки аҳамияти ҳуқуқи байналхалқиро дорост, далел гардида метавонад.

Аз охири солҳои 1970, дар рушди ҳалли масъалаи курдҳо марҳилаи нав шуруъ гардид. Пеш аз ҳама тағйироти назаррас дар кишварҳои истиқомати курдҳо ба амал омад. Дар Ироқ соли 1979, Саддам Ҳусейн президент гардид ва ҳамаи қудратҳоро дар дасти худ мутамарказ намуд. Махсусан тарзи идоранамоии диктатории дар сиёсати хориҷи, ки хеле бо хусусиятҳои тундрави, таҷовускори ва беори таҷассум меёфт, дида мешуд. Ҷанги хунини шаштсолаи бемуваффақият анҷом ёфтаи Ироқ бо Қувайт, далели суханони дар боло буда мебошад. Дар Эрон, ки инқилоби исломи дар солҳои 1978-1979 сарзада буд, натавонист ба ҳалли мусбии масъалаи курдҳо таъсири мусби гузорад. Дар Туркия, нооромиҳои дохили ва афзоиши бесобиқаи терроризм дар соли 1980 ба табаддулоти навбатии ҳарби боис гардид. Дар ҳамин ҳолат дар минтақаҳои курд дар шарқи кишвар низоъҳои шадиди қавми сар мезаданд. Ва танҳо дар Сурия ҳеҷ тағйиротҳои намоён ба назар намерасид, вале дар раванди ҳалли масъалаи курдҳо низ мусоидат наменамуд [2, с.165].

Курдҳои Сурия фаъолона кушиш ба харҷ медиҳанд, ки талабот барои додани шаҳрвандӣ, баромадани адабиётҳо бо забони курди, манъи истифодаи забони курдӣ ва эътирофи курдҳо ҳамчун аввалин ақаллияти миллӣ бошанд.

Вазъ бо сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар соли 2011 тағйир меёбад. Дар ибтидо танҳо чанд ҳизбҳои, ки курдон дар Сурия ки бештар ғайриқонунӣ амал мекунанд ё нимқонунӣ амал мекарданд бар муборизa алайҳи ДИИШ курдҳои Сурия саҳм гузоштанд.Саҳми бузург дар муборизa бо ДИИШ. Пурмазмун дар инҷода метавон қайд кард, ки озод кардани шаҳри Айн ал-Араб ба манфиати курдон буд. Кобонӣ дигар шаҳре буд, ки асосан дар он курдҳо зиндагӣ мекарданд. Инчунин отрядҳои Пешмерга онҳо дар канори курдҳои Сурия меҷангиданд. Маҳорати хуби ҷанги ҳам нишон медоданд. Пас аз ба даст овардани ин шаҳр онҳоро мебоист ин шаҳрро дубора мудофиа кард. Мудофиаи шаҳр аз 16 сентябри соли 2014 то 26 январи соли 2015 133 руз идома кард. Дар соли 2017 низомиёни курд муборизаро барои озод кардани Шимоли Сурия аз ҷангҷӯёни ДИ идома доданд. Ин муборизa нишон медиҳад, ки нақши курдҳои Сурия дар муноқишаи сиёсии Сурия афзудааст.Курдҳо яке аз нерӯҳои асосӣ мебошанд, ки фаъолона муқобили ДИИШ муборизa бурда як бозингари муҳими сиёсӣ, ки қувваҳои асосии минтақа худро меҳисобиданд. Аммо, сарфи назар аз нақши назарраси курдҳо дар шикасти нерӯҳои Давлати Исломӣ ҳукумати Сурия ҳанӯз ҳам эътироф кардани Мухторияти Курдистон рад мекунад. Дар тӯли даҳсолаҳои охир шумораи аҳолии курдҳо дар Сурия 5 маротиба афзуда. 1-1,5 миллион нафарро ташкил медиҳад 9% аҳолӣ, ки аз он ҷумла то ҳол аз ҷониби ҳукумат шаҳрвандони хориҷӣ ҳисобида мешаванд ва баъзеи онҳо маҳдуд ҳастанд аз баъзе ҳуқуқҳо. Хусусияти курдҳои Сурия дар он аст, ки онҳо амалан дар саросари кишвар, аз ҷумла Димишқ ва Ҳалаб маскан гирифтанд, илова бар ин, режими Баасӣ кӯшиш кард, ки онҳоро аз курдҳои кишварҳои ҳамсоя бо буферии арабӣ ҷудо кунад [4, с.184-185].

Курдҳои Сурия, ки ба ҷангҷӯёни ДИ фаъолона муқовимат нишон медиҳанд, талош доранд минтақаҳои мухтор ташкил кунанд, дар ҳоле ки курдҳои Эрон дар пайи сохтани як давлати якҷоя бо курдони дигар кишвар ҳастанд. Онҳо ҳатто муколамаи самаранокро бо раҳбари кишвар Ҳасан Рауҳонӣ гузаронданд.

Соли 2013 ки Давлати бо ном Исломиӣ тақрибан, ки тамоми Сурия ва Ироқро забт карда буд. Ягон гӯрӯҳ ва ё қуввае набуд, ки онҳоро шикаст диҳад. Аммо дар ин ҷодда курдҳо муборизаи худро бар зидди бо ном Давлати Исломӣ сар карданд. Амрикоиҳо ногаҳон ёрдами худро ба ДИИШ катъ карда ба курдҳо дасти ёри дароз карданд. Шояд хонанда аз ин ба фикр ояд, ки барои чӣ Амрико ногаҳон ин гуна корро анҷом дод. Дар он мавкеъи, ки Курдҳо мехостанд давлати худро ташкил кунанд захираи нафт хело ҳам зиёд буд. Қаъри замини онҷо инчунин

аз конҳои мис, оҳан ва уран низ бой буд. Роҳҳои фаровони теппа ва дарраҳои табии Курдистон бо худ имкониятҳои бойро барои пеш бурдани кори самараноки хоҷагии ҷангал ва хоҷагии қишлоқро низ дорад. Баъд аз он ки Руссия дар Сурия пойгохи ҳарбии худро ташкил кард ҳукумати Сурия бар болои терористон рӯз аз рӯз ғалаба мекард. Дар инҷо саволе ба миён омад дар байни Курдҳо, ки пас аз ба итмом расидани ҷанг бо онҳо чӣ ҳолате хоҳад рух дод оё Ироқ ба онхо озодӣ медиҳад ё онҳо бо ҳукумати Ироқ даст ба гиребон мешаванд? Бархе аз олимон бар он ақидаанд, ки Башар Ассад баъди итмом ёфтани ҷанг ба курдҳо як қисм замин дода ба онҳо худмухторӣ доданиаст, аммо ин танҳо ақида мебошад ин масъаларо бояд ҷиддитар ба назар гирифт. Имрузҳо курдон танҳо дар як кисми шимоли Ироқ соҳиби бо ном давлати автономи Курдистон ки пойтахташ шаҳри Эрбил мебошад соҳиб ҳастанд. Дар Курдистони имруза зиёда аз 5 миллион курдҳо умр ба сар мебаранд. Барои соҳиб шудани як порча замин ба курдҳо танҳо як роҳбари оқилу доно лозим аст халос. Онҳо чунин роҳбар ҳам доштанд ва доранд, аммо дар инҷо манфиатҳои милли дигар кишварон курдҳоро намегузоранд, ки соҳиби як порча замин ва кишвари дер боз орзу мекардаи худро соҳиб шаванд [5, с.4-5].

Дар ин ҷода низ вазъияти курдони Туркия низ чандон хуб нест. Гарчанде, ки дар боло қайд кардем курдони Туркия имруз бо президенти Туркия чандин гуфту шунид гузаронида созишномаҳо ба имзо расонида бошанд ҳам, аммо ҳамаи ин танҳо да созишнома ҳасту халос. Туркия на танҳо як давлати абарқудрат дар Ховари Миёна, балки маркази геополитикии Авруосиё мебошад, ки нақши муҳими стратеги дорад. Илова бар ин, Туркия боз ба НАТО, ҷаҳони ислом ва ҷаҳони ҳамзабонони худ таъсири назарас дорад. Ҷанги Озарбойҷон бо Арманистон дар соли 2020 шабоҳат аз он медиҳад,ки чи тавр Туркия мехоҳад нуфузу эътибори пештараашро баргардонад. Гузашта ба ин имрузҳо тамоми сиёсатмадорон, сардорон ва ҳизбҳои бузурги сиёси дар Туркия эҳёи дубора ба даст овардани қуваи давраи Империяи Усмониро мехоҳанд. Модоме, ки онҳо чунин накша доранд онҳо ҳеҷгоҳ як порча замини худро ба курдони муқимми Туркия нахоҳанд дод. Ҳамчун минатқае, ки Империяи Усмони дар он зиёда аз 600 сол ҳукмрони кардааст Туркия диқати махсусро ба ин минтаҚа зоҳир менамояд [15, с.38].

Туркия дар ховари Миёна сармояҳои назарраси сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дипломатӣ гузошт, ки ҳадафи он бозингари бартаридошта дар умури минтаҚа шудан аст. Қудратҳои дигари хориҷӣ омодаанд, ки ҚазияяиКурдҳоро дар Туркия ба манфиатҳои худ истифода баранд. Аз ин лиҳоз Амрико, Аврупо ва Руссия низ ба масъалаи курдҳо аҳамияти махсус зоҳир карда ҳамҷун як созишнома дар муносибатҳояшон бо Туркия аҳамияти ҷидди медиҳанд.

Аз замони хотимаи ҷанги сард Амрико дар Ховари Миёна нақши ҳукмронро мебозад. Дар ин ҷо метавон гуфт, ки танҳо Руссия рақиби бузурги он ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ маҳдуд кардани доираи нуфузи Руссия дар Ховари Миёна яке аз ҳадафҳои муҳими стратеги ҳукумати Амрико дар давраи баъд аз ҷанги сард мебошад. Дар ин минтаҚа танҳо Сурия шарики ягонаи Руссия боқи мондаасту халос. Имрузҳо ҳеҷ як олим ё шахсияте гуфта наметавонад, ки дар 10 солаи охир дар ин минтаҚа чи дигар гуниҳо дида хоҳад шуд. Танҳо мебоис қайд кард, ки курдҳо дар ояндаи наздик соҳиби давлати озоди худ нахоҳанд шуд ва ин орзу дар дили онҳо мемонад. Курдҳо ҳеҷгоҳ муборизаи худро бас нахоҳанд кард ва то соҳиби як порча давлати худ шудан муборизаи хоҳанд бурд.

Ҳангоме, ки мо суханро дар бораи муносибатҳои курдон бо амрикоиҳо мегуем дар инҷода бояд дуруст қайд кард, ки амрикоиҳо курдонро дар Ироқ ва дар ин минтаҚа имрузҳо бар алайҳи манфиатҳои худ истифода мебаранд. Албатта, ки ин муносибатҳо дар умум баробар нестанд чунки курдҳо ба амрикоиҳо лозимтаранд назар ба оне, ки амрикоиҳо ба курдҳо. Дар Сурия низ амрикоиҳо курдонро ба манфиати худ истифода карда истодаанд. Дар Сирия мавҷудияти мушкилии курдҳо ва инчунин ҳуқуқи худмуайянкунии курдҳоро низ рад менамоянд. Вале Димишқ дар ҳалли мушкилиҳои худ дар муносибат бо ҳамсоягонаш Туркия ва Ироқ курдҳоро моҳирона истифода менамояд.

Руссия дар инҷода низ дар ин минтаҚа манфиатҳои худро ҳифз хоҳад кард. Дар бораи ин таърихи навини курдҳо аз Мустафо Барзанӣ то таърихи Абдулло Оҷалон шаҳодат медиҳат. Таҷрибаи мутаҚобилаи Русия ба курдҳо нишон медиҳад, ки Русия маҳз Курдистонро барои ҳалли мушкилии худ дар равобити мутаҚобила бо кишварҳои зисти курдҳо истифода менамояд. Курдҳо мунтазам ҳамчун тангаи ивазшаванда бо муносибати мушкили Русия бо кишварҳои минтаҚа мегардад дар

ин ҳангом курдҳо доимо мағлуб гардида, қурбониёни равобити байнидавлатии Русия бо Туркия, Ироқ, Эрон ва Сурия мешаванд. Равобит бо ин кишварҳо ба Русия назар ба тақдири мардуми курд авлавиятноктар аст. Бояд қайд кард, ки нокифоягии ҷаҳонбинии баъзе ташкилотҳои курдҳо ва пешвоёни онҳо дар равобити мутақобила бо қишварҳои дигар нофаҳмоиҳо мушоҳида мегардад.

Аз ин лиҳоз моҳи декабри соли 2007 Руссия аз ҷодаи аввалин кишварҳое буд ки, консули генералии худро дар шаҳри Эрбил кушод. Рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисоди байни Руссия ва Курдистони Ироқ аз оғози соли 2008 сар карда инҷониб тараҳи карда истодааст. Дар инҷода бояд қайд кард, ки яке аз ширкатҳой бонуфузи Руссия “Газпром нефть” дар Курдистони Ироқ имрузҳо дар ҷодай коркарди нафт дар сатҳи аввал меистад. Имрузҳо Руссия хоҳиши мустаҳкамтар кардани муносибатҳои худро бо роҳбарони Курдистон дорад аммо дар ин миён муносибатҳои Туркия бо Руссия дигаргун хоҳад шуд. Бо мурури замон шояд пас аз ба итмом расидани ҷанги шаҳрванди дар Сурия ин масъала шояд ҳалли худро ёбад. Имрӯз, Федератсияи Русия масъалаи курдҳоро дар минтақаи Ховари Миёна яке аз масъалаҳои мубрам меҳисобад ва ҳалли онро тибқи санадҳои байналмилалӣ ва қарорҳои СММ дар бораи ҳуқуқи худмуайянкунии халқҳо мешуморад. Ҳамзамон Русия чунин мешуморад, ки риояи принсипи ҳифзи якпорчагии давлатҳои мавҷуда зарур аст. Маҳз бо ин шартҳо, вай ҳуқуқи курдҳои Ироқро барои мухторият дастгирӣ мекунад. Моҳи марти соли 2014 истеҳсоли нафт дар Ғарби Ироқ оғоз ёфт. Курна-2, ки яке аз калонтарин дар ҷаҳон аст, бо иштироки ширкати "Лукойл" -и Русия коркарди нафтро пеша гирифта истодааст. Пайдо шудани Курдистони Бузург ҳамчун як бозингари мустақили бозори карбогидридҳо, ки тавассути Туркия ба Аврупо равон карда мешавад, метавонад нархи карбогидридҳоро коҳиш диҳад, ки ин ба манфиати Русия нест [7, с.25-26].

Беҳтарин мавқеъ барои Маскав аз он иборат аст, ки муносибатҳои бетарафро бо ҳукумати Бағдод ва Эрбил нигоҳ дошта, ба нерӯҳои минтақавӣ имкон диҳанд, ки тақдири масъалаи курдҳоро мустақилона муайян кунанд.

Дар мавриди дар манфиати дигар кишварҳо қарор гирифтани курдон Русия бояд мавқеъеро бар ассоси дарозмуддати худ ташаккул диҳад, ки манфиатҳои худро ҳифз кунад вале бидуни дахолат ба соҳибихтиёрии миллии ин давлатҳо.

Аҳамияти байналмилалии масъалаи курдҳо, ҷалби на танҳо кишварҳои минтақа, балки қудратҳои ҷаҳонӣ дар ҳалли он наметавонад Русияро ҳамчун як ҳамсояи геополитикӣ тарк кунад, ки мушкилоти ҳалнашудаи курдҳо дар шароити муайян метавонад сарчашмаи муноқишаи байналмилалие, ки ба амнияти Русия ва манфиатҳои он таҳдид мекунад, ва инчунин ҳамчун узви Шӯрои Амнияти СММ, нисбат ба рӯйдодҳои дар Курдистон рухдода бетараф набошанд. Бояд қайд кард, ки рӯйдодҳои берун аз минтақаи истиқомати курдҳо, дар навбати худ, таъсири мусби ва ё манфии худро ба ҳаракати миллии курдҳо расонидаанд ва расонида истодаанд. Аз ҷумла, раванди пайдоиши давлатҳои нави мустақил дар фазои собиқ ИҶШС ва Югославия. Дар ин робита, беадолатиҳои таърихии нисбат ба курдҳо аз ҷониби давлатҳое, ки пас аз Ҷанги Якум ва Дуюми Ҷаҳон тасмим гирифтанд, масъалаи сохтмони давлат дар Ховари Миёна боз ҳам аёнтар мегардад [3, с.28].

То ба ҳол, ба ин савол посухи боварибахш вуҷуд надорад, ки чаро халқҳо, ки аз ҷиҳати шумораи курдҳо ба таври назаррас пасттаранд, имконият,пайдо карда ки давлатҳои худро созмон диҳанд ё дараҷаи муайяни давлатдорӣ дошта бошанд .

Ҳимояи муайяни ҳуқуқиро аз ҷониби давлат дарк намуда, курдони Руссия кушиш ба харҷ менамоянд, ки Федератсияи Россия сиёсати Ховаримиёнагии худро бо мақсади расонидани кумаки маънави ва сиёси ба бародарони хориҷи, фаъол намояд. Курдони Руссия дар ин самт дар доираи равандҳои гуногуни сиёсии Руссия ва инчунин дар баъзе аз сохторҳои қудратии Руссия корҳои зиёдеро анҷом медиҳанд. Дар натиҷа яккатор чорабиниҳо ва мизҳои мудаввар дар баъзе муассисаҳо дар соли ҷори баргузор гардид. Мақсади онҳо ин ҷалби таваҷуҳи ташкилотҳои амалкунанда барои коркарди консепсияи давлатии Русия дар масоили курдҳо мебошад.

Як сол пеш Доналд Трамп дар Твиттер дар бораи курдҳо навишт: «Онҳо даҳсолаҳо боз бо Туркия меҷангиданд. Ман ин ҷангро тақрибан се сол боз доштам, аммо ҳоло вақти он расидааст, ки мо аз ин ҷангҳои беохир, ки аксарияти нишонаи қабилавӣ доранд, раҳо шавем ва сарбозони худро ба хона баргардонем. Ҳоло Туркия, Аврупо, Сурия, Эрон, Ироқ, Русия ва худи курдҳо вазъи кунуниро

дарк хоҳанд кард. Аммо у хеле маккор буд. Аз он вақт инҷониб амрикоиҳо на Ироқ ва на Сурияро тарк намекунанд ва нахоҳанд кард. Гузашта аз ин, онҳо ба наздикшавии курдҳои Ироқ ва Сурия фаъолона мусоидат мекунанд ва дар ихтиёри онҳо чоҳҳои нафти таҳти назорати низомиёни амрикоӣ қарордоштаро барои таъмини истиқлолияти иқтисоди таъмин мекарданд. Ёдовар мешавем, ки замоне дар Вашингтон як лоиҳаи геополитикии Ховари Миёнаи Бузург таҳия шуда буд, ки мутобиқи он Курдистон бояд истиқлолият ба даст орад. Иёлоти Муттаҳида саъй дорад як буфере байни Ҷумҳурии Исломии Эрон фароҳам оварад, аз як тараф ва шиаҳои ироқӣ ва алавиҳои сурия, аз тарафи дигар. Ҳамзамон, "картаи курдӣ" метавонад ҳамеша дар бозӣ бо Багдод, Анкара ва Димишқ муфид бошад.Ҳалли ин масъала ба манфиати Исроил низ аст - ҳанӯз дар соли 2014 сарвазир Бенямин Нетаняҳу гуфта буд, ки курдҳо "сазовори" давлатдории худ ҳастанд. Барои ин курдҳо бояд дарк кунанд, ки набояд ИМА ё Аврупо онҳоро ҳамҷун ашёи хом истифода намоянд. Дар ин маврид, ки абарқудратҳо дар ҳақиқат имкониятҳои зиёди таъсир расонданро, ба кишварҳое, ки курдҳо тақсим шудаанд доранд ва метавонанд мушкилоти онҳоро ҳал намоянд, аммо онҳо танҳо манфиатҳои худро пеша мекунанду халос. Мушкилоти мардуми курдро бояд чунон ҳал намуд, ки тамоми кишварҳои минтақа аз ҳамдигар рози бошанд. Кайҳо боз замони ба мушкилоти курд на ҳамчун василаи фишор ба Туркия, Ироқ, Эрон ва Сурия бояд нигарист, балки мушкилиҳои бузургтарини мавҷудияти яке аз қавмҳои қадима дар сайёраи мо бояд назар кард ва онро ҳал бояд кард [12, с.376-377].

Дар Эрон мавқеи курдҳо хусусиятҳои худро дорад, ки дар муқоиса бо арабҳо ва туркҳо. Курдҳо аз ҷиҳати қавмӣ ба эрониён наздиктаранд ва ташаккули шахсияти онҳо инқилоби зиддишоҳии соли 1979-ум таъсир кардааст. Дар ҳоле, ки инқилоб исломгароёнро ба майдон овард. Шаш моҳ пас аз инқилоб, дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ва мазҳаби динӣ, ки ҳамзамон идома дошт боз ҷанги Эрону Ироқ сар шуд. Курдҳо дар раъйпурсии 11 феврали 1979 дар бораи сохтори давлатии Эрон ва инчунин дар татбиқи сиёсати минбаъдаи Хумайнӣ ширкат надоштанд. Мусаллам аст, ки курдҳои Ироқ ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки бо Эрон муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ барқарор кунанд. Ҳаҷми солонаи тиҷорат байни Эрон ва Курдистони Ироқ дар соли 2013 беш аз 4 миллиарду 20 миллион долларо ташкил медод. Тарафҳо ҷонибдори тавсеаи робита ҳастанд, ҳарчанд Эрон дар мубориза барои ин бозор дар назди Туркия рақиб дорад нисфи ширкатҳои хоричӣ, ки дар Курдистони Ироқ ба қайд гирифта шудаанд, туркӣ мебошанд ва ҳаҷми мубодилаи мол байни Анкара ва Эрбил 8 миллиард долларро ташкил медиҳад, яъне ду маротиба аз ҳиссаи Техрон бар зиёд мебошад. Эрон аз ҷониби худ ҳузури иқтисодии худро дар Курдистони Ироқ тавсеа дода, мехоҳад таъсири ИМА-ро дар ин минтақа аз байн барад [13, с.23-24].

Бояд қайд кард, ки Ғарб мушкилоти курдҳоро ҳамчун қисми органикии васеъи минтақаҳои шарқи наздик менигарад. Манфиатҳои Ғарбӣ бо нефт ва интиқоли он алоқаманд буда, бешубҳа он ба беустувории асосии вазъият дар минтақаи муҳими стратегии мазкур ҳатто ба нафъи қарори адолатноки масъалаи курд ҳавасманд нест. Бжезинский дар китоби худ “тахтаи бузурги шоҳмот” бевосита изҳор мекунад, ки ИМА бо ноустувории вазъият ҳатто дар Эрон ки сиёсати зиддиамрикоиро пеш мегиранд, ҳавасманд нест. Аз ин рӯ бояд қайд намуд, ки ҳалли мушкилии курдҳо метавонад хислати марҳилавӣ ва танҳо вилоятиро касб намояд.

Курдистон ва масъалаи курдҳо дар асри 21 яке аз масъалаҳои муҳими сиёси макрорегионалӣ шуд. Солҳои дароз муборизаи миллии мардуми курд барои ҳуқуқҳои худ ва озодиҳо то ба имрӯз бо муваффақияти нисбӣ гузошта шудаанд. Курдҳои Ироқ муваффақ шуданд дар дохили Ироқ, дар Туркия федератсияҳо созмон додаанд. Курдҳо тактикаи муборизаи мусаллаҳонаи худро ба он иваз карданд, гуё бо роҳи дипломати ва ё муколамаи сиёсӣ бо ҳукумат ба мақсадҳои худ расанд. Имрузҳо дар Сурия курдон як қатор шаҳрҳоро таҳти идораи худ гирифтаанд. Онҳо рози ҳастанд то ин ки бо ҳукумати Сурия сари як миз нишаста мушкилиҳои пеш омадаро ҳал кунанд. Курдҳо да мавқеи ишғолкардаи худ бисёр асирони гуруҳи ДИро дастгир кардаанд, ки аз уҳдаи нигоҳу бини онҳо баромада наметавонанд. Аз ин лиҳоз онҳо аз ҷомеаи ҷаҳони ва аз кишвароне, ки зиндониён шаҳрванд ҳастанд гуфту шунид гузаронида мехоҳанд онҳоро ба кишварони худ баргардонанд.18 феврал вазири корҳои хориҷи дар баромади худ дар назди рузноманигорон қайд кард, ки намояндагони Тоҷикистон бо ҳукумати Сурия ва аз он ҷумла бо намояндагони курдон ки бисёре аз занон ва кудакони тоҷик дар

бошишгоҳои дар таҳти идораи курдон буда гуфту шунид гузаронида истодааст. Дар рузҳои наздик тамоми шаҳрвандон аз он ҷумла кудакон ва занон ба ватан баргардонда хоҳанд шуд. Аммо бояд қайд кард ки шаҳрвандоне низ ҳастанд ки ба ватан баргаштанро рад мекунанд.

Мутобиқи маълумотҳои дар боло омада хулосаи ман оиди казияи курдон ва ҳалли ин мушкили дар даҳсолаи охир шахсан чунин аст, ки ин масъларо танҳо дар ҳамоҳангсози бо Туркия Эрон Сурия Ироқ ва комисияи махсусе, ки аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид барои ҳалли ин мушкили ташкил карда мешавад ва дигар кишвароні абарқудрати миёнарав дар якҷояги метавон ҳал кард халос. Аммо бояд ба назар гирифт, ки ҳеҷ як кишвари дунё намехоҳад, ки як порчаи замини худро ба дигар халқият туҳфа кунад. Бархе аз олимон бар он акидааند,ки казияи курдон ҳали худро наёфта мушкили он руз аз руз мукамалтар ҳоҳад шуд.Ҷангҳои байни ҳами барзиед дар каламрави кишварҳои Ховари Миёна,ҷангҳои тулони бар зидди гуруҳои терористи аз ҷумла ДИИШ ва дигар гуруҳои имруз дар чаҳон фаъолият дошта,ҷангҳои дарозмудати динни байни сунни ва шиа мазҳабон ва билохира ноором будани ин минтаҷа бар нафъи баъзе аз кишварҳои абаркудрати ҷаҳони мебошад. Аз ин лиҳоз ин мушкилие, ки пас аз ба итмом расидани ҷанг дар Сурия яке аз мушкилиҳои асоси ба ҳисоб меравад дар ояндаи наздик ҳалли худро нахоҳад ёфт.

**АДАБИЁТ**


1. Гасратян М.А. Курдская проблема в Турции.Москва, 2016. С.35
2. Гасратян М.А. Курды Турции в новейшее время. Ереван: Армения, 1990. 165с.
3. Гасратян М.А. Первые курдские организации и их деятельность после Первой мировой войны // Дружба. 2001. № 12. Ноябрь. С. 28.
4. Жигалина О.И. Процесс урегулирования курдской проблемы в Ираке и его влияние на курдские анклавы Турции, Ирана и Сирии, Афро-Азиатские общества: история и современность. 2006.С. 184-185.
5. Игорь Прокопенко. Государственный терроризм от Кавказа до Сирии. М.2019,С.4-5
6. Курды и Курдистан: проблемы истории и современности (аналитическая справка) / Экспертная группа по Курдистану при Комитете по вопросам геополитики Государственной Думы России. М., 2000.Ноябрь. С. 8-9.
7. Лабинская И. Конфликты на Ближнем Востоке в XX веке// Мировая экономика и международные отношения. 2013. С.25-26
8. Лазарев М.С. Курдская диаспора (социологический анализ) // Мусульмане на Западе: Сб. ст. Института Востоковедения РАН. М.: Институт изучения Израиля и Ближнего Востока,М. 2002. С. 89-92.
9. Лазарев М.С. СССР и Курдистан (1917-1945). М., 2002 С.47
10. Мустафа Барзани.Легендарный вождь курдского народа. 2017.С.8
11. Максим Лебский Курды. Потерянные на Ближнем Востоке.М.2016 С. 43-44.
12. Оджалан А. Курдистанская действительность с XIX века по настоящее время и движение РПК. М. 1998. 376-377 с.
13. Станислав Иванов. Иракские курды в борьбе за свои права и свободы.М 2013 С.23-24.
14. Станислав Иванов, Кирилл Вертяев.Курдский национализм. История и современность .М.2015 С.10.
15. Теюб Ахмедов.Турция и Курди: История Конфликта. Москва 2014 С.38.


## ИШТИРОКИ КУРДҲО ДАР ҚАЗИЯИ СУРИЯ


Муаллиф дар мақолаи худ қайд менамояд, ки курдҳо яке аз халқиятҳои пуршумортарине дар чаҳони имруза арзи ҳасти доранд, ки кишвари соҳибистиқлоли худро соҳиб нестанд. Нигоҳ накарда бар муборизаҳои тулонии онҳо доири соҳиб шудани кишвари соҳибистиқлоли худ казияҳои нав ба мисли ДИИШ ва муборизаи курдон алайҳи ДИИШ обрую эътибори курдонро дар арсаи чомеъаи ҷаҳони баланд бардошт. Гарчанде, ки қазияи курдон хусусиятҳои махсуси хоси худро дорад. Дар ин ҷода танҳо чор кишвари ассоси метавонанд ин мушкилиро ҳал намоянд Туркия, Эрон, Ироқ ва Сурия. Ҳеҷ як мушкили курдонро намегузорад, ки ҳувияти милли худро гум кунанд. Дигаргуниҳои кулли нисбати курдон танҳо пас аз овоздиҳие, ки дар он 93% ахолии Курдистони Ироқ овози интихобии худро барои худмухтор шудани кишвари худ доданд ба амал омад. Ҳукумати Ироқ фишори худро алайхи курдони муқимии ин минтака зиёд карда онҳоро на танҳо аз маконҳои пур аз нафт балки аз дастгирии намояндагони хориҷи низ маҳрум созонданд. Казияи курдон дар Сурия низ дигаргун нест. Гарчанде, ки курдон дар ҷанги шаҳрвандии Сурия нақши хубро бозиданд, ки нуфузи эътибори курдонро дар арсаи ҷаҳон баландтар бардошт. Нигоҳ накарда ба ҳамаи ин мушкилиҳо соҳиби давлат шудани курдон кай ва бо кадом роҳ маълум нест.



**Калидвожаҳо**: Курдҳо, Сурия, Ироқ, Эрон, Туркия, ДИИШ, ҲДК, Курдистони Ироқ, худмухтори, ҳувияти милли, миллати бедавлат,Шарқи Наздик, қазияи курдҳо, эътирофи байналмилали,ҷомеаи ҷаҳонӣ, худмухтори.


## УЧАСТИЕ КУРДОВ В СИРИЙСКОМ КРИЗИСЕ.


Автор в статье отмечает, что курди евляються самым большим по численности в мире этносом, не имеющий собственной государствености. Несмотряна длительную стагнацию решения вопроса их самостоятельности, новые процессы на Ближнем Востоке, получившие внимание всей мировой общественности ввиду борьбы с ИГИЛ, придали новый импульс к реализации стремлений курдских

политических движений. Хотя курдский вопрос имеет свою специфику в зависимости от конкретной страны Сирия Ирак Иран Турция, только целостный и системный анализ деятельности курского движения на региональном уровне позволяет получить общую картину перспектив появления курдской государственности. Радикальные изменения произошли в положении Иракского Курдистана: после референдума о независимости, на котором почти 93% проголосовали за создание самостоятельного государства, центральное правительство Ирака усилило давление на этот регион. Референдум лишил Иракский Курдистан не только богатых нефтью территорий, но и вызвал уменьшение поддержки со стороны внешних акторов. Положение курдов в Сирии также является неоднозначным. Хотя они и сыграли важную роль в борьбу с ИГИЛ, что получило широкое признание на Западе, в результате давления Турции будущее их проекта автономии остаётся туманным.

**Ключевые слова**: Курды, Сирия, Ирак, Иран, Турция, ИГИЛ, РПК, Иракский Курдистан, самоопределение, национальное самосознание, безгосударственная нация, Ближний Восток, курдский вопрос, международное признание, мировое сообщество, автономия.

**INVOLVEMENT OF KURDS IN SYRIAN CRISIS**

The author of the article notes that the kurds are the largest ethnic group in the world, but they have no state of their own. Despite the long terms of fighting in the way of getting their independence, new processes in the Middle East of combating ISIS threat gave a new relation to the realization of Kurdish political movements. Although the Kurdish issue has its own specifics depending on the specific country Syria Iraq Iran Turkey, a holistic analysis of the Kurdish movement provides a general picture of the possible Kurdish state aspirations. Radical changes occurred in the situation of Iraqi Kurdistan: after the independence referendum, in which almost 93% voted for the creation of an independent state, the central government of Iraq increased the pressure on this region. The referendum made Iraqi Kurdistan to lose of oil-rich territories as well as caused a decrease in support from external actors. The position of the Kurds in Syria is not also known widely . Although they played an important role in fighting ISIS, which was widely recognized in the West, the pressure of Turkey put in question prospects of Kurdish autonomy. The Kurdish issue in the region as a whole has acquired new features in recent years and occupies an increasingly important place on the international community.

**Keywords:** Kurds, Syria, Iraq, Iran, Turkey, ISIS, WPK, Iraqi Kurdistan, self-determination, national identity, stateless nation, Middle East, Kurdish issue, international recognition, global community, autonomy.

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Абубакр Мирбафоевич*** – магистр второго курса кафедры Междунарродных Отношении Таджикского национального университета. Тел: **+992-904-66-34-65.** E-mail: abubakrsharipov3@gmail.com

**Information about the author:** ***Sharipov Abubakr Mirbafoevich***т – master of the second year of the Department of International Relations of the Tajik National University. Tel: + **992-904-66-34-65.** E-mail: abubakrsharipov3@gmail.com

# МУҲИММИЯТ ВА ХУСУСИЯТИ НИЗОЪИ АРАБУ ИСРОИЛ ВА РОҲИ ҲАЛЛИ ОН

***Саиднуриддини Шарифзод***
**Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон**

Таърихи инсоният аз сари худ якчанд намуди низоъҳоро гузаронидааст. Баъзе низоъҳо якчанд давлат ва якчанд халқиятро дар бар гирифтаанд. Аз давраи қадим инсонҳо хоҳони дар ҷамияти бенизоъ зистанро доштанд. Шоҳони қадим кӯшиш ба харҷ доданд, ки дар кишварашон низоъ барнахезад. Дар тӯли таърихи гузашта олимон кӯшиши зиёд ба харҷ додаанд, ки модели ҷамъияти бенизоъро таъсис диҳанд [1, с.3-4]. Чун дар ҷомеа арсаҳои ниҳоят зиёди фаъолияти иҷтимоӣ мавҷуд аст, ва падидаҳои зиёд фаъолият доранд, робита ва муносибатҳои гуногун дар сатҳҳои мухталиф ҷараён мегиранд, омилҳои зиёди ҷузъӣ, даргузар, собит, дарозмуддат ва ғайра дар печидагӣ ва рангорангӣ амал доранд, ба таври табиӣ шаклҳои ниҳоят зиёд ва мушаххаси таърихии низоъ зуҳур карданд, ташаккул ёфтанд ва таҳавулли гуногун диданд.

Агар маҷмӯи сабабҳо ва омилҳои низоъро баррасӣ намоем, мебинем, ки дар маркази он сабаби муҳимтарин, ки онро метавон мухтасаран манфиат номид. Бояд зикр кард, ки табиати худи манфиат ниҳоят мураккаб ва ҳамеша дар зиддият қарор дорад [2, с.119-120].

Зиндагии иҷтимоии инсоният ниёзҳои зиёд дорад ва таъмин нагардидани муҳимтарини онҳо омилҳои аслии зуҳур ба ҳисоб мераванд.

Моҳиятан таҳлили низоъ маънои баррасӣ ва дарки тамоми қисмҳои таркибии низоъро дорад. Дар замони имрӯза баъзе олимон (С.Хантингтон., И.К.Усомнов., З.Бжезинский.,), сабаби пайдоиши низоъро дин мешуморанд. Онҳо ин ақидаашонро бо он асоснок мекунанд, ки шариатҳои динӣ («Ислом), ба

қонунҳои дунявии кишварҳо рост намеояд ва ин бошад сабаби пайдоиши низоъ мешавад [3, с.36-37].

Аммо ман фикр мекунам ин ақидаи онҳо он қадар мувофиқи матлаб нест, зеро таърихи башарӣ пур аз ҳодисаҳои сӯистифода бурдан аз дину ойин ба хотири баровардани ғаразҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳизбӣ аз тарафи нерӯҳои сиёсӣ, ҳокимони вақт ва ғайра мебошад.

Яке аз олимони Ҷаҳони Ислом чунин шуморидааст, ки «муборизa барои қудрати сиёсӣ дар миёни хуллафои рошидин пас аз марги Пайғамбари ислом Ҳазрати Муҳаммад (с) боиси пайдо шудани мазҳабҳои суннӣ ва шиа ва сар задании ихтилофи байни онҳо гардидааст».

Кишварҳои арабӣ, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле нисбати Исроили навтаъсис заиф буданд, аз ҳамин сабаб дар ҳамаи низоъои ба вуқӯъ омада кишварҳои арабӣ ба мағлубият дучор шудаанд. Аслан дар ин низоъҳо кишварҳои арабиро қариб ягон кишвари дунё дастгирӣ намекард, аз ҳамин лиҳоз кишварҳои арабӣ ба шикастҳои ҳалокатоавар дучор мегардиданд.

Дар миёни олимони шарқшинос назарияҳои гуногун дар мавриди заминаҳои пайдоиши низои Шарқи Наздик мавҷуд аст. Дар натиҷаҳои назарияҳои гуногун оиди низои Шарқи Наздик, кишварҳо ба ин минтақаи баҳсталаб сиёсати ноҳамвор доранд. Ҳар як кишвари дар ин низоъ иштирокдошта заминаҳои пайдоиши ин низоъро аз назари худашон баён мекунанд ва кӯшиш мекунанд, ки сабаби низоъро ба кишвари дар муқобилашон истода равона кунад [4, с.109-110].

Собиқ котиби давлатии ИМА Г. Киссинчер заминаҳои низои арабу – исроилро бар муборизаи миллатгароёни араб ва саҳюнистони яҳуд мебинад. Миллатгароёни араб ва саҳюнистон дар асри XIX ба вуҷуд омадаанд (чунин меҳисобад Г.Киссинчер) ва дар оғоз ба муқобили якдигарашон равона нашуда буданд. Танҳо пас аз оне, ки ҳукмронии якчандасраи империяи Усмонӣ ба мандати Британия роҳ кушод ва халқи Фаластин талаби истиқлолиятро кард, миёни арабҳо ва яҳудиён, ки солиёни зиёд бар ба бар мезистанд, муборизаҳо огоз шуд [5, с. 90-92].

Таҳқиқотгари дигари исроили Симха Флапан иброз доштааст, ки эътироф накардани фаластиниён хамчун халқ ва ҳуқуқи онҳо ба мустақилият, ин худ яке аз заминаҳои низоъ дар Шарқи Наздик мебошад. Ҳамин сиёсати саҳюнистии Исроили ишғолгарро мардуми фаластини мазлумро ба низоъ муқобили яҳудиён тела додааст.

Ин низоъро наметавон низои соф динӣ номид. Омили динӣ метавонист тарафҳоро аз ҳамдигараш чудо намояду халос, аммо заминаи пайдоиши дигари низоъ низ мавҷуд аст, ки он чунин мебошад: иммигратсияи яҳудиён ба Фластин таҳти шиори саҳюнизм таълимоти замонавӣ амалӣ мешуд, аммо фаластиниҳои араб инро таҳдид ба дин қабул мекунанд. Ва ин низ сабаб мешавад. Сабаби динии инкишофи ин низоъро англисҳо таҳвият доданд. Аз назари иқтисодию иҷтимоӣ гирем аз оғоз маълум буд, ки миёни арабҳо ва исроилиён низоъ бархестанаш ногузир аст. Бо таъсисёбии давлати Исроил низоъ байни давлати миллии яҳудиён – Исроил ва фаластиниҳои араб, ки ҳуқуқи таъсиси давлаташонро доштанд ва исроилиён ба таъсиси давлати онҳо халал ворид сохтанд ва фаластиниҳоро аз замини аҷдодии худашон ронданашонро оғоз намуданд (исроилиён), ин низоъ оғоз мешавад. Дар ин вақт инчунин миёни аҳолии дар Исроил мезиста низоъ огоз гардид. Арабҳое, ки шаҳрвандии Исроилро доштанд, ба сабаби ба ҷойҳои кори хуб таъмин накардани ҳукумати Исроил ба низоъ бар мехестанд.

Аввлин низои хислати арабу исроилӣ дошта ҳанӯз дар асри XIX рух дода буд. Аз аввал низои арабу исроил ин низоъ хислатҳои сиёсиро ба худаш касб намуда буд. Кишварҳои ғарбӣ ва ташкилотҳои яҳудиён аҳолии нав кӯчбастаи яҳудиро дар Фаластин маблағгузорӣ мекарданд.

Таҳқиқотҳои бузурги низоъҳои байналхалқӣ нишон медиҳад, ки «хаста»-и ҳамкорӣ накардани иштирокчиёни низоъ ва «периферия»-и давлатӣ (ду кудрати Ҷаҳонӣ дар назар дошта шудааст), ин ба низоъ он қадар алоқамандӣ надорад, балки манфиатҳои кишварҳои абарқудрат мебошад [6, с.78-79].

Дар ҳоли ҳозир дар зери низои байналхалқӣ тақрибан мо метавонем танҳо ин низоъро дохил намоем, ки пеш аз ҳама дар ин низоъ муносибати сиёсии кишварҳои иштирокдор дар назар дошта шудааст. Ба ин «алоқаҳо» нанигариста, Фаластин то ҳол якчанд ҷамбаҳои байналхалқии доштаашро аз даст надода буд [7, с.76-78].

Ин низоъро бисёр таҳлилгарони араб, низои динӣ шуморида, ин бархурдҳоро миёни арабҳо ва исроилиён бархурди дини номидаанд. Ин дар ҳоле мебошад, ки арабу яҳудиён аз як қавм, яъне «сомӣ» мебошанд ва сабаби низои онҳо ин таълимоти саҳюнистии яҳудиён мебошад, ки маънои муносибати бераҳмона доштан нисбати дигар халқҳо, ба хусус арабҳоро дар назар дошта шудааст. Аз тарафи дигар тез-тез миёни элитаҳои сиёсии арабҳо, асосан он кишварҳое, ки нақши калидиро дар ҳалли ин низоъ доранд, Исроилро «бегонагони аз кишарҳои гуногун» омада, меноманд, ки ин низ яке аз сабабҳои низоъ дар ин минтақа дониста шудааст [8, с.32-33].

Исроилро пас аз таъсисаш кишварҳои абарқудрат маблағгузорӣ намуданд ва Исроил ривоҷу равнақ ёфт. Ин пешрафт ба Исроил имконияти ҳал намудани бисёр масоилро ба фоидаи худаш имконият додааст. Ва то ҳол низ Исроил аз пуштибонии абарқудратон истифода намуда, қатъномаҳои қабул кардаи СММ-ро иҷро намекунад ва то ҳол ҳалли ин моҷароро ҳеҷ як созмони абрқудрат ё блоки ҳарбӣ ҳал карда натавонистааст ва дар ин ояндаи наздик ҳал карда наметавонад. Дар ин миён Фаластинро қариб ягон кишвар дастгирӣ намекунад ва «ватандорони» фаластинӣ аслан ба муқобили Исроили истилогар дар айни ҳол низ танҳо мубориза мебаранд [9, с. 43-45].

Ҷанги таҷовузкоронаи Исроил бар муқобили арабҳо. Субҳи барвақти 5 июн, вақти намози бомдод Исроил зарбаи ҳалокатоваре ба Миср зад. Баъди ду соат намояндагии СММ ба Шӯрои Амнийт хабар медиҳад, ки «ҳуҷум дар ҷавоби муқобили артиши ҳавоӣ ва хушкии Миср, дар нимазираи Муборизаҳо баҳри қатъ кунонидани ҷанг. Дар чунин ҳол ранг гирифтани ҳол, бисёре аз кишварҳо мақсади хомуш кардани ҷангро доштанд. ИҶШС ва дигар кишварҳои сотсиалистӣ, ки бо кишварҳои арабӣ алоқа доштанд, меъёрҳои олиро баҳри хотима додани ҳуҷуми таҷовузкор қабул менамуданд. Ҳукумати Шӯравӣ дар изҳороти худаш, ки пас аз якчанд соати оғози ҷанг карда буд, талаб кардааст, ки «дар натиҷаи аввалин меъёрҳои нобаробарӣ, оиди барҳамдиҳии низои ҳарбӣ ва дар ҳол қатъ кардани амалиётҳои ҳарбӣ бар муқобили Миср, Сурия, Урдун ва дигар кишварҳои арабӣ ва баровардани артиши Исроил аз минтақаҳои ишғолкардааш ва бастани сулҳ», қайд кардааст. Чунин талабҳо аз тарафи А.Н.Косигин аз сарвазири Исроил карда мешавад. Чунин муроҷиатро ҳукумати Шӯравӣ аз ИМА талаб мекунад ва ИМА ваъда медиҳад, ки дар Шӯрои Амнийт оиди қатъ кардани ҷанг овоз хоҳад дод.

Аммо вакте, ки Шӯрои Амнийт дар нимаи дуввуми рӯзи 6 июн чамъ мешавад, дар бораи ин масъала, ки ба Англия ва ИМА алока дошт, Англия ва ИМА мукобили бароварданн артиш ва ҳалли масъалаи фонди умуми иқтисодии араб ва рушди ичтитимоии арабҳо, ки нафт содир мекарданд (Арабистони Сауди, Либия ва Кувайт), овоз медиҳанд. Ва ба кароре меоянд, ки ҳар сол ба Миср ва Урдун барои зарари расондаи Исроил, 135 млн (фунт стерлинг) ёри расонанд. Дар натичаи гуфтушунид, президент Носир, ва шоҳ Файсал бо қароре омаданд, ки Арабистон дигар ба монархистони Яман ёри намерасонад ва дар натиҷа артиши Миср аз Яман бароварда мешавад.

Агар ба раванди низоъ назар афканем ин низоъ ҳанӯз дар даврахои хеле пеш, низои латенти буд. Дар ҳоли ҳозир ин низоъ ба низои мусаллаҳонаи байналхлақи ошкоро табдил ёфтааст ва то ҳол на ягон созмони байналхақӣ, блоки сиёсӣ, роҳи чӣ тавр ҳал намудани ин низои ошкорои мусаллаҳонаро наёфтааст ва дар ояндаи наздик нахоҳад ёфт.

Ва охирон ба оғоз гардидани низоъ якчанд сабабҳо вуҷуд дорад: сабаби ноуҳдабароии ҳукумат. Ин сабабро банда аз лиҳоз овардааст, ки дар миёни ҳукумати Фаластин ягон роҳбар(лидер)-и сиёсии пурқувват нест, ки мардуми парокандаи Фаластинро сарҷамъ кунад ва системаи сиёсии ин кишварро таъсис дихад. Ин омил ба кишвари Исроил таалуқ надорад, зеро дар Исроил системаи сиёсии кишвараш рушд кардааст ва кишвари бесару сомони Фаластинро таҳти назорараш карор додаст.

Дар натиҷа низоъ ҳамчун падидаи мураккаб боқӣ мондааст. Зеро кишварҳои низоъкунанда доимо бо ҳамдигарашон дар зиддият қарор доранд. Ман фикр мекунам, ки ин кишварҳои дар низоъи Шарқи Наздик иштирок дошта агар ба якдигарашон гузаштҳо накунанд ин низоъ онҷом нахоҳад ёфт [10, с. 43-44].

Дар охири Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, беш аз 80% тамоми саноати Фаластин дар бахши яҳудиён буд.

Дар солҳои 1946-1947. дар Фаластин дар пасманзари афзоиши норозигии аҳолии араб ва яҳудӣ аз сиёсати давлатҳои мандат, яъне. Британиёи Кабир ва

инчунин бинобар дараҷаи шадиди радди арабҳо нисбат ба яҳудиёни расида, даргириҳо байни арабҳо ва яҳудиён оғоз ёфт. Дар аввал чандон зиёд набуд, аммо ба зудӣ онҳо паҳн шуданд. Гузашта аз ин, вазъ аз он сабаб бадтар шуд, ки террори сионистҳо, ки пеш аз ҳама ба муқобили мақомоти Британиё равона шуда буданд, дар он замонҳо дар Фаластин паҳн шуда буд [11, с.78].

Дар давраи баъд аз ҷанг, алахусус дар соли 1947, онҳо ба як ҷанги воқеӣ табдил ёфтанд, ки қисми зиёди кишварро фаро гирифт. Дар ин вазъ, ҳукумати Британиё маҷбур шуд, ки масъалаи мақоми ояндаи Фаластинро ба СММ гузорад.

29 ноябри соли 1947, Ассамблеяи Генералии СММ бо аксарияти овозҳо (бо нодиртарин розигии тарафайн СССР ва ИМА) барои бекор кардани режими мандати Британиё дар Фаластин дар моҳи майи соли 1948 овоз дод ва дар қаламрави он ду давлати мустақил таъсис дод Араб ва яҳудӣ. Ва инчунин ба шаҳри Ерусалим мақоми махсус дода шуд. Мандат 14 майи соли 1948 ба итмом расида буд. Худи ҳамон рӯз таъсиси давлати Исроил эълон карда шуд. Дар натиҷаи марҳилаи дуюми минбаъдаи ҷанги Исроили Араб (1947-1949) давлати арабӣ ба вуҷуд наомадааст.

Баъд мақоми намояндагии аҳолии яҳудӣ – Шӯрои мардумӣ таъсис дода шуд. Дар соати дақиқи ба охир расидани давраи ҳукмронии Британиё дар Фаластин шаби 14 ба 15 майи соли 1948 Шӯрои мардумӣ ҷаласаи худро баргузор кард, ки дар он яке аз пешвоёни сиёсии машҳур Дэвид Бен-Гурион Эъломияи истиқлолиятро хонда, эълон кардани таъсиси давлати Исроил [12, с.7]

Ҳамин тариқ, фавран пас аз эълони давлати Исроил артишҳои кишварҳои ҳамсояи араб ба қаламрави он ҳамла карданд. Аввалин ҷанги Арабу Исроил оғоз ёфт. Тақрибан 900,000 арабҳои фаластинӣ маҷбур шуданд, ки минтақаҳои истиқоматиашонро, ки исроилиён забт кардаанд, тарк кунанд ва дар кишварҳои ҳамсояи араб паноҳанда шаванд. Ҳамин тавр, дар баробари таваллуди давлати Исроил, яке аз мушкилоти дардноки замони мо ба миён омад - мушкилоти Фаластин.

Ҳамин тариқ, мо фаҳмидем, ки муноқиша як навъи раванди сиёсист, ки бо зиддияти шадид, бархӯрди нерӯҳои сиёсӣ бо сабаби мухолифи манфиатҳо, арзишҳо ва дидгоҳҳои сиёсии онҳо тавсиф мешавад. Ин қисми таркибии рушди муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

Тадқиқоти мо махсус ба муноқишаи Арабу Исроил бахшида шудааст, ки то ҳол ҳалли худро наёфтааст. На ҳарду давлат, на Исроил ва на Фаластин, албатта, наметавонанд якдигарро комилан нест кунанд, гарчанде ки ин яке аз хунинтарин муноқишаҳои замони мост. Аммо пайдо кардани роҳҳале, ки манфиатҳои ҳарду ҷонибро қонеъ мекунад, низ осон нест [13, с.78].

Дар тӯли даҳсолаҳо, ки муноқишаи Ховари Миёна идома дошт, муносибатҳои кишварҳои арабӣ ва давлати Исроил ба як қисми сиёсати байналмилалӣ мубаддал гаштанд, мавзӯи баҳсҳои байни доктори илмҳои таърих, олимон, профессорҳо, сарони давлатҳо ва пешвоёни сиёсӣ.

Дар тӯли ин даҳсолаҳо, ҳар як миллате, ки дар муноқиша иштирок мекунад, рафтор ва ҷаҳонбинии худро ташаккул дод. Барои мардуми яҳудӣ, ин муҳофизати ночизи онҳост, аммо барои онҳо ин қадар муҳим аст. Ва онҳо кишварҳои арабро таҷовузгарони душманона меҳисобанд, ки мехоҳанд Исроилро бо тамоми қудрат аз харитаи ҷаҳон пок кунанд. Ва ин беасос нест, зеро агар ба рӯйхати гурӯҳҳои террористии мавҷуда рӯ орем, тақрибан ҳар сония вазифаи худ ва ҳадафи асосӣ мешуморад, ки миллати яҳудиро бо роҳи террор несту нобуд кунад ва давлати Исроилро аз чеҳраи Замин. Аксари намояндагони миллати араб истилогаронро дар мардуми яҳудӣ мебинанд, ки заминҳои онҳоро ғайриқонунӣ гирифтаанд. Ҷанҷоли Ховари Миёна намунаи он аст, ки чӣ гуна ихтилофот дар соҳаи сиёсӣ боиси барангехтани низоъҳои байни динҳо ва байни миллатҳо мегардад. Мавзӯи муҳими ин муноқиша мубориза барои таъсир дар байни давлатҳое буд, ки иштирокчиёни ғайримустақим мебошанд. Ҳар як кишвар бо роҳҳои гуногун кӯшиш мекунад, ки мавқеъҳои рақибони сиёсии худро дар Ховари Миёна суст кунад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки раванди ҳаллу фасл аз бисёр ҷиҳат ва аксар вақт вобастагӣ дорад ва ба иштирокчиёни асосии ин муноқиша ва ҳатто ба амалиётҳои низомӣ, балки ба иштирокчиёни ғайримустақим вобаста аст [14, с.79].

Дар айни замон, Федератсияи Русия дар арсаи байналмилалӣ қудрати кофӣ надорад, ки ба муноқишаи Шарқи Наздик таъсир расонад. Сабаб он аст, ки Федератсияи Русия ҳамон таъсири байналмилалиро надорад, ки СССР як вақтҳо дошт. Қаблан, Иттиҳоди Шӯравӣ метавонист ба равандҳои байналмилалӣ ва

рушди сиёсии минтақа ҳамон тавре ки Иёлоти Муттаҳида таъсирбахш бошад, таъсир расонад. Дар ин давра, Иёлоти Муттаҳида, мисли пештара, кӯшишҳои зиёдеро ба харҷ медиҳад, ки Русия ва кишварҳои Аврупо наметавонанд дар Шарқи Наздик мисли Иёлоти Муттаҳида таъсири пурқудрат дошта бошанд.

Албатта, Исроил барои Иёлоти Муттаҳида таваҷҷӯҳи хоса дорад. Иёлоти Муттаҳида давлати Исроилро ҳамчун як рукни сиёсати худ дар Шарқи Наздик, ки яккасардорӣ дар минтақа ҳукмфармост, мешуморад. Аммо Исроил инчунин ба чунин як шарики тавоно манфиатдор аст. Кист, агар Иёлоти Муттаҳида қодир бошад, ки ин давлати хурдро бо протекторат таъмин кунад ва онро бо иқтидори зарурии ҳарбӣ таъмин кунад.

Таърихи ин муқовимат муноқишаи байни ду халқ аст. Ва ҳар кадоми онҳо дар бораи заминаҳои рушди конфронтация ва роҳҳои ҳалли он нуқтаи назари худро доранд. Вақтҳои охир аксар вақт мушоҳида кардан мумкин аст, ки низоъ чӣ гуна шиддат гирифтааст. Ин натиҷаи сиёсати кӯтоҳандешонаи сарони давлатҳо ва дигар роҳбарон аст, ки дар ин вазъияти душвор охирин нестанд. Мутаассифона, маҳз ҳамин чиз ҳалли масъала ва ба даст овардани ризоиятро ба таъхир меандозад.

Дар даҳсолаҳои охир на як бору ду бор кӯшиши ба даст овардани созиш, тавассути мулоқотҳои расмии сиёсатмадорон, бо миёнаравии кишварҳои дигар карда шудааст. Барои ташкили муколама байни тарафҳои даргир бо роҳи бастани шартномаҳои расмӣ, ки муносибатҳои байни давлатҳои даргирро ба танзим медароранд, талошҳои зиёде ба харҷ доданд.

Дар кори тадқиқотӣ инчунин кӯшишҳои ҳалли низоъ баррасӣ карда шуданд. Шартномаҳо ва созишномаҳои махсусан муҳимро таҳлил карда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки сулҳи комил ҳанӯз хеле дур аст. Азбаски музокирот ҳамеша аз сабаби як қатор мушкилот ба вуҷуд омадааст, масалан, вақте ки як тараф ба гузаштҳои бесобиқа розӣ мешавад, вай бо раддия рӯ ба рӯ мешавад, ки ин аслан бо ҳеҷ чиз асоснок нест.

Ҳамин тариқ, аён мегардад, ки ташкили равандҳои гуфтушунид барои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор хеле душвор инкишоф меёбад. Дар ҳалли дипломатии муноқиша бинобар норозигӣ ва ошӯбҳои аҳолии Исроил ва Фаластин, инчунин бо таҳрирёбии ҳукумат дар ин иёлот зуд-зуд шикастҳо ба амал меоянд, зеро муноқиша зиёда аз даҳ сол боз идома дорад . Ҳалли бӯҳрони Шарқи Наздик бо роҳи беҳтарин имконпазир аст, агар ҳамаи иштирокчиёни он мустақим ва ғайримустақим рози бошанд. Ин натиҷаи мусоид рушди вазъ аз рӯи принсипи "ду давлат, ду халқ" мебуд. Дар ин ҳолат, ҳам давлати Исроил ва ҳам кишварҳои ғайримустақими иштирок дар муноқиша ҳуқуқи мавҷудияти давлати Фаластинро эътироф кунанд. Мо ҳамчун ҳамдин орзу дорем, ки ин низоъ ҳарчи зудтар ҳалли худашро ёбад ва мусулмонони «гуреза»-и Фаластини ба хонаҳояшон, яъне сарзамини аслии худашон бар гарданд [15, с. 27].

**АДАБИЁТ**


1. Энсиклопедияи бузурги яҳудї.(версияи электрони, иктибос аз сомонаи www.israilaad.com) . [с.3-4]
2. Иктибос аз эъломияи истиклолияти Исроил аз 14 маи соли 1948(версияи электрони www.google.ru) [с.119 – 120]
3. Газетаи «Правда». 20 июни соли 1948. ( версияи электрони аз сомонаи www.moscow.news.) . [ с.36-37]
4. Мачмуи катъномахои дар соли 1947 кабул шуда.( версияи электрони, сомонаи www.un.org) [ с.109-110]
5. 5. Вашингтон и арабо-израильская война 1973 года К. Белоусова Азия и Африка сегодня. 2009[с. 90-92]
6. Дипломатия. Арабо-израильский детонатор А. Кислов // Международная жизнь №9 2004-09-30 [с.78-79]
7. Кузнецов Д. В. —Арабо-израильский конфликт: История и современность[с.76-78]
8. Лебедева М. М. Политическое урегулирование конфликтов. [с.32-33]
9. Мирский Г. И. Ближневосточные потрясения и западный мир // Мировая экономика и международные отношения. - 2013 С. 43-45
10. О причинах провала планов решения арабо-израильского конфликта //Институт ближнего востока. – 2017. [ С. 43-44]
11. Кузнецов, 2006: с.78
12. Дипломатия Арабо-израильский детонатор А. Кислов Международная жизнь 9 2004 - 09 – 30 с. 68-76


**МУҲИММИЯТ ВА ХУСУСИЯТИ НИЗОЪИ АРАБУ ИСРОИЛ ВА РОҲИ ҲАЛЛИ ОН**

Муаллиф ба дурнамои ҳалли муноқишаи Фаластин ва Исроил ва таъсиси худи мухторияти Фаластин дахл кардааст. Ҳамин тариқ, Созишномаи Фаластин ва Исроил, ки соли 1993 дар Осло баста шуда буд, як ҳодисаи дорои аҳамияти таърихист , ки метавонад роҳи ҳалли сиёсии муноқишаи Шарқи Наздикро боз кунад. Аммо, Созишнома бо тамоми аҳамияти худ хусусияти

мобайни дорад. Заминаи ин масъала ва руйдодҳои ахир нишон медиҳад, ки барои ҳалли пурраи муноқишаи Шарқи Наздик ҳануз роҳи дарозе ҳаст. Сулҳ як масъалаи тулони ва мураккаб аст . Ин кушишҳои ҳарруза , ҳар як дақиқа муборизаро талаб мекунад. Сулҳи рузи 13- уми сентябр имзошуда , албатта нокомил нопурра аст , аммо онро бояд чунин қабул кард, агар он танҳо мустаҳкам карда шавад . Имзои ин созишномаҳои сулҳ барои тамоми кишварҳои Араб ва Исроил такони бузургест. Ҳам арабҳо ва ҳам Яҳудиён аз ҷанг хаста шудааанд. Мо гуфта метавонем ки ҳарду халқ ҳамеша дар сарзамини деринаи Фаластин зиндаги хоҳанд кард ва дар ниҳоят онҳо бояд ба навъе рози шаванд. Муколамаи таърихан ногузир танҳо барои муддате мавқуф гузошта шудааст.

**Калидвожаҳо:** вазъ ва истиқрор, низоъ, фонди умумӣ, ҷаҳони ислом, ҷамияти бенизоъ, таҳлили низоъ, қудрати сиёсӣ, миллатгароёни араб, таълимоти сахюнистии яҳудиён, сиёсати ноҳамвор

**ВАЖНОСТЬ И ХАРАКТЕРИСТИКИ АРАБСКО-ИЗРАИЛЬСКОГО КОНФЛИКТА И ПУТИ ЕГО РЕШЕНИЯ**

Автор обсуждает перспективы разрешения палестино-израильского конфликта и само создание палестинской автономии. Таким образом, палестино-израильское соглашение, подписанное в Осло в 1993 году, является историческим событием, которое может проложить путь к политическому урегулированию ближневосточного конфликта. Однако Соглашение по всей своей значимости носит промежуточный характер. Контекст этой проблемы и недавние события показывают, что до полного урегулирования ближневосточного конфликта еще предстоит пройти долгий путь. Мир – это долгий и сложный вопрос. Это требует ежедневных усилий, каждой минуты борьбы. Мирное соглашение, подписанное 13 сентября, конечно, неполное, но его нужно принять как таковое, если его можно только укрепить. Подписание этих мирных соглашений является большим импульсом для всех арабских и израильских стран. И арабы, и евреи устали от войны. Можно сказать, что оба народа всегда будут жить на древней земле Палестины, и в конце концов они должны как-то договориться. Исторически неизбежный диалог отложен лишь на время.

**Ключевые слова:** ситуация и стабильность, конфликт, общий фонд, исламский мир, бесконфликтное общество, анализ конфликта, политическая власть, арабские националисты, сионистская доктрина евреев, грубая политика.

**THE IMPORTANCE AND CHARACTERISTICS OF THE ARAB-ISRAELI CONFLICT AND WAYS TO RESOLVE IT**

The author discusses the prospects for resolving the Palestinian-Israeli conflict and the creation of the Palestinian Authority itself. Thus, the Palestinian-Israeli agreement signed in Oslo in 1993 is a historic event that can pave the way for a political settlement of the Middle East conflict. However, the Agreement, for all its significance, is of an interim nature. The context of this problem and recent events show that there is still a long way to go before a full settlement of the Middle East conflict. Peace is a long and complicated question. It requires daily effort, every minute of struggle. The peace agreement signed on September 13 is, of course, incomplete, but it must be accepted as such if it can only be strengthened. The signing of these peace agreements is a great impetus for all Arab and Israeli countries. Both Arabs and Jews are tired of the war. It can be said that the two peoples will always live in the ancient land of Palestine, and in the end they must somehow agree. The historically inevitable dialogue is only temporarily postponed.

**Keywords:** situation and stability, conflict, common fund, Islamic world, conflict-free society, conflict analysis, political power, Arab nationalists, Zionist doctrine of the Jews, rough politics.

**Сведения об авторе:** ***Саиднуриддини Шарифзод*** – магистр второго курса кафедры Международных Отношений Таджикского Национального Университета. Тел: **+992 900 90 97 09**. E-mail:**saidnuriddinisharifzod@gmail.com**

**Information about the author:** ***Saidnuriddini Sharifzod*** – second-year Master of the Department of International Relations of the Tajik National University. Tel: **+992 900 90 97 09**. E-mail: **saidnuriddinisharifzod@gmail.com**

# ИНЪИКОСИ ФУТУҲОТИ ДАВЛАТИ ҲУЛОГӮИЁН-ЭЛХОНИЁНИ ЭРОН ДАР «ҶОМЕЪУ-Т-ТАВОРИХ»- И РАШИДУДДИНИ ФАЗЛУЛЛОҲ

***Рачабова Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таърихнигори машҳур ва ходими сиёсии давлати Элхониён Рашидуддин Фазлуллоҳ буд. Ӯ дар ибтидо ҳамчун табиб ба дарбори Элхониён кашида шуд ва баъдан то мансаби вазирӣ расид. Аз ӯ китобҳои зиёде мондааст, ки бузургтарини онон “Ҷомеъу-т-таворих”-ро донистаанд. Вай ин асарро бо супориши Ғозонхон дар тӯли солҳои 1300-1312 навишта буд. Рашидуддин дар миёни муаррихони исломӣ аввалин нафаре буд, ки ба сапти таърихи қабилаҳои муғулӣ шурӯъ кард. Элхон Ғозонхон мехост, ки ба воситаи Рашидуддин таърихи олу авлоди худро дар ҷаҳон мунташир созад ва сохт.

Таъсиси давлати Ҳулогӯиён дар Эронзамин ҳангоме сурат гирифт, ки импераи муғул аз ҷанубу ғарб устувор набуд. Баъди ба сари тахт нишастани

Мунгкақоон ба идоракунии давлат машғул шуд. Ӯ ҳамаи мулкҳое, ки дар ҳайати империяи муғул буда, элчӣ фиристода аз вазъияти онҳо огоҳ гашт. Маълум гашт, ки баъзе аз сарзаминҳо ҳоло ҳам дар зери таъсиси муғул қарор надоранд, ҳар чанд Чингизхон ин минтақаро запт намуда бошад. Аммо дар қисмат Эронзамин исмоилиёни Аламут ва хилофати Бағдод ва ғайра вуҷуд дошт, ки ҳар лаҳза хатари мустақил гаштани ин минтақаро ба вуқӯъ оварад. Муаллифи асари "Табақоти Носирӣ" Қозӣ Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ дар осораш чунин менависад: "Ҳулогӯхон бародари Мунгкақоон аст ва писари Тулуй бини Чингизхон буд. Чун Чингизхон аз оби Ҷайҳун убур карда ба тарафи Хуросон омада, Тулуйро ба тарафи Нишопур, Ҳирот, Марв фиристод. Он шаҳрҳоро ҳам Тулуй бигирифт ва хароб кард. Тулуй аз Хуросон ба тарафи Туркистон бозрафта даргузашт ва аз вай чаҳор писар монд. Мунгкақоон сари тахти муғул нишаста Ҳулагӯро барои забти Эрону аҷам фиристонда ва он мамоликро ба он дод (1).

Яъне Мунгкақоон худ ба идоракунии давлати муғул машғул шуда, бародарони худро ҳокими вилоятҳои ҳудуди империяи муғул намуд. Ӯ бародараш Қубилоқоонро номзади вилояти мамолики шарқии Хитой, Мочӣ ва баъзе аз қисматҳои Ҳиндустон, ки ба Хитой наздик аст гардонид. Ҳулогӯхонро ҷиҳати вилояти ғарбии Эронзамин ва Шом, Миср, Рум, Арман таъин гардонид ва дигар минтақаҳои ҳудуди империяи муғулро ҳамингуна тақсим намуда, онҳоро лашкар дод ва ба он минтақаҳо равон намуд. Ҳулогӯхонро бо лашкари шумораш то 120000 нафар ба Эронзамин фиристод. Ҳулогӯхон бо мақсади нобуд намудани маркази исломӣ ва идораи ин дин ба ин сарзамин рафт. Ӯ бештари лашкариёнашро аз пайравони дини масеҳӣ тартиб дод то ки тавонад ин минтақаи исломиро ба осонӣ запт намояд.

Муҳаққиқ ва таърихнависи ин давра Рашидуддин дар китоби "Ҷомеъу-т-таъорих"-и худ менависад, ки қабл аз сафар " Мунгкақоон аз рӯи ишфоқи бародарона Ҳулогӯхонро насиҳат фарумуд ва гуфт: Туро бо лашкаре гарон ва сипоҳе бепоён аз марзи Турон ба кишвари Эрон мебояд рафт... Ва русуми қоидаю қонуни Чингизхонро дар куллиёту ҷузвиёти умур иқомат кун ва аз Ҷайҳуни Омуя то ақсои билоди Миср ҳар ки авомиру навоҳии туро мунқоду муте гардад, ӯро бинвоз... ва он ки гарданкашиву сарфарозӣ кунад, ӯро бо зану фарзанд ва хешу пайванд дар дасти поймоли қаҳру хорӣ гузор ва аз Кӯҳистон ва аз Хуросон оғоз карда қилоъу ҳисорҳоро хароб кун! Ва мамлакати эгиёнро ба қуввати Худои бузург бигушоӣ, то елоқу қишлоқи шумо бисёр гардад. Ва дар умуми қазое бо Дукузҳотун машварат... кун!"(5).

Ба ин Дукузҳотун зани Ҳулогӯхон ва аз ҷумлаи масеҳимазҳабон буд ва модари Ҳулогӯхонро низ аз пайравони ин мазҳаб гуфтанд. Ба ин таъкидоти Мунгкақоон бад-он хотир буд ки Ҳулогӯхон чун Угидой таваҷҷӯҳу раҳмдилӣ бар исломиён накунад, то бар онон зафар ёбад.

Ҳулогӯхон ба мисли Чингизхон бо як ҳайбату ҳашамат соли 1254 ба Эронзамин равон гашт. Ӯ баъзе аз қушуни худро бо сарварии Китбуқо пештар аз худ равон намуда худ бо оҳистагӣ мерафт. Ҳуҷуми Ҳулогӯхон аз Чингизхон бо он фарқ мекард, ки ӯ бе муқобилату хунрезӣ ба шаҳрҳо ворид мегардид. Чунки халқҳои ин минтақа турку тоҷик медонистанд, ки ҳеҷ қуввае нест, ки ба лашкари хунхории муғул истодагӣ намояд. Ҳокимони шаҳр худ таслим гашта ба бандагии Ҳулогӯхон медаромаданд. Аммо Ҳулогӯхон баъзе аз ин минтақаҳоро бо як ваҳшоният хароб мегардонид.

Ҳулогӯхон соли 1255 ба Самарқанд расид ва соли 1256 аз дарёи Ому гузашта ба ҳудуди Хуросон расид. Ҳукумрони ин минтақа Арғунқо Алоуддин Атомалики Ҷувайниро ба хидмати Ҳулогӯхон гузашт. Ҳарчанд ҳокимони маҳалаҳои аз Мовароуннаҳр гирифта то ба форс ба итоати Ҳулогӯхон розигӣ дода бошанд, аммо якчанд тоҷикони кӯҳистонӣ, ки дар қалъҳои дастнораси Хуросону Мозандорон бар лашкари муғул истодагӣ намуда, ба қатл расиданд.

Иддае аз донишмандону сиёсатмадорони ботадбири тоҷик ба мисли Насруддини Тӯсӣ, малик Шамсуддини Курт Раисуддавла Ҳамадонии Табиб, Муваффақуддавла ва дигарон аз роҳбарони исмоилияи Аламут илтимос карданд ки бо Ҳулогӯхон муқобалат нашаванд зеро оқибати он боз як қатли омми дигар хоҳад буд. Пас Рукнуддини Ҳуршоҳ охирин ҳукумрони давати исмоилия ба хотири бехатарии мардуми кишвараш ба шартҳои Ҳулогӯхон розӣ шуда қалъаҳои муҷаалу мустаҳками давлаташро ба дасти худ вайрон кард ва ба назди Ҳулогӯхон омад. Чунонки калиди аҳдшиканӣ дар табиати чингизиён одати хунӣ буд. Хурошоҳу авлоди ӯро билкул ба қатл оварданд ва бори дигар боэътибории лафзи

худро дар назди оламиён мунташир сохтанд. Баъд аз ин Ҳулогӯхон рӯ ба сӯи БаҒдод ниҳод. Ҳар қадар ки ба халифа Мустаъсим расулон фиристод ва таклифи итоат кард, мақбул наяфтод, зеро медонист, ки муҒулон ба ҳеҷ рушёнӣ бовар нестанд. Дигар ин ки халифа дар ихтиёри худ қушӯни 60 000-нафара дошт ва бар он буд ки алайҳи муҒулон истодагарӣ карда метавонад. Дар охири моҳи январи соли 1258 муҳосираи БаҒдод оҒоз ёфт баъд аз 10-12 рӯз, яъне 10-уми феврал халифа таслим шуд(2).

Рашидуддин менависад: “Ҳулагӯхон шабонгоҳ ба урду омад ва бомдод фармуд то Сунақ ба шаҳр рафт ва амволи халифаро забт кард ва берун фиристод. Бар ҷумла он чи аз шашсад сол ҷамъ карда буданд, тамомат перомуни қирёс кӯҳ-кӯҳ, барҳам ниҳоданд. Ва бештари мавозеи тарифа чун ҷомеъи халифа ва машҳади Мӯсо Ҷавод (ъ) ва турбатҳои русофа сӯхта шуд...”(5).

Ҳулогӯхон ҳамаи аъзои хонаводаи Аббосиро ба қатл расонид. Бо ҳамин ҳукумронии хилофати Аббосӣ аз байн рафта, дигар давлате дар Эронзамин намонд, ки барои ҳукумронии муҒул монеъ шавад. Сипас Ҳулогӯхон ба тарафи ҒарБ лашкар кашида, Арон, ал-Ҷазира, Димишқ, Ҳалаб, Диёрбакр, Маёфорикин, Мавсил ва дигар шаҳру навоҳии Ироқу Шомро ишҒол намуд.

Баъд аз фатҳ минтақаҳоли Эронзамин ва мамлакатҳои ҒарБӣ Ҳулогӯхон барои худ ва авлоду аждодаш давлати нав бо номи Ҳулогӯиён (1256-1353) ташкил намуд. Ин давлат дар таърих ҳамчун ҳукумронии “элхонон”, яъне тобеи хони бузурги муҒулистон эълон дошт. Ва хони бузург низ ба воситаи ҳукми хеш дар соли 1261 давлати Элхониёнро ба расмият даровард. Ҳудуди идораи онон аз нигоҳи имрӯз иборат аз манотиқи зайл буд: Эрон , АфҒонистон, Ироқ, Озарбоҷон, Арманистон, қисматҳои шарқии Осиёи СаҒир ва ба сифати давлатҳои нимтобеъ, Гурҷистон қисматҳои Осиёии салтанати Салчуқиёни Рум, Сурия ва Кипр.

Ҳулогӯхон дар ОлтоҒ барои худ сарой сохт ва ба иморати бутхонаҳо шурӯъ намуда, чандин бутхона сохт. Ӯ ба идоракунии мамлакат тартиби лашкар ва ба қисматҳо давлатро ҷудо намуда фарзандони худро ҳокими минтақаҳои забтнамудааш гардонд. Ҳулогӯхон дар идоракунии давлаташ аз донишмандони Эронзамин, ки онҳоро вазири худ таъин намуд, истифода менамуд. Чунки сохти сиёсиу иҷтимои Эронзаминро бе онҳо идора кардан барои муҒулон душвор буд. Аввалин вазири ӯ Сайфуддини ХоразмӣБ (1256-1262) буд. Ӯ сохтори давлатро ба як низому тартиб дароварда ба ҳукумронии Ҳулогӯхон кӯмак расонид. Аммо аз тарафи душманони ҳасуди дарборӣ кӯшта шуда ба ҷойи ӯ Шамсуддин Муҳаммади Ҷувайнӣ вазир таъин гашт. Дар давраи вазирии ӯ Ҳулогӯхон соли 1265 вафот намуда ба сари тахт писараш Абоқохон (1265-1282) нишаст. Дар давраи ҳукумронии вазирон тоҷик тавонистанд ки вайронкориҳое, ки муҒулон анҷом дода буданд то қадри имкон обод намоянд, боҷу хироҷро тариқи девонҳои давлатӣ кам гардонд ва рӯшди илму дониш таъмини мадорикро равнақ доданд.

Рашидуддин менависад, ки Абоқохон баъди сари тахт нишастан ба идоракунии давлат машҒул шуда, ҳар якеро ба мансабҳо таъин намуд. “Ва мансаби вазоратро барқарор ва қоидаи собиқ ба соҳиб Шамсуддини Муҳаммади Ҷувайнӣ арзон дошт... Ва қариб сад донишманди муътабар ки аз тилломизаи устодул башар Хоҷа Насруддини Тусӣ, ки мулозим дар кор буданд инъоми ом баҳраманд гардиданд.”(5)

Баъди марги Абоқохон писараш Аҳмади Тагудор (1282-1284) ба тахти Элхонон нишаст. Ҳукумронии Аҳмад дер давом накард, чун ӯ аз дини будпарастӣ ба қабули ислом рӯ овард. Ин рафтори ӯ ба муҒулон писанд наомад. Ва дигар коре ки ӯ анҷом дод Шайх Камолддин Абдураҳмони Рофеиро дар тамоми мамлакати Элхонон шайхулислом таъин намуда, ҳукми ӯро бузург донист.

Дар бораи Аҳмади Тагудор Рашидуддин чунин менависад. “Ва ӯро бар тахт нишонданд ва бар шевае, ки муқадоти муҒул аст маросими шодмонӣ ва таҳнИят ба тақдим расониданд. Ва чун даъвои мусулмонӣ мекард ӯро султони Аҳмад хонданд”(5). МуҒуло зери роҳбарии АрҒӯнхон гирд омада Аҳмадро ба қатл расониданд ва бар сари тахт АрҒӯнхон (1284-1291) нишаст. Баъди марги АрҒӯнхон ҒайхотунхонБ (1291-1295) ба тахти подшоҳӣ нишаст. Дар даври ӯ мақоми вазирони маҳалӣ ниҳояд баланд гашт, ки Хоҷа Садриддин Аҳмад Ҳолиди занҷириро соҳибдевони кулли мамлакаташ таъин кард ва лақаби Садриҷаҳон бар ӯ дод. Ин кори ӯ дар замони ҳукумронии муҒул бори аввал буд. Баъди он дар таърихи давлатдории Ҳулогӯиён давраи ҳукуронии мутлақи хонҳои мусулмонмазҳаби дар доираи усули худашон бидуни итоат ба хони бузурги МуҒулистон шурӯъ шуд.

ДигаргуниИ бузурги фарҳагӣ ба ислом ҷалб гаштани хону ашрофи муҒул мебошад. Агар дар ибтидо баъзе аз сарварони муҒул ба дини масеҳӣ майл кунанд,

дар охири асри XIII ва ибтидои асри XIV хонҳои муғул ба шарафи қабули ислом муясар мегаштанд. Намунаи ин амалро, ки барои тоҷикони Хуросон аз аҳамияти хос бархурдор буд, мо дар симои элхонҳо Тагудор Аҳмад ва Ғозонхон дида метавонем.(5)

И. П. Петрушевский ҳукумронии Элхониёнро ба самтҳо тақсим намуда, самти аввалро асосан муғулҳо ва қисман ашрофони ҳарбии туркман дастгирӣ мекарданд. Онҳо душмани ҳаёти муқаррарӣ, кишоварзӣ ва шаҳрҳо, тарафдорони истисмори табақаҳои поёнии шаҳр буданд. Онҳо ба худ ҳамчун як урдугоҳи низомӣ дар як кишвари душман менигаристанд. Тарафдорони ин сиёсат дар бораи комилан хароб кардани деҳқонони муқимӣ парвое надоштанд ва онҳо ба ҳифзи он манфиатдор набуданд. Заминҳоро ба чарогоҳи бодиянишинон табдил медоданд. Намояндагони самти аввал худи Чингизхон, Чағатой, Гуюкхон, аввалин Элхониёни Ҳулогӯиён (ба истиснои Токудар Аҳмад) сарфи назар аз тағирёбии сиёсатҳои худ, одатан ба самти аввал майл мекарданд.

Самти дуввум таъсиси як давлати пурқудрати мутамарказро бо қудрати хони пурқувват дар назар дошта, ҳаёти шаҳрнишиниро тарафдорӣ намуда, баро кишоварзии кишварҳои забтшударо барқарор кардан ва кам кардани андозҳо ва боҷҳои деҳқонон ва аҳолии шаҳр кӯшиш мекарданд(3).

Муҳаррики асосии ин ғалаба ғолибан ашрофон, рӯҳониёни исломии тоҷик ва нафарони муғулии ба эшон пайравӣ кунанда буданд. Ва онон тавонистан, ки яке аз шоҳзодагони муғулиро ба худ моил сохта ба мақсади ниҳоии худ бирасанд. Ин нафар Ғозонхон набераи Абоқохон буд. Ғозонхон (1294-1304) баъди ба сари тахт омадан, дар ҳаёти мамалакат дигаргуниҳои азим сурат гирифт. Аввал ин, ки рӯҳияи бошандагони бумии Эронзамин тамоман дигар шуда, онҳо ба тахт нишастани Ғозонхонро як навъи ғалаба медонистанд. Ба қавли Рашиддидин: “Ҷаҳону ҷаҳониён ба иззи маъдалати подшоҳи ислом ва миёни инсофи ӯ ороиши бо низом ва осоиши тамом ёфтанд, дуру наздик ва турку тоҷикзабон ба дуои давлати рӯзафзун бикушоданд ва шукрона ончунон мавҳибати азимро садақоти беандоза доданд ва ҳодифи иқбол аз варои пардаи ғайб овоз баркашида ва гуфт:

Мулки олам мудате бе шоҳу сарвар монда буд ,
Омад акнун ба сараш зебою дархур подшоҳ.”(5).

Дар давраи ҳукумронии ӯ дар доираи идоракунии давлат ислоҳот гузаронида шуд, ки тамоми сохторҳои давлатиро ба як тартибу низом дароварда дар ҳайёти мардуми заҳматкаш дигаргунии куллӣ ба амал омад. Харобиҳое, ки муғулон дар натиҷаи запткориҳояшон анҷом дода буданд барқарор карда шуд. Шаҳрҳо обод гардид, адозҳо кам карада шуд, барои ободонии шаҳр шароит муҳайё намуд. Худсариҳои муғулонро комилан аз байн бурд.

**АДАБИЁТ**


1. Қозӣ Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ , «Табақоти Носирӣ»
1. Нӯъмон Неъматов, Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ, Абдулло Мирбобоев, Ҳайдаршоҳ Пирумшоев., Таърихи халқи тоҷик, “Ношир” Хуҷанд-2008
2. Петрушевский И. П. Землевладение и аграрные отношения в Иране XIII—XIV веков. М.-Л.: Издательство Академии наук СССР, 1960. - 494
3. Рашид-ад-дин. Сборник летописей.// Том I, кн. 1. М.-Л.: 1952.
4. Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. Ҷомеъу-т-таворих. Ба тасҳеҳ ватахияи Муҳаммад Равшан, Муставфии Мусавӣ. - Техрон. 1373.
5. Ҳотамов Н., Давлатхоҷа Д., Муллоҷонов С., Исоматов М., Таърихи халқи тоҷик, - Душанбе 2011


**ИНЪИКОСИ ФУТУҲОТИ ДАВЛАТИ ҲУЛОГӮИЁН-ЭЛХОНИЁНИ ЭРОН ДАР «ҶОМЕЪУ-Т-ТАВОРИХ»- И РАШИДУДДИНИ ФАЗЛУЛЛОҲ**


Таъсиси давлати Ҳулогӯиён дар Эронзамин ҳангоме сурат гирифт, ки импераи муғул аз ҷанубу ғарб устувор набуд. Баъди ба сари тахт нишастани Мунгкақоон ба идоракунии давлат машғул шуд. Ӯ ҳамаи мулкҳое, ки дар ҳайати империяи муғул буда, элчӣ фиристода аз вазъияти онҳо огоҳ гашт. Маълум гашт, ки баъзе аз сарзамин ҳоло ҳам дар зери таъсиси муғул қарор надоранд, ҳар чанд Чингизхон ин минтақаро запт намуда бошад. Яъне Мунгкақоон худ ба идоракунии давлати муғул машғӯл шуда бародарони худро ҳокими вилоятҳои ҳудуди империяи муғул намуд. Ҳулогӯхонро ҷиҳати вилояти ғарбии Эронзамин ва Шом, Миср, Рум, Арман таъин гардонид ва дигар минтақаҳои ҳудуди империяи муғулро ҳамингуна тақсим намуда, онҳоро лашкар дод ва ба он минтақаҳо равон намуд. Баъд аз фатҳ минтақаҳоли Эронзамин ва мамлакатҳои ғарбӣ Ҳулогӯхон барои худ ва авлоду аждодаш давлати нав бо номи Ҳулогӯиён (1256-1353) ташкил намуд. Ин давлат дар таърих ҳамчун ҳукумронии “элхониён”, яъне тобеи хони бузурги муғулистон эълон дошт.



**Калидвожаҳо:** Ҳулогӯхон, Элхониён, муғул, Эронзамин, Мунгкақоон, Ғозонхон, Рашидуддин.

**ОСВЕЩЕНИЕ БУДУЩЕГО ГОСУДАРСТВА ХУЛАГУ-ЭЛЬХАНИДОВ В ИРАНЕ В "ДЖАМЕУ-Т-ТАВРИХ" РАШИД АД-ДИНА ФАЗЛУЛЛЫ**

Создание государства Хулагу в Иране произошло в то время, когда Монгольская империя была нестабильной с юго-запада. После восшествия на престол Мунгки он принял правительство. Он послал посланника во все поместья Монгольской империи и осведомился об их состоянии. Оказалось, что некоторые земли все еще не находились под властью монголов, хотя Чингисхан завоевал их. Другими словами, сами мунгкаканы управляли монгольским государством и сделали своих братьев правителями провинций Монгольской империи. Он назначил хулагу для западных провинций Ирана и Дамаска, Египта, Рима и Армана, и таким же образом разделил остальную территорию Монгольской империи, послав к ним войска и отправив их туда. После завоевания регион Ирана и западные страны Хулагу основали новое государство для него самого и его потомков, Хулагу (1256–1353). Это государство исторически провозглашалось доминированием «эльханов», то есть подданных великой монгольской династии.

**Ключевые слова:** Хулагу-хан, Эльханон, Монгол, Эронзамин, Мунгкакон, Гозонхан, Рашидуддин.

**COVERAGE OF THE FUTURES OF THE HULAGU-ELKHAN STATE OF IRAN IN RASHID AL-DIN FAZLULLAH'S JAMI'U-T-TAWRIH**

The establishment of the Hulagu state in Iran took place at a time when the Mongol Empire was unstable from the south-west. After Mungka's accession to the throne, he took over the government. He sent an envoy to all the estates of the Mongol Empire and inquired about their condition. It turned out that some lands were still not under Mongol rule, although Genghis Khan had conquered the area. In other words, the Mungkakans themselves ruled the Mongol state and made their brothers governors of the provinces of the Mongol Empire. He appointed the Hulagu for the western provinces of Iran and Damascus, Egypt, Rome, and Arman, and divided the rest of the territory of the Mongol Empire in the same way, sending troops to them and sending them there. After the conquest, the Hulagu Khans of Iran and the West established a new state for themselves and their descendants, the Hulagu Khan (1256-1353). This state has historically been proclaimed to be the domination of the “Elkhans,” that is, the subjects of the great Mongol dynasty.

**Keywords:** Hulagu Khan, Elkhanon, Mongol, Eronzamin, Mungkakon, Gozonkhan, Rashiduddin.

**Сведения об авторе:** ***Раджабова Шоира*** **–** магистр второго курса исторического факультета Таджикского национального университета. shoira – 5@mail.ru Tel: **988 19 07 92.**

**Information about the author:** ***Rajabova Shoira*** – second-year Master of History at the Faculty of History of the Tajik National University. shoira – 5@mail.ru Tel: **988 19 07 92.**

## ФАЛСАФА – ФИЛОСОФИЯ – PHYLOSOPHY

# СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ОМИЛИ ЗАМИНАИ ОМОДА НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ КАСБӢ

***Баҳромбеков В.А., Суфиев И.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дарёфти роҳу усулҳои муосири таҳсилот ва ба меъёрҳои таҳсилоти ҷаҳонӣ мутобиқ намудани он, тайёр намудани мутахассисони ба бозори меҳнат ҷавобгӯ яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи ҷомеа мебошад. Рушди таҳсилоти босифат, мақсаднок ва дурбинонаи таҳсилот ояндаи нек ва солими ҳар як халқу миллат ба шумор меравад. Аз ин рӯ, рушду нумӯъ ва ояндаи ҳар як мамлакатро бидуни таҳсилот ва маориф тасаввур кардан мумкин нест, зеро нақши таҳсилоти босифат дар соҳибкасб намудани ҷавонон ҳалкунанда мебошад. Ҳаллу фасли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа, пеш аз ҳама, ба вазъи маориф, ҳолати фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёна, колеҷу литсейҳо ва макотиби олӣ, сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимию тарбиявии ҳамаи зинаҳо, таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо лавозимотҳои зарурӣ ва мутахассисони соҳавӣ, сифатан тайёр намудани мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазир ва амсоли инҳо вобастагии калон дорад.

Дар ҷаҳони муосири босуръат тараққиёбандаи илм ва техналогия барои инкишофи соҳаи маориф ва илм, ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани низоми таълимоти муосир бо истифода аз технологияҳои таълимӣ, усулҳои инноватсионии таълим ва муҳайё сохтани фазои ягонаи иттилоотӣ, заминаи рушди институти иҷтимоии маориф мебошад. Маориф яке аз соҳаҳои муҳими ҷомеаи инсонӣ ва давлат ба шумор рафта, пешрафти давлат аз ин ҷода сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, аз даврахои қадим то ба имрӯз дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон баҳри дарёфти мутахассисони болаёқат рӯ ба соҳаи маориф оварда, ба он аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд. Ҷанбаи муҳими раванди иҷтимоишавии фардҳо ин маориф аст, ки «вазифаи он таълиму тарбияи системаноки аъзоёни ҷомеа баҳри азхудкунии донишҳои муайян, арзишҳои ғоявӣ – маънавӣ, қобилият, малакаҳо, меъёрҳои рафтор мебошад, ки мазмуни онҳоро низоми иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа, сатҳи рушди моддӣ техникии он муайян месозад» [2, с.12].

Ҳар як шахс таҳсилоти худро аз мактаб оғоз намуда, дар литсейюу коллеҷҳо ва мактабҳои олӣ идома медиҳад. Дар раванди таҳсилот инсон ба шахси мукаммал табдил ёфта, донишҳоро аз худ намуда, раванди иҷтимоишавиро аз сар мегузаронад. Аз ин рӯ, низоми босифати таҳсилот ҳам дар муассаҳои миёнаи умумӣ ва ҳам дар мактабҳои олӣ хеле муҳим мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки дар вохӯрӣ бо намояндагони зиёиёни мамлакат 18 марти соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар таъкид намуданд: «Рушди ҳамаҷонибаи соҳаи маориф ва тандурустӣ омили асосии пешрафти ҷомеа, баланд шудани сатҳи дониш, маърифат ва солимии мардум мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо мо наметавонем дар радифи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ҷой ёфта, амнияти ҷомеа ва арзишҳои фарҳангии худро пуштибонӣ намоем» [3, с.12]. Дар ин радиф Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар шудани сифати таҳсилот дар донишгоҳҳо низоми бисёрзинагии таҳсилот ва технологияи кредитиро ҷорӣ намуданд ва ба хулосе омаданд, ки ин низоми таҳсилот ҷавобгӯи стандартҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Баҳри муҳайё сохтани фазои таҳсилоти босифат ва солим дар соҳаи маориф ва илм, баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои назаррас пайгирӣ карда шуданд, маҷмуи қонунҳо ва санадҳои меъёри ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ба монанди: “Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи давлати рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025”, “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022” ва ғайра, ки бевосита дар системаи маориф ва илм муносибатҳои сифатан навро ба миён овард. Соҳаи маорифи ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди мушкилӣ дар солҳои аввали соҳибдавлатӣ доимо таҳти

назорат ва ғамхории ҳукумати кишвар буд ва то ба имрӯз қарор дорад. Мувофиқи моддаи 41-и Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, ки “ҳар шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълим ва такмили ихтисос дар истеҳсолот таҳсилоти кӯтоҳмуддат: расмӣ, ғайрирасмӣ ва худомӯзӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад. Шаклҳои дигари таълимро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад” [7, с.2]. Муқаррароти “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, дарозмуҳлат буда, иҷроиши он бунёди низоми самараноки маориф аст, ки имконияти фарогир ва баробарро барои инкишофи қобилият, рушди зеҳнӣ, таъмини шуғл ва беҳтар намудани некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё месозад. Низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз нигоҳи иқтисодӣ устувор бошад ва ба стандартҳои низоми таҳсилоти пешрафтаи ҷаҳонӣ ва низоми байналмилалии арзёбӣ сифатан мувофиқат кунад. Ҳамаи ин барои ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид шудани низоми маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим аст. Дар баробари ба эътидол омадани вазъи ҷомеа соҳаи маорифи кишвар рӯ ба ҷаҳонишавӣ ниҳод ва сол то сол рушд менамояд. Инчунин, марҳила ба марҳила ҳуҷҷатҳое қабул гардиданд, ки соҳаи маорифро ба роҳи нав ва диду мазмуни нав ворид сохт, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Оид ба таҳсилоти олӣ ва баъди мактабҳои олӣ», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Амрҳои саривақтии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунии демократишавӣ рушд менамояд. Албатта, натиҷаҳои таълим дар ҷомеа ҳамон вақт судманд мегардад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ вазифаҳои ба зимма доштаашонро саривақт ва босифат иҷро намоянд. Сиёсати мавҷудаи таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди муассисаҳои таълимӣ низ вазифаи муҳим гузошта, онҳоро ба роҳи сифатан нави таълим ворид намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маориф доимо такягоҳи давлат ва тарғибгари наслҳои навини он ба ҳисоб меравад. Муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ дар шароити соҳибистиқлолии кишвар, ҳамчун қисми таркибии ҷомеа амал карда, вазифаҳои худро иҷро менамоянд. Маҳз ҳисси масъулиятшиносӣ, ватанпарварӣ ва касбии кормандони сохторҳои гуногун ва муассисаҳои таълимӣ буд, ки дар марҳилаҳои барои миллат душвор онҳо барои бесавод намондани насли наврас, аз таълиму тарбияи канорҷӯйӣ накарданд. Баръакс атрофи ҳукумати қонунии кишвар муттаҳид гардида нагузоштанд, ки муассисаҳои таълимӣ аз фаъолият бозмонанд. Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки мактаби тоҷик имрӯз такягоҳи асосӣ ва ҷонибдори ҳукумати кишвар мебошад.

Барои беҳтар намудани сифати таълим ва тарбия маориф ҳамчун қисми таркибии ҷомеа ҳамеша бо давлат ва волидон ҳамкорӣ намуда, дар ин замина 2-юми августи соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд»-ро қабул намуд, ки иҷроиши ин қонун масъулияти волидонро зиёд намуда, имконият фароҳам овард, ки онҳо дар якҷоягӣ фаъолият намуда, аз натиҷаи фаъолияти таълим ва тарбияи фарзандҳояшон хабардор бошанд. Ба ҳамагон маълум аст, ки риоя ва иҷрои нишондодҳои стандарти таълимӣ аз тарафи давлат ҳаматарафа талаб карда мешавад. Баҳри ба амал баровардани ҳадафҳои асосии стандарти таълимӣ муассисаҳои таълимӣ, муаллим ва волидон нақши барзиёд доранд.

Дар амал татбиқ намудани қисматҳои стандарти таълимӣ харҷи маблағи зиёдро талаб менамояд, ки он ҷалби маблағҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавиро тақозо дорад. Мушоҳида ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки айни замон барои амалӣ гаштани талаботҳои стандартҳои таълимӣ маблағузорӣ кам аст ва он талаботи системаи маорифро қонеъ карда наметавонад.

Таҳсилот воситаи асосии инкишофи ҳаматарафаи одам буда, барои баланд бардоштани дараҷаи ахлоқии ҷомеа низ нақши муассир мебозад. Бахусус, дар ҷомеи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол ба роҳ мондани ин вазифаи таърихии маориф хеле зарур ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи таъсиррасонии таҳсилотро дар дигаргунсозии ҷомеа хуб дарк намуда, ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Аз ҷумла, сарвари кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли зиёии мамлакат чунин гуфта буд: «Низоми маориф яке аз муҳимтарин низомҳои замони мост. То даме, ки дар сохтори таҳсилот

тағйироти куллӣ ба амал наояд, мо дар рушди фарҳанг ва маориф ба дараҷаи дилхоҳ расида наметавонем. Ҷавҳари асосии фарҳанг маориф ва дониш аст» [5, с.9].

Дар ҳақиқат дониш ва шахси донишманд меҳвари асосии рушду нумуи ҳар як давлату миллат ба ҳисоб меравад. Маҳз шахси донишманд ва соҳибҳунар метавонад бо кору пайкори худ барои рушди маърифатнокии мардум кӯшиш карда, барои ободии Ватан, инкишофи илму техника, тайёр кардани мутахассисони зарурии соҳавӣ, бунёди сарвати моддию маънавӣ саҳмгузор бошад.

Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бозсозии низоми таҳсилот идома дорад, ба талаботҳои стандартҳои умумиҷаҳонӣ мувофиқ ва мутобиқ намудани он аз аҳамият холӣ нест. Дар сурати бозсозии системаи маориф имконият пайдо мешавад, ки сифати таълиму тарбия, тарбияи шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта куллан нав гардида, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ дар асоси талаботҳои ҷомеаи демократаӣ ва дар руҳияи инсонгароӣ, эҳтиромии анаъанаҳои миллӣ ва илмӣ ба роҳ монда шавад. Айни замон дар назди кормандони соҳаи маориф аз ҷумла, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ вазифаҳои хеле муҳим ва тақдирсоз меистанд, ки ин ҳам бошад, инкишофи фарҳанги умумии шахсияти хонанда, ба донишгоҳ омода сохтани шогирдон, ба миён овардани заминаҳои мувофиқ барои интихоби касб ва соҳибтахассус гаштан, тарбия ва ба воя расонидани шахсиятҳои дар назди ватан, оила ва ҷомеа масъулиятшинос, таълиму тарбияи инсонҳои баркамол, ки ояндасози кишвар мебошанд.

Дар руҳияи ҷавонони мо тарбияи шуури миллӣ ва бедор намудани ифтихори миллӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад, ки ба амал баровардани он аз ҳар кадом корманди соҳаи маориф дониши наву замонавӣ, таҷрибаи корӣ ва масъулиятшинос буданро тақозо мекунад. Зарурати замонавӣ доштани масъалаи мазкур борҳо дар суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ таъкид шудааст: «Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҷомеаи навбунёди мо ба шахсоне эҳтиёҷ дорад, ки ҷаҳонбинии нав дошта, идеологияи навро азхуд мекунанд. Мазмун ва моҳияти ин идеологияи навро бояд эҳсоси ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ, муҳаббат ба Ватан ва ба тамоми инсоният, умуман тамоми арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ ташкил намояд. Дар ин раванд як нуқтаро дар назар бояд дошт: дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд…» [5, с.8].

Барои ба низоми сифатан нави таҳсилот ворид гаштани системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори хосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо эҳсос карда мешавад. Масъалаҳои гуногуни соҳаи маориф, аз ҷумла ба талаботи ҷомеаи муосир мувофиқ намудани дараҷаи сифати маълумот, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, бо технологияҳои муосири таълимӣ муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои таълимӣ, ба таълиму тарбия ҷалб намудани духтарон ва бачагони ятиму бепарастормонда, маблағузории саривақтии соҳа, сохтмони синфхона ва мактабҳои нав, чопи китобҳои бадеӣ, ба роҳ мондани такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва амсоли инҳо таҳти назорати доимии Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Бо мақсади боз ҳам беҳтар кардани сифати таълим дар Паёми соли гузаштаи Президент ба Маҷлиси Олӣ солҳои 2020 – 2040 «Солҳои омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намуданд. Инчунин ба хотири боз ҳам бештар ба омӯзиши илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ ҷалб кардани наврасону ҷавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм – фурӯғи маърифат» гузаронида шавад [6, с.12].

Имрӯзҳо дар масъалаи такмили маънавиёт ва шахсият нақши муассисаҳои таълимӣ хеле калон мебошад. Дигаргуниҳои солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ташаккули шахсияти баркамол, навовару эҷодкор ва кордону мутахассисро дар мадди аввал мегузорад. Аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли масъалаи мазкур истифодаи роҳу усулҳои навини таълиму тарбия бо назардошти арзишҳои миллӣ ҷорӣ шудаанд, ки ин ҳам басанда нест. Зеро барои боз ҳам ба фазои таълими ҷаҳонӣ мутобиқ ва имкониятҳои омӯзишро бештар намудан, таҳияи маводҳои таълимӣ-методии равияҳои гуногуни касбӣ бо забони тоҷикӣ, ғанӣ гардонидани махзани

китобхонаи электронӣ, такмили техника ва истифодаи компютер дар ҷараёни таълим, такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо мутахассисони варзидаю соҳибтаҷрибаи соҳавӣ ва ҷорӣ намудани системаи электронӣ дастрасии волидон ба натиҷаи фаъолияти фарзандон дар машғулиятҳои дарсӣ муассисаҳои миёнаи умумӣ шартҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд.

Барои гузаштан ба низоми мукаммали таҳсилоти кредитӣ дар давоми соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёд анҷом ёфта, ин низом таҳсилоти босифат ва бештар ба амалия нигаронидашударо соли 2015 дар системаи дарсии як қатор донишгоҳҳо ворид намуданд. Чунин иқдом барои ба системаи ҷаҳонӣ мутобиқ намудани низоми таҳсилоти миллӣ заминаи устувор гузошт. Имрузҳо таҷрибаи давлатҳои тараққикарда ва давлатҳои саноатӣ нишон медиҳад, ки манбаи асосии рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии кишвар ин саводнок гардонидани миллат аст. Барои ба пуррагӣ ташкил намудани низоми кредитӣ, ҷалби сармоягузориҳои давлатӣ ва хориҷиро талаб мекунад. Дар ҳолати ҷалб намудани сармояи пулӣ ё техникӣ мо метавонем чунин имкониятҳоро фароҳам оварем: таъмини системаи дарсгузарии электронӣ аз ҷумла ташкили китобхонаҳои электронӣ, тарҷумаи китобҳои тахассусӣ бо забони тоҷикӣ дар шакли электронӣ, ташкили синфхонаҳои электронӣ пайваст намудани муассисаҳои таҳсилотӣ миёнаи умумӣ ба шабакаи глобалии интернет ва ғайра. Дар ҳолати фароҳам овардани шароитҳои дар боло зикршуда низоми маориф ва илм ба стандартҳои байналмиллалӣ мутобиқ гардида асоси рушди иқтисодиёти давлат мегардад. Рушди ҷомеа, муаррифӣ намудан ҳамчуни миллати бо маърифату соҳибтамаддун, баланд бардоштани сифати зиндагии мардум, расидан ба давлати тараққикарда, азхудкунии имкониятҳои нави техникӣ-технологӣ дар умум рушди иҷтимоӣ мустақиман аз сатҳи маориф, ташкили низоми ягонаи таълим, мураттабу хушсифати таълиму тарбияи талабагону донишҷӯён, хулоса – аз сатҳи саводнокии миллат вобаста аст.

**АДАБИЁТ**


1. Колесников Л.Ф. Эффективность образования. Монография / Л.Ф. Колесников. – М: Педагогика, 1991. – 270 с.
2. Ҡарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 марти 2006, №94. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2006. – 93 с.
3. Лутфуллоев М. Истиқдолияти Точикистон ва маорифи навин. Монография / – Душанбе: Ирфон, 2006 – 289 с.
4. Сангинов Н.С. Низоми кредитии таҳсилот / Н.С. Сангинов, Н.С. Салимов. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 196 с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалї Раҳмон ба Маҷлиси Олї – Душанбе: Шарқи озод, 2019. – 47 с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалї Раҳмон ба Маҷлиси Олї – Душанбе: Шарқи озод, 2020. – 47 с.
7. Шарифзода Ф. Назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарвднгї / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 206 с.
8. Ҡарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июли соли 2012, №334. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 – Душанбе, 2012. – 93 с.
9. Ҡарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 – Душанбе, 2020. – 90 с.
10. Ҡарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2017, №443. Дар бораи Барномаи давлатии амалї намудани технологияҳои иттилоотї – коммуникатсионї дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 – Душанбе, 2017. – 18 с.


**НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ БОСИФАТ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ ОМОДА НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ КАСБӢ**


Муаллиф дар мақола таҳсилоти босифатро ҳамчун заминаи омода намудани мутахассисони касбӣ барои пешрафти ҷомеа таҳлил намуда, маорифро ҳамчун инистути иҷтимоӣ ва масъул арзёби кардааст. Низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунии демократишавии ҷомеа фаъолият намуда, рушд ёфта истодааст. Аз ин сабаб барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, зарурати дуруст ба роҳ мондани раванди таълим дар муассисаҳои миёна ва олии касбӣ ба миён меояд. Муаллиф оид ба қонунҳои дар соҳаи маориф қабулшуда маълумот дода, зарурати дар амал иҷро кардани онҳоро қайд менамояд. Инчунин муаллиф масъалаи омода намудани ҷавонон ба бозори меҳнат ва такмили ихтисоси мутахассисонро мавриди омӯзиш қарор додааст.



**Калид вожаҳо:** маориф, тарбия, низоми кредитӣ, барномаҳои таълимӣ, системаи таҳсилоти олӣ, муассисаи таълимӣ, сифати таълим, бозори меҳнат, мутахассис, иҷтимоӣ.

**КАЧЕСТВО ОБРАЗОВАНИЯ КАК ФАКТОР ПОДГОТОВКИ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ СПЕЦИАЛИСТОВ**

Автор в статье анализировал качественное образование как основу подготовки профессиональных специалистов для развития общества, а образование оценивалось как социальный институт и ответственный. Система образования Республики Таджикистан осуществляет свою деятельность в современных условиях демократизации общества и развивается. Из-за этого для повышения качества образования возникает необходимость надлежащего налаживания учебного процесса в средних и высших учебных заведениях. Автор информирует о принятых в сфере образования законах и указывает на необходимость их выполнения на практике. Также автор рассматривает вопрос подготовки молодежи к рынку труда и повышения квалификации специалистов.

**Ключевые слова:** образование, воспитание, кредитная система, программы обучения, система высшего образования, учебное заведение, качество образования, рынок труда, специалист, социальные.

**THE QUALITY OF EDUCATION AS A FACTOR IN THE TRAINING OF PROFESSIONAL SPECIALISTS**

The author analyzed quality education as the basis for training professional specialists for the development of society, and education was evaluated as a social institution and responsible. The education system of the Republic of Tajikistan carries out its activities in the modern conditions of the democratization of society and develops. Because of this, in order to improve the quality of education, there is a need for proper organization of the educational process in secondary and higher educational institutions. The author informs about the laws adopted in the field of education and points out the need for their implementation in practice. The author also considered the issue of preparing young people for the labor market and improving the skills of specialists.

**Keywords:** education, upbringing, credit system, training programs, higher education system, educational institution, quality of education, labor market, specialist, social.

**Сведения об авторах:** ***Бахромбеков Вафобек Амадбекович*** **–** кандидат философских наук, доцент, кафедры социологии факультета философии Таджикского национального университета
***Суфиев Исхомуддин Халимджонович*** – магистрант кафедры социологии факультета философии Таджикский национальный университет. Тел.: **937 10 01 87**

**Information about the authors:** ***Bahrombekov Vafobek Amadbekovich*** **–** Candidate of Philosophic Science, Associate professor sociological department of Tajik National University
***Sufiev Ishomuddin Halimjonovich*** – master degree department of sociology faculty of philosophy in Tajik National University Phone: **937 10 01 87**

# ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАХОИ АХЛОКӢ, ИЧТИМОӢ ВА СИЁСӢ ДАР АШЪОРИ ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

***Файзиева Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масъалаҳои ахлоқ, иҷтимоиёт ва таҳаммулпазирӣ дар андешаҳои Мавлонои Балхи аз ҷойгоҳи хосае барҳурдор аст, чун Мавлоно ба ҳунвони шахсияте ҷавобгӯ ба ниёзҳои ҷомеаи инсонӣ ҳарф ба забон меоварад ва дар меҳвари аслии афкори ҳуд инсони берун аз ҳама қайду тааллуқҳои диниву мазҳабӣ ва забониву нажодиро мегузорад.

*Зиндагонӣ оштии зидхост,*
*Марги он к-андар миёншон чангхост* [7. с. 71].

Пайравони таълимоти сиёсати сулҳпарвар, осудагӣ, ахлоқ, иҷтимоиёт, маънавиёт, муҳаббат, ҳаёт дӯстӣ ва камоли ҳақиқии Румӣ шахсоне ҳастанд, ки дар калбҳои гарми ҳазорон одамон илҳому таассурот мегиранд ва ҳуд меъёри возеҳи ормони фикрҳо, парвози ҳаёлот, рафтор ва амали солеҳ мегарданд. Намунаи беназир ва баландтарини чунин роҳ Мавлоно Ҷалолиддини Балхист (1207 – 1273), ки соли 2007 тибки қарори Созмони миллали муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) 800-умин солгарди мавлуди ҳуҷастаи ӯ дар кишварҳои зиёд таҷлил гардид ва дар рафти он симпозиуму конфронсҳо, маҳфилҳои гуногун, барномаҳои хоси ахлоқи, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва мусиқӣ доир шуд. Шӯҳрат ва нуфузи Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ дар арсаи шинохтанҳои имрӯзи ҷаҳонӣ мақому ҷойгоҳи тозаеро дарёфта, таҳқиқу тафсири осори Мавлоно дар ҷаҳони Ғарб тамоюлҳои ҷадид пайдо намуд. Ҳанӯз чанд қарн пеш тарҷумаи осори Мавлоно ба забонҳои муҳталиф оғоз гардид. Муқарраран метавон гуфт, ки шӯҳрати Мавлоно ва осори ӯ то андозае марзҳои тафаккур, таассуб, тазоди мазоҳибу динро бишкаст ва рӯҳу ҷони ҳамагонро ба қадри имкон оромиш бахшид.

Гузоштани масоили инсондӯстӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ низ асосӣ осори ҷовидонаи Мавлои Балх ва корномаи бемисли маънавӣ ва равшандилии ӯст. Зикр бояд кард,

ки ҳеҷ олиме дар таърихи инсонӣ андешаҳои инсонгаройӣ, иҷтимоӣ, ахлоқи ва маънавияти фардро бо чунин равшанбаёнӣ ва рангорангӣ маънидод накардааст. Ахлоқи иҷтимоии мутафаккир ҷанбаҳои ниҳоят муҳим дорад. Зимни мутолиаи осори пуарзиши Румӣ равшан мегардад, ки аслияти дунёи инсон моҳияти ахлоқию иҷтимоӣ дорад. Маҳз иҷтимоиёт, ахлоқ ва адолат хоси инсон чун мавҷуди навъи комилан дигари ҳастии ҷамъиятӣ мебошад. Аз нигоҳи Мавлоно қадами болотар ва муҳимтар дар ташаккули ахлоқи иҷтимоию маънавӣ ва хислати инсон, ташаккули андешаи мазҳабӣ-динӣ мебошад. Ин ҷараён, ки ба мардумон ва рисолати ҷомеа пайвастагии табиӣ ва наслӣ дорад, мавзӯи баҳсҳои зиёд ва шадид қарор мегирад.

Бинобар ин, ҷанбаи ахлоқию сиёсӣ дар таълимоти Ҷалолуддини Балхи дар осораш беш аз тарафҳои дигаре ҷаҳонбинӣ зуҳур мекунад ин масъаларо наметавон нодида гирифт. Маҳфӣ нест, ки масъалаҳои ахлоқию ирфонӣ ва монанди он дар эҷодиёти мутафаккир дар маъноҳои иҷтимоӣ пешниҳод шудаанд. Андешаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии Ҷалолиддини Балхи пеш аз ҳама дар баёни фалсафаи ахлоқ, ватандӯстӣ, истиклолият, адолат ва тартибу низоми зиндагии хуб ба назар мерасад. Зеро аз нигоҳи мутафаккир “ҳамоно, ки инсон худро мукнат ва ғанову сарват бинад, бегумон роҳи туғён пеш мегирад” [4, с.142].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки Ҷалолуддини Румӣ ҳам мисли бисёр мутафаккирони дигари пешқадами Шарқ орзуи сохтани инсони идеалиро мепарварад, ки он дар пояҳои адолату хушбахтӣ, ҳамагонӣ барқарор гардида бошад. Баднафсиро маҳкум менамояд. Мутафаккир андешаҳояшро оид ба ахлоқи иҷтимоию сиёсӣ ҳариб дар ҳамаи асарҳояш ба маъниҳои гуногун иброз доштааст. Ин андешаҳоро дар осори арзишманди Ҷалолуддини Румӣ “Фиҳи мо фиҳи”, “Маснавии маънавӣ” дида метавонем. Мутафаккир дар шоҳасараш ғояи шоҳи одилу окилро дар симоҳои подшоҳони даврҳои гуногуни таърихӣ, ки дар кишвари аҷам салтанат рондаанд, ифода намудааст. Ғояи мазкур асосан дар симои шоҳони хаёлӣ ва симоҳои хаёлӣ дар дигар пешвоён маънидод шудаанд.

Ҳамин ҷусторҳо, ҳамин давиданҳо дар бешазори ҳақиқати андешаҳо Мавлоноро то сарҳади созмони дӯконе бурда, ки он мубтанӣ бар Маснавии Маънавист ва мусаммо бар дӯкони вахдат:

*“Маснавӣ”–и мо дӯкони вахдат аст.*
*Ғайри вахдат харчӣ бинӣ он бут аст.*
*Вахдат андар вахдат аст ин “Маснавӣ”,*
*Аз самак рав то симок эй маънавӣ [4, с. 145].*

Ин фақр, ки асли дӯкони маънавии Маснавӣ аз он бунёд ёфта, ҳамон фақри ифтихори Расули Акрам бошад, ки дар вусъати он ду олам эҳтизоз ва нубӯғи рӯҳӣ маҳфуз аст. Ин дукони фақр пайраҳаест, ки дар убури он солик ба сармазили мақсуд раҳ мекушояд ва нардбонест, ки сӯи осмонҳои маънӣ хуруҷ мекунад.

Дар осори Ҷалолиддини Румӣ масоили иҷтимоию ахлоқӣ, вахдат ва амният аз масъалаҳои муҳимтарини эҷодиёти ӯро ташкил медиҳад. Азбаски мутафаккир вахдатро яке аз сифатҳои ахлоқии писандидаи фармонравоён медонад, бинобар ин онҳоро ҳамеша ба хирадмандӣ ҳидоят менамояд, то ин ки рифоҳияту бехдошти хаёти мардумро таъмин кунанд. Тибқи андешаи Ҷалолиддини Балхи шахси окил набояд пойбанди шӯҳратпарастӣ шавад, зеро хирадӣ ӯ моҳияти ифтихору азаматаш аст. Аз назари ӯ қудрати ахлоқ ба зулм бо табоҳӣ меанҷомад. Ба андешаи шоир дар ҳолати пойдор набудани адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа шӯришу ошӯб ва сӯиқасдҳои меафзояд.

Дар мавриди шинохти халқу подшоҳ мефармояд, ки боиси омӯзиши масъалаҳои ахлоқи сиёсӣ аст:

*Халкро чун об дон софу зулол,*
*Андар ӯ тобон сифоти Зулҷалол.*
*Подшоҳон мазҳари шоҳи Ҳак,*
*Орифон миръоти огоҳии Ҳак [4, с.146].*

Ҷалолуддини Румӣ дар асари худ тамоми амирону вазирон ва одамонро ба адлу инсоф даъват менамояд, то ки торикии зулму ситам аз ҷаҳон бардошта шавад ва сапедаи содиқи адолат доман паҳн кунад. Шоири гуманист аз куллӣ кишрҳои ҷомеа даъват ба амал меорад, ки дар роҳи адолату садокат, накӯкорӣ ва башардӯстӣ пайваста ташаббус нишон бидиҳанд, шукӯҳу сарвату давлати сарварони халқ то ба моҳи мунир бирасад ҳам, мағрур нашуда аз худ нарафта, адолатпеша бояд буд. Мувофиқи андешаҳои Ҷалолуддини Румӣ шарти ёрию

бародарӣ ва дӯстӣ ёварӣ ҳамдигар будан аст. Агар кофар ҳам кӯмак кунад, бо ӯ дӯсту бародар бояд буд. Дар вақти пешрафти корҳои инсон дӯст бисёр мешавад, аммо дар вазъу ҳолати нокомӣ на ҳар шахс дасти мадад медиҳад. Бинобар ин Ҷалолуддини Рӯмӣ ба одамон пеша кардани адолатхоҳиро тавсия медиҳад.

Мавлоно дар масъалаи ахлоқи сиёсӣ мақоми халқро ба чаҳор даста тақсим кардааст: яке онҳое, ки охирандешанд, яъне дар авоқиб ва натоиҷи корҳо менигаранду ончиро шоистае талаб ёбанд, умр дар он сарф мекунанд. Дар адабиёти сиёсӣ оқибатандешӣ мартабаи баланду мақоми волоро соҳиб аст ва нишони ҳикмати луқмонӣ аст:

*Дар паси ҳар гиря охир ҳандаест,*
*Марди охирбин муборак бандаест.*
*Ҳар ки охирбинтар, ӯ масъудтар,*
*Ҳар ки охурбинтар, ӯ матрудтар аст* [4, с. 202].

Агар сарвару давлату ҳукумат оқибатандешӣ бихоҳад ва дӯстпарвариро пеша бисозад, ин неъмат ба қатори осоре, нақше, меросе шомил мешавад, ки аз ӯ ҳоҳад дошт. Ҷалолуддини Рӯмӣ оқибатандеширо ҳунар мешуморад ва ҳунар аст, ки номи касро ҷовид месозад.

Мавлоно дар "Маснавӣ" ишора мекунад, ки бисёре аз одамон дар ҳудҳоҳӣ ва ситамкориву беадолати чун Фиръавнанд, аммо Фиръавни дарунӣ эшонро ёваре нест, то туғён намоянд ва он ҳудпарастӣ ҳамон мақому мансаби давлати дунёст, ки агар ба эшон бирасад, ҳамон бошанд, ки Фиръавн буд:

*Нафс аждарҳост, ӯ кай мурдааст,*
*Аз ғами беолати афсурдааст.*
*Гар биёбад олати Фираъвн ӯ,*
*Ки ба амри ӯ ҳамерафт оби ҷӯ.*
*Илму молу мансабу ҷоҳу кирон,*
*Фитна орад дар кафи бадгавҳарон* [4, с. 230].

Аз рӯи гуфти Ҷалолуддини Рӯмӣ шахси чашмгуруснаву сарватпараст беқадру беобрӯст. Аз ин лиҳоз, ӯ дар андешаҳояш маҳдудияти нафсро заруртарин амал мешуморад. Чи тавре, ки дар боло ишора намудем, дар таълимоти Мавлоно иллатҳои бадтарини инсонӣ зикр гардидааст. Дар тадбири ин мутафаккир асолат ва ҳуввияти собити гурӯҳҳои ташаккулёфтаи халқҳо, миллатҳо, нажодҳо, табакаҳои ичтимоӣ бо табиати зотии умуминсонӣ ва мухолифат надорад. Дар ин маъно равшан метавон дид, ки ахлоқи воло ва начиби Ҷалолуддини Рӯмӣ баёнгари метод ва арзишҳои сиёсӣ ва ҳувияти миллии тоҷик ва осори ӯ дар радифи мероси гузаштагон ва эҷодиёти мутафаккирони дигари маънавии арзишманди халқи мост.

Аз нигоҳи сиёсатмадорони маъруф, вокеан ҳам "имрӯз башарият ба ахлоқи ҳамида ва меҳру муҳаббат бештар аз ҳар вақти дигар ниёз дорад. Ва роҳнамои мо дар ин ҷода Мавлоно буда метавонад. Ӯ бо истифодаи васеъ ва эҷодкоронаи арзишҳои бузурги мактаби тасаввуфи хуросонӣ ва пайванди онҳо бо андешаву афкори мактабҳои фикрии дигар фарҳанги навини маънавию ахлоқиро асос гузошт".[3.с. 96.] Аз нигоҳи илмҳои сиёсатшиносӣ осори Ҷалолуддини Рӯмӣ дар ифодаи маҳаку маромиҳамдигарфаҳмии миллату нажод, дину мазҳабҳои гуногун ва вахдати ҷомеаи инсонӣ гардид ва ҳудуди ҳикмати андешаҳои ахлоқи сиёсии олимони зиёдеро ҷалб намуд. Исботи инро дар мавридҳои зиёди андешаҳои шоир мебинем. Чунончи:

*Боз о, боз о ҳар ончи ҳастӣ боз о,*
*Гар кофару габру бутпарастӣ, боз о.*
*Ин даргаҳи мо даргаҳи навмедӣ нест,*
*Садбор агар тавба шикастӣ, боз о.*

Мутафаккир иттиҳоду иттифоқро аз фазилатҳои хубтарини инсонӣ дониста, сулҳпарастиро бехтарин таҷассумгари он ва аклу хирад мешуморид. Маҳз чунин ғояҳои дӯстӣ идоракунандаи давлатро зарур аст. Агар андешаҳои ахлоқи сиёсии Ҷалолуддини Рӯмӣ дар партави таҷрибаи халқҳо баррасӣ шавад, равшан аст, ки хатти сурхи сарнавишти инсон дар дарозои таъриҳ ҳадди имкон ташаккул ва таҳаввули маънавият ва фарҳанги сиёсии инсонӣ пеш меравад ва инсоншавии мусирон созмони ҳаёти ичтимоӣ бехтару хубтар мегардад. Зеро "дар давраи истиқлолияти ҷумҳурии азизамон, ки ба шинохти воқеии андешаҳои гузаштаи ниёгонамон шадидан ниёз эҳсос мегардад, ҳар муҳаккиқ вазифадор аст, то мутобиқ ба дарку фаҳми хеш барои худогоҳии таъриҳи миллӣ саҳм гузорад" [2, с. 3].

Дар даврони рушди кишварҳо ва ҷаҳонишавӣ, густариши пайвастаи худшиносии халкҳо, маданияту фарҳангҳо, тамаддунҳо, шиддати бемайлони рақобат ва зиддиятҳои гуногуни ҳаробиовар, таҳдиди рӯзафзуни хатари фалокат бори барҳӯрди тамаддунҳо ва падидаҳои дигари мазмунан зидиятнок, мо ба ақидаҳои ахлоқи сиёсии Ҷалолуддини Румӣ руй оварданамон зарурати амалӣ дорад.

Ҳамин тавр, бознигари ва бозшиносии осори Мавлоно, хоса «Маснавии Маънавӣ» дар робита ба пайванди он ба фарҳангу суннатҳои тоҷикӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки Мавлоно новобаста ба сирати худ аз зодбуми аслиаш ва зиндагӣ дар муҳити дур аз асолати забони тоҷики- форсӣ барои ҳифзи унсурҳои хосаи он зиёд кӯшиш намудааст. Ҷалолуддини Румӣ кӯшиш кардаст, ки дар ҳамаи асарҳои хеш роҳҳои ба амал баровардани адолат ва усулҳои афзудани масъулиятнокии мардумон ва амалдорони замонро нишон диҳад. Мутобиқи назари мутафаккир ахлоқ ва муносибатҳои ахлоқӣ, ичтимоӣ дар ҷомеа дар пойи ҳикмату фазл ва муҳаббати байни аъзои ҷомеа ташаккул ва устувор хоҳад гашт. Бояд зикр кард, ки ҷомеаи адолатпешаи мутафаккир асосан ба арзишҳои исломӣ бунёд ёфтааст. Дар ин давлати идеалии феодалӣ баъзе афзалиятҳо ба назар мерасанд.

**АДАБИЁТ**


1. Комилов Р. Социально-утопические учения в истории таджикской философии XIII-XV вв. – Душанбе, 1993. – С.
2. Олимов К. Баррасиҳо дар тасаввуф. 1999. -142 с.
3. Раҳмон Э. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ. –Душанбе: «Бухоро», 2012 – 132 с.
4. Румӣ Ҷалолиддин. Фихи мо фихи (мунтахаби маколот) –Душанбе: «Ирфон», 2007, 296 с.
5. Румӣ Ҷалолуддин. Куллиёти ғазалиёт. –Ҷилди 1 – 8. –Теҳрон, 1336 – 1345 ҳ. -С.
6. Румӣ Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. –Теҳрон, 2001.– 728 с.
7. Румӣ Ҷалолиддин. Маснавии маънавӣ. Дафтари 1. 222 с.
8. Ҷалолиддини Румӣ: Мухтасари тарҷумаи ҳол, порчаҳо аз «Маснавии маънавӣ» ва намунаҳо аз ғазалиёту рубоиёт // Гулшани адаб. – Душанбе, 1975. – Ҷ. 2. С.
9. Зиёев Ҳуршед.


**ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ АХЛОҚӢ, ИЧТИМОӢ ВА СИЁСӢ ДАР АШЪОРИ ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ**


Дар мақола муаллиф масъалаҳои ахлоқӣ, ичтимоиро аз назари Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ мавриди баррасӣ карор додааст. Муаллиф диди худро ба таври возеҳу равшан баён карда, алоқамандии ахлоқ ва масъалаи ичтимоиро дар пайвастагӣ шарҳ додааст. Илова ба ин, дар мақола андешаҳои инсонгароёнаи Мавлоно Ҷалолуддини Балхи мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ҷалолуддини Румӣ мушкилоти асосии ахлоки ичтимоиро ба таври шоирона ва ба маънои орифона таҳкик карда, барои начоти мардумон аз мухолифату душманӣ, нотавонбинӣ, таасубу фитнагарӣ роҳ меҷуст ва роҳи вахдату ҳамдилиро пешниҳод мекард.



**Калидвожаҳо:** ахлоқ, ичтимоиёт, вахдат, дӯстӣ, худшиносӣ, инсонгарой,сиёсат.


**ОТРАЖЕНИЕ НРАВСТВЕННЫХ, СОЦИАЛЬНЫХ И ПОЛИТИЧЕСКИХ ВОПРОСОВ В ПОЭЗИИ ДЖАЛАЛУДДИНА БАЛХИ**


В статье автор рассматривает моральные и социальные проблемы с точки зрения Мавлоно Джалолуддини Руми. Автор четко сформулировал свое видение, объясняя связь между моралью и социальной проблемой во взаимосвязи. Кроме того, в статье анализируются гуманистические взгляды Мавлоно Джалолуддини Балхи. Джалолиддин Руми изучал основные проблемы социальной морали в поэтическом и гносеологическом смысле, стремился спасти людей от противодействия и вражды, некомпетентности, фанатизма и мятежа, а также предлагал путь единства и солидарности.



**Ключевые слова:** этика, общество, единство, дружба, самопознание, гуманизм, политика.


**REFLECTION OF MORAL, SOCIAL AND POLITICAL ISSUES IN THE POETRY OF JALALUDDIN BALKHI**


In the article, the author examines moral and social problems from the point of view of Mawlono Jaloluddini Rumi. The author clearly formulated his vision, explaining the relationship between morality and the social problem in the relationship. In addition, the article analyzes the humanistic views of Mawlono Jaloluddini Balkhi. Jaloliddin Rumi studied the main problems of social morality in a poetic and epistemological sense, sought to save people from opposition and hostility, incompetence, fanaticism and rebellion, and also offered a path of unity and solidarity.



**Keywords:** ethics, society, unity, friendship, self-knowledge, humanism, politics.



**Сведения об авторе:** ***Файзиева Нигина*** – магистрант второго курса факультета философии Таджикского национального университета.

**Information about the author:** ***Fayzieva Nigina*** – second-year master's student of the Faculty of Philosophy of the Tajik National University.

## ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ – ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ – PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY

# ОМОДАГИИ ПСИХОЛОГӢ БА МУСОБИҚАҲОИ ВАРЗИШӢ

*Солиев Н.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳар як шахсе, ки ба варзиш иртибот дорад ва ҳадди аққал дар мусобиқаҳо ширкат варзидааст, медонад, ки чизи аз ҳама мушкил на тамрин ва на баромад кардан аст, балки қобилияти "худро ба даст гирифтан" пеш аз саршавии мусобиқа аст [10].

Пеш аз ҳама муайян кардан зарур аст, ки худи мусобиқа чист. Мусобиқа ҳамчун категорияи муҳими соҳаи варзиши ягон навъи фаъолияти махсуси шахсро ифода мекунад, ки бо шароитҳои моддии ҳаёти ҷомеа дар даврахои гуногуни тараққиёти таърихӣ муайян карда мешавад.

Муҳаққиқони соҳаи варзиш мусобиқаро ҳамчун муборизаи ақл, ирода ва ҳиссиёт дида мебароянд. Аз ин ҷо бармеояд, ки мусобиқа на танҳо хусусияти ҷисмониву ҳаракатиро дорад, балки дорои ҷиҳатҳои психологӣ низ мебошад. Масалан, ҳангоми мусобиқаи варзишӣ як хусусияти асосӣ ба мушоҳида мерасад ва он ҳам бошад, таъсири байниҳамдигарии бавосита ва бевоситаи ҳарифон ба якдигар аст, то ки яке бар дигаре бартарӣ пайдо кунад ва муқобилият нишон бидиҳад. Ин мақсади умумии ҳарду дар мусобиқа ба шумор меравад. Чунин таъсири байниҳамдигарӣ истифодаи қувваҳои ҷисмонӣ ва психикии одамро талаб менамояд. Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки ин ду қувва агар дар ягонагӣ бошанд, он гоҳ варзишгар ҳамон қадар тезтар ба мақсадаш ноил мешавад.

Тадқиқотҳои солҳои охир нишон доданд, ки дар рафти мусобиқаҳои варзишӣ ба варзишгарон боз омилҳои дигар низ таъсир мерасонанд, аз қабили шумораи тамошобинон ва рафтори онҳо, ҳайъат ва фаъолияти доварон таъсири байниҳамдигарӣ ба мураббиён, шароитҳои методологӣ, пайдоиши ҳодисаҳои ногаҳонӣ, вазъиятҳои ғайричашмдошт ва ғайра. Ин омилҳои номбаршуда ба фаъолияти варзишгар метавонанд ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфии психологӣ расонанд.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки мусобиқаи варзишӣ фаъолияте ба шумор меравад, ки дар шароитҳои экстримали зоҳир мешавад. Барои он ки ин фаъолият сермаҳсул бошад, зарур аст, ки ҳар як варзишгар аз назари психологӣ ба он тайёр бошад.

Муҳаққиқони ин соҳа чунин аломатҳои омодагиро ба мусобиқа муайян кардаанд: омодагии идеявӣ, ахлоқӣ, функсионалӣ, психикӣ ва махсус (ҷисмонӣ, техникӣ, тактикӣ ва назариявӣ). Ин аломатҳои омодагӣ ба варзиш бояд дар ягонагӣ дида баромада шавад. Ин ягонагиро психологон таъкид менамоянд, зеро зуҳуроти яклухти шахсияти инсон имконият медиҳад, ки дараҷаи омодагии шахс ба мусобиқа муайян карда шавад.

Варзишгар пеш аз саршавии мусобиқа дар чӣ ҳолат қарор дорад?. Психологон А.Ц. Пуни, О.А. Черникова ва А.С. Егоров доир ба ин масъала тадқиқот бурдаанд. Ба андешаи онҳо варзишгар пеш аз саршавии мусобиқа ба ҳолати изтироби омодабош ва апатияи омодабош дучор меояд ва ин метавонад ба рафти мусобиқаи варзишӣ таъсири муайян бахшад [4]. Варзишгар барои баромад кардан омодагии хуб мебинад, аммо дар мусобиқа чизи дигаре рух медиҳад: хатогиҳои бемаврид, норасоии техника ва дар натиҷа мағлуб мешавад. Тарс аз рақиби қавӣ боиси нобоварӣ ба худ мегардад. Ҳар як рақобат барои варзишгар ин стресс аст [10]. Ин ҳолатҳои номбаршуда на танҳо ба амалияи психологияи варзиш, балки ба соҳаи физиология ва тибби варзиш ворид гаштааст.

Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки варзишгар дар давраи мусобиқаҳои варзишӣ ба ҳолатҳои гуногуни эмотсионалӣ гирифтор мешавад. Аз ин хотир заруроте пеш меояд, ки тавсифи мухтасари ҳолатҳои эмотсионалиеро дида бароем, ки варзишгарон одатан гирифтори онҳо шуда метавонанд.

Эмотсия аз калимаи лотинӣ emove гирифта шуда, маъноияш барангехтан ба ангезиш овардан аст.

Эмотсия ин амали ҷавобии организм ба таъсири ангезаҳои аз ҷиҳати характер мухталифи эндогени ва эгзогени аст, ки ҳатман боиси пайдо шудани таѓйироти муайяни физиологӣ дар организм мегардад.

Одам дар ҷараёни ҳаёти фаъолияташ ба ҳолатҳои гуногуни эмотсионалӣ гирифтор мешавад ва ин ба зуҳуроти амалу рафтори ӯ тобиши махсусе мебахшад. Дар байни ҳолатҳои гуногуни эмотсионалӣ аффект, стресс, фрустратсия, ҳолати рӯҳӣ ва раѓбатро махсус фарқ мекунанд.

Аффект (дар тарҷума аз лотинӣ - изтироби рӯҳӣ, ҳаяҷон) – ин ҳолати эмотсионалии зӯр, пурҷӯшухурӯш, бошиддат ва нисбатан кӯтоҳмуддати эмотсионалӣ буда, табиати таркишмонандро дорад ва ба назорати шуур дода намешавад. Пайдоиши ҳолати аффект ҳамеша бо вазъияту шароитҳои муҳими ҳаёти инсон алоқаманд аст. Аффектро инчунин ангезандаҳои зӯр, аз қабили истифодаи калимаи бемаврид, таҳқир, таҳдид, рафтори номатлуби одамони дигар ба вуҷуд меоваранд. Одамоне, ки ба типи системаи асаби дар мувозинатнабудаи зӯр тааллуқ доранд, бештар ба ҳолати аффект гирифтор мешаванд. Одам дар ҳолати аффект фикру андеша накарда, рафтору кирдорҳои бенизомро содир менамояд. Дар фаъолияти узвҳои ҳиссии ӯ дигаргуниҳо ба амал меоянд ва ҳаракатҳои чолоконаи ифоданокро (мимика ва имову ишораҳои махсус, гиря, фарёд, баъзан ҳаракатҳои беихтиёр ва ѓ.) мекунад.

Стресс ё бошиддатӣ ҳолати психикиест, ки дар шароитҳои маҳдуду ҳисси нобоварӣ дар иҷрои амали дар айни замон хавфнок ифода меёбад. Ин ҳолат ҳангоми зарурати қабули қарори тезу масъулиятнок дар вазъиятҳои мураккабу хавфнок ва сарбории ҷисмонию ақлии шахс рӯй медиҳад. Стресс дар рафти иҷрои намудҳои гуногуни фаъолият (бозӣ, таълимӣ, меҳнатӣ, варзиш, вазъиятҳои ихтилофноки ахлоқӣ ва ѓ.) ба вуҷуд меояд. Ҳолати стресс дар варзишгарон ҳангоми тайёрӣ ба мусобиқа, пеш аз саршавии мусобиқа, пеш аз баромад кардан дар мусобиқаи варзишӣ зоҳир мешавад. Дар онҳо дигаргуниҳои физиологӣ, аз қабили задани дил, тез нафас кашидан, баландшавии хун ва ѓайра ба мушоҳида мерасад. Ҳангоми стресси зӯр дар рафтори варзишгар бенизомӣ ба амал меояд, ҳаракатҳояш номувофиқ ва диққаташ парешон мешавад. Стресси суст, баръакс, боиси фаъолӣ ва муташаккилии варзишгар мегардад, ба тафаккури ӯ равшанию аниқиро мебахшад.

Ҳолати стрессро идора кардан имкон дорад ва барои ин пеш аз ҳама сабабҳои мушаххаси онро муайян кардан зарур аст. Яке аз сабабҳои он хусусиятҳои инфиродӣ-психологии шахс, ба монанди барангезиши эмотсионалӣ, таъсирпазирӣ ва маҳдудии ҳаҷми диққат шуда метавонад. Бинобар ин, тез ба вазъият баҳо додан, ҳалли дурусти масъаларо пайдо кардан ва дуруст онро иҷро намудан ба таҷрибаи индивидуалии варзишгар вобаста аст. Аз ин рӯ, варзишгарро бояд на танҳо ба ҳолатҳои мақаррарӣ, балки ба вазъиятҳои ногаҳонию тасодуфӣ низ тайёр намудан зарур аст.

Фрустратсия ҳолати эмотсионалие мебошад, ки ҳангоми дучор омадани шахс ба душворию монеаҳои халалрасон дар протсесси расидан ба мақсад ба амал меояд. Ин ҳолат ба ҷараёни шуур ва фаъолияти одам таъсири манфӣ мебахшад. Фрустратсия то андозае ихтилофи ботиниро байни равияи шахс ва имкониятҳои объективӣ ифода мекунад, ки ӯ бо онҳо розӣ нест. Одам дар ҳолати фрустратсия ба изтироби рӯҳию асабии сахт гирифтор мешавад, алам, ѓамгинӣ ва худазобдиҳии беҳад ӯро фаро мегирад. Хусусиятҳои зоҳиршавии фрустратсия ба дараҷаи пастшавии шиддати баамаломада вобаста аст. Агар шиддат паст карда нашавад, он гоҳ фрустратсия дар шароитҳои дигар боз рӯй додан мегирад. Яъне, шахс шиддати алам, хашм ва қаҳри худро тавассути ба одамони тамоман бегуноҳ равона кардан паст мекунад. Агар шахси ба фрустратсия гирифторшуда ба шароити иҷро намудани ягон кори завқовар таъмин карда шавад, он гоҳ амалҳои таҳдидомези ӯ кам ва суст шудан мегирад.

Ҳолати рӯҳӣ ин ҳолати нсибатан сустифодаёфтаи эмотсионалӣ буда, муддати муайяни шахсро фаро мегирад ва дар рафтору фаъолияти ӯ инъикос меёбад. Ҳолати рӯҳӣ стеникӣ ё худ нохушиҳоро интизор мешавад: фараҳбахш ва ё ѓамангез, бадқаҳр ва ё ҳалимона. Ҳодисаҳои гуногун, вазъияту шароитҳои ҳаёт ва инчунин ҳолати ҷисмонии шахс метавонад ба чигунагии кайфияти холи ӯ таъсир бахшанд.

Рағбат ин ҳиссиёти зӯр, устувор, давомдор ва амиқе мебошад, ки тамоми шахсро фаро мегирад ва қувваи сустшавандаеро меофарад, ки ба предмети рағбат равона карда мешавад. Объекти рағбатро соҳаҳои гуногуни дониш ва фаъолияти одам ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, объекти рағбатро одами ҷинсаш муқобил, чизҳои ба даст овардани онҳо ба вуҷуд меоварад. Нишонаю аломати асосии рағбат ягонагии лаҳзаҳои иродавӣ ва эмотсионалии он мебошад. Рағбатҳо ҳамеша одамонро фаъол мегардонанд. Вай на танҳо тарафи эмотсионлаию иродавии шахс, балки соҳаи интеллектуалии ӯро низ тавсиф медиҳад. Рағбат равияи фикру андеша ва майлу хоҳишҳои шахсро муайян мекунад. Аз ин рӯ, роҳи ҳаёти инсон аз рағбатҳое вобаста аст, ки ӯро ба пеш мебаранд ва дар бартараф намудани ҳар гуна душвориҳо сафарбар менамоянд.

Тадқиқотчиён Б.А. Вяткина, Г.М. Гагаева, А.Д. Ганюшкина, А.Д. Захаров, М.П. Казаченко доир ба ҳолати омодагии психологӣ кор карда, аломатҳои омодагии психологӣ ба мусобиқаҳои варзиширо муайян карданд. Ба он дохил мешаванд: боварии комил ба қувваи худ, кӯшиш то охир муборизa бурдан баҳри ноил шудан ба мақсад, дараҷаи оптималии ҳаяҷони эмотсионалӣ, муқобилият нишондиҳии устувор ба ангезаҳои берунӣ ва дохилӣ, қобилияти ба таври ихтиёрӣ идора намудани амал, фикр, ҳиссиёт ва рафтори худ. Ин нишонаю аломатҳои омодагии психологӣ ба мусобиқаҳои варзишӣ мебошад.

Аломати боварии комил доштан ба қувваи худ аз аломатҳои муҳими варзишгар дар мусобиқа ба шумор меравад, зеро ин воситаи асосии бомуваффақият баромад кардани варзишгар дар мусобиқа мебошад. Ин ҷо имкониятҳои худи варзишгар ва ҳарифи ӯ ба ҳисоб гирифта мешавад. Бинобари ин заруроте пеш меояд, ки варзишгар бояд ба қувваи худ боварӣ ҳосил намояд. Набудани боварӣ ба қувваи худ ба он бурда мерасонад, ки варзишгар ба ҳолатҳои эмотсионалии дар боло зикршуда гирифтор мешавад ва варзишгар ба мақсадаш ноил намегардад. Дар ин зина варзишгар бояд аз дараҷаи омодагии ҷисмонии худ бохабар бошад ва ба он боварӣ ҳосил кунад. Илова ба он бояд роҳҳои худидоракунии амал ва ҳолатҳои эмотсионалиро дар шароитҳои ғайримуқаррарии мусобиқа донад.

Аломати дуюми омодагии психологӣ баҳри расидан ба мақсад ва баҳри музаффарият дар мусобиқа кӯшиши то лаҳзаи охир муборизa бурдан мебошад. Чунин варзишгар ба муросо намеравад, созиш намекунад, балки то лаҳзаи охирин тамоми қувваашро сарф мекунад ва ин новобаста аз он аст, ки ҳариф пурқувват аст ё камқувват. Ин хел варзишгарон хоҳиши мусобиқа намудан доранд. Психологон муайян карданд, ки то ба охир муборизa бурдани варзишгар кори саҳлу осон нест. Дар рафти мусобиқа ҳолатҳои гуногун ба амал меоянд. Баъзан мешавад, ки аз муваффақиятҳои лаҳзавӣ саргарм мешавад ва фаъолиро аз даст медиҳад ва ин ба оқибати бад, яъне мағлубият мебарад.

Ҳолати дигараш он аст, ки варзишгар бартариҳои ҳарифро ҳисс мекунаду аз ин дасту по хӯрда мешавад ва зарурати давом додани мусобиқаро лозим намедонад.

Агар ҳардуи ин ҳолатро таҳлил намоем, ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба варзишгар ташаккули сифатҳои иродавӣ зарур аст. Дар адабиёти психологӣ масъалаи ирода таҳлили амиқ карда мешавад ва нақши он дар бартараф намудани ҳолатҳои эмотсионалӣ таҳкиб мегардад. Ба таври мухтасар тавсифи умумии ирода ва амалҳои иродавиро мекунем.

Ирода протсесси психикии ба таври шуурона идора намудани фаъолият мебошад, ки дар бартараф намудани душворию монеаҳо ҳангоми расидан ба мақсад ифода меёбад. Бартараф намудани душворию монеаҳо чаҳду кӯшишҳои иродавӣ, ҳолати махсуси шиддати асабию рӯҳиро талаб мекунад, ки баҳри он тамоми қувваҳои ҷисмонӣ ва ақлӣ сафарбар мегарданд.

Инсон ҳангоми иҷро намудани навъи муайяни фаъолият бо монеаҳои берунию дохилӣ дучор меояд ва тавассути ташаккул додани сифатҳои иродавӣ дар худ метавонад онҳоро бартараф намояд. Сифатҳои иродавии инсон ҳамчун унсури муҳими шахс дар ҷараёни бозӣ, таълим ва меҳнат роли муҳимро мебозанд. Ба сифатҳои иродавӣ дохил мешаванд: мақсаднокӣ, қатъият, ҷасурӣ, мардонагӣ, ташаббускорӣ, суботкорӣ, мустақилӣ, худдорӣ, боинтизомӣ ва ғайра.

Мақсаднокӣ - сифати иродаи шахс аст, ки дар тобеъ намудани рафтори одам ба мақсадҳои устувори ҳаётӣ, дар равон кардани тамоми қувва ва қобилият баҳри расидан ба ин мақсадҳо ифода меёбад. Бояд қайд кард, ки мақсаднокӣ дар баъзе

одамон равиши инфиродишударо мегирад. Онҳо низ мақсадҳои равшану аниқ мегузоранд, вале мазмуни онҳо танҳо талабот ва шавқу ҳавасҳои шахсиро инъикос менамоянд.

Қатъият – сифати иродаи шахс буда, дар қобилияти саривақт қабул кардани қарори асосноку устувор ва бетаъхир ба иҷрои он шурӯъ кардан зоҳир мешавад. Қатъиятро махсусан дар шароиту вазъиятҳои душвору мураккаби роҳи ҳал мушоҳида кардан мумкин аст. Беҷуръатӣ сифати муқобили қатъият мебошад ва он дар муборизаи беохири маромҳо, дар пайваста аз нав дида баромадани қарори ҳанӯз пеш қабулшуда ифода меёбад.

Ҷасурӣ - ин қобилияти бартараф намудани ҳисси тарс ва саргардонию саросемагӣ мебошад. Ҷасурӣ на танҳо дар амалҳои барои ҳаёти одам хавфнок зоҳир мешавад. Одами ҷасур аз кори мураккаб ва масъулияташ баланд наметарсад ва аз нобаробариҳо намеҳаросад. Ҷасурӣ муносибати оқилона ва дурустро ба ҳақиқат талаб мекунад. Ҷасурии ҳақиқии одами боирода – ин таҳдидкунанда ба шумор меравад. Одами ҷасур имкониятҳои худро пурра фаҳмида мегирад ва ба таври кофӣ фикру андешаи амиқи амалҳои иродавиро мекунад.

Суботкорӣ - маҳорати то ба охир бурда расондани қарори қабул кардашуда, дар роҳи он ҳар гуна монеаю душвориҳоро бартараф намудан ва ба мақсади гузошташуда ноил гардидан мебошад. Суботкориро бояд аз сифати муқобилмаънои он - якравӣ фарқ кард. Одами якрав одатан танҳо фикру андешаи шахсии худ, далелу асосҳои худашро эътироф мекунад ва дар амалу рафторҳои худ, ҳарчанд нодуруст бошанд ҳам, онҳоро ба роҳбарӣ мегирад.

Худдорӣ - чунин сифати иродавии шахс мебошад, ки қобилияти нигоҳ дошта тавонистани зуҳуротҳои психикӣ ва ҷисмонии ба рафти мақсадрасӣ халалрасонро ифода мекунад. Сифати муқобили манфии он – импулсивнок будан мебошад, яъне чунин шахс андешаи рафторҳои худро накарда, майли саросемавор мувофиқи фикри аз ҳама пеш пайдошуда амал карданро мекунад.

Мардонагӣ - ин сифати мураккаби шахс аст ва на танҳо мавҷудияти ҷасурӣ, балки суботкорӣ, худдорӣ, боварӣ доштан қобилияти натарсидан аз хавфи барои ҳаёт ва осудагии шахси мавҷудбуда, дар маҳорати бартараф намудани мусибат, азият ва маҳрумӣ зоҳир мешавад.

Ташаббускорӣ - ин сифати иродавӣ буда, одам тавассути он эҷодкорона амал мекунад. Ташаббускорон шахси фаъол ва дар рафтору амал кардан моҳиру ҷасур аст.

Мустақилӣ – ин сифати иродавии шахс ва он дар маҳорати мувофиқи ташаббуси шахсии худ мақсад гузоштан, ёфтани роҳи ноил шудан ба он ва ба таври амалӣ иҷро намудани қарори қабулшуда зоҳир мешавад. Одами мустақил ба кӯшишҳои ӯро ба амалҳои бо эътиқодаш мувофиқ набуда майл кунонидан тан намедиҳад. Ӯро дар баробари ин, ба дида баромадани маслиҳату нишондодҳои дигарон тайёр аст, ба онҳо баҳо медиҳад ва агар оқилона бошад, ба қабули онҳо низ омодааст. Сифати муқобили мустақилӣ - талқиншавандагӣ мебошад. Одами талқиншаванда ба таъсири дигарон ба осонӣ дода мешавад, ба маслиҳату дастурҳои онҳо танқидкорона муносибат карда наметавонад, муқобилият нишон намедиҳад ва ҳар гуна нишондодҳоро, ҳарчанд беасос бошанд ҳам, қабул мекунад.

Боинтизомӣ – ба ақидаҳои ҷамъиятӣ шуурона тобеъ кунонидани рафтори худ мебошад. Интизоми бошуурона дар он зоҳир мешавад, ки одам худро бе маҷбуркунӣ барои риоя намудани қоидаҳои интизоми меҳнатӣ, таълимӣ вазифадор мешуморад ва ҳатто барои аз ҷониби дигарон иҷро намудани онҳо мубориза мебарад.

Ташаккули сифатҳои иродавӣ дар варзишгарон яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад.

Акнун дараҷаи оптималии ҳаяҷони эмотсионалиро дида мебароем: давраи пеш аз мусобиқавӣ одатан ҳамчун қоида бо ҳаяҷони эмотсионалии баланд тавсиф дода мешавад. Аз рӯи маълумотҳои зиёди физиологӣ, тиббӣ, нейропсихологӣ ва дигар тадқиқотҳо – ин аксуламалҳои пеш аз кории бемақсаде мебошанд, ки аз рӯи механизми «инъикоси пешакӣ» ба вуҷуд меоянд. Вале на дар ҳамаи ҳолатҳо дараҷаи ҳаяҷон барои бомуваффақиятии фаъолияти оянда таъсири мусбӣ расонида метавонад. Вай метавонад аз ҳад баланд шавад ё ин ки норасогии он эҳсос шавад. Бояд қайд кард, ки дараҷаи бошиддати рӯҳии варзишгар аз дигар омилҳо низ, вобастагӣ дорад, аз қабили баромад кардан дар мусобиқаҳои варзишӣ, хусусиятҳои фардию-психологӣ ва типологии шахсияти варзишгар ва ғайра.

Муҳимтарин қисмати ин масъала қобилияти идора намудани амал, фикр, ҳиссиёт ва рафторҳои варзишгар дар рафти мусобиқа мебошад. Бо ин гуфтанӣ ҳастем, ки варзишгар бояд вазъиятҳои дар рафти мусобиқа рӯй медодаро пешбинӣ кунад, роҳҳои мувофиқи мақсадро ёбад, ҳиссиёташро идора кунад, ба омилҳои халалрасон муқобилият нишон диҳад. Рафтору кирдори худро дар доираи меъёрҳои ахлоқӣ идора намояд ва ғайра. Агар ҳамаи ин қисматҳои зикршуда ба инобат гирифта шаванд, пас маълум мешавад, ки дараҷаи омодагӣ ба мусобиқаи варзишӣ ҳисс карда мешавад.

Умуман, ин масъаларо психологи соҳаи варзиш А.Д. Ганюшкин тадқиқ намудааст ва чор зинаи омодагиро ба мусобиқаҳои варзишӣ пешниҳод менамояд.

Дараҷаи якумро ҳолати омодагии пурраи психикӣ ба мусобиқа номидааст. Дар ин қисмат ҳамаи унсурҳои психикии варзишгар аз рӯи системаи ягона ва мувофиқ ба якдигар ба амал меояд.

Дараҷаи дуюмро ҳолати омодагии психикие меноманд, ки то андозае ба ҳолати пурраи омодагии психикӣ наздик аст.

Дараҷаи сеюмро ҳолати омодагии нопурраи психикӣ ба мусобиқаи варзишӣ ташкил медиҳад.

Дараҷаи чорумро ҳолати ноомодагии психикӣ ташкил медиҳад, ки беҳтараш варзишгарро ба мусобиқа роҳ намедиҳем. Маҳз дар ҳамин ҷо нақши психолог, духтур ва мураббӣ калон аст [9].

Ҳамин тавр, ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳолати омодагии психикӣ ҳолате ба шумор меравад, ки метавонад варзишгарро ба музаффариятҳо бибарад, агар он ба таври бояду шояд ба роҳ монда шуда бошад.

**АДАБИЁТ**


1. Богданова Д.Я., Доронина Л.К. Общение тренера в условиях соревнований по спортивным играм. - В сб.: Вопросы психологии спорта. Л., Изд. ГДОИФК им. – П. Ф. Лесгафта, 1975
2. Психлогия физического воспитания и спорта: Учеб. пособие для ин-тов физ. культ. / Под. ред. Т.Т. Джамгарова, А.Ц. Пуни. – М.: Физкультура и спорт, 1979
3. Психология физической культуры и спорта. Под ред. проф. А.В. Родионова – М., 2004, №3
4. Пуни А.Ц. «Процесс и система звеньев формирования сосотояния психической готовности к соревнованиям в спорте». Изд. ГДОИФК им. П.Ф. Лесгафта – Л., 1979
5. Пуни А.Ц. Роль внимания в непосредственной подготовке к исполнению упражнений в соревновании. Сб.: Психологические вопросы спортивной тренировки – М., ФиС, 1967
6. Рафаэль Инуфио. Исследование психолгической готовности к непосредственному выполнению двигателного действия. – М., 1975
7. Родионов А.В., Исследование стартовых состояний спортсменов с различными особенностями свойств нервной системы. – В сб.: Психологические вопросы спортивной тренировки. – М.: ФиС, 1967
8. Судаков К.В. Системные механизмы эмоционального стресса. – М., 1981
9. Ганюшкин, А.Д. Исследование состояния психической готовности человека к деятельности в экстремальных условиях: автореф. дис. ... канд. психол. наук / Ганюшкин Анатолий Дмитриевич. - Ленинград, 1972. - 22 с.
10. Калинкина Е.В. Предстартовое состояние спортсмена / Е.В. Калинкина, О.А. Синкина. - Текст: непосредственный // Молодой ученый. - 2016. - № 8 (112). - С. 1206-1208. - URL: https://moluch.ru/archive/112/28692/ (дата обращения: 2.12.2020).


**ОМОДАГИИ ПСИХОЛОГӢ БА МУСОБИҚАҲОИ ВАРЗИШӢ**


Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи омодагии психологӣ ба мусобиқаҳои варзишӣ, психологи соҳаи варзиш, мусобиқаи варзишӣ омилҳои таъсиррасон дар рафти мусобиқаҳои варзишӣ ба варзишгарон ва ҳолати пешазмусобиқавии варзишгар меравад**.** Дар мақола дар раванди таҳлилҳои назариявӣ маълум мешавад, ки барои омодагии психологӣ ба мусобиқаҳои варзишӣ ва бартараф кардани омилҳои таъсиррасон дар рафти мусобиқаҳои варзишӣ, психологи соҳаи варзиш нақши муҳимро мебозад. Қайд карда мешавад, ки дар рафти мусобиқаҳои варзишӣ ба варзишгарон омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, аз қабили шумораи тамошобинон ва рафтори онҳо, ҳайъат ва фаъолияти доварон таъсири байниҳамдигарӣ ба мураббиён, шароитҳои методологӣ, пайдоиши ҳодисаҳои ногаҳонӣ ва вазъиятҳои ғайричашмдошт ва ғайра. Ин омилҳои номбаршуда ба фаъолияти варзишгар метавонанд ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфии психологӣ расонанд. Мусобиқаи варзишӣ фаъолияте ба шумор меравад, ки дар шароитҳои экстремалӣ зоҳир мешавад. Барои он ки ин фаъолият сермаҳсул бошад, зарур аст, ки ҳар як варзишгар аз назари психологӣ ба он тайёр бошад. Дастовард ва бурду бохт дар мусобиқаҳои варзишӣ аз дараҷаи омодагии психологии варзишгар ба мусобиқа вобастагӣ дорад.



**Калидвожаҳо:** омодагии психологӣ ба мусобиқаҳои варзишӣ, омодагии психологӣ, психологияи варзиш, ташаккули сифатҳои иродавӣ дар варзишгарон, ҳолатҳои эмотсионалӣ дар варзишгарон, варзиш, варзишгар, мусобиқа.


**ПСИХОЛОГИЧЕСКАЯ ПОДГОТОВКА К СПОРТИВНЫМ СОРЕВНОВАНИЯМ**


В статье рассматриваются психологическая подготовка к спортивным соревнованиям, спортивная психология, спортивные соревнования, факторы, влияющие на ход спортивных соревнований спортсменов и предсоревновательное состояние спортсмена. В статье в процессе теоретического анализа

выявлено, что спортивный психолог играет важную роль в психологической подготовке к спортивным соревнованиям и устранении факторов, влияющих на ход спортивных соревнований. Отмечается, что во время спортивных соревнований на спортсменов влияют различные факторы, такие как количество зрителей и их поведение, состав судей и взаимодействие тренеров, методические условия, возникновение несчастных случаев и непредвиденных обстоятельств и так далее. Эти факторы могут иметь как положительное, так и отрицательное психологическое влияние на спортивные результаты. Соревнования – это деятельность, происходящее в экстремальных условиях. Чтобы это занятие было продуктивным, необходимо, чтобы каждый спортсмен был к нему психологически подготовлен. Успех и неудача в спортивных соревнованиях зависят от уровня психологической готовности спортсмена к соревнованиям.

**Ключевые слова:** психологическая подготовка к спортивним соревнованиям, психологическая подготовка, развитие волевих качеств у спортсменов, эмоциональные состояния у спортсменов, спорт, спортсмен, соревнования.

**PSYCHOLOGICAL PREPARATION FOR SPORTS COMPETITIONS**

The article deals with the psychological preparation for sports competitions, sports psychology, sports competitions, factors influencing the course of sports competitions among athletes and the pre-competitive state of an athlete. In the article, in the process of theoretical analysis, it was revealed that a sports psychologist plays an important role in psychological preparation for sports competitions and the elimination of factors affecting the course of sports competitions. It is noted that during sports competitions, athletes are influenced by various factors, such as the number of spectators and their behavior, the composition of judges and the interaction of coaches, methodological conditions, the occurrence of accidents and unforeseen circumstances, and so on. These factors can have both positive and negative psychological effects on athletic performance. Competition is an activity that takes place in extreme conditions. For this activity to be productive, it is necessary that every athlete is psychologically prepared for it. Success and failure in sports competitions depend on the level of the athlete's psychological readiness to compete.

**Keywords:** development of volitional qualities in athletes, emotional states in athletes, psychological preparation, psychological preparation for sports competitions, sport, athlete, competition, psychological preparation.

**Сведения об авторе:** ***Солихов Нахтулло*** **–** Таджикский национальный университет, магистр кафедры психологии, факультета философии Таджикского Национального Университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе. **Телефон:** +992 919 21 49 23. **E-mail:** iam0101@bk.ru

**Information about the author:** ***Solihov Nahtullo*** **–** Tajik National University, Psychological department master, Philosophy faculty, Tajik National University. **Address:**734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city. **Telephone: +992 919 21 49 23. E-mail:** iam0101@bk.ru

# РУШДИ НУТҚИ КӮДАКОНИ 4-5 СОЛА

***Сатторов Қ. Н.***
**Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон**

Дониши пурраи забони модарӣ дар кӯдаки томактабӣ шарт ва зарур аст ҳалли масъалаҳои тарбияи ақлӣ эстетики ва ахлоқии кӯдакон мебошад . Рушди нутқ ҳамчун рушди қобилияти фаҳмидан ва истифода бурдани забон ба ҳисоб меравад: инкишофи шунавоии фонетикӣ ва таҳлили овоз, луғат, огоҳӣ аз таркиби калимаҳо, ташаккули категорияҳои грамматикӣ , рушди малакаҳои муошират ва малакаҳои сухани мувофиқ мебошад . Инкишофи ин ҷузъҳои нутқро дар кӯдакони 4-5 солагӣ дида мебароем. Дар синни 4-5 солагӣ ду ҷузъи муҳимтарин ташаккул меёбанд: шунавоии фонематикӣ (қобилияти шинохтани садоҳои нутқ) ва диққати нутқ, ки кӯдакро барои азхудкунии таҳлили овозии калима омода месозанд.

Қаблан солимии сухан беҳтар шуда истодааст, аммо баъзе кӯдакон дар ниҳоят вақт садоҳоеро ба вуҷуд наовардаанд, ки дар артикуляцашон душвор аст. Луғати фаъол бо калимаҳое , ки сифатҳои ашё, амалҳои бо онҳо иҷрошударо ифода мекунанд, бой мегардад. Кӯдакон метавонанд ҳадафи ашёи функсионалиро муайян кунанд (“тӯб бозича аст, онҳо онро бозӣ мекунанд”), ва фаъолона интихоб кардани калимаҳо бо маъноҳои муқобил (антонимҳо ) ва наздики (муродифҳо ) шурӯъ мекунанд, ашё ва падидаҳоро муқоиса мекунанд калимаҳои умумиҷаҳониро истифода мебаранд (исмҳо бо маънои умумӣ мебел, либос, пояфзол ва ғайра).

Дар ин вақт, дар ташаккули сохти грамматикии нутқ тағироти назаррас ба амал меоянд, дар рушди усулҳои калимасозӣ таркиши эҷодиёти лафзӣ ба амал меояд. Суханронии кӯдакон бештар мувофиқтар мешавад; дарки паҳлӯи маъноии сухан, сохтори синтаксисии ҷумлаҳо, яъне ҳамаи он малакаҳое, ки барои рушди нутқи мувофиқ ва заруранд. Самти асосии рушди нутқи кӯдак дар соли панҷуми ҳаёт инкишоф додани нутқи ҳамоҳангӣ монологӣ мебошад. Инкишофи нутқ мувофиқ дар баробари рушди тафаккур тадричан ба амал меояд ва бо мушкил

шудани фаъолияти кӯдакон ва шаклҳои муошират бо одамони атроф алоқаманд аст. Кӯдакони 4-5 сола фаъолона ба сӯҳбат машғул шуда, метавонанд дар як сӯҳбати коллективӣ ширкат варзанд, афсонаҳо ва ҳикояҳоро нақл кунанд ва мустақилона аз расмҳо нақл кунанд. Дар баробари ин суханронии мувофиқаи онҳо то ҳол нокомил аст. Онҳо намедонанд, ки чӣ гуна саволҳоро дуруст таҳия кунанд, ҷавобҳои рафиқони худро пурра ва ислоҳ кунанд. Ҳикояҳои онҳо дар аксари ҳолатҳо, намунаи шахси калонсолро нусхабардорӣ мекунанд, вайронкунии мантиқро дар бар мегирад; ҷумлаҳо дар дохили як ҳикоя аксар вақт танҳо ба таври расмӣ алоқаманданд.

Дар синни миёнаи томактабӣ дар фаҳмиши матн баъзе дигаргуниҳо ба амал меоянд, ки бо тавсияи ҳаёт ва таҷрибаи адабии кӯдак алоқаманд аст.

Кӯдакон амалҳои персонажҳоро дуруст арзёбӣ мекунанд. Дар кӯдаки 4-5-сола механизми ташаккули тасвири ҳамаҷонибаи мундариҷаи маъноии матни даркшаванда пурра ба кор шурӯъ мекунад. Дар асоси ин вазифа асоси рушди нутқ тарбияи маърифати солимии нутқ ғанӣ гардондан ва фаъол сохтани луғат, ташаккули сохти грамматикии нутқ, таълими нутқи пайваста мебошад, ки дар тамоми давраи томактабӣ ҳал карда мешаванд. Аммо кӯдак дар ҳар як марҳилаи синну сол мундариҷаи нутқ, тағирот ва усулҳои таълим ба назар мерасад.

***Маслиҳати равоншинос ба волидайни кӯдакон. Рушди нутқ дар соли сеюми ҳаёт.*** Рушди муқаррарии нутқ бо муоширати фаъолона бо дигарон бо ёрии ибораҳои муфассали 3-4 ва зиёда калимаҳо ва истифодаи калимаҳои шинос дар якчанд шаклҳои грамматикӣ хос аст, масалан: додан -ман намедиҳам, ва ғайра. Кӯдак суханронии ба ӯ муроҷиаткарда ва мазмуни афсонаҳоро аллакай хуб мефаҳмад. Барои кӯдакони соли сеюми ҳаёт сухан гуфтан роҳи асосии шинохти ҷаҳон, ташаккули меёбад.

Дар соли сеюми ҳаёт, талаботи кӯдак ба муошират бо калонсолон ва ҳамсолон меафзояд. Кӯдак ба фаҳмидани саволҳои оддӣ шурӯъ мекунад, масалан: Гурба дар куҷост?, Шумо тӯбро дар куҷо гузоштед? Таваҷҷӯҳ ба ашёҳои атроф ӯро водор мекунад, ки ба калонсолон чунин саволҳо диҳад, ба монанди: Ин чист? Барои чӣ? Ба куҷо? Кай? ва ғайра.

Луғат дар охири соли сеюм нисбат ба синну соли қаблӣ 3-4 маротиба зиёд мешавад. Кӯдак номи бисёр ашёҳоро медонад: бозичаҳо, зарфҳо, либосҳо, яъне он ашёе, ки дар муҳити гирду атрофи ҳастанд. Дар соли сеюми ҳаёт, кӯдак ба истифодаи бештари феълҳо, сифатҳое шурӯъ мекунад, ки на танҳо андозаи ашё, балки ранг, шакл, сифати онҳоро ифода мекунанд, масалан: сурх, сабз, сиёҳ,зард, баланд, паст, бад, хуб, хунук, гарм, ширин ва ғ.

Дар охири соли сеюми ҳаёт, барои нутқи кӯдакон пайдоиши ҷумлаҳои мураккаб хос аст. Кӯдак ба қабули афсонаҳои аз ҷиҳати мазмун содда ва ҳаҷман хурд оғоз метавонад, ва баъзе саволҳо дар бораи чизҳои хондааш ҷавоб диҳад. "Шалғам", "Гург ва ҳафт бузи хурд" - ин асарҳо барои кӯдакон фаҳмоанд, аммо ҳангоми бозгӯӣ онҳо танҳо қодиранд, ки суханони алоҳида ё калимаҳо барои калонсолон пешниҳод кунанд. Матнҳои хурд, ки борҳо хонда шудаанд, аз ҷониби кӯдакон қариб пурра азёд карда мешаванд, аммо онҳо, одатан, мустақилона азнавсозӣ сохта наметавонанд, гарчанде ки баъзеҳо дар охири соли сеюм бо чунин вазифа ба осонӣ мубориза мебаранд. Дар ин синну сол барои кӯдак тахмин кардани муаммоҳои оддӣ имконпазир мегардад, агар матн ҷавоб дошта бошад, масалан, калимаҳои шинос шир, ба кӣ? Ӯ кист? Бо вуҷуди ин ҳама дастовардҳои рушди нутқи, кӯдакон ҳануз ҳам бисёр калимаҳоро возеҳ ва дуруст талаффӯз намекунанд, аз ин рӯ, нутқи онҳо дар маҷмуъ барои дигарон на ҳама вақт равшан аст, масалан, ҳамсадо дар артикуляция мураккабанд: В, Б , Т,Х, С, З, Л, Р кӯдакон дар талаффузи ин овозҳо мушкили мекашанд.

***Рушди нутқи кӯдак дар соли чоруми ҳаёт.*** Дар соли чоруми ҳаёт кӯдакон метавонанд аллакай оддитарин ҳукмҳоро дар бораи ашё ва падидаҳои воқеияти атроф баён кунанд, байни онҳо робита барқарор кунанд ва хулоса бароранд. Бо вуҷуди ин, дар маҷмӯъ ва рушди нутқ дар кӯдакон фарқиятҳои инфиродӣ вуҷуд дошта метавонанд: баъзеҳо дар сесолагӣ нутқро хуб медонанд, дар ҳолате, ки он ҳанӯз комил нест.

Кӯдакон ҳатто бо одамони ношинос ба осонӣ тамос барқарор мекунанд, зеро онҳо барои донистани ҷаҳони атроф ниёзи калон доранд. Аз ин рӯ, онҳо доимо саволҳо медиҳанд: Ин чӣ ном дорад? Барои чӣ? ва ғайра, аммо аз сабаби ноустувории диққат онҳо метавонанд посухро то охир гӯш накунанд. Ҳаҷми

тахминии луғати кӯдакон дар ин вақт 1500-2000 калимаи қисматҳои гуногуни нутқро ташкил медиҳад. Аммо, кӯдакон дар интиқоли мундаричаи афсона ва ё тавсифи воқеае, ки дар он онҳо иштирокчиён буданд, душворӣ мекашанд, зеро дар луғати онҳо калимаҳои умумие мавҷуд нестанд, масалан: либос, сабзавот ва ғайра; инчунин номҳои калимавии қисмҳои ашё. Дар ин давра, кӯдакон малакаҳои калимасозӣ ва қобилияти иваз кардани калимаҳо барои сохтани ҷумлаҳоро босуръат инкишоф медиҳанд, ки дар адабиёт ҳамчун «калимасозии бачагона» тавсиф шудааст (К.И. Чуковский «Аз ду то панҷ»). Ҳамин тавр, онҳо аксар вақт калимаҳоеро истифода мебаранд, ки ба забони модарии онҳо нестанд, масалан, "экскаватор" ба ҷои корди китф ва ғ. Кӯдакон майл доранд, ки номҳои ашё ва амалҳоро ба тарзи худ дарк кунанд.

Нишондиҳандаи рушди дурусти нутқи кӯдакон пайдо шудани қобилияти кӯдак баъд аз се сол барои баҳо додан ба талаффузи худ ва одамони дигар мебошад. Аксарияти кӯдакон чунин садоҳои душворро, ба монанди у, е, х -ро дуруст талаффуз мекунанд, талаффузи садонокҳои сахти с, з- ро ба меъёр наздик мекунанд; аксар вақт дар нутқи кӯдакон ҳамсадоҳои в, г, л, р пайдо мешаванд.

Ҳар як садои артикуляториро кӯдак дар якчанд марҳила азхуд мекунад. Ҳамин тавр, масалан, кӯдак талаффузи садоиВ-ро фавран азхуд намекунад, балки аввал онро бо садоҳои дар артикуляция сабуктар иваз мекунад: то д ', баъд ба з', пас ба с.

Аммо ҳатто пас аз азхуд кардани талаффузи дурусти садо, кӯдак то даме ки малакаи талаффузи талаффузро аз худ накунад, онро дар нутқи ҳамбастагӣ бо з, иваз мекунад. Ва вақте ки тарзи дурусти талаффузи х-ро дар нутқи ҳамоҳанг омӯхтед, кӯдак ба ҷои овози з, овози с -ро талаффуз карда, онро истифода мебарад. Дар чунин ҳолатҳо, волидон бояд ба кӯдак кӯмак расонанд.

Барои он, ки барои волидон назорати саривақтии пайдоиши садоҳои гуногун дар нутқи кӯдак мусоидтар гардад, мо ҷадвалеро пешниҳод мекунем, ки дар он мӯҳлати тахминии азхудкунии садонокҳо ва ҳамсадоҳо аз ҷониби кӯдакон оварда шудааст.

0-1 сол А, У, И, Ӯ, О, Э
1-2 сол О, Н, Т ", Д", К, Г, Х, В, Ф
2-3 сол У, Л ", Е, С"
3-4 сол У, С, З, С
4-5 сол В, Н, Л, Р,

***Рушди нутқи кӯдак дар соли панҷуми ҳаёт.*** Афзоиши луғати фаъол (2500-3000 калима дар синни панҷсолагӣ) имкон медиҳад, ки кӯдак изҳоротро пурратар созад, фикрашро дақиқтар баён кунад. Аммо афзоиши луғат ва рушди нутқи ҳамбастагӣ аксар вақт ба он оварда мерасонад, ки кӯдакон ба хатогиҳои грамматикӣ зуд-зуд сар мекунанд, масалан, онҳо феълҳоро нодуруст иваз мекунанд (ба ҷои хоҳиш "мехоҳанд"), дар бораи калимаҳо дар ҷинс ба мувофиқа нарасанд , дар шуморат.

Дар ин синну сол ҷаззобии қофия бузург аст. Кӯдакон дӯст медоранд, ки бо калимаҳо бозӣ кунанд, онҳоро қофия кунанд ва шеърҳои худро эҷод кунанд. Чунин хоҳиш табиӣ аст, бозиҳо бо калимаҳо ба рушди шунавоии нутқи кӯдак мусоидат мекунанд ва калонсолон бояд ҳавасманд карда шаванд.

Дар кӯдакони ин синну сол талаффузи садо ба таври назаррас беҳтар карда мешавад, хатогиҳо дар талаффузи ҳамсадоҳои нарм ба ҷои овозҳои сахт комилан аз байн мераванд ва сарфи назар аз садоҳо ва ҳиҷоҳо кам ба назар мерасанд.

Аммо, кӯдакон метавонанд дар талаффузи калимаҳои ҳамсадо бо, с, в, в, р ,л, м душворӣ кашанд. Барои волидон дар хотир доштан муҳим аст, ки кӯдакон бо тақлид ба одамони атроф сухан гуфтанро меомӯзанд, аз ин рӯ, ҳар қадар кӯдак бо калонсолон ва ҳамсолонаш муошират кунад, ҳамон қадар тезтар ва беҳтар нутқаш инкишоф меёбад. Суханронии калонсолон бояд чунин бошад:

- равшан, фаҳмо;
- барои кӯдак фаҳмо, яъне бо талаффузи калимаҳо ва ҷумлаҳои содда ва мураккаб аз ҳад зиёд набошад;

Суханронии калонсолон барои кӯдакон намуна аст.

Дар сурати мавҷуд набудани чунин намуна, коҳиш ва камбизоатии иртиботи кӯдак ва калонсолон, нутқ ва рушди ақлии муқаррарӣ суст ва ҳатто қатъ мешавад. Мутахассисон таъхири нутқ ва рушди ақлии чунин кӯдаконро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, бо кӯдак муошират кардан, бо ӯ бозӣ кардан, ба ӯ шеърҳо ва афсонаҳо хондан хеле муҳим аст.

Дар айни замон, ҳолатҳои рушди барвақти нутқ набояд ҳамчун як падидаи мусбат арзёбӣ карда шаванд. Ҳамин тавр, агар калимаҳои аввали кӯдак пеш аз як сол, аз як солу панҷ моҳ то як солу ҳашт моҳ пайдо шаванд, иборае сохта мешавад ва аз ду сол то ду солу панҷ моҳ, ӯ ба ибораҳои муфассал, дар суръати тезондашуда, гӯё ки "нафасгир шудан" бошад, пас ин ҳама метавонад ба шакли неврозии кастуршавӣ оварда расонад.

Нақши асосӣ дар ислоҳи нутқи кӯдаки хурдсолӣ ба модар тааллуқ дорад ва натиҷаҳои рушди кӯдак ва фазои психологӣ дар оила аз он вобаста хоҳад буд, ки вай ба тарбияи ӯ, барои ҳамл бо ӯ дарсҳои ислоҳӣ барад.

Ташхиси саривақтӣ, инчунин таъсири ислоҳӣ-омӯзгорӣ, тиббӣ дар марҳилаи аввали рушд ба кӯдаконе, ки иллатҳои психо-нутқ доранд, имкон медиҳад, ки то синни 4-6 солагӣ аз нигоҳи рушди умумӣ ва нутқ ба меъёри синну сол наздик шаванд.

***Рушди нутқи кӯдак дар соли шашуми ҳаёт.*** Дар нутқи кӯдакони синни томактабии 5-6 сола чӣ махсус аст?

Дар соли шашуми ҳаёт тамоми ҷабҳаҳои нутқ такмил меёбанд: луғат, сохтори грамматикӣ, шунидани нутқ ва малакаҳои таҳлили садо, сухани ҳамоҳанг, ифодаи интонатсионӣ. Сатҳи рушди нутқ хусусиятҳои тафаккури визуалӣ-образноки кӯдакони томактабиро инъикос мекунад. Кӯдак нутқи фаъолонаи ба дарачаи кофӣ инкишофёфта дорад, дар ҷараёни муошират ибораҳои муфассалро истифода мебарад, ба саволҳо дақиқ ва возеҳ ҷавоб медиҳад, қодир аст дар бораи воқеаҳои дидааш нақл кунад.

Кӯдаки томактабӣ на танҳо хусусиятҳои муҳимро дар ашё ва падидаҳо муайян мекунад, балки ба барқарор кардани робитаҳои сабабӣ, муваққатӣ, шартӣ, муқоисавӣ ва ғайра шурӯъ мекунад. Дар ин робита, сухан ба маънои сохторӣ мураккабтар мешавад: ҳаҷми гуфторҳо меафзояд, намудҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаб истифода мешаванд.

Дар соли шашум, кӯдак сохти грамматикии нутқро пурра аз худ мекунад ва онро комилан озодона истифода мебарад. Дурустии грамматикии нутқи кӯдак аз он вобаста аст, ки калонсолон ба хатогиҳои ӯ чӣ қадар диққат медиҳанд, ислоҳ мекунанд, намунаи дурустро нишон медиҳанд. Дар нутқи гуфтугӯӣ, кӯдакони томактабӣ мувофиқи мавзӯи сӯҳбат ҷавобҳои кӯтоҳ ва муфассалро истифода мебаранд. Луғати кофӣ ба шумо имкон медиҳад, ки дар сӯҳбат иштирок кунед, сӯҳбатро нигоҳ доред. Дар тӯли як сол, захираи калимаҳое, ки кӯдак дар муошират истифода мебарад, нисбат ба синну соли қаблӣ 1000-1200 калима афзуда, ба 4000 калима мерасад. Кӯдакон фаъолона исмҳоро бо ҷамъбасткунӣ, инчунин бо маънои хос истифода мебаранд, предметҳо, қисматҳо ва ҷузъиёти алоҳидаи онҳоро, сифатҳо ва хусусиятҳоро ифода мекунанд; сифатҳое, ки мавод, хосият, сифат, ҳолати ашёро ифода мекунанд; феълҳо бо пешвандҳо ва пасвандҳои гуногун ба таври васеъ истифода мешаванд.

Кӯдакон истифода бурдани калимаҳоро бо маънои муқобил дар нутқ - антонимҳоро меомӯзанд (дӯст - душман, баланд - паст, хуб - бад, сухан гуфтан - хомӯш будан); калимаҳое, ки аз ҷиҳати маъно наздиканд, муродифанд (рафтан - рафтан, гаштан; ғамгин - ғамгин, ва ғайра).

***Рушди нутқи кӯдаки 5-6 сола.*** Ҳангоми муошират бо ҳамсолон, кӯдакон бошуурона қувват ва баландии овозҳои худро тағир медиҳанд, аз интонацияҳои гуногун истифода мебаранд: пурсиш, нидо ва нақл. Кӯдак калимаро дар ягонагии маъно ва садояш азхуд мекунад, истифода бурдани калимаҳоро ба маънои дақиқ, дуруст талаффуз кардани онҳоро меомӯзад. Одатан, кӯдак дар синни 5-6-солагӣ ҳамаи садоҳои забони модарии худро дуруст талаффуз мекунад, дар стресс ба хатогиҳо роҳ намедиҳад. Дар ин синну сол бояд кори мустаҳкам кардани талаффузи дурусти садо, талаффузи дақиқи калимаҳои бисёрзабона идома ёбад. Овозҳое, ки дар нутқ нисбат ба дигарон дертар пайдо мешаванд, диққати махсусро талаб мекунанд. Ин садоҳо мебошанд: [с], [х], [в], [и], [г], [л], [р].

Дар синни 5-6-солагӣ, кӯдак фарқ кардани овозҳоро аз гӯш меомӯзад, таҳлили ибтидоии овозиро меомӯзад: муайян кардани ҷои овоз дар калима (ибтидо, миёна, охири), пай дар пай ва шумораи овозҳо. Барои азхуд кардан хондан ва навиштан малакаҳои ибтидоии таҳлили овоз заруранд. Маҳз дар ин синну сол кӯдакон ба садоҳои сухан ва ҳарфҳо таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд.

Калонсолон бояд ба экспрессивии нутқи кӯдак, қобилияти истифодаи интонация, нафаскашӣ, овозии ӯ диққат диҳанд. Суханронии хеле зуд, эҳсосӣ як

камбуди маъмулист. Машқҳои махсус ба эътидол овардани ритми ҳарорат ва беҳтар намудани диктсия мусоидат мекунанд. Талаффузи кӯдакони шашсола аз калонсолон каме фарқ мекунад.

***Рушди нутқи кӯдак дар синни 7-солагӣ.*** Сатҳи фарҳанги нутқи одамони атроф, хусусан калонсолон, ба ташаккули нутқи дурусти грамматикии кӯдакон таъсири калон мерасонад. Дар соли ҳафтум, нутқи кӯдак аз ҷиҳати сохтор дақиқтар мешавад, васеътар мешавад, аз ҷиҳати мантиқӣ мувофиқ аст. Бозиҳои гуногун риоя ва шарҳи қоидаҳоро талаб мекунанд, аз ин рӯ кӯдакон ба истифодаи нутқи фаҳмондадиҳӣ шурӯъ мекунанд, ки дақиқии махсуси баён, интиқоли пай дар пайии амалҳоро талаб мекунад.

Аз ҷониби кӯдак талаффузи нутқи ба сатҳи баланд мерасад, воситаҳои гуногуни сухан ва экспрессивии лингвистӣ истифода мешаванд, ҳама калимаҳо ва ибораҳо ба таври возеҳ талаффуз карда мешаванд. Кӯдакон тадриҷан меъёрҳои талаффузи адабиро аз худ мекунанд.

Хусусиятҳои нутқи кӯдаки шашсола шунидани фонемикии кӯдак дар асоси муошират шифоҳӣ ташаккул меёбад. То охири синни барвақт кӯдакон маънои калимаҳоеро фарқ мекунанд, ки бо як садо фарқ мекунанд. Аммо, қобилияти гузаронидани таҳлили солимии калимаҳо хеле дертар инкишоф ёфт. Ба ин огоҳии таркиби шифоҳии сухан мусоидат мекунад. Кӯдакон кӯшиш мекунанд, ки маънои калимаҳоро фаҳманд, пайдоиши онҳоро шарҳ диҳанд, бо дигар калимаҳои ҳамсадо муқоиса кунанд. Кӯдакон қофияро тамрин мекунанд, дидаву дониста калимаҳоро тағир медиҳанд, калимаҳои навро "ихтироъ мекунанд". Пӯсти овозии забон мавзӯи фаъолияти кӯдак мегардад: эҷоди калима, верификация. Маҳорати лингвистии тадриҷан рушдёбанда, кори зеҳнӣ оид ба забон боиси муносибати бошуурона ба нутқ мегардад. Пеш аз мактаб, ба кӯдак таълими ҷумлаҳо аз рӯи расм, дар мавзӯи додашуда, аз рӯи калимаҳои истинодӣ, ҷудо кардани ҷумлаҳо аз ҷараёни нутқ, ҷудо кардани калимаҳо аз ҷумла, муайян кардани шумораи калимаҳо дар он, ки калимаҳоро бо навбат номбар кунед.

Кӯдак бояд таҳлили овозӣ-ҳиҷоии калимаҳоро азхуд кунад: муайян кардани миқдор ва пай дар пайии овозҳо ва ҳиҷоҳо дар калимаҳои якзабона ва дуҳиҷога, ҷойгоҳи ҳар як овозро дар калима омӯзад; калимаҳоро аз рӯи таркиби ҳиҷоии овоз муқоиса кунед, инчунин калимаҳоро табдил диҳед. Ин малакаҳо бо омодагии махсус ташаккул ёфта, дар азхудкунии хондан ва навиштан муҳиманд.

Дар ин синну сол давраи томактабии инкишофи кӯдак ба анҷом мерасад, ки натиҷаҳои асосии он рушди мавзӯъ ва муҳити иҷтимоӣ, нақши кӯдакони томактабӣ, инчунин омодагӣ ба омӯзиши мунтазам мебошанд. Дар бозиҳо ва чорабиниҳо бо кӯдакони соли ҳафтум, эҳтироми калонсолон, муносибати ғамхорона нисбат ба хурдсолон, иродаи нек дар муошират бо калонсолон ва ҳамсолон, мустақилият ва интизом муҳим аст. Дар кӯдак ташаккул додани завқ ба омӯхтани олами ашё ва мошинҳо, табиат, одамон, калонсолон низ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишӣ диққат диҳад, ки дар байни онҳо қобилияти шунидан ва дар хотир доштан, фаҳмидани вазифа аз ҳама муҳим аст ва тибқи қоидаҳои муайян амал кардан, қобилияти мувофиқи нақша амали кардан ва қобилияти баҳо додан ба фаъолияти онҳо, қобилияти бартараф кардани мушкилот ва нобарориҳо ва қабул кардани кӯмаки калонсолон ва ҳамсолон, қобилияти муттаҳидона баён кардани фикру ҳиссиёти худ дар суханронӣ ва муошират фарҳангӣ дар байни ҳамсолон ва калонсолон хуб арзёби карда мешавад.

Дониши пурраи забони модарӣ дар кӯдаки томактабӣ шарт ва зарур аст ҳалли масъалаҳои тарбияи ақлӣ эстетики ва ахлоқии кӯдакон мебошад . Рушди нутқ ҳамчун рушди қобилияти фаҳмидан ва истифода бурдани забон ба ҳисоб меравад: инкишофи шунавоии фонетикӣ ва таҳлили овоз, луғат, огоҳӣ аз таркиби калимаҳо, ташаккули категорияҳои грамматикӣ , рушди малакаҳои муошират ва малакаҳои сухани мувофиқ мебошад . Инкишофи ин ҷузъҳои нутқро дар кӯдакони 4-5- солаг дида мебароем. Дар синни 4-5- солаги ду ҷузъи муҳимтарин ташаккул меёбанд: шунавоии фонематикӣ (қобилияти шинохтани садоҳои нутқ) ва диққати нутқ, ки кӯдакро барои азхудкунии таҳлили овозии калима омода месозанд.

**АДАБИЁТ**

1. Камышанова И.Н. Психолого - педагогические условия развития речи детей раннего возраста / И.Н. Камышанова // Психология и педагогика: актуальные проблемы теории и практики: сб.материалов Всероссийской науч.-практ. конф. к 15-летию факультета психологии МГОУ (Москва, 13 ноября 2019 г.) - Москва. - 2019. - С. 179-181. –

2. Масловская И.Ю. Возможности устного народного творчества в развитии речи детей раннего дошкольного возраста / И.Ю. Масловская, С.Ю. Витальева // Педагогический опыт: от теории к практике: сб.материалов VII Международной науч.- практ.конф. (Чебоксары, 14 ноября 2018 г.) - Чебоксары. - 2018. - С. 168-170.
3. Привалова С.Е. Курс «логоритмика» как средство речевого развития детей раннего и младшего дошкольного возраста в ДОУ / С.Е. Привалова, Е.А. Баранова // Филологическое образование в период детства. - 2019. - № 26. - С. 13-23.
4. Обшая психология // Под ред. В.В.Богославского. – М.: Просвещение, 1981. – С. 169
5. Винарская, Е.Н. Раннее речевое развитие ребенка и проблемы дефектологии / Е.Н. Винарская. - М.: Теревинф, 2011. - 212 с.
6. Волков, Б.С., Волкова, Н.В. Психология общения в детском возрасте Б.С. Волков, Н.В. Волкова. - М.: Педагогика, 2013. - 257 с.
7. Выготский, Л.С. Детская речь / Л.С. Выготский. - М.: Педагогика, 2010. - 384 с.
8. Леонтьев, А.А. Язык, речь, речевая деятельность / А.А. Леонтьев. - М.: Педагогика, 2007. - 211 с.
9. Лисина, М.И. Проблемы онтогенеза общения / М.И. Лисина. - М.: Педагогика, 2008. - 204 с.
10. Лисицына М.И. Формирование личности ребенка в общении / М.И. Лисицына. - СПб.: Питер, 2011. - 194 с.
11. Лурия, А.Р., Юдович, Ф.А. Речь и развитие психических процессов ребенка / А.Р. Лурия, Ф.А. Юдович. - М.: Педагогика, 2008. - 405 с.
12. Лямина Г.М. Развитие речи ребенка раннего возраста. / Г.М. Лямина. - М.: Айрис-Пресс, 2009. – 112 с.

## РУШДИ НУТҚИ КӮДАКОНИ 4-5 СОЛА

Вазифаи луғати тарҷумавӣ ба забони дигар баргардонидани ҳамин таҷрибаву дониш, ҳамин ситемаи семантикӣ аст. Дуруст аст, ки системаи семантикии як забонро ба забони дигарба тариқи пурра баргардонидан имкон надорад. Дар ҳар забон унсурҳои зиёди маъноиҳе ҳастанд, ки умуман тарҷума намешаванд ва ё ҳангоми тарҷума аз байн мераванд, бо вучуди ин ҳар як луғатнигори ин соҳа кӯишиши зиёде ба харҷ медиҳад, ки олами маъноҳои забони дигарро ба забони худ ба пуррагӣ инъикос намояд.

Дар амалӣ сохтани ин мақсади луғатнигорро лозим меояд, ки ба дастовардҳои имрӯзаи забоншиносӣ, ба назарияи тарҷума такя кунад. Имрӯз

системаи маъноҳои калимаҳоро аз маъноҳои этимологии онҳо ба пуррагӣ фарқ мекунанд ватабиист, ки дар мавриди ба забони дигар баргардонидани мундаричаи калима унсурҳои нолозими он ба назар гирифта намешаванд. Мундаричаи маъноии калимаҳои муодили забонҳои мухталифи олам на ҳама вақт мувофиқат мекунад. Одатан дар луғати тарҷумавӣҳамчун асос мундаричаи калимаҳои забони тарҷумашаванда ба ҳисоб гирифта шуда, системаи маъноии забони дуюм онро ба қадри имкон акс мекунад.

Аксар маънои асосии калимаҳои забони тарҷумашаванда бо ҳамин гуна маънои муодили забони дуюм баробар меояд. Маъноҳои иловагии онҳо, мумкин аст, аз ҳам ба куллӣ фарқ кунанд. Азин нуқтаи назар, масалан, аз назар гузаронидани маъноҳои калимаҳои **об** (тоҷикӣ), **вода** (русӣ) ва **water** (англисӣ) ҷолиби диққат аст. Калимаи **об** дар тоҷикӣ ба маъноҳои: 1.”моеъи табии беранги нӯшиданӣ”: **обихӯрданӣ**, 2. “тарашуҳоти бадан; арақи бадан”: **обуарақ; оби бинӣ, оби дида**; 3. Шира, шарбат: **оби мева**, 4. “дарё”: оби **Кофарниҳон**, 5. “рутуба”: **нони обаш рафтагӣ**, 6. “фар, тароват”: **бадани касе об гирифтааст** ва монанди инҳо дар истеъмол аст. Калимаи русии вода дорои маъноҳои зайл аст: 1. “моеъи табии беранги нӯшиданӣ”: **питьевая вода,** 2. “чашмаҳои шифо”: минеральние воды, 3. «дарё»: **ехать по воде,** 4. “обхоноҳо”: **леса и воды,** 5. «харза, беҳудагӯй»: **в докладе много воды.** Муодили англисии ин калимаҳо water ба маъноҳои зайл соҳиб аст: 1. «моеъи беранги табии нӯшиданӣ»: **drinkingwater**, 2. «обҳои маъданӣ»: **to drink the waters** (дар осоишгоҳҳо, 3. «мадду ҷазр». 4. «обхезӣ», 5. «тарашуҳоти бадан, аз қабили ашк, арақ, пешоб»; 6. «сифати сангҳои қимматбаҳо»: **of the first water,** 7. «сатҳи болоии рӯдхонаҳо»: **float on the water.**

**АДАБИЁТ**


1. Бобомуродов Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. – Душанбе, 2016. - 428 с.
2. Денисов П.Н. Учебная лексикография: итоги и перспективы // Проблемы учебной лексикографии. – М., 1977. С. 4–22.
3. Денисов П.Н. Практика, история и теория лексикографии в их единстве и взаимообусловленности // Проблемы учебной лексикографии и обучения лексике. – М., 1978. С. 25–33.
4. Дубичинский В.В. Лексикография русского языка: учеб. пособие / Дубичинский В.В. – М.: Наука: Флинта, 2008. – 432 с.
5. Маҷидов Ҳомид. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди I. Луғатшиносӣ- Душанбе, 2007. - 428 с.


**ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВАИИ ҚАЙДҲОИ ГРАММАТИКӢ ДАР ФАРҲАНГҲОИ ТОҶИК-АНГЛИСИИ Р. ОЛСОН ВА М. МАМАТОВ**


Муаллиф махсусиятҳои таҳлили муқоисаваии қайдҳои грамматикӣ дар фарҳангҳои тоҷик-англисии Р. Олсон ва М. Маматов мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар раванди таҳлили муқоисавӣ ӯ нишонаҳо ё ин ки ишораҳои грамматикӣ дар фарҳанги “Tajik English Dictionary”-и Ҷ. Маматов ва дигарон ҷудо намудааст. Дар охирҳои асри 20-ум дар илми муқоисавии забонҳо таҳаввулотҳои гуногун ба миён омаданд, ки диққати хонандаро ба худ ҷалб менамоянд. Гарчанде забоншиносону олимон ба илми муқоисаи забонҳоҳанӯз дар асри гузашта таваҷҷӯҳ зоҳир карда бошад ҳам, муқоисаи фарҳангу фарҳангнигории тоҷик танҳо пас аз истиқлолияти кишвар, яъне дар ибтидои асри XXI рушду нумӯ ёфт. То ҳол мавзӯъҳои илмӣ, рисолаҳои номзадию докторӣ ва инчунин мақолаҳои илмии роҷеъ ба ин соҳа баррасӣ ва банашррасидаву мавриди баҳси забоншиносону олимон қарор дода шудааанд. Аксар маънои асосии калимаҳои забони тарҷумашаванда бо ҳамин гуна маънои муодили забони дуюм баробар меояд. Маъноҳои иловагии онҳо, мумкин аст, аз ҳам ба куллӣ фарқ кунанд. Азин нуқтаи назар, масалан, аз назар гузаронидани маъноҳои калимаҳои **об** (тоҷикӣ), **вода** (русӣ) ва **water** (англисӣ) ҷолиби диққат аст. Аксар маънои асосии калимаҳои забони тарҷумашаванда бо ҳамин гуна маънои муодили забони дуюм баробар меояд.



**Калидвожаҳо**: фарҳангҳои тоҷикӣ-англисӣ, қайдҳои грамматикӣ, таҳлили муқоисавӣ , ишораҳои грамматикӣ, таҳлил.


**СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ГРАММАТИЧЕСКИХ ЗАПИСЕЙ В ТАДЖИКСКО-АНГЛИЙСКИХ КУЛЬТУРАХ ОЛСОН И М.С. МАМАТОВ**


Автор рассматривает особенности сравнительного анализа грамматических записей в таджикско-английских культурах. Олсон и М. Маматов. В процессе сравнительного анализа он обнаружил знаки или грамматические ссылки в Таджикско-английском словаре. Маматов и др. В конце XX века в сравнительной науке о языках произошли различные изменения, привлекшие внимание читателя. Хотя лингвисты и ученые интересовались наукой о сравнительном языке с прошлого века, сравнение таджикской культуры получило развитие только после обретения страной независимости, то есть в начале XXI века. На данный момент лингвисты и ученые рассмотрели, опубликовали и обсудили научные темы, кандидатские и докторские диссертации, а также научные статьи в этой области. Часто основное значение слов на переведенном языке совпадает с эквивалентным значением во втором языке. Их дополнительные значения могут кардинально отличаться. С этой точки зрения, например, интересно взглянуть на значения слов water (таджикский), voda (русский) и water (английский). Часто основное значение слов в переведенном языке совпадает с эквивалент второго языка. Задача переведенного словаря - перевести этот опыт и знания на другой язык, эту смысловую систему. Верно, что семантическая система одного языка не может быть полностью переведена на другой.

**Ключевые слова:** таджикско-английские культуры, грамматические записи, сравнительный анализ, грамматические ссылки, анализ.

**COMPARATIVE ANALYSIS OF GRAMMAR NOTES IN TAJIK-ENGLISH CULTURES R. OLSON AND M. S. MAMATOV**

The author discusses the features of the comparative analysis of grammatical notes in the Tajik-English cultures. R. Olson and M. Mamatov. In the process of comparative analysis, he found signs or grammatical references in the Tajik English Dictionary. Towards the end of the 20th century, various changes took place in the comparative science of languages that attracted the reader's attention. Although linguists and scholars have been interested in the science of comparative languages since the last century, the comparison of Tajik culture has developed only after the country's independence, ie at the beginning of the XXI century. So far, scientific topics, PhD and doctoral dissertations, as well as scientific articles in this area have been reviewed and published and discussed by linguists and scholars. Often the basic meaning of the words in the translated language is the same as the equivalent meaning of the second language. Their additional meanings may differ radically. From this point of view, for example, it is interesting to look at the meanings of the words water (Tajik), voda (Russian) and water (English). The task of the translated dictionary is to translate this experience and knowledge into another language, this semantic system. It is true that the semantic system of one language cannot be fully translated into another.

**Keywords:** Tajik-English cultures, grammatical notes, comparative analysis, grammatical references, analysis.

**Сведения об авторе:** ***Камолова Бахтинисо Рахматулоевна*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант 2-го курса кафедры английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел**: **902-70-00-97**

**Information about the author:** ***Kamolova Bakhtiniso Rakmatuloevna*** – Tajik National University, master's degree Department of English Language and Comparative Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. **Tel: 902-70-00-97.**

# МУОДИЛНОКӢ ДАР САТҲИ МАЪНОИИ АЛОМАТҲОИ ЛУҒАВӢ

***Таваров М. Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ҷараёни робитаи забонӣ, аломати луғавӣ иттилооти мухталифро ифода мекунад. В. Н. Комиссаров 10 навъи иттиллооти дар аломати луғавӣ ҷойдоштаро ҷудо намудааст:

1. Аломати луғавӣ иттилоотеро дар бар мегирад, ки айнияти денотатӣ ба мавҷудияти ӯ ишоракунандаро фаро мегирад. Ин ҷузъ дар исмҳои хос ва номҳои чуғрофӣ равшантар зоҳир мегардад. Агар дар забони тарҷума барои ифодаи предмети муайян ва ё ҳодисае ном мавҷуд набошад, онро аз забони асл иқтибос кардан мумкин аст (supermarket). Дар ин маврид сохтани калимаи нав ё монанд кардани предмету ҳодисаҳо ба воситаи чанд калима сурат мегирад (тарҷумаи тасвирӣ): супермаркет - мағозаи худхизматрасонӣ. Ишора ба денотати матни асл ва матни тарҷума метавонад бо роҳи номбаркунии мафҳумҳои ҳаҷман гуногун ба амал бароварда шавад. Ҳангоми тарҷума баъзан усули монандкунии денотат тағйир меёбад. Масалан, дар нусхаи асл исми хос истифода шудааст, дар тарҷума ҷонишин: Nick came to dinner with his book – Ӯ ба хӯрдани хӯроки нисфирӯзӣ низ бо китобаш меомад.

2. Аломати луғавӣ иттилоотӣ ба аломатҳои алоҳидаи денотат ишоракунандаро дарбар мегирад. Чунончи, калимаи «neiber» ба ҷинс ва ба одаме, ки дар паҳлӯ зиндагӣ мекунад, ишора менамояд. Ҳангоми таҳияи тасвири денотат баробарии мутлақ кам ба назар мерасад (neiber - ҳамсоя), зеро барои тасвири айни як денотат забонҳои гуногун хусусиятҳои мухталифи онҳоро ба инобат мегиранд.

Дар иртибот ба ин В.Н. Комиссаров ба ҳиссаҳо ҷудо шудани рангҳоро дар забонҳои гуногун қайд мекунад. Чунончи, барои калимаҳои «голубой» ва «синий» дар забони тоҷикӣ ва англисӣ як калима- «кабуд» ва «blue» вуҷуд дорад. Зикр кардан муҳим аст, ки тасвири ҷилоҳои ранг дар муқоиса бо предметҳо ба забони русӣ хос аст. Ҳамин тариқ новобаста ба ихтилофот дар мазмуни калимаҳои ду забон, ҳангоми тасвири денотатҳо муодилнокӣ ба шарофати матн ва ё истифодаи аломатҳои иловагӣ ба даст меояд.

3. Аломати луғавӣ иттилоотеро дарбар мегирад, ки ба мансубияти денотат ба ин ё он категорияи умумии ҷудокардаи шуури мо ишора мекунад.

Масалан: began to speak, to dance, to eat шурӯъ шудан, ибтидои амалро ифода мекунанд.

Teacher, translator, baker – шахсиятро аз рӯи фаъолияташ ифода мекунанд.

Маънои категориявиро дар тарҷума ҳамеша акс кардан шарт нест. Одатан категорияҳои лексикӣ (мафҳуми андоза, фаъолият, ибтидои амал, интиҳо ё самти амал, маънои сабаб) ифода карда мешаванд. Аммо тарзи ифодаи категорияҳо метавонад гуногун бошад. Чунончи, категорияи грамматикӣ дар матни асл (You can go), дар матни тарҷума (Ту бояд равӣ). Категорияҳои грамматикӣ (шумораи танҳо ва ҷамъ, тарзи фоъилию мафъулӣ) дар матни асл ва тарҷума на ҳамеша баробаранд. Баъзан дар яке аз забонҳо ба категорияи грамматикии додашуда мутобиқат вуҷуд надорад. Баъзан дар матни тарҷума категорияи грамматикие вомехӯрад, ки дар матни асл вуҷуд надорад ё баракс, дар матни асл категорияе ҳаст, ки дар матни тарҷума мавҷуд нест. Одатан дар матни асл категорияи грамматикии иртиботан тарҷуманашаванда ҷой дорад (чунончи, ҷинсият, шумора, падеж).

Ҳамон ҳолатҳое истисноянд, ки категорияҳои грамматикӣ вазифаҳои грамматикии иловагиро иҷро мекунанд.

4. Калима иттилоотеро дарбар мегирад, ки ба услуби функсионалии муайян ишора мекунад (гуфтугӯи оддӣ, расмӣ-коргузорӣ, публитсистӣ). Чунончи: to sleep (оддӣ) – to dreem (китобии кӯҳнашуда), beon (қадима); to be (оддӣ) ва амсоли инҳо.

Ҷузъи услубии мазмуни калима на танҳо худи калимаро ифода мекунад, балки тамоми гуфторро пуробуранг месозад. Барои тарҷумон муҳим нест, ки маҳз кадом калима хусусиятҳои зарурии услубиро дорост, муҳим он аст, ки матн ба он ҷанбаи муошираte мансуб бошад, ки дар матни асл ба он мансуб аст. Агар калимаи матни тарҷума бо калимаи мувофиқи матни асл хусусияти услубии якхела дошта бошад, муодилнокӣ низ ҷой дорад. Аммо калимаҳо дар матни асл ва матни тарҷума аз рӯи мазмуни асосӣ ба ҳамдигар мутобиқат кунанд ҳам, ба услубҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд. Чунончи, як қатор калимаҳои китобӣ ва ё услубӣ дар забони тоҷикӣ мутобиқати услубии яккалимагӣ надоранд (pizza, hot-gog, cybercaffee, technophobe).

Дар ин маврид ҳангоми тарҷума калимаҳои оддӣ кор фармуда мешаванд, ҷузъи услубии талафшуда бошад, дар мазмуни калимаи дигари хамин матн ҷуброн карда мешавад. Ин усули ҷуброни услубӣ дар тарҷумаи адабиёти бадеӣ, ки дар он нигоҳ доштани муодилнокии услубӣ муҳим аст, истифода мешавад.

5. Аксари калимаҳо тобишҳои манфӣ ва мусбатро ифода мекунанд. Чунончи, калимаи «буржуа» аз нуқтаи назари тобиш бетараф аст, калимаи «буржуй» бошад тобиши манфӣ дорад; калимаи «Mummy» навозишкорона садо медиҳад, аммо «Mother» аз обуранг маҳрум аст, «Puppy» - «father» ва амсоли инҳо.

Дар тарҷума баҳои гӯянда ба денотат ва ё ба маълумот дар бораи онҳо бояд акс гардад. Одатан, оҳанги умумии ҳиссиётии матни асл комилан тарҷумашаванда аст. На ҳамаи калимаҳое, ки дар як забон обуранги ҳиссӣ доранд, дар забони дигар бо ҳамин гуна калимаҳо ифода мегарданд.

6. Калимаҳои сермаъно маълумотеро дарбар мегиранд. ки ба имконияти истифодаи он ба маъноҳои гуногун ишора мекунад. Одатан калима дар яке аз маъноҳои худ кор фармуда мешавад. Тарҷума низ ҳамин маънои онро инъикос мекунад ва ба маъноҳои дигари он кордор нест. Аммо мавридҳое ҳастанд, ки дар матни асл калима ҳамзамон бо ду маъно -аслӣ ва маҷозиаш кор фармуда мешавад. Дар забони тоҷикӣ феъли «нишон додан» бо ду маъно кор фармуда мешавад: ба чизе ишора кардан (аслӣ), таҳдид (маҷозӣ). Аз ин рӯ бисёрмаъноии аломат дар тарҷума низ ифода мешавад.

Мувофиқ омадани ин маъноҳо дар таносуби калимаи тоҷикӣ муодилнокиро бе ягон таҳвили тарҷумон таъмин мекунад.

Дар баробари ин ҳолатҳое мешаванд, ки аломати забонӣ сермаъно нест. Дар ин маврид тарҷума маънои ин ҷузъро инъикос намекунад ва ё қисман бо воситаҳои дигар барқарор менамояд.

7. Бисёри калимаҳо иттилоотеро дарбар мегиранд, ки ба мавҷуд будани алоқаҳои образнок дар мазмуни калима ишора мекунанд. Чунончи, калимаи «snow» дар тасаввури бисёриҳо сафедӣ, «wax» -зардӣ, «tar» - сиёҳӣ, «lath» - харобӣ, «bath» - нафасгирӣ (хонаи аз ҳад зиёд гарми нафасгиркунанда), «fox» - фиребгарӣ, «lion» - далерӣ, «hare» - тарсончакиро пайдо мекунонанд.

Бисёр вақт тавсифи образноки ин калимаҳо зоҳир намегардад, яъне калима бо маънои аслии худаш кор фармуда мешавад, на ба маънои маҷозӣ.

Дар ин мавридҳо тавсифи образнокӣ дар тарҷума хеле суст аст. Агар чунин тавсифи калима дар матни асл эҳсос шавад, онро дар матни тарҷума низ истифода кардан мумкин аст.

Амалияи тарҷума нишон медиҳад, ки на ҳамеша ҳангоми тавсифи ассотсиативию образнокӣ калима ба муодилнокӣ муяссар шудан мумкин аст. Дар ин ҷо ду ҳолатро фарқ метавон кард:

а) дар ҳар ду забон калимаи додашуда айни як тасаввуротро ба вуҷуд меорад.

б) дар матни асл тавсифи образнок дар калима вуҷуд дорад, аммо дар матни тарҷума он нест ва ё дар калимаи дигар маънои он ниҳон аст.

Агар дар забони тарҷума ифодаи образноки аломати мазкур вуҷуд надошта бошад, дар тарчума образ аз байн меравад, аммо маънои маҷозӣ ошкоро ифода мегардад. Чунончи, тахаллуси «Сурок» -суғур, «Жук» -гамбуск ва ғ. Ҳангоми аз байн рафтани тавсифи образнок дараҷаи муодилнокӣ низ паст мегардад.

8. Аксари калимаҳо иттилоотеро фаро мегиранд, ки ба мазмуни морфемаҳои таркибашон ишора мекунанд. Чунончи, суффиксҳо дар калимаҳои farmer, teacher, doctor ба касбу кори инсон; lamb, pork -ба навъи гӯшт ишора мекунанд. Маънои морфемаҳо маънои калимаҳоро баъзан муайян мекунанд. Муодилнокии байни калимаҳои матни асл ва матни тарҷума новобаста аз таркиби морфемагии онҳо муқаррар карда мешавад.

Танҳо дар ҳамон мавриде, ки таркиби морфемагии калима вазифаи маъноиро дар матни асл иҷро намояд ва як қисми онро ташкил кунад, онро дар тарчума низ ифода кардан мумкин аст.

9. Калимаҳо иттилоотро оид ба валентнокӣ, таносуби лексикию грамматикии онҳо дарбар мегиранд. Дар баъзе ҳолатҳо таносуби калимаҳо дар матни асл ва тарҷума баробар аст (deep knowledge - дониши амиқ, чуқур), вале бештар фарқ мекунанд.

Хусусиятҳои таносуби калимаҳо дар забонҳои гуногун ба тағйироти сохтори гуфтор дар забони тарҷума асос меёбад, ки ин ба дараҷаи муодилнокӣ ҳамеша таъсир мерасонад.

**АДАБИЁТ**


1. Бархударов Л.С. Язык и перевод. - М., 1975.
2. Брандес М.П. Стилистика текста. Теоретический курс.- Москва, Прогресс, 2004, 265 с.
3. Бреус Е.В. Основы теории и практики перевода с русского языка на английский. М.: Издательство УРАО, 2002
4. Верещагин Е.М., Костомаров В. Г. Язык и культура. - М., 1973.
5. Виноградов В.С. Введение в переводоведение. - М.2001.
6. Виноградов В.С. Лексические вопросы перевода художественной прозы. М., Изд-во МГУ, 1978.


**НАМУДҲОИ МУОДИЛНОКӢ ДАР РАВАНДИ ТАРҶУМА**


Ин мақола ба масъалаи муодилнокии калимаҳо дар матни бадеӣ ва мушкилоти хоси он дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Ин масъала ба таҳлили илмии хусусиятҳои муодилнокии динамикӣ дар асоси принсипи муодилнокии таъсири амал, равона шудааст. Тавре ки муаллиф қайд мекунад, дар илми тарҷумашиносӣ мафҳумҳои «муодил», «мукаммал» ва «айнияти» вуҷуд доранд, ки ҳамаи онҳо дар навбати худ маънои гуногунро ифода мекунанд: таҳти мафҳумҳои «муодилнокӣ» – баробарарзишии калимаҳо, «мукаммал» - қисман пуррагии калимаҳо ва «айнияти» -мутобиқати пурраи калимаҳоро мефаҳманд. Аломати луғавӣ иттилоотеро дар бар мегирад, ки айнияти денотатӣ ба мавҷудияти ӯ ишоракунандаро фаро мегирад. Ин ҷузъ дар исмҳои хос ва номҳои чуғрофӣ равшантар зоҳир мегардад. Агар дар забони тарҷума барои ифодаи предмети муайян ва ё ҳодисае ном мавҷуд набошад, онро аз забони асл иктибос кардан мумкин аст (supermarket). Дар ин маврид сохтани калимаи нав ё монанд кардани предмету ҳодисаҳо ба воситаи чанд калима сурат мегирад (тарҷумаи тасвирӣ): супермаркет - маҳозаи худхизматрасонӣ. Ишора ба денотати матни асл ва матни тарҷума метавонад бо роҳи номбаркунии мафҳумҳои ҳаҷман гуногун ба амал бароварда шавад. Ҳангоми тарҷума баъзан усули монандкунии денотат тағйир меёбад.



**Калидвожаҳо:** масъалаи муодилнокии калимаҳо, матни бадеӣ, муодилнокии динамикӣ, муодилнокии динамикӣ.


**МНЕНИЕ НЕКОТОРЫХ ЛИНГВИСТОВ НА ВИДЫ ЭКВИВАЛЕНТНОСТИ В ПРОЦЕССЕ ПЕРЕВОДА**


Данная статья посвящена проблеме эквивалентности слов в художественном тексте и ее специфическим проблемам в английском и таджикском языках. Этот выпуск посвящен научному анализу свойств динамических уравнений, основанному на принципе эквивалентности эффектов действия. Как указывает автор, в переводческой науке существуют термины «эквивалент», «полный» и «тождество», которые, в свою очередь, имеют разные значения: под терминами «эквивалентность» - эквивалентность слов, «совершенный» - частичная полнота. слова и «личность» - понимают полное совпадение слов. Лексический знак содержит информацию, имеющую денотативную идентичность, указывающую на его существование. Этот компонент более выражен в именах собственных и географических названиях. Если язык перевода не содержит названия определенного объекта или события, его можно цитировать из исходного языка (супермаркет). В этом случае создание нового слова или идентификация предметов и событий осуществляется в нескольких словах (описательный перевод): супермаркет - магазин самообслуживания. Ссылки на обозначения исходного текста и переведенного

текста могут быть сделаны путем перечисления понятий разного размера. В процессе перевода иногда меняется метод имитации денотации.

**Ключевые слова:** проблема эквивалентности слов, художественный текст, динамическое уравнение, динамическое уравнение.

**THE OPINION OF SOME LINGUISTS ON TYPES OF EQUIVALENCE IN THE TRANSLATION PROCESS**

This article is devoted to the issue of equivalence of words in the literary text and its specific problems in the English and Tajik languages. This issue focuses on the scientific analysis of the properties of dynamic equations based on the principle of equivalence of action effects. As the author points out, in the science of translation there are the terms "equivalent", "perfect" and "identity", all of which in turn have different meanings: under the terms "equivalence" - the equivalence of words, "perfect" - partial completeness words and “identity” - complete matching of words. A lexical sign contains information that has a denotative identity indicating its existence. This component is more pronounced in proper nouns and geographical names. If the language of translation does not contain a name for a particular object or event, it can be quoted from the original language (supermarket). In this case, the creation of a new word or the identification of objects and events is carried out in a few words (descriptive translation): supermarket - a self-service store. References to the denotation of the original text and the translated text can be made by enumerating concepts of different sizes. The method of denotation simulation sometimes changes during translation.

**Keywords:** problem of word equivalence, literary text, dynamic equation, dynamic equation.

**Сведения об авторах:** ***Таваров Муминшох Давлатшоевич*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант 2-го курса кафедры английского языка и сравнительной типологии, факультета языков Азии и Европы ТНУ. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел**: **907-11-70-17**

**Information about the author:** ***Tavarov Muminshoh Davlatshoevich*** – Tajik National University, master's degree Department of English Language and Comparative Typology, faculty of Asian and European Languages, TNU. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. **Тел**: **907-11-70-17**

# СТРУКТУРА КОНЦЕПТА «КРАСОТА» В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

***Назарова Х. Р.***
**Таджикский национальный университет**

Отражение концепта «Красота» было проанализировано на материалах словарных определений в разных лексикографических источниках и Национального корпуса русского и таджикского языков.

Русский язык в данном исследовании является языком – посредником при проведении анализа и сопоставления, поэтому целесообразно рассмотреть лексическую объективацию концепта «Красота», прежде всего, на материале русского языка. По аналогичному образцу мы рассмотрели лексическую объективацию концепта «Красота» в таджикском языке.

В этимологическом словаре русского языка приводится, что корень «крас–» в древнеславянском языке входило в лексемы, которое означало все хорошее, привлекательное на взгляд, например, «красная девица», т.е. «хорошенькая девушка». Лексема «Красота» происходит от краса, далее от праслав. krasa, от кот. в числе прочего произошли: ст. – слав. краса (др. – греч. κόσμος), др. – русск., русск., укр., белор. Краса, болг., сербохорв. краса «змея» (эвфемизм), чешск., словацк. krása «красота», польск. krasa – то же, в. – луж. krasa, н. – луж. kšasa «великолепие». Из пре – красный, далее от праслав. krasьnъ(jь), от которого произошли: старославянское красьнъ «красивый, прекрасный» древне – русск.,русск. – цслав. красьныи «красивый, прекрасный», русск. красный, укр. Красний «красивый», болг. красен «красивый», сербохорв. Красан (кра̑ сан), красна (кра̑ сна) ж. «красивый, великолепный», словенск. krásən, чешск. krásný «прекрасный», словацк. krasny – то же, польск. krasny «прекрасный, пригожий», в. – луж. krasny «красивый», н. – луж. kšasny – то же. Знач. «красный» вторично по отношению к «красивый, прекрасный».

Прилагательное производное с суф. – ьnъ от праслав. krasa, от кот. в числе прочего произошли: ст. – слав. краса (др. – греч. κόσμος), др. – русск., русск., укр., белор. краса, болг., сербохорв. краса «змея» (эвфемизм), чешск., словацк. krása «красота», польск. krasa – то же, в. – луж. krasa, н. – луж. kšasa «великолепие».

В словаре С. И. Ожегова и Н. Ю. Шведовой наблюдается следующее значение данной лексемы: Всё красивое, прекрасное, все то, что доставляет

эстетическое и нравственное наслаждение, например, Красота русской природы; Красота поэтической речи. Под данным значением подводятся практически все значения, которые связаны с чем-либо или кем-либо красивым. По-другому определяется значение, которое относится к красоте местности или природы, а также конкретизируется грамматическая характеристика слова красота, представленная в словаре Д. Н. Ушакова, как междометие, например, очень красиво, хорошо, ловко.

В словаре Т. Ф. Ефремовой анализируемая лексема «Красота» характеризуется приблизительно так же, как и в словаре Д. Н. Ушакова.

«Красота» – 1. Свойство по знач. прил. красивый. 2. Всё красивое, прекрасное. 3. Красивая, привлекательная внешность. 4. Трад. – поэт. красавица. 5. мн. ч. красоты, – обычно чего. Красивые места; то, что производит впечатление своим прекрасным видом. 6. в знач. сказ, разг. о том, что вызывает восхищение; замечательно, поразительно».

По данным «Словаря синонимов русского языка», лексема «Красота» выражается в следующих значениях слов, которые имеют тот же корень, например, красивый, прекрасный, благолепие, великолепие, хороший, пригожий.

В Национальном корпусе русского языка (http://ruscorpora.ru) нами обнаружены следующие примеры на лексемы, входящие в семантическое поле концепта «Красота»: 1. Коллективный форум: Я тут недавно за городом была – чудо! красота!

2. В один прекрасный момент, я помню, бум в коммунальной квартире, ко мне, когда появилась первая советская мебель. И всё это, настоящая красота, это, настоящее дерево.

Лариса Шпаковская. Старые вещи. Ценность: между государством и обществом (2004) // «Неприкосновенный запас», 2004.01.15:

*Благолепие.* Вот Бабушка Феня больше всего любила «благолепие».А. П. Чехов. Вишневый сад (1904) Ходила бы и ходила. Благолепие!..А н я. Ирина Новикова. Преодоление иллюзий (о романе Александра Мелихова «Любовь к отеческим гробам») //«Октябрь», (2003)

*Великолепие.* 1. Всё это великолепие хочется сохранить в своём сердце и хотя бы частичку его перенести на загородный участок», говорили хозяева (бывалые путешественники и заядлые туристы) ландшафтным дизайнерам при обсуждении проекта благоустройства участка. Ирина вздыхала, поджимала губы, смотрела по сторонам на чужое великолепие. Токарева Виктория. Своя правда // «Новый Мир», 2002

*Грация.* 1.Ланин вспомнил, как она смотрела на него в кафе с непонятной благодарностью, но достоинством, она отлично держалась, эта корректорша, в ней были грация и такт, а вместе с тем удивительная невинность. Майя Кучерская. Тетя Мотя // «Знамя», 2012

*Живописность.* 1.А при выборе территорий все большую роль играли не живописность, а ненарушенность, видовое богатство, экологическая уникальность – то есть именно те принципы, которыми руководствовались создатели советских заповедников.Борис Жуков. Священные рощи индустриальной эпохи // «Знание – сила», 2014.

*Загляденье.* 1. А чувствуется себя мужичок уже неплохо, на улице погодка на загляденье, можно и на кладбище съездить, коль так повезло, проведать предков.

Алексей Моторов. Преступление доктора Паровозова (2013)

*Изящество.* 1. Ты станешь стройным и прекрасным, Ваня Циганков, когда ты проговоришь это, и твои рыжие лохмы покажутся золотыми, и веснушки будут светиться, и толстые губы приобретут изящество…Булат Окуджава. Новенький как с иголочки (1962)

*Картинность.* 1.Был он крупным красивым мужиком, большие карие глаза чуть косили, когда отпускал бороду, лицо приобретало живописность, даже картинность, а косящие глаза придавали странность, разбойничью бедовость.

Михаил Тарковский. С людьми и без людей (1983) // «Октябрь», 2003

*Изящность.* Лиан среди них нет, но побеги формирования (тонкие стволики, отрастающие от основания куста) у большинства видов гибкие, изогнутые, что придает кустам особую прелесть и изящность. Мария Михайлова. Спиреи пышный цвет (2003) // «Сад своими руками», 2003.07.15

*Краса.* 1. И Вавилон, краса царств, гордость Халдеев, будет ниспровержен Богом, как Содом и Гоморра. Сергей Пахомов. Войны богов //«Зеркало мира», 2012

2. Да вы этак – то зря: старцам – то святым и вовсе незрячим вполне можно быть, для них это даже краса. Сергей Залыгин. Комиссия (1976)

*Красивость.* 1.Оно размывалось, утрачивая себя и оставив лишь невнятную и неинтересную красивость. Владимир Маканин. Кавказский пленный (1995)

*Красотища.* 1.Черт их знает, – окопались у себя в квартирах, окна завесили, детей воспитывают, а здесь – такая красотища! И. Грекова. На испытаниях (1967)

Лепота. 1. Сидишь на бережок, вода парная, травы медовые, птички божии чирикают – лепота! Валентин Иванов. Местечковый расизм (2003) // Интернет-альманах «Лебедь», 2003.

*Миловидность.* 1.Но её лицо, несмотря на миловидность, казалось ему слишком уж озабоченным… Людмила Улицкая. Казус Кукоцкого [Путешествие в седьмую сторону света] // «Новый Мир», 2000

Таким образом, проведенный анализ по данным Национального корпуса русского языка, наглядно выявляет структуру исследуемого концепта в русском языке, и выделяет ядро данного концепта, ближнюю и дальнюю периферию. Ключом является красота, ядром данного концепта является красота, прекрасное, великолепие, изящество. Ближняя периферия – краса, грация, загляденье, красотища, живописность. Дальняя периферия – красивость, неотразимость, миловидность, изящность, нарядность, крайняя периферия картинность, лепота

В толковом словаре таджикского языка «Фарҳанги забони тоҷикӣ», [Фарханги…,1969] даётся следующее толкование: 1. Зебо – хушрӯй «красота», хушнамо «изящество», нозанин «прелесть», соҳибҷамол «привлекательность», начиб превосходный», муқобили зишт «привлекательный», всё прекрасное, характерные как для внешности человека, так и для его внутренней красоты, например, Рӯи зебо марҳами дилҳои хаста аст ва калиди дарҳои баста. (С.Шерозӣ) (Красивое лицо – бальзам, снимающий усталость и ключ, открывающий запертые двери).

«Зебо ба илм шав, ки на зебо аст,
Он кас, ки ӯ на ба дебо зебо шуд
Красивым стань ты образованностью своей,
Ибо, красив ни тот, кто красоту обрел в одежде.

При рассмотрении лексической объективации концепта «Красота» в таджикском языке было выявлено, что в первом примере данная лексема обозначает эмоциональные чувства, применяется в значении внутренней красоты, умный человек считается красивым, а во втором примере концепт «Красота» подразумевает красоту внешнюю. При этом полностью совпадают по концептуальному значению, но различаются своими коннотациями. Слово нозанин имеет значение хушрӯй приятный», дилбар «пленительная», маҳбуба «любимая». Относятся к возлюбленной и описывается как нежная, милая красавица, прелестная и изящная. Слово соҳибҷамол «красивая» тоже имеет значение хушрӯй, зебо «красивая» и совпадают по концептуальному значению. Слово начиб «превосходный» имеет значение шариф «благородный», асил «знатный» в сфере употребления относится к человеку знатному, благородному по происхождению, сочетается со словом зебо «красота».

В словаре синонимов таджикского языка М. Мухаммадиева «Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ» [Мухаммадиев, 1993] даются следующие синонимы данной лексемы: гулчехра «розоликая», моҳрӯй «луноликая», тароват «свежесть», гулбуй «ароматный», моҳлиқо «луноликая», хушсимо «привлекательная», хушруй «красивая», соҳибҷамол «красавица», гулрухсор «розоликая», зебо «красивая», хубрӯй «миловидная», нозанин. «изящная», фаттон «пленительная», хушлиқо «лучезарная». [Фарханги забони тоҷикӣ,1969]

Эти слова описывают качества человека и предметов. Синонимы этого ряда выделяются, прежде всего, эмоциональными и стилистическими коннотациями: слово хушлиқо «лучезарная» относится к очень красивому человеку с красивым лицом. Общеизвестно, что эти синонимы часто используются как в разговорном, так и в литературном стиле. Например, слово зебо «красивая» является часто применяемым и имеет множества синонимов. Слова хубрӯй «миловидная», моҳлиқо «луноликая», хушсимо «привлекательная» применяются только по отношению к человеку, потому что рӯй, лиқо, симо означают лицо человека.

Примеры: Ҳеҷ гумон накарда будам, ки хоҳарони зебои гуландом дар ҳамин гуна кулбаи гадоёна зиндагонӣ кунанд. Ҳамчунон хушрӯй буданд, ки дидагӣ боз як бор бинам мегуфт (С. Улуғзода). (Даже не мог представить, что красивые и розоликие девушки могут жить в таких лачугах. Они были настолько привлекательны, что однажды увидевший, мечтал увидеть еще раз.) …Ҳатто соҳибҷамолони шаҳрӣ…ин ҳусн ва ин Ҷамол, ин лутфу камолро надоштанд [Мухаммадиев, 1993: 269]. (Даже городские красавицы не были столь прелестными и изящными.)

В следующих примерах используются лексемы соҳибҷамол «красивая», ҳусн красота», ҷамол «красота» в значении красота.

Нозанин хоҳарон дар хонаашон ба хӯрдан нон ҳам надоштанд (С. Айнӣ). (У миловидных сестер – красавиц в доме даже не было и кусочка хлеба.) Янгаам миёнқад, гулрухсор, чашмонаш калон - калон буда, ба модари ман монандӣ дошт [Мухаммадиев, 1993: 86]. (Невестка наша была среднего роста, розоликая с большими глазами, походила на мою маму.) Бо гулрӯёни нозукандом, бо шароби ноб, ба айши мудом умр ба сар мебаранд [Мухаммадиев, 1993: 86] (Они проводят свою жизнь в постоянных пиршествах с розоликими красавицами, вином и яствами.)

В следующих примерах используются лексема гулрухсор «розоликая», гулрӯй «румяная» в значении красивая. Аввал бовариам наомад, ки ин ҷо манзили Тиллохоним ва духтарони моҳлиқои ӯ бошад [Мухаммадиев, 1993: 86] (Вначале я и не поверил, что тут живет Тиллохоним и её луноликие дочери.)

Деҳа боғу бустонҳои фаровон дорад ва мардумаш ҳам солиму хушсимост [Мухаммадиев, 1993: 86] (В деревне было много цветников и садов, и люди здесь были здоровые и красивые.) В лексеме моҳлиқо красота сравнивается с луной в значении луноликая.

Касе хоҳам, ки бинад то чи гуна,
Миёни хубрӯёнам намуна. [Мухаммадиев, 1993: 86]
(Желаю, чтобы кто – то видеть мог,
Что красотой среди красивых служить примером смог.)

Понятийные характеристики концепта «Красота» выявляются при рассмотрении лексикографических определений синонимов изучаемого концепта, формулируемые существительными и прилагательными.

Таким образом, в словаре синонимов М. Муҳаммадиева также даются синонимы слова дилкаш «миловидный», дилнишин «приятный», дилрабо, «пленительный», дилоро «прелестная», дилором «привлекательная», дилпазир «приятный», дилбар «пленительная», дилҷӯ «ласковая», дилчасп, «привлекательный», дилписанд «приятный», дилситон «очаровательный», форам «приятный», рӯҳафзо «одухотворяющий», баҳркушо, «восхитительный», фаттон «обворожительный», пурҷозиба «притягательный». Все эти слова в литературном современном таджикском языке, за исключением слова фаттон «обворожительный», применяются почти в одинаковом значении.

В следующем примере очень ярко выражена национальная специфика концепта

«Красота» в таджикском языке:

Миёни кулолон марде буд, ки Эшонхоҷа мегуфтандаш. Ӯ духтаре дошт Рашкикамар ном – мурчамиён, садафдандон, абрукамон, ороми чон, гулпарӣ, райҳонпарӣ, дар хиром кабки дарӣ. Рухаш себи хубонӣ, лабҳош дар ҳолати нимвоӣ моно ба каҷкули гадо. Обшори муҳош шорида аз пушт то пошнаи пош ... Ҳамидбек (Беки Фалғар) ба як дидан ошиқ шуд ба Рашкикамар ва ӯро ба занӣ хост аз падараш Эшонхоҷа. (Среди гончаров был человек, которого звали Эшонходжа. У него была дочь по имени Рашкикамар с тонким станом, белоснежными зубами, дугообразными бровями, сама она была усладой души, цветочной пери, а походкой подобна горной куропатке. Лицом словно яблоко сорта «хубони», губы в полураскрытом виде напоминали кашолку на плече у нищего. Водопад её волос струился по спине до пят. Хамидбек (Бек Фалгара) с одного взгляда влюбился в Рашкикамар и попросил её руки у отца Эшонходжи.) Красота передаётся лексемами мурчамиён «с тонким станом», садафдандон «белоснежными зубами», абрукамон «дугообразными бровями», ороми чон «услада души», гулпарӣ «цветочная пери», райҳонпарӣ «цветочна пери», дар хиром кабки дарӣ «походкой подобна горной куропатке». рухаш себи «хубонӣ» «лицом словно яблоко сорта «хубони», лабҳош дар ҳолати нимвой «губы в полураскрытом виде», обшори

муҳош шорида аз пушт то пошнаи пош «водопад её волос струился по спине до пят»

По данным «Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ» («Словарь синонимов таджикского языка). М. Мухаммадиева даются следующие синонимы данной лексемы: гулчеҳра «розоликая», моҳрӯй «луноликая», тароват «свежесть», гулбӯй «ароматный», моҳлиқо «луноликая», хушсимо «привлекательная», хушрӯй «красивая», соҳибҷамол «красавица», гулрухсор «розоликая», зебо «красивая», хубрӯй «миловидная», нозанин «изящная», фаттон «пленительная», хушлиқо «лучезарная». Рассмотрим также примеры из материалов к Национальному корпусу таджикского языка. Приведем примеры из произведений А.Рудаки:

Моҳи тобон аст рухи дилбараки ман,
В – аз ду гули сурх андар руи лола.
(Моей милой возлюбленной лицо – полнолуние,
На её щеках лепестки двух тюльпанов.)

В данных примерах поэт изображает лицо своей возлюбленной как полнолуние, и её щеки как лепестки тюльпанов. Лексема «Красота» передается лексемами: моҳи тобон, дилбараки ман, гули сурх.

В таджикской языковой картине мира «Красота» представляется образами цветения.

Май ҳасту дирам ҳасту бути лоларухон ҳаст,
Ғам нест в – агар ҳаст, насиби дили аъдост. (НКТЯ)
(Вот вино и звонкая монета и личико краснощекое,
Нет печали, а если есть, то пусть она достанется врагам)

В данных примерах поэт изображает красоту девушки, сравнивая её лицо с тюльпаном. Лексема «Красота» передается лексемами лоларух (букв. лицо подобное тюльпану).

Понятие красоты проявляется в олицетворении природы. Природные метафоры играют важную роль в описании человеческой красоты, а человеческие качества используются в описании красоты природы. А. Рудаки в описании весеннего мотива не только говорит об омоложении природы материального мира, но и намекает на непостоянство земной жизни, ее изменчивость и бренность, готовность человеческого рода к превратностям судьбы. Лексема красота для описания природы передается лексемами: рангу бӯи хуш «благовония», нусҳату ороиши ачиб «радости и удивительные украшения».

Анализ лексем, репрезентирующих красоту, позволил выявить следующие лексемы, которые отображают концепт «Красота». Среди них можно выявить понятия с положительной коннотацией в таджикском языке: гулистон «цветник», боғу бӯстон «сад», Ҷамол «красота», нигор, «красота», сияҳчашм «черноокая», дилбар «пленительная», лоларух, «розоликая», описание красоты природы лексемами: гулистон «цветник», боғу бӯстон «сад».

Проведенный анализ по материалам Национального корпуса таджикского языка наглядно выявляет структуру исследуемого концепта в таджикском языке, и выделяет ядро данного концепта, ближнюю, дальнюю и крайнюю периферию.

Таким образом, слово «Красота» в таджикском языке имеет следующие вхождения в синонимический ряд: зебо, нозанин, дилбар, гулрухсор, форам, начиб, дилкаш, гулчеҳра, дилором , дилрабо, ҳусн, дилнишин, дилафрӯз, хушрӯй, соҳибҷамол, дилпазир, моҳрӯ, дилчасп, дилоро, рӯҳафзо, ситорагарм , хушнамо, фаттон, хушсимо, мохрухсор, дилҷӯ, моҳлиқо, лоларух, гармрӯ, хушлиқо, сияҳчашм, сарвболо и т.д.

Язык является зеркалом культуры, он отражает не только реальный мир вокруг человека, но и общественное сознание народа, его менталитет, национальный характер, образ жизни, традиции, обычаи, систему ценностей.

Проведённый анализ по данным Национального корпуса русского языка, также наглядно выявляет структуру исследуемого концепта в русском языке, и выделяет ядро данного концепта, ближнюю периферию, дальнюю периферию и крайнюю. Ключом является красота, ядром данного концепта является красота, прекрасное, великолепие, изящество. Ближняя периферия – краса, грация, загляденье, красотища, живописность. Дальняя периферия – красивость, неотразимость, миловидность, изящность, нарядность, крайняя периферия картинность, лепота.

В результате анализа можно определить концептуальные характеристики значения ключевого концепта «Красота»: красота – это качество или сочетание

качеств; красота приятно, возвышает разум или дух; красота пробуждает эмоции; красотка – очень привлекательная и соблазнительная женщина. Эта концепция составляет понятийное ядро концепта «Красота» в пространстве русской и таджикской лингвокультур.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Аверина, М. А. Вербализация концепта «красота» в лексеме «прекрасный» как составляющая языковой картины мира / М. А. Аверина // Universum: филология и искусствоведение. – 2014. – № 10(12). – С. 12–14.
2. Анашкина, А. В. Концепт красота и его воплощение в дискурсе рок – поэзии (на материале текстов группы «Аквариум») / А. В. Анашкина // Вестник Томского государственного педагогического университета. – 2014. – № 2 (143). – С. 59-61.
3. Глушкова, Т. С. Корреляция понятий «красота» и «польза» в языковой картине мира (на материале паремиологических источников, текстов СМИ и рекламы) / Т. С. Глушкова // Вестник Томского государственного педагогического университета. – 2014. – № 9 (150). – С. 9-13.
4. Лихачёв, Д.С. Концептосфера русского языка / Д. С. Лихачёв // Русская словесность: Антология. – М.: Academia, 1997. – С. 493–505.
5. Окунева, И. О. Лексико – семантическое поле концепта «красота» в русском и английском языках / И. О. Окунева // Материалы V международной конференции «Языки в современном мире». – М.: КДУ, 2006. – С. 522–527.
6. Черкашина, Е. А. Концепт «красота» в речи студентов педагогического вуза / // Вестник Таганрогского института имени А. П. Чехова. – 2014. – № 2
7. Черкашина, Е. А. Концепт «красота» в русском языке / Е. А. Черкашина // Вестник Таганрогского института имени А.П. Чехова. – 2014. – № 2 – С. 38–43.


## СОХТОРИ КОНСЕПТИ «ЗЕБОӢ» ДАР ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА ТОҶИКӢ


Ин мақола сохтори мафҳуми "Зебоӣ"- ро бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ баррасӣ мекунад.Дар забоншиносии муосир мафҳуми "Зебоӣ" ҳамчун нишонаи яке аз шаклҳои пешниҳоди дониш дар бораи ҷаҳон аз нуқтаи назари семантикаи маърифатӣ истифод мешавад.Консепсия ин як нав тасвири порчаи ҷаҳон ё як қисми чунин порча мебошад, ки дорои сохтори мураккаб буда, бо гурҷҳҳои гуногуни хусусиятҳои фоидаёфта, бо усулҳо ва воситаҳои гуногуни забоншиносӣ татбиқ карда мешавад.Муаллифи мақола дуруст қайд мекунад, ки мафҳум натиҷаи фаъолияти маърифатии шахс ва ҷомеа буда, маълумоти мураккаб, энсиклопедӣ дар бораи ашё ё падидаи инъикосшуда, тафсири ин маълумот тавассути шуури ҷамъиятӣ ва муносибати шуури ҷамъиятӣ ба ин падида ё ашё. Мафҳумҳо дар шуури лингвистии коллективӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд ва аз ин рӯ омӯзиши онҳо ба як масъалаи фавқулодда мубаддал мегардад.



**Калидвожаҳо:** консепти «Зебоӣ», таҳлил, вожаҳо, хусусият (вижагӣ), таҳқиқи консепт, вожаҳои асосӣ, вожаҳои дуюмдараҷа.


## СТРУКТУРА КОНЦЕПТА «КРАСОТА» В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ


В данной статье рассматривается структура концепта «Красота» в русском и таджикском языках. В современной лингвистике термин «концепт» используется как обозначение одной из форм репрезентации знаний о мире с позиций когнитивной семантики. Концепт – это некое представление о фрагменте мира или части такого фрагмента, имеющее сложную структуру, выраженную разными группами признаков, реализуемых разнообразными языковыми способами и средствами. Автор статьи справедливо отмечает, что концепт представляет собой результат познавательной (когнитивной) деятельности личности и общества и несущее комплексную, энциклопедическую информацию об отражаемом предмете или явлении, об интерпретации данной информации общественным сознанием и отношении общественного сознания к данному явлению или предмету. Концепты занимают важное положение в коллективном языковом сознании, а потому их исследование становится чрезвычайно актуальной проблемой.



**Ключевые слова:** концепт «Красота», анализ, лексемы, специфика исследуемый концепта, ядро, периферия,


## THE STRUCTURE OF THE CONCEPT OF "BEAUTY" IN RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES


This article examines the structure of the concept "Beauty" in Russian and Tajik languages.In modern linguistics, the term "concept" is used as a designation of one of the forms of representation of knowledge about the world from the standpoint of cognitive semantics.A concept is a kind of representation of a fragment of the world or a part of such a fragment, which has a complex structure, expressed by different groups of features, implemented by various linguistic methods and means.The author of the article rightly notes that the concept is the result of the cognitive (cognitive) activity of a person and society and carries complex, encyclopedic information about the reflected object or phenomenon, the interpretation of this information by public consciousness and the attitude of public consciousness to this phenomenon or object. Concepts occupy an important position in the collective linguistic consciousness, and therefore their study becomes an extremely urgent problem.



**Keywords:**: koncepti "Sebo", talil, wagao, housset (vizag), taiI konsept, voao ASOs, voao Bulgaria.



**Сведения об авторе:** ***Назарова Холбиби Рахмонкуловна*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета русской филологи. **Адрес:**734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **904 09 50 80.**

**Information about the author*: Nazarova Holbibi Rahmonqulovna*** – Tajik national University, the master of the second course of the faculty of Russian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17.. Phone: **904 09 50 80.**

## ЛУҒАТНОМАИ ЛУҒАТИ ТОҶИКӢ-АНГЛИСИИ Ҷ. МАМАТОВ ВА ДИГАРОН

***Раҳимзода Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Лексикография яке аз илмҳои замимавист, ки ба забоншиносии муосир дохил мешавад. Ин назария ва амалияи тартиб додани луғатҳои гуногуни забонӣ яъне дар бораи луғат мебошад. Муаммои асосии ин илм роҳҳои ташкили луғатномаҳои луғат аст.

Барои инкишофи маданияти халқ дар қатори дигар омилҳои таърихӣ ва ҷамъиятӣ мавқеи луғатсозӣ низ бузург аст. Асарҳои луғавӣ захираи каломии забони умумихалқиро ба тартиби муайян дохил намуда, барои мӯътадил гардонидани меъёрҳои адабии гурӯҳҳои алоҳидаи лексикӣ ва умумиятёбии онҳо хизмати босазоеро адо менамоянд ва ҳамеша ҳамчун асарҳои рӯимизиву дастурҳои муҳим дар хизмат ва истифодаи халқ мебошанд.

Лексикография чунин вазифаҳои муҳимро адо мекунад;

- омӯзиши забон чун забони модарӣ ва забони дуюм,

-тасвир ва ба меъёр даровардани забони модарӣ (ба воситаи тафсир),

-замина барои нутқ дар байни забонҳо (луғатҳои дузабона ва муҳовараҳо),

-омӯзиши илмии калимаҳои забон (пайдоиш, таърих ва калимаҳои азбайнрафта),

Дар муддати рушди худ илми лексикография се давраро аз сар гузаронидааст;

а. *Давраи то луғат* – тафсири калимаҳои маъноянашон норавшан – *глоссҳо.* То луғатҳо одамон *глоссарийҳо* (рӯихати калимаҳои хоричӣ ё ғайрианъанавӣ) тартиб медоданд, ки дар дастнависҳои (манускриптҳо) қадимаи забонҳои қадим хусусан дар навиштаҳои классикони юнонӣ ва лотинӣ вомехӯранд. *Глосс* аз калимаи юнонии *glossa* гирифта шуда, дорои маҳфуми забон ва калима аст. Дар зери маҳфуми глоссҳо калимаҳои ҳадафи забонӣ дар назар дошта мешаванд, ки истифодаи он асосан бо мақсади муҳокимаи на ин ки забони ҷаҳони беруна, балки худи он забон мебошад.

Глоссҳои аз ҳама давраҳои қадим - Глоссҳои Шумерӣ ба асри XXV то эраи мо, Хитой асри XX, Европаи ғарбӣ асри VIII ва дар Россия ба асри XI пеш аз мелод рост меоянд. Аз аввалин луғат- глоссарийҳои хоричӣ ин глоссарийи калимаҳои ангилисист, ки номи *"Эпиналский Глоссарий" - Глоссарийи Эпиналӣ*, ки аз номи шаҳри Эпинали Франсия гирифта шуда, дар ҳамон шаҳр маҳфуз дошта шуда буд, мебошад.

б. *Давраи аввалини луғат.* Вазифаи асосии луғатҳои ин давра омӯхтани забони адабӣ, тафовути онҳо дар нутқи гуфтугӯии халқҳо, лексиконҳои санскритии якзабона (асрҳои VI-VIII), забони юнонӣ (асри X) шакли нофаъоли луғатҳои сонӣ, ки калимаҳои забонҳои бегона бо забонҳои халқӣ-гуфтугӯӣ тафсир карда мешуданд, дар қатори инҳо луғатҳои арабӣ-форсӣ асри XI, лотинӣ-англисӣ асри XV, динӣ-славянӣ-русӣ асри XVI ва дигарон буданд.

Дар ин давра луғатҳои тарчумавии намуди фаъол низ, ки асоси онро забони халқ ташкил менамуд ба мисли луғатҳои франсузӣ-лотинӣ, англисӣ-лотинӣ дар асри XVI, русӣ-лотинӣ-юнонӣ асри XVIII ва инчунин луғатҳои дузабонаи забонҳои зинда ба назар мерасиданд. Аввалин луғатҳои намуди тафсирӣ ба ҳуруфи иероглифӣ (хати тасвирӣ) дар Хитой ба асри III ва дар Япония ба асри VIII рост меояд, мебошанд.

в. *Давраи рушди луғат.* Дар ин давра лексикография бо рушди забонҳои миллии адабӣ алоқаманд аст. Вазифаи асосии ин давра тафсирнамоӣ, ба меъёр дохилкунии таркиби луғавии забон ва баланд бардоштани маданияти забон аст. Ба инҳо луғати Итолиёии Академияи Круска соли 1612 ва луғати Академияи Россия соли 1789-1794 рост меояд.

Луғатҳо асосан дар хориҷи кишвар бо баробари кашф шудани таҷҳизоти китобчопкунӣ (техникӣ) дар асрҳои XV ба миён омадаанд, ки аввалин маҳсулоти нашри чопӣ мебошанд.

Дар ин давраи мазкур луғатсозон дар Европа аз ҷумла Англия низ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд. Инҳо; луғати "*Promptuarium Parvulorum*" - *Ганҷина барои ҷавонон* - дорои зиёда аз 10,000 калимаҳои забони англисӣ бо забони лотинии аз тарафи олими Доминиканӣ Галфрид Грамматик тартиб додашуда мебошад, ки соли 1499 нашр гардидааст. Дигар луғати забонҳои хориҷӣ ин луғати англисӣ-лотинӣ аз тарафи якчанд муаллифон соли 1460 бо номи "*Medulla Grammaticae*" - *Моҳияти грамматика* (Душа грамматикӣ) ва луғати "*Ortus Vocabulorum*" - *Боғи калимаҳо* дар Лондон соли 1500 нашргашта мебошад, ки луғатномаи он аз калимаҳои лотинӣ ва тарҷумаҳои кӯтоҳи англисӣ иборат буда, бо мурури вақт бо он маъноҳо ва тафсирҳо бо забони англисӣ илова гардидаанд.

Соли 1552 дар Лондон китоби "*Abecedarium Anglico Latinum*" - *Алифбои англисӣ-лотинӣ* чунон тартиб дода шуда буд, ки хизмати луғати англисиро иҷро мекард. Соли 1570 Питер Левинс луғати худро бо номи "*Munipulus Vocabulorum*" баровард, ки дар худ 9000 калимаро дарбар мегирифт, ки луғатномаи он аз рӯи ҳарфҳои алифбо ҷойгир шуда буд. Соли 1573 Ҷон Барет луғатеро бо номи "*Alvearie*" - *Галаи занбӯр* (Улей) ва Роберт Кодри луғатеро бо номи "*A Table Alphabetical*" тартиб дод, ки калимаҳои мураккаби англисиро шарҳ медоданд. Соли 1616 луғати тафсиротии англисӣ аз тарафи Ҷон Баллокар ва соли 1656 луғати калимаҳои душвор *Глоссография* – "*Glossographia*" аз нашр баромадааст.

Фарҳанги Ҷон Гарланд "*Dictionarius*" якумин фарҳангест, ки вожаҳоро ҳамчун рӯихати калимаҳо шарҳ додааст.

Луғатнигори дигар Натан Бейли - муаллифи се фарҳанги бузурги забони англисӣ буд, ки инҳо; "*Universal Etimological English Dictionary*" соли 1721 ва фарҳанги ҳаҷман калонтар "*Dictionarium Britannicum*" соли 1730 ба чоп расида мебошанд.

Самуел Ҷонсон дар заминаи асари калонтарини Бейли фарҳанги дуҷилдаи забони англисӣ "*Dictionary of English language*"-ро таҳия намуда, соли 1755 ба чоп расонид, ки ин луғат заминае барои лексикографияи хориҷии баъдина гузошт. Фарҳангҳои Томас Шеридан (1721-1788) соли 1780 ва Ҷон Волкер (1732-1807) **соли** 1791 низ дар қатори инҳо ба чоп расиданд. Дигар луғатнигори барҷаста Виллиам Кенрик соли 1773 фарҳангеро аз нашр баровард, ки аввалин шуда таллафузро бо аломатҳои ҳаракат ишора ва калимаҳоро бо ҳиҷоҳо тақсим карда буд. Лексикографи дигари бузург пас аз Смуел Жонсон ин Ноа Вебстери амрикоӣ буд (1758-1843). Нахустин нашри китоби ӯ ба номи "*Китоби имлои Вебстер*" - "*Websters spelling book*" соли 1783 ва сонитар соли 1828 фарҳанги дуҷилдааш бо номи "*Фарҳанги Амрикоии забони англисӣ*" -"*An American Dictionary of the English language*" нашр гардид. Калонтарин фарҳанги ин луғатнигор бо номи "*Кӯтоҳкардашуда*" - "*The unabridged*" ба унвони нашри панҷум соли 1846 чоп шуда маводҳои забониеро дарбар дошт, ки онро аз дигар фарҳангҳои Вебстер ҷудо намуда маъруфу машҳур гардонид.

Фарҳанги дигари якҷилда аз тарафи Ҷозеф Емерсон (1784-1865) нахуст соли 1830 ва баъдан нашри аз тарафи худи муаллиф такмил ва таҷдид гардида соли 1860 чоп гардид. Сонитар дар соли 1895 фарҳанги якҷилдаи Амрикоии Функ ва Вагналҳо "*Standard*" – "*Стандарт*" ба чоп расид, ки рӯихати вожаҳоро аз рӯи мудовимати истифода дар забони муосир таърихӣ тартиб дода буд, ки ин навоварӣ умуман эътироф гардид.

Фарҳанги шашҷилдаи Амрикоӣ ба номи "*Фарҳанги Аср*" –"*The Century Dictionary*" хусусияти энсиклопедӣ дошта дар соли 1891 чоп шуд.

Дар солҳои 1836 - 1837 Чарлз Ричардсон (1775-1865) дар ду ҷилд фарҳангеро чоп кард, ки аз ҷиҳати теъдоди мисолҳои тавзеҳотӣ аз ҳамаи фарҳангҳои то ин давр чоп шуда ғанитар буд. Ҷамъияти филологӣ чопи фарҳангҳоро бо мисолҳои гуногун мисли "*Фарҳанги нави забони англисӣ дар асоси принсипҳои таърихӣ*" – "*New English Dictionary on Historical Priciple*", "*Фарҳанги Англисии Оксфорд*"-"*The Oxford English Dictionary*" ва "*Фарҳанги Муррей*" - "*Murray's Dictionary*"-ро (Ҷеймз Муррей, 1837-1915) ба роҳ монд. Нашри ин фарҳанг соли 1884 оғоз гардида соли 1928, 70 сол пас аз оғози ҷамъ кардани мавод ба итмом расид. Дар 12 ҷилд ва ҷилди иловагии ин фарҳанг бо номи "*Monumental and Unrivaled lexicon*" таърихи 250 000 калимаҳои англисиро шарҳ дода, зиёда аз 2,000,000 мисолҳои

истифодабарӣ барои шарҳи маънои 415,000 калимаҳо истифода шудааст. Нашри дуюми 20 ҷилда, ки соли 1989 ба чор ҷилди иловагӣ чоп шуда буд, дорои зиёда аз 616,000 калимаҳо мебошад. Дар қатори инҳо луғатҳои*"The Concise Oxford Dictionary of Current English" (5th ed. 1964) ва "The Shorter Oxford English Dictionary" (rev. ed. 1993)*ва фарҳанги дигари барҷаста – "Фарҳанги чорҷилдаи англисӣ - америкоӣ дар асоси принсипҳои таърихӣ"- и Виллйам Крейг "*Dictionary of American English on historical principles"* соли 1943 дастраси мардум гардиданд.

**АДАБИЁТ**


7. Бархударов Л.С. Язык и перевод. - М., 1975.
8. Брандес М.П. Стилистика текста. Теоретический курс.- Москва, Прогресс, 2004, 265 с.
9. Бреус Е.В. Основы теории и практики перевода с русского языка на английский. М.: Издательство УРАО, 2002
10. Верещагин Е.М., Костомаров В. Г. Язык и культура. - М., 1973.
11. Виноградов В.С. Введение в переводоведение. - М.2001.
12. Виноградов В.С. Лексические вопросы перевода художественной прозы. М., Изд-во МГУ, 1978.


**ЛУҒАТНОМАИ ЛУҒАТИ ТОҶИКӢ – АНГЛИСИИ Ҷ. МАМАТОВ**


Ин мақола ба мушкилоти вижагиҳои луғавии лексиграфияи муқоисавии забонои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Ин масъала барои таҳлили илмии хусусиятҳои луғавии фарангҳои ду забони аз ҷиҳати ирсӣ аоқаманд мебошад. Тавре ки муаллиф қайд мекунад, фарангҳои ду забон ба таври муқоиса ҳамаҷониба омӯхта нашудаанд. Лексикография яке аз илмҳои замимавист, ки ба забоншиносии муосир дохил мешавад. Ин назария ва амалияи тартиб додани луғатҳои гуногуни забонӣ яъне дар бораи луғат мебошад. Муаммои асосии ин илм роҳҳои ташкили луғатномаҳои луғат аст. Барои инкишофи маданияти халқ дар қатори дигар омилҳои таърихӣ ва ҷамъиятӣ мавқеи луғатсозӣ низ бузург аст. Асарҳои луғавӣ захираи каломии забони умумихалқиро ба тартиби муайян дохил намуда, барои мӯътадил гардонидани меъёрҳои адабии гурӯҳҳои алоҳидаи лексикӣ ва умумиятёбии онҳо хизмати босазоеро адо менамоянд ва ҳамеша ҳамчун асарҳои рӯимизиву дастурҳои муҳим дар хизмат ва истифодаи халқ мебошанд.



**Калидвожаҳо:** вижагиҳои луғавӣ, лексиграфия, муқоисавии забонои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳлили хусусиятҳои услубҳо, забонҳои аз ҷиҳати ирсӣ алоқаманд, таҳлили илмии, фаранг.


**ТАДЖИКСКО-АНГЛИЙСКИЙ СЛОВАРЬ МАМАТОВ**


Статья посвящена лексическим проблемам сравнительной лексикографии таджикского и английского языков. Этот вопрос актуален для научного анализа лексических особенностей культур двух языков с генетической точки зрения. Как отмечает автор, культуры двух языков не были изучены сравнительно всесторонне. Лексикография - одна из прикладных наук, входящих в современное языкознание. Это теория и практика составления словарей разных языков. Основная проблема этой науки - способы создания словарей. Для развития культуры народа, наряду с другими историческими и социальными факторами, велика роль лексикографии. Лексические произведения включают в себя словарь обычного языка в определенном порядке, служат для стабилизации литературных норм отдельных лексических групп и их обобщения и всегда важны в качестве таблиц и важных инструкций в служении и использовании людей. В этот период действуют словари активного типа, основанные на народном языке, такие как французско-латинские, англо-латинские словари XVI века, русско-латинско-греческие словари XVIII века, а также двуязычные словари живых языков. Появился.



**Ключевые слова:** лексические особенности, лексикография, сравнение таджикского и английского языков, анализ стилевых особенностей, генетически родственные языки, научный анализ, культура**.**


**TAJIK-ENGLISH DICTIONARY OF MAMATOV**


The article is devoted to the lexical problems of the comparative lexicography of the Tajik and English languages. This question is relevant for the scientific analysis of the lexical characteristics of the cultures of two languages from a genetic point of view. As the author notes, the cultures of the two languages have not been studied comparatively comprehensively. Lexicography is one of the applied sciences that is included in modern linguistics. This is the theory and practice of compiling different language dictionaries. The main problem of this science is the ways of creating dictionaries. For the development of the culture of the people, along with other historical and social factors, the role of lexicography is also great. Lexical works include the vocabulary of the common language in a certain order, serve to stabilize the literary norms of individual lexical groups and their generalization, and are always important as tables and instructions in the service and use of the people. During this period, active translation dictionaries based on the vernacular, such as French-Latin, English-Latin in the XVI century, Russian-Latin-Greek in the XVIII century, as well as bilingual dictionaries of living languages appeared.



**Keywords:** lexical features, lexicography, comparison of Tajik and English languages, analysis of style features, genetically related languages, scientific analysis, culture.



**Сведения об авторах:** ***Рахимзода Хуршед*** **–** Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса кафедры английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:**734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. **Тел: +992 91-590-20-04.**

**Information about the author:** ***Rahimzoda Khurshed*** – Tajik National University, 2 nd year master degree of the Department of English and Comparative Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. **Tel: +992 91 590 20 04.**

## ВОЖАҲОИ ИҚТИБОСИИ АНГЛИСӢ ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

***Раҳматуллоев М.Ғ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Забон ҳодисаи иҷтимоист ва ташаккулу инкишофи он ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсиву фарҳангии соҳибзабонон вобастагии зич доранд. Забон бойигарии таъриху саргузашти инсоният аст. Забон, бешубҳа, яке аз аркони асосӣ ва муаррифгари симои воқеии халқу миллат ва фарҳанги он дар ҳамаи давру замон ба шумор меравад. Агар шахс аз забони модарии худ даст кашад, шуураш ботил мегардад.

Дар дунё ҳеҷ як забоне мавҷуд нест, ки фақат аз ҳисоби захираҳои луғавии худӣ инкишоф ёфта бошад, тамоми мафҳумҳои зарурии рӯзгор танҳо бо вожаҳои айни як забон ифода шуда бошад. Муҳаққиқ П. Н. Хонларӣ чунин пиндори ботилро дар мавриди вуҷуди забони холис «афсонаи хобовар» номида навиштааст: «Ман намедонам омехтагии луғоте аз забоне дар забони дигар барои ин як чӣ нангу оре аст? Забони холис монанди нажоди пок афсонае аст, ки хоб меоварад. Кадом забон холис аст? Магар забони фаронса? Оё дар забони англисӣ луғоте, ки аз решаи лотинӣ аст, кам аст? Кадом аз ин забонҳоро нангин мешуморед?» [8, с. 168]. Ҳамин муҳаққиқ дар ҷойи дигар низ таъкид кардааст, ки «албатта, мо аз пазируфтани баъзе луғоти хоричӣ ногузирем ва дарвозаи ҳеҷ забонеро бар луғоти бегона наметавон баст» [8, с.171].

Бояд ба назар гирифт, ки теъдоди калимаҳои иқтибосӣ аз забонҳои мухталиф дар ин ё он забони алоҳида баробар нест. Чунин ҳам мешавад, ки дар як давраи инкишофи ин ё он забон ба он таъсири забоне бештар мешавад, аммо дар даврони дигар чунин мақомро забони дигар ба даст меорад ва, ба ин тариқ, ба он унсурҳои луғавии забонҳои мухталиф роҳ ёфта, боиси нирӯманд гардиданаш мешаванд.

Иқтибосот аз рӯйи зарурат бояд қабул карда шаванд. Вобаста ба ин масъала нуктаи зерро мехоҳем таъкид намоем, ки бояд иқтибос аз унсурҳои тасодуфии забони дигар фарқ карда шавад, ки онҳо бидуни зарурат ба забон роҳ ёфта, бештар ҷанбаи фардӣ доранд ва зуд аз байн мераванд.

Асоси забони адабии англисиро шеваи Лондон ташкил медиҳад. Сабаби он ба оғозгардии чопи китоб (соли 1476-ум) ва оммавӣ шудани осори Ҷ. Чорес (солҳои 1340-1400-ум) марбут аст, ки асарҳояшро бо шеваи лондонӣ менавишт. Чунин иқдоми нависандаи зикршуда боиси густаришу устуворшавии шаклҳои лондонии баён гардид. Аммо бо вуҷуди ривоҷи чопи китоб бархе аз суннатҳои имлои калимаҳоро идома дода, он натавонист дар охири садаи XV талаффузи зиндаи забонро инъикос намояд. Маҳз аз ин даврон дар забони адабии англисӣ хусусияти маъмули забони англисӣ: тафовути байни талаффуз ва зикри хаттии вожаҳо оғоз шуд.

Маълум аст, ки дар такмили таркиби луғавии ҳар гуна забон дар баробари дигар омилҳо иқтибос низ нақши махсус дошта, он метавонад аз як забон ба дигар бо ду роҳ: бевосита ва бавосита интиқол ёбад. Дар забони тоҷикӣ аз байни ин ду навъи иқтибос тарзи бавосита имтиёз дорад. Агарчи забони ниёгони мо пурдоманатарин, жарфтарин, зеботарин забонҳои ҷаҳон ба шумор рафта, фарзандони ин марзу бум дар дарознои садаҳову ҳазораҳо зеботарин гуфторҳо ва волотарин андешаҳои мардумиро бо он баён кардаанд, аз гирифтани ин ё он унсури иқтибосӣ хоҳ ба таври бевосита, хоҳ бо усули бавосита ҷои гурез надоштанд. Фаровонии ин навъи иқтибосро профессор Ҳ. Маҷидов таъкид карда навиштааст, ки «иқтибосҳои бавоситаи забонамон хеле зиёданд ва аз забонҳои мухталифи дунё гирифта шудаанд. Чунончи, дар забони муосири тоҷик ба таври бавосита аз забонҳои лотинӣ, хитоӣ, англисӣ, франсавӣ, итолиёӣ, испанӣ ва соири дигар калимаҳо ворид шудаанд» [2, с.99].

Таърих гувоҳ аст, ки ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ калимаву ифодаҳои англисӣ мисли вожаҳои забонҳои дигари ҷаҳон ба воситаи забони русӣ гузаштаанд. Агар дар оғози қабули чунин калимаҳо тоҷикон қонуни мутобиқати ин гуна воҳидҳои луғавиро ба эътибор гирифта, иқтибосҳои англисиро бо ҷилбури

имлои тоҷикӣ суфта, ба кор баранд, баъдан дар қабулу истифодаи онҳо як навъ ҳарҷумарҷ рӯй дод. Чунин муносибат дар истифодаи ин гуна калимаҳо аз миёнаҳои солҳои 30-юми асри ХХ, ба хусус, аз ибтидои солҳои 40-уми асри гузашта баъди ба алифбои кириллӣ гузаштани ҷумҳурии мо авҷ гирифт. Боиси таассуф аст, ки дар қатори калимаҳое, ки забони тоҷикӣ ба онҳо эҳтиёҷ дошт, баъзе унсурҳои луғавии барзиёде зери сиёсати ба ном "интернатсионалӣ" бо талаффуз ва имлои ба табиати забони тоҷикӣ бегона ворид шуда, сабки баёни тоҷикиро ғализ, гӯшхарош ва ношинам мегардониданд. Бино ба ҳисоби бархе муҳаққиқон, "дар охирҳои солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ миқдори чунин калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ ба 10 ҳазор наздик шуд [9, с.5]. Аммо баъдан ба шарофати ба даст овардани истиқлолият аз истифодаи як ҳиссаи калони ин гуна унсурҳои луғавӣ даст кашида шуда, ҳамонҳое боқӣ монданд, ки мафҳумҳои ҳаётан муҳимро ифода намуда, як ҳиссаи муҳими таркиби луғавии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд.

Албатта, бояд ба назар гирифт, ки агар гузаштаи дури қисме аз ин гуна воҳидҳои луғавии дар китобҳои илмиву фаннии мо дарҷёфтаро як баррасии дақиқ намоем, пай бурдан душвор нест, ки онҳо ҳамон вожаҳои эрониасле мебошанд, ки пас аз чанд муддати сайри таърихӣ такроран дар қиёфаи тағйирёфта ба забони мо баргаштаанд. Агар як баррасии дақиқ карда шавад, ба як ҳақиқати илмии ҷолиб метавон пай бурд. Ин нуктаро муҳаққиқони хориҷӣ низ ишора намудаанд [**6**, 165]. Масалан, муҳаққиқи эронӣ П. Н. Хонларӣ доир ба иқтибосҳои лотинӣ, юнонӣ, ҳиндӣ дар забони форсӣ мулоҳизаронӣ карда, баъдан овардааст, ки «дар форсии имрӯз калимаи *бирлиён* аз лафзи англисии *brilliant*, ки ба маънии дурахшон ва сифати алмос аст, иқтибос шуда, агарчи худи ин калима дар забонҳои урупоӣ шояд аз *булӯр* омада бошад» [8, 121].

*Номи нақлиёти баҳрию барӣ ва техникаи кишоварзӣ.* Як қисми чунин калимаҳоро воситаҳои нақлиёт ташкил мекунанд, ки барои аз ҷое ба ҷои дигар бурдани мардум хидмат мекунанд. Мувофиқи ҳисоби мо, миқдори чунин унсурҳои луғавӣ 27 ададро дар бар мегиранд.

*Троллейбус* (<*trolleibus*) яке аз чунин воситаҳо буда, мошини пассажиркашонии шаҳрӣ аст, ки бо қувваи электр ҳаракат мекунад [6, 521; 101, ҷ. 2, 354; 127, 317].

Баъзеи ин гуна вожаҳо дар худи забони асл калимаи мураккаб ҳисоб ёфта, ба забони тоҷикӣ ҳамчун унсурҳои луғавии сода қабул шудаанд. *Трамвай* (<*tramway*) аз қабили ҳамин гуна воҳидҳои луғавӣ ба шумор меравад. Калимаи мазкур дар асл аз ҳиссаҳои *tram* «вагон» ва *way* «роҳ» иборат буда, маъноҳои зеринро ифода менамояд: 1.роҳи оҳани шаҳрие, ки бо қувваи электр кор мекунад; 2. поезди иборат аз як ё якчанд вагон, ки дар ҳамин роҳ ҳаракат мекунад [3, 313; 92, 514].

Иддае аз чунин калимаҳо дар ифодаи номи воситаҳои нақлиёти баҳрӣ мавриди истифода қарор доранд. *Катер*, ки шакли аслияш *cutter* ба шумор меравад, дар забони тоҷикӣ дар ифодаи ду маъно ба кор меравад: 1.киштии хурд (буғӣ, мотордор, бодбону белдор), ки асосан барои сафарҳои кӯтоҳмуддат, кашонидани одамон, барои спорт истифода мегардад; 2. киштии хурди ҳарбӣ [мас., катери торпедаандоз- 7, 226; 101, ҷ. 1, 9, 139].

Ҳиссае аз чунин калимаҳо онҳое мебошанд, ки дар асл ба ин ё он забони ҷаҳон мансуб буда, ба воситаи забони англисӣ ба забонҳои дигар, аз ҷумла ба тоҷикӣ роҳ ёфтаанд. *Трактор* (< *tractor*), ки дорои маъноии «мошини худгарди тасмачарх ё дорои чархи оддӣ, ки ба он плуг, комбайн, скрепер ва дигар олоти хоҷагии қишлоқ, сохтмон ва ғ. баста мешавад» аст, дар асл вожаи лотинӣ буда [7, 514 ], дар забони мазкур дар шакли *trahere* дучор мегардад ва маъноии «кашидан»-ро дорад [6, 514].

*Чизел* (< *chisel*) низ аз ҷумлаи чунин вожаҳо ҳисоб мешавад. Таҳти ин унсури луғавӣ як навъи олати хоҷагии қишлоқ-культиватори вазнин фаҳмида мешавад, ки барои чуқур рондан ва нарм кардани замин истифода мегардад [6, 572].

*Экспресс* (< *express*) ба маъноиі«поезд, пароход, автобус ва ғ., ки бо суръати тез ҳаракат мекунад ва танҳо дар стансияҳои калон меистад», низ аз ҷумлаи ҳамин гуна калимаҳо мебошад. Асли он *expressus*-и лотинӣ буда, маъноиаш «пурзӯр» аст [5, 589].

*Яхта* (<*yacht*), ки маънои «қаиқи мотордор ё бодбондори гуногуншаклу гуногунҳаҷм барои машқҳои варзишӣ ё сафари туристӣ»-ро дорад [6, 611], низ ба қатори ҳамин гуна унсурҳои луғавӣ мансуб аст, яъне сарчашмаи он калимаи *jacht*-и голландӣ аст, ки он худ аз *jagen* ба маънои «рондан» ибтидо гирифтааст.

Баръакси калимаҳои боло *вагон* (<*waggon*), ки дорои маънои «аробаи болопӯши роҳи оҳан барои кашонидани одамон ва борҳо» аст [9, 64], аз ҷиҳати мансубияти забонӣ ба англисӣ дахл дошта, тавассути он ба забонҳои дигари аврупоӣ роҳ ёфтааст.

Чанде аз ин гуна воҳидҳои луғавӣ номи воситаҳои борбардорӣ, таҳвили ашёро аз як макон ба макони дигар ифода менамоянд. Яке аз чунин калимаҳо *комбайн* (<*combine*) аст, ки номи мошини мураккабсохте буда, фарогири якчанд механизм аст ва он метавонад чанд амалро пай дар пай ба иҷро расонад [6, 149].

*Лифт* (<*lift*) аз калимаҳои дигаре аст, ки номи мошини болобардор барои баромадану фуромадан дар биноҳои серошёна буда, инчунин барои аз чуқурӣ кашида баровардани об, нефт ва ғ. истифода мешавад [6, 289].

*Эскалатор* (< *escalator* < *scala* «зинапоя») низ аз ҷумлаи унсурҳои луғавие ба шумор меравад, ки маънои «зинапояи равон (мас., дар метро)»-ро мефаҳмонад [6, 606].

Бархе аз чунин унсурҳои луғавӣ номи нақлиётеро ифода мекунанд, ки дар корҳои ҳарбӣ ҳангоми иҷрои амалиёти ба набард алоқаманд истифода мегарданд. Мисоли чунин нақлиёт *танк* (<*tank*) аст, ки мошини зиреҳпӯши ҳарбии ба воситаи тасмачарҳҳо ҳаракаткунанда буда, бо тӯпу пулемётҳо мусаллаҳ мебошад [50, 498].

Алоқамандона ба ин калима инчунин ду воҳиди луғавии дигаре аст, ки сарчашмаашон ҳамон вожаи *tank* аст: яке *танкер* (< *tanker* < *tank* «систерна, бак») аст, ки маънои “киштии боркаши махсус”-ро дорад, ки ба кашонидани моеот сарукор дорад [6, 498] ва дигаре *танкетка* (< *tankette*) мебошад, ки маънои “танкаи майди тезгарди бо як ё якчанд пулемёт мусаллаҳ”-ро ифода менамояд.

*Номи бозиҳои варзишӣ.* Имрӯз дар байни тоҷикон бозиҳои зиёде маъмул мебошанд, ки барои ифодаи онҳо калимаҳои англисиасли *кросс* [< *cross*: «пойга дар масофаи ноҳамвории табиӣ»-6, 269], *теннис* [< *tennis*: «як навъ бозии варзишӣ, ки ҳарифон дар мобайни майдончаи аз мобайнаш тӯркашидашуда яккаса ё дукаса дар ду тарафи онҳо истода, бо ёрии ракетка тӯбчаро ба тарафи якдигар мефиристанд»-6, 502], *хоккей* [< *hockey* «навъе аз чавгонбозӣ, ки дар рӯи ях бо пойафзоли теғшакли яхдав (конкӣ) бозӣ мекунанд»-6, 561], *спринт* [<*sprint*: «дар варзиши сабук, конкибозӣ, пойгаи велосипед давидан ба масофаи кӯтоҳ»- 6, 480] мавриди истифода қарор доранд.

Вобаста ба корбурди чунин унсурҳои луғавӣ ин нуктаро бояд ишора намуд, ки онҳо дар забони англисӣ дар шаклҳои ба худ хос ба кор рафта, баъди ба забонҳои дигар ворид шуданашон ба вижагиҳои нав доро мешаванд [4, 22]. Чунончи, як қисми ин гуна калимаҳо дар забони англисӣ ҳамчун вожаҳои мураккабсохт шинохта шудаанд, аммо баъди ба забонҳои дигар, аз ҷумла ба тоҷикӣ иқтибос гардиданашон ба сифати унсурҳои луғавии содда гардиш менамоянд. Яке аз чунин вожаҳо *футбол* (<*football*) мебошад, ки дар забони англисӣ ҳамчун калимаи мураккаб истифода гардида, аз ду ҳисса: *foot* «пой» ва *ball* «тӯб» иборат аст ва он навъи тӯббозӣ бо пой ва дигар узвҳои бадан (ба ҷуз дастҳо) аст, ки бо иштироки ду дастаи ёздаҳнафарӣ сурат гирифта, мақсади бозӣ ба дарвозаи ҳариф зада даровардани тӯб мебошад [6, 557].

Вожаи *волейбол* (< *volley ball* «тӯби паррон») низ ба ҳамин навъи калимаҳо мансуб буда, он чунин намуди тӯббозии дастиро мефаҳмонад, ки дар он ду дастаи бозингарон кӯшиши тӯбро аз болои тӯр ба майдони ҳариф партофтанро мекунанд [6, 107].

Бархе аз чунин калимаҳо дар асл англисӣ набуда, мансуб ба франсавӣ ҳастанд ва дар чунин мавридҳо забони англисӣ фақат вазифаи миёнаравиро иҷро намудааст. Чунончи, дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ вожаи *чемпион* (< *champion*) ба ду маъно ба кор меравад: 1.касе ё дастае, ки ғолиби мусобиқаи варзишӣ гардидааст; 2. ҳайвоне, ки дар

намоишгоҳи махсус ё дар мусобиқа ҷои якумро ишғол намудааст [6, с. 572].

*Вожаҳои марбут ба тиҷорат.* Чанде аз ин гуна воҳидҳои луғавӣ мафҳумҳои ба идоракунии истеҳсолот вобаста, кори савдо, додугирифти маҳсулот, ашё, шахси бо чунин амал машғул ва м. инҳоро ифода менамоянд. Ба силсилаи ин гуна унсурҳои луғавӣ, ки аз рӯи шумори мо 17 ададро дар бар мегиранд, *бизнес* [< *business*: «кору машғулияти сердаромад» [6, 80], *бизнесмен* [< *businessmen*: «корчаллон, бозаргон, савдогар»-6, 80], *тендер* [<*tender* < *tend*: «хизмат кардан»; «ба даст овардани шартнома ба воситаи гузаронидани музоядаҳо»- [6, 502] ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Як қисми иқтибосоти англисии ба забони тоҷикӣ роҳёфта навъҳои нақдина, асъор ва мафҳумҳои ба он вобастаро мефаҳмонанд. Ба силсилаи ин гуна калимаҳо *доллар* (< *dollar*: «воҳиди пулии як қатор давлатҳо, амсоли ИМА, Канада, Австралия, Зеландияи Нав, Либерия, Розедияи ҷанубӣ, Бруней, Сингапур, Ямайка» [6, 177], *клиринг* [<*clearing* «муомилот бидуни пули нақд, ки асосан дар савдои берунӣ сурат мегирад» [6, 237], *шиллинг* [< *shilling*: «воҳиди пулии Инглистон баробари 1/20 фунт ва ғайраҳо мансуб мебошанд.

Дар байни ин гуна иқтибосҳои англисӣ низ мисли гурӯҳҳои дигар калимаҳое мавҷуданд, ки ба забони тоҷикӣ ба чанд маъно гузаштаанд.

*Маркетинг* (<*marketing* < *market* «бозор, фурӯши амвол») аз ҷумлаи чунин калимаҳо ба шумор рафта, дорои маъноҳои зерин аст: 1.тарзи идора ва ташкили истеҳсолот аст, ки мақсади асосияш ба вуҷуд овардани навъҳои нави маҳсулот ва фурӯши онҳо, омӯхтани талабот- ба молҳо ва хизматрасониҳои ба он вобаста мебошад; 2.фанни иқтисодиёт, ки масъалаҳои марбут ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулотро меомӯзад, бозорёбӣ, бозоршиносӣ» [6, 302].

Воҳидҳои луғавии *менеҷер* (< *manager* < *manage* “идоракунӣ”: 1. мутахассиси соҳаи идораи истеҳсолот-менеҷмент; 2. шахси мусобиқаи варзишкоронро ташкилдиҳанда- [6, 311], *стандарт* [< *standart*; 1.намуна, меъёр, маҳак; 2. навъи махсуси мол, ки нисбат ба сифат, таркиб, миқдор ва вазн муайян шуда бошад [6, 481].

*Номи пеша, шуғл, вазифа ва мафҳумҳои марбут ба онҳо: мисс* [<*miss* «дар Англия ва Америка тарзи муроҷиат ба зани шавҳарнокарда; ба маънои “хонум”, одатан ба исм ё фамилия ҳамроҳ карда мешавад» [6, с. 324], *шеф* [<*chef* «идорае, ки муассиса, мактаб ё муассисаи дигареро ба шефӣ гирифтааст, сарпараст» [6, с.575].

**АДАБИЁТ**


1. Ғуломова Б. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон / Б. Ғуломова ва дигарон. –Душанбе: Шарқи озод, 2011. -207 с.
2. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ.
3. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / М. Мамадназаров. –Душанбе: Эр-граф, 2011. -1015 с.
4. Саҷҷодия М. А.Вожаҳои эронӣ дар забони англисӣ. Монография / М.А. Саҷҷодия. Чопи нахуст, Теҳрон, 1364. -244с.
5. Саҷҷодия М. А.Вожаҳои эронӣ дар забони англисӣ. Монография / М.А.Саҷҷодия. Чопи нахуст, Теҳрон, 1364. -244с.
6. Словарь иностранных слов / Под редакцией И. В. Лехина и другие. -М.: Русский язык, 1989. -620 с.
7. Турсун А. Эҳёи Ачам / А. Турсун. -Душанбе: Ирфон. 1984. -205 с.
8. Хонларӣ П.Н. Забоншиносӣ ва забони форсӣ. Чопи савум, 1347. -301 с.
9. Ҳикматуллоева Н. А. Робитаҳои дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ. Хуҷанд, 2020. 184 с.
10. Ҷоматов С. Мавқеи вожаҳои иқтибосӣ дар рушди таркиби луғавии забони англисӣ / С. Ҷоматов // Роҳи абрешим ва робитаҳои байнифарҳангии Авруосиё. Шёлковый путь и Евразийские международные отношения. Silk road and Eurasian transcultural relations: Материалы международной научно-теоретической конференции, посвященной «Году туризма и народных ремесел». 3 июля 2018. -Душанбе.
11. Шарифов В. Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ / В. Шарифов. –Душанбе: Сарредаксияи илмии «Энсиклопедияи советии тоҷик». 1984. -375с.


**ВОЖАҲОИ ИҚТИБОСИИ АНГЛИСӢ ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ**


Дар мақола роҷеъ ба масъали калимаҳои иқтибосии англисӣ дар забони муосири тоҷикӣ, ки то андозае ҳазм шудаанд, баҳс меравад. Маълум аст, ки дар такмили таркиби луғавии ҳар гуна забон дар баробари дигар омилҳо иқтибос низ нақши махсус дошта, он метавонад аз як забон ба дигар бо ду роҳ: бевосита ва бавосита интиқол ёбад. Дар забони тоҷикӣ аз байни ин ду навъи

иқтибос тарзи бавосита имтиёз дорад. Агарчи забони ниёгони мо пурдоманатарин, жарфтарин, зеботарин забонҳои ҷаҳон ба шумор рафта, фарзандони ин марзу бум дар дарознои садаҳову ҳазораҳо зеботарин гуфторҳо ва волотарин андешаҳои мардумиро бо он баён кардаанд, аз гирифтани ин ё он унсури иқтибосӣ хоҳ ба таври бевосита, хоҳ бо усули бавосита ҷойи гурез надоштанд. Вобаста ба корбурди чунин унсурҳои луғавӣ ин нуктаро бояд ишора намуд, ки онҳо дар забони англисӣ дар шаклҳои ба ҳуд хос ба кор рафта, баъди ба забонҳои дигар ворид шуданашон ба вижагиҳои нав доро мешаванд. Чунончи, як қисми ин гуна калимаҳо дар забони англисӣ ҳамчун вожаҳои мураккабсохт шинохта шудаанд, аммо баъди ба забонҳои дигар, аз ҷумла ба тоҷикӣ иқтибос гардиданашон ба сифати унсурҳои луғавии сода гардиш менамоянд.

**Калидвожаҳо:** калимаҳои иқтибосӣ, забони тоҷикӣ, англисӣ, мутобиқат, меъёри забон, пешравии илму технология.

**ЗАИМСТВОВАННЫЕ АНГЛИЙСКИЕ СЛОВА В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ**

В статье рассматривается проблема английских заимствование в современном таджикском языке, которые в некоторой степени ассимилированы. Известно, что заимствования играют особую роль в улучшении лексической структуры любого языка, наряду с другими факторами, и они могут передаваться с одного языка на другой двумя способами: прямо и косвенно. В таджикском языке английские заимствования приняты преимущественно косвенным способом. Хотя язык наших предков - один из самых богатых и самых красивых языков в мире, и на протяжении сотен и тысяч лет широко используется своими потребителями, однако избежать заимствованными словами не возможно. Что касается использования таких лексических элементов, следует отметить, что они используются в английском языке в их собственных формах и приобретают новые особенности после их введения в другие языки. Например, некоторые из этих слов известны в английском языке как сложные слова, но после цитирования в других языках, включая таджикский, они становятся простыми лексическими элементами.

**Ключевые слова:** заимствование, таджикский, английский, соответствие, языковые нормы, научно-технический прогресс.

**BORROWED ENGLISH WORDS IN THE MODERN TAJIK LANGUAGE**

The article deals with the problem of English borrowings in the modern Tajik language, which are to some extent assimilated. It is known that borrowings play a special role in improving the lexical structure of any language, along with other factors, and they can be transmitted from one language to another in two ways: directly and indirectly. In the Tajik language, English loanwords are adopted mainly in an indirect way. Although the language of our ancestors is one of the richest and most beautiful languages in the world, and has been widely used by its consumers for hundreds and thousands of years, it is not possible to avoid using borrowed words. As for the use of such lexical elements, it should be noted that they are used in English in their own forms and acquire new features after their introduction into other languages. For example, some of these words are known in English as compound words, but after being quoted in other languages, including Tajik, they become simple lexical elements.

**Keywords:** borrowing, Tajik, English, compliance, language norms, scientific and technological progress.

**Сведения об авторе:** ***Рахматуллоев Мухибулло Гайбуллоевич*** – магистрант 2 курса филологическогог факультета Таджикского национального университета. Тел.: **501 51 28 84**

**Information about the author:** ***Rakhmatulloev Muhibullo Gaibulloevich*** – 2nd year Master's student of the Faculty of Philology of the Tajik National University. Phone: **501 51 28 84**

# СПОСОБЫ ПЕРЕДАЧИ ФЕ В РОМАНЕ «ЕВГЕНИЙ ОНЕГИН» И ЕГО ПЕРЕВОД НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

**Идимати С.**
**Таджикский национальный университет**

Фразеология (от греческого *phrases* – выражение + *logos* - слово, учение) - это: 1) совокупность устойчивых оборотов данного языка; 2) раздел языкознания, изучающий данные обороты. Для обозначения языковых единиц, изучаемых в данном разделе, наиболее часто используются следующие термины: фразеологизм; фразеологическая единица (ФЕ); фразеологический оборот; устойчивое сочетание; идиома. Основные задачи фразеологии: 1) Определение места ФЕ в системе языка. 2) Выявление дифференциальных признаков ФЕ. 3) Определение и изучение функций ФЕ в языке и речи.

Основная функция ФЕ - стилистическая: образная, эмоционально-экспрессивная, оценочная характеристика предмета, действия, ситуации.

Соотношение номинативной и стилистической функций ФЕ.

Фразеология как самостоятельная лингвистическая дисциплина возникла в 40-х гг., 20 в. в русском языкознании. Предпосылки теории фразеологии были заложены в

трудах А.А. Потебни, И.И. Срезневского, А.А. Шахматова и Ф.Ф. Фортунатова. Фразеологический состав языка классифицируется по следующим основаниям: структурно-семантическим, грамматическим, функционально-стилистическим.

При этом ведущим в фразеологии является структурно-семантический принцип классификации, восходящий к классификации В.В. Виноградова и основанный на критериях семантической спаянности или аналитичности значения фразеологизмов. Системно-классификационный аспект описания фразеологического состава неразрывно связан с проблемой объема и границ фразеологии.

Аналогичные картины возникают (не под влиянием ли Пушкина?) в анонимном романсе **"На небе много звезд прекрасных**...", опубликованном в 1829 г.

*На небе много звезд прекрасных;*
*Но мне одна там всех милей -*
*Звезда любви, звезда дней ясных,*
*Счастливой юности моей*
*В толпе прелестных дев уныло*
*Всегда одну лишь я ищу;*
*Увижусь образ сердцу милый,*
*С него очей я не свожу.*

В романсе есть и *звезды*, и эпитет *прелестные*, но нет главного - словосочетания ***прелестные звезды***. Между тем по давнему наблюдению В. В. Виноградова, в церковнославянском языке это сочетание является идиоматическим [14]. Оно употреблено в 13-м стихе соборного послания св. ап. Иуды, где о лжеучителях, людях нравственно неустойчивых, сказано: "звезды прелестныя, имже мракъ тми Вовки блюдется" (в русском синодальном переводе несколько иначе: "<...> **звезды блуждающие,** которым блюдется мрак тьмы на веки").

В таджикском языке эти небесные тела названы ***ситораньои саргардон*** 'звезды блуждающие' - ср. соврем. рус. грецизм планета. История русского языка знает и другие кальки того же греческого сочетания: переходная звезда (не позднее XV в.), заблудная звезда (XVII в.), а также заблуждающаяся, блуждающая, блудящая, ходящая, движимая звезда (XVIII в.)

Характеризуя обороты по выполняемым функциям, выделим следующие группы: обороты, характеризующие персонажей - 19; обороты, характеризующие их состояние - 8; обороты, характеризующие речь персонажей - 7; обороты, связанные с образом автора -26.

Одна из основных функций ФЕ в романе «Евгений Онегин» - характеристика персонажей и выражение отношения автора к ним.

**(гл.4, XXXVI).**

Говоря о юности Евгения, автор пишет:

*Он в первой юности своей*
*Был жертвой бурных заблуждений*
*И необдуманных страстей.*

**(гл.4, IX)**

*Дар сарогози ҷавании худ ӯ*
*Гашта буд қурбони ҳирси оташин,*
*Сад хатою саҳв будаш рӯ ба рӯ.*

«*Жертва*» «***ку́рбон***» - слово торжественное, высокого стиля и фразеологизм *был жертвой* в данных строчках звучит с легкой иронией, то есть здесь одновременно дается характеристика Онегина и отношение автора к нему. Тот же прием в следующей строчке: в таджикском языке переводчик использовал метод сложной словосочетанием «или сложной конструкцией»

Онегин ***жил анахоретом***.

Здесь точно сказано, что он жил один, как отшельник и лёгкая ирония автора, так как употреблен фразеологизм с библейским содержанием.

Пушкин даёт сатирическую характеристику Зарецкого, соседа Ленского. В этом ему помогают фразеологизмы ***и то сказать, как зюзя, морочить дурака, попасть впросак:*** в таджикском языке Мухиддин Фархат передаёт ети фразеологизмы следующим образом: ***и то сказать, (гуфтан осон), как зюзя, (-) морочить дурака, (аньма́кон буданд аз ӯ моту ки́моб), попасть, (Низ меафтод), впросак: (мехурд ӯ худаш баъзан фиреб).*** Переводчик в своем переводе использовал разные методы такие как добавление, опущение, замена слов сложным словосочетанием.

**(гл.6, V)**

*И то сказать, что и в сраженье*
*Раз в настоящем упоенье*
*Он отличился, смело в грязь*
*С коня калмыцкого свалясь,*
*Как зюзя пьяный, и французам*
*Достался в плен: драгой залог!..*

******

*Гуфтан осон, боре ӯ дар корзор,*
*Омада бар шавқу завқи беканор,*
*Қарамони карду бар гил ӯфтод*
*Он даме к-аспаш давон буд мисли бод.*
*Маст буд шуд бар Французон асир:*
*Ва чи пурқимат гарав, эй дӯстон,*
*(гл.6, VI)*
*Бывало, он трунил забавно,*
*Умел морочить дурака*
*И умного дурачить славно,*
*Иль явно, иль исподтишка,*
*Хоть иногда и сам впросак*
*Он попадался, как простак.*

******

*Ӯ ниоят шух буду ҳазлбоз,*
*Аҳмақон буданд аз ӯ моту қимоб,*
*Ошкорою ниҳон мекард соз*
*Оқилонро низ аз ҳар ваҷҳу боб.*
*Гарчи баъзе ҳазлу шӯхи ӯ*
*Дарси ибрат мешуданд аз ҳад накӯ, -*
*Гарчи мехӯрд ӯ худаш баъзан фиреб,*
*Низ меафтод дар ҳоли ачиб,*

Онегин даёт краткую, но точную характеристику Ольге, как красивой девушке, но о которой больше нечего сказать:

**(гл.3, V)**
*Кругла, красна лицом она,*
*Как эта глупая луна*
*На этом глупом небосклоне.*

******

*Сурхрӯю лӯнда аз сар то ба по,*
*ҳамчу он моҳе, ки ҳаст аблаҳнамо*
*Ҷой дар ин аблаҳона осмон*

Использован трансформированный оборот *красна лицом.* **(Сурхрӯю лӯнда аз сар то ба по).** В этом случае переводчик использовал метод замена слов сложным конструкциям.

Через ФЕ передается развитие характера матери Татьяны:

в молодости она *была красивая.*

**(гл.2, XXIX)**
От Ричардсона *без ума…*

******

*Худ зани ӯ буд мабҳуту адо*
*Аз Ричардсон, аз ҷавони дилрабо.*

В этом случае **“без ума…”** означает **был влюблен** и на таджикском языке переводчик выразил это с помощью конструкцией **“буд мабҳуту адо”.**

**(гл.2, XXXII)**
*В деревне она быстро освоилась:*
*Она езжала по работам,*
*Солила на зиму грибы,*
*Вела расходы, брила лбы,*
*Ходила в баню по субботам,*
*Служанок била осердясь-*
*Всё это мужа не спросясь.*

**********

*Баъд аз ин шуд ҳумла кори кори ӯ ба роҳ,*
*Рафта меомад савора то ба кор,*

*Бар зимистон хоҷ мекард ӯ намак,*
*Мешумурд ӯ харҷҳьорро як ба як,*
*Шанбеаш гармоба мебуд интизор,*
*Метарошид ӯ ҷабин бе изни шӯ.*
*Ҷуриёнро бо ґазаб мекӯфт ӯ.*

Значение оборота «***брила лбы***» - отправлять в солдаты, по тем временам, навсегда, на всю жизнь. И этот оборот о многом говорит. Перед нами образ своенравной помещицы, которая порой жестока по отношению к крепостным крестьянам. **На русском языке это спряжение глагола в 3-ем лице ед. число жен. рода, а на таджикском языке передаётся с помощью добавлением местоимением «ӯ».**

Очень мало ФЕ Пушкин использует в характеристике Татьяны, её действий, поступков. Вот два наиболее ярких примера. Говоря о Татьяне как светской даме, пишет:

При описании влюблённого Онегина в конце романа Пушкин употребляет следующие обороты: ***как он ни бейся, невмочь, не сойти с ума.*** Эти обороты показывают душевное состояние героя наивысшей точки развития чувства, постепенное нарастание его:

**(гл.8, XXXI)**
*Она его не замечает,*
*Как он ни бейся, хоть умри.*

Дальше:

**(гл.8, XXXII)**
*Но, знать, сердечное страданье*
*Уже пришло ему невмочь,*
*Вот вам письмо его точь-в-точь.*

**(гл.8, XXXIX)**
*Но в следующей строфе:*
*Дни мчались; в воздухе нагретом*
*Уж размешалася зима;*
*И он не сделался поэтом,*
*Не умер, не сошёл с ума.*

Все переходы, изменения состояния Онегина передаются через фразеологизмы.

Фразеологизмы при характеристике состояния Ленского: ***махнуть рукой.*** При описании душевного состояния Ленского перед дуэлью Пушкин вводит фразеологический оборот ***махнуть рукой:***

**(гл.6, XIII)**
*Решась кокетку ненавидеть,*
*Кипящий Ленский не хотел*
*Пред поединком Ольгу видеть,*
*На солнце, на часы смотрел,*
*Махнул рукою напоследок-*
*И очутился у соседок.*

Отсутствие управляемого слова при фразеологизме переводит внимание читателя на содержание предшествующих строк и заставляет искать в нем то, что заменяет значение этого слова (махнуть рукой на кого-что). Фразеологизм приобретает расширенный смысл: не обращая внимания на свои рассуждения, намерения, вопреки им решиться на что-либо.

**(гл.6, XIV)**
*И вот Ленский у Лариных:*
*«Зачем вечор так рано скрылись?»*
*Был первый Оленькин вопрос.*
*Вы чувства в Ленском помутились,*
*И молча он повесил нос.*

Фразеологизм ***повесил нос*** со значением «впасть в сильное уныние, тоску» передает оценку состояния, позволяет поэту с большей силой передать чувство сметания Ленского, связанного с необдуманным поспешным вызовом Онегина на дуэль.

7 фразеологических оборотов употреблено Пушкиным как средство речевой характеристики персонажей - это представители различных слоев общества от высшего света до крепостных крестьян. При характеристике соблюдается чувство соразмерности

и сообразности, соотносится сфера распространения фразеологизмов с социальной принадлежностью персонажа, его характером, общим уровнем культуры. Максимов В.И. Русский язык и культура речи. - М.: Высшая школа, 2003. - С.124.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Абреимова 2004 - Абреимова Г. Н. Трансформированные фразеологизмы в произведениях И. А. Бунина // Русский язык в школе - 2004 № 2. - С. 73-75.
2. Алефиренко 2004 - Алефиренко Н. Ф. Теория языка. Вводный курс. Учебное пособие для студентов филологических специальностей вузов. - М., 2004. - 368 с.
3. Бережная 2001 - Бережная Е. П. Фразеологизмы у Чехова // Русский язык в школе - 2004 №6 - С. 56-63.
4. Буркина 2004 - Буркина С. Г. Фразеология загребского молодежного жаргона // Проблемы фразеологической и лексической семантики. Материалы Международной научной конференции, Кострома,18-20 марта 2004 г. - Москва, 2004. - С. 171-176.
5. Быков 2007 - Быков Д. В. Фразеорефлексы французского языка // Язык и действительность. Сборник научных трудов памяти В. Г. Гака / Отв. ред. В. Д. Мазо, М., 2007. - С. 416-424.
6. Власенков 2004 - Власенков А. И. Русский язык: Грамматика. Текст. Стили речи. Учебник для 10-11 класса общеобразовательных учреждений / А. И. Власенков, Л. М. Рыбченкова. - М.: Просвещение, 2004. - 350 с.
7. Вендина 2001 - Вендина Т. И. Введение в языкознание. Учебное пособие для педагогических вузов. - М.: «Высшая школа», 2001. - 288 с.
8. Ветров 2006 - Ветров П. П. Проблемы внутреннего синтаксиса фразеологических единиц Китайского языка // Вопросы языкознания - 2006 № 6. - С. 62-75.
9. Волкова 2004 - Волкова Н. А. Жаргонная фразеология и отфраземные лексические дериваты в языке и речи // Проблемы фразеологической и лексической семантики. Материалы Международной научной конференции, Кострома,18-20 марта 2004 г. - Москва, 2004. - С. 176-183.
10. Гируцкий 2003 - Гируцкий А. А. Введение в языкознание. Учебное пособие / А. А. Гируцкий - М., 2003. - 288 с.
11. Головин 1977 - Головин Б. Н. Введение в языкознание. Учебное пособие для филологических специальностей университетов и педагогических институтов - М.: «Высшая школа», 1977. - 311 с.
12. Григорьев 2007 - Григорьев А. В. К вопросу об источниках библейских фразеологизмов // Филологические науки - 2007 № 1. - С. 50-59.
13. Диброва, Касаткин, Николина, Щеболева 2001 - Современный русский язык: Теория. Анализ языковых единиц: Учебник для вузов: В 2 ч. - Ч. 1: Фонетика и орфоэпия. Графика и орфография. Лексикология. Фразеология. Лексикография. Морфемика. Словообразование / Сост.: Диброва Е. И., Касаткин Л. Л., Николина Н. А., Щеболева И. И. - М., 2001. - 544 с.
14. Дубровина 2004 - Дубровина К. Н. Национально-специфические особенности русской библейской фразеологии // Проблемы фразеологической и лексической семантики. Материалы Международной научной конференции, Кострома,18-20 марта 2004 г. - Москва, 2004. - С. 62-65.
15. Караулов 1997 - Русский язык. Энциклопедия / Гл. ред. Ю. Н. Караулов. - М.: Большая Российская энциклопедия. Дрофа, 1997. - 703 с.


## ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР РОМАНИ "ЕВГЕНИЙ ОНЕГИН" ВА ТАРҶУМАИ ОН БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ


Аҳамияти назариявии ин асар дар он аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои дар асар ҷойдоштаро дар таҳқиқоти минбаъдаи марбут ба фразеологияи забони русӣ истифода бурдан мумкин аст. Ғайр аз он, маводҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда қисмати фразеологиро пурра мекунанд. Аҳамияти амалӣ Маводҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотро метавонанд дар амалияи лексикографӣ ҳангоми тартиб додани луғатҳои шарҳӣ ва фразеологии забони русӣ, пеш аз ҳама луғатҳои забони русии асри 19 истифода баранд. Дар асоси онҳо, луғати махсуси фразеологии забони Пушкинро таҳия кардан мумкин аст.



**Калидвожаҳо:** Фразеология, забоншиносӣ, грамматика, 'ситораҳои овора', зебанда, фиребгар, саргардон, ҳаракаткунанда, ситораи ҳаракаткунанда.


## ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ (ФЕ) В РОМАНЕ «ЕВГЕНИЙ ОНЕГИН» И ЕГО ПЕРЕВОД НА ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ


Теоретическая значимость данной работы заключается в том, что положения и выводы, содержащиеся в работе, могут быть использованы в дальнейших исследованиях, связанных с фразеологией русского языка. Кроме того, изложенные материалы и обобщения, дополняют раздел фразеологии. Практическая значимость Материалы и результаты исследования могут быть использованы в лексикографической практике при составлении толковых и фразеологических словарей русского языка, в первую очередь словарей русского языка XIX в. На их основе возможна разработка специального фразеологического словаря языка Пушкина.



**Ключевые слова:** Фразеология, лингвистика, грамматика, 'звезды блуждающие', *прелестные*, заблуждающаяся, блуждающая, ходящая, движимая звезда.


## PHRASEOLOGICAL UNITS (PU) IN THE NOVEL "EUGENE ONEGIN" AND ITS TRANSLATION IN TAJIK


The theoretical significance of this work lies in the fact that the provisions and conclusions contained in the work can be used in further research related to the phraseology of the Russian language. In addition, the presented materials and generalizations complement the phraseology section. Practical significance the materials and results of the research can be used in lexicographic practice in the compilation of explanatory and

phraseological dictionaries of the Russian language, primarily the dictionaries of the Russian language of the 19th century. On their basis, it is possible to develop a special phraseological dictionary of Pushkin's language.

**Keywords:** Phraseology, linguistics, grammar, 'wandering stars', adorable, deluded, wandering, walking, moving star.

**Сведения об авторе:** ***Идимати Сафарали*** – Таджикский национальный университет, магистрант кафедры перевода и межкультурной коммуникации. Адрес: Республика Таджикистан, р-н Сино, г. Душанбе, электронная почта: **idimat_1227@maill.RU**. Телефон: **93 724 24 84**

**Information about the author:** ***Idimati Safarali*** – Tajik National University, Master of the department of Translation and Intercultural Communication. Address: Republic of Tajikistan, Sino district, Dushanbe, E-mail: **idimat_1227@maill.RU.** Phone: **93 724 24 84**

# ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ФРАЗЕОЛОГИИ В ПРОЗЕ ТУРГЕНЕВА

***Саидшоев С.***
**Таджикский национальный университет**

Все фразеологические обороты являются не только устойчивыми сочетаниями слов, имеющими определенный набор признаков, но и сочетаниями с выразительными и стилистическими особенностями. Именно поэтому писатели обращаются к данным единицам.

В русской литературе И.С. Тургенев занимает уникальное место. Его имя на протяжении почти целого века возбуждало страстные споры в русской и зарубежной критике. И.С. Тургенев вошел в историю русской и мировой литературы как писатель-реалист, его художественное мастерство связано непосредственно с традициями критического реализма русской литературы.

Непосредственным предшественником И.С. Тургенева и создателем русского литературного языка был А.С. Пушкин. В речи по поводу открытия памятника А.С. Пушкину Тургенев сказал: «…нет сомнений, что он создал наш поэтический, наш литературный язык, и что нам и нашим потомкам остается идти по пути, проложенному его гением».

Тургенев находил в языке, созданном Пушкиным, «все условия живучести», он писал: «Русское творчество и русская восприимчивость страстно слились в этом великолепном языке, и Пушкин сам был великий русский художник».

Под воздействием Пушкина формировались се особенности поэтического мастерства Тургенева: глубокая народность, сжатость и выразительность языка, тонкий и верный психологический анализ, сочетавшийся с быстрыми, но выразительными зарисовками быта, сближение литературного языка с народным.

Выступая против выспренных, псевдоромантических стилей своих современников, Тургенев высоко ценил подлинную романтику Лермонтова, относился с большим уважением к гражданскому пафосу его стихотворений, к его особому «ораторскому» стилю, восходящему к гражданской поэзии Пушкина и декабристов. Порой он даже стремился подражать романтическому стилю Лермонтова не только в своей юношеской поэме «Стено», но и в поэме «Разговор», которая нравилась Белинскому как по содержанию, так и по форме, по стилю и языковой экспрессии.

Быть может, «от Лермонтова Тургенев усвоил аналитическую манеру письма, склонность к крупным синтаксическим группировкам в языке и любовь к определительным конструкциям с двойными и тройными эпитетами».

В области языка Тургенев, как и другие писатели «натуральной школы», многому учился у Гоголя. Как известно, «Гоголь смотрел на язык прежде всего как на средство выражения, включающее в себя кроме общенародной лексики, различные территориально-диалектные, фольклорные и профессиональные элементы, придающие повествованию особый колорит. Тургенев следовал этому принципу. Достаточно пролистать «Записки охотника», чтобы убедиться в том, что писатель дорожил диалектной лексикой, бережно к ней относился и умело вводил ее в литературный обиход».

И.С. Тургенев любил русский язык, в своих произведениях он сумел блестяще использовать великое языковое наследие русского народа и поднять технику русского

художественного слова на небывалую высоту. Как чуткий художник слова, тонкий стилист, он внес неоценимый вклад в развитие родного языка.

В народном разговорном языке И.С. Тургенев видел источник силы и богатства русского литературного языка и щедро черпал из этого источника, широко используя разговорно-просторечную, диалектическую лексику и фразеологию.

Все тургеневские приемы подчинены одной цели – реалистическому воспроизведению действительности. Язык самого Тургенева и героев его произведений представляет нам писателя как отличного знатока стилей своего времени и как прекрасного стилиста-иммитатора, который мастерски, никогда не отступая от языковых норм, умел вложить в уста героев слова и выражения именно того языкового стиля, в котором они задуманы и который максимально соответствует общественному положению и внутреннему типу этих образов.

Какую же стилистическую функцию выполняют фразеологизмы в произведениях Тургенева?

Фразеологизмы помогают писателю немногими словами сказать многое, поскольку они определяют не только предмет, но и его признак, не только действие, но и его обстоятельства. Усложненность семантики фразеологизмов отличает их от однословных синонимов.

Так, устойчивое сочетание на широкую ногу означает не просто «богато», а «богато, роскошно, не стесняясь в средствах». Фразеологизм заметать следы означает не просто «уничтожать, устранять что-либо», а «устранять, уничтожать то, что может служить уликой в чем-либо». Фразеология привлекает выступающих своей экспрессивностью, потенциальной возможностью положительно или отрицательно оценивать явления, выражать одобрение или осуждение, ироническое, насмешливое или иное отношение к нему.

Особенно ярко это проявляется у так называемых фразеологизмов-характеристик, например: белая ворона, подсадная утка, блудный сын, не робкого десятка, одного поля ягодка, собака на сене.

Особого внимания заслуживают фразеологизмы, оценочность которых обусловлена их происхождением. Действительно, чтобы понять обличительный характер фразеологизмов, например, дары данайцев, козел отпущения, надо знать историю возникновения устойчивого словосочетания. Почему дары данайцев — «коварные дары, несущие с собой гибель для тех, кто их получает», какова история появления этого фразеологизма?

1. Закон Республики Таджикистан от 14 марта 2014г. № 1076 был принят Закон РТ «О внесении изменении и дополнений в Закон РТ « О рынке ценных бумаг»;
2. Закон Республики Таджикистан «О рынке ценных бумаг» принятой от 28 июня 2011года №456.
3. Алехин Б.И. Рынок ценных бумаг: введение в фондовые операции. - Самара: Сам Вен, 2011.
4. Астахов М.В. Рынок ценных бумаг и его участники. - М.: Финансы и статистика, 2010 год.
5. Афонин. Небывалый интерес к ценным бумагам отечественных компаний// Финансы России.- 2013.- №7.
6. Баринов Э.А., Хмыз О.В. «Рынки: валютные и ценных бумаг», 2011год.
7. Беленькая О. Фондовый рынок: итоги и прогнозы// Фондовый рынок. - 2013. - № 1.
8. Былиняк С.А. Формирующиеся финансовые рынки. М. 2011.
9. Галанов В. А. «Рынок ценных бумаг» 2009 год.
10. Галанов В.А. Рынок ценных бумаг: Учебник. - М.:ИНФРА-М.- 2013.-379с.

11. Данилов Ю.А. Анализ и прогноз развития российского рынка ценных бумаг. // ЭКО. - 2013 - №2.
12. Дж. Вильсон, В. Цапелик. Саморегулирование в РЦБ. // Вопросы экономики.- 2011.- № 21.

## НАЧАЛО РАЗВИТИЯ РЫНКА ЦЕННЫХ БУМАГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается зарождение и постепенное развитие рынка ценных бумаг. Выделены главные особенности становления рынка ценных бумаг в Таджикистане: в республике зарождение и становление фондового рынка, его довольно динамичное развитие происходит на фоне постоянного спада производства, неразвитость отсутствие вторичного рынка, рискованность операций на нем, преобладание долговых обязательств государства для покрытия бюджетного дефицита вызывают доминирование краткосрочных ценных бумаг. А это, в свою очередь, отвлекает свободные средства от долгосрочного инвестирования, которое всегда является важнейшим фактором экономического роста. Акция – эмиссионная ценная бумага, доля владения компанией, закрепляющая права её владельца (акционера) на получение части прибыли акционерного общества в виде дивидендов, на участие в управлении акционерным обществом и на часть имущества, остающегося после его ликвидации. Облига́ция – эмиссионная долговая ценная бумага, владелец которой имеет право получить от лица, её выпустившего (эмитента облигации), в оговорённый срок её номинальную стоимость деньгами или в виде иного имущественного эквивалента. Возникновение и обращение капитала, представленного в ценных бумагах, тесно связанно с функционированием рынка реальных активов, т.е. рынка, на котором происходит купля-продажа материальных ресурсов. С появлением ценных бумаг (фондовых активов) происходит как бы раздвоение капитала.

**Ключевые слова:** фондовый рынок, рынок ценных бумаг, фондовая биржа, акции, облигации и т.д.

## ОҒОЗИ РУШДИ БОЗОРИ КОҒАЗХОИ ҚИМАТНОК ДАР ҶУМХУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола пайдоиш ва рушди тадричии бозори коғазҳои қиматнок таҳқиқ карда мешавад. Хусусиятҳои асосии ташаккули бозори коғазҳои қиматнок дар Тоҷикистон қайд карда мешаванд: дар ҷумҳурӣ пайдоиш ва ташаккули бозори фондӣ, рушди нисбатан динамикии он дар заминаи коҳиши доимии истеҳсолот, набудани бозори такрорӣ, хавфнок будани амалиёт дар он, афзалияти қарзи ҳукумат барои пӯшонидани каси буҷа боиси бартарии кӯтоҳмуддат мегардад коғазҳои қиматбаҳо. Ва ин, дар навбати худ, маблағҳои ройгонро аз сармоягузории дарозмуддат, ки ҳамеша омили муҳимтарини рушди иқтисодӣ мебошад, дур мекунад. Саҳмия ин коғазҳои қиматнок, ҳиссаи моликияти ҷамъият мебошад, ки ҳуқуқи соҳиби онро (саҳмдорро) барои гирифтани як қисми фоидаи ҷамъияти саҳҳомӣ дар шакли дивидендҳо, иштирок дар идоракунии ҷамъият таъмин менамояд -ширкати саҳҳомӣ ва ба як қисми амволе, ки пас аз барҳамдиҳӣ бокӣ мондааст. Вомбарг - ин коғази қарзии дарҷаи барориш мебошад, ки соҳиби он ҳуқуқ дорад аз шахси барориш он (эмитент вомбарг) дар муддати муайян мукарраршуда арзиши номиналии онро бо пул ё дар шакли эквиваленти дигари амвол гирад. . Пайдо ва гардиши капитали дар коғазҳои қиматнок ифодаёфта бо фаъолияти бозори дороиҳои воқеӣ алоқамандии зич дорад, яъне, бозоре, ки хариду фурӯши захираҳои моддӣ сурат мегирад. Бо пайдоиши коғазҳои қиматнок (дороиҳои саҳмияҳо), гӯё, ҷудошавии капитал вуҷуд дорад.

**Калидвожаҳо:** бозори саҳҳомӣ, бозори коғазҳои қиматнок, биржаи фондӣ, саҳмияҳо, вомбаргҳо ва ғайра.

## THE BEGINNING OF THE DEVELOPMENT OF THE SECURITIES MARKET IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article deals with the origin and gradual development of the securities market. The main features of the formation of the securities market in Tajikistan are highlighted: in the republic, the origin and formation of the stock market, its rather dynamic development occurs against the background of a constant decline in production, the lack of development of the secondary market, the riskiness of operations on it, the predominance of state debt obligations to cover the budget deficit cause the dominance of short-term securities. And this, in turn, diverts free funds from long-term investment, which is always the most important factor in economic growth. A share is an equity security, a share of ownership of a company, securing the rights of its owner (shareholder) to receive part of the profit of the joint-stock company in the form of dividends, to participate in the management of the joint-stock company and to a part of the property remaining after its liquidation. A bond is an issue-grade debt security, the owner of which has the right to receive from the person who issued it (the bond issuer), within the specified time period, its par value in money or in the form of another property equivalent. The emergence and circulation of capital represented in securities is closely related to the functioning of the real asset market, i.e. the market where the purchase and sale of material resources takes place. With the advent of securities (stock assets), there is, as it were, a bifurcation of capital.

**Keywords:** stock market, securities market, stock exchange, stocks, bonds, etc.

**Сведения об авторе:** ***Мухиддинов Сорбон Саидмахмадовия*** – магистрант второго курса финансово-экономического факультета ТНУ, Тел.: **93 790 63 58**

**Information about the author: Mukhiddinov Sorbon Saidmakhmadovia** – second-year Master's student of the Faculty of Finance and Economics of TNU, Tel.: **93 790 63 58**

**УДК: 368.013 (575.3)**

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ АМАЛИИ БОЗОРИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Икромов Ф.Н., Саидмуртазоев С.С., Муминзода М.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бахши суғурта яке аз бахшҳои муҳими иқтисодиёти миллӣ ва хоҷагии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Рушди устувори бахши суғурта дар иқтисодиёти миллӣ, ҳимояи суғуртавии манфиатҳои молу мулкии шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҷуброни саривақтии талафотро таъмин менамояд, ки ба фаъолияти мунтазами корхонаҳо, барқарор намудани моликияти хусусӣ, даромад, саломатӣ ва сатҳи зиндагии шаҳрвандон мусоидат менамояд. Мавриди зикр аст, ки суғурта ҳамчун низоми ҳимоя ва дастгирии манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дар самти таъмини бехатарии ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк унсури асосии иҷтимою иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб рафта, барои пешрафти соҳаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии халқ муҳим арзёбӣ мегардад. Суғурта ба амалишавии принсипи тақсимоти зарарҳои тарафайн байни суғурташаванда ва суғуртакунанда равона карда шуда, ҳамзамон дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳамчун яке аз намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва гирифтани фоида ба ҳисоб меравад.

Суғурта яке аз қисмҳои таркибии робитаҳои иқтисодии байни одамон дар ҷараёни истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмоли неъматҳои моддӣ ба ҳисоб рафта, тавассути он товони зарар, ки дар рафти фаъолияти хоҷагӣ ва ҳаёти одамон ба вуҷуд меояд, кафолат дода мешавад.

Дар робита ба тағйироти бозорӣ дар иқтисодиёти кишвар зарурати чуқуртар дарк кардани тағйирот, нақш ва мақоми суғурта дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар бозори хизматрасониҳои суғуртавии Тоҷикистон талаботи ҷомеа ба чунин хизматрасониҳо афзун гашта, шароити пешниҳоди хизматрасонии мазкур аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ ба меъёрҳои стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ набуда, дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи пасти ҳимояи суғурташавандагон ба мушоҳида мерасад. Аз рӯи намудҳои асосии суғурта, нишондиҳандаи таносуби маҷмӯи мукофотҳои суғуртавӣ нисбат ба ММД-и кишвар дар сатҳи 0,37 % қарор дорад. Нишондиҳандаи мазкур дар кишварҳои мутараққӣ на кам аз 8-10%-ро ташкил медиҳад.

Шакли инкишофнаёфтани бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ, яке аз омилҳои коҳиши сармоягузории ширкатҳои суғуртавӣ ва фаъолияти иқтисодии онҳо мебошад. Дар бозори суғурта сармоягузории паст ба назар мерасад, ки ҳавасмандии лозимаро барои ноил гардидан ба ҳаҷми суғуртаи зарурӣ таъмин намекунад, аз ҷумла эътимоди пасти аҳолӣ ба ниҳодҳои молиявӣ, ба суғуртаи дарозмуддати ҳаёт ба вуҷуд омадааст. Бозори хизматрасонии суғурта метавонад, ки ба сифати омили танзимкунандаи рушди иқтисодиёт хидмат кунад. Гузариш аз марҳилаи инкишофнаёфтаи хизматрасонии суғурта ба инкишофёфта ва номукаммалии институтсионалӣ ба муаммои давлатӣ мубадал гаштааст.

Бозори суғурта муҳити махсус буда, онро соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ муайян мекунад ва дар он хариду фурӯши маҳсулоти суғурта объекти талабот ва пешниҳод аст.

Барои таъмини раванди мунтазами такрористеҳсол тавассути пардохти ҷубронпулиҳои суғуртавӣ ба ҷабрдидагон аз ҳодисаҳои суғуртавӣ дар ҳолати сар задани ҳолатҳои фавқулодда инкишоф додани бозори рушдёфтаи суғурта зарур аст.

Дар муносибатҳои суғуртавӣ ду тараф баромад мекунанд: суғурташаванда дар симои шахсиятҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва суғуртакунанда дар симои ширкати суғуртавӣ. Унсурҳои асосии муносибатҳои суғуртавӣ дар расми 1 оварда шудааст (ниг. ба расми 1).




***Расми 1. Унсурҳои асосии муносибатҳои суғуртавӣ***
****Таҳияи муаллиф***

Аз ин лиҳоз, мо тафсири муаллифии худро изҳор доштем: суғурта – қисмати таркибии муносибатҳои молиявӣ буда, байни суғуртакунанда ва суғурташаванда барои ҳифзи манфиатҳои моликияти суғурташавандагон дар сурати сар задании ҳодисаи муайян дар раванди ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои суғуртавӣ ба вуҷуд меоянд.

Мавҷуд набудани заминаи ягонаи қонунгузории низоми суғурта мушкилии асосӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқии бозори суғурта мебошад. Дар баробари ин, пойгоҳи ҳуқуқии фарохи муносибатҳои суғуртавиро дар бозори суғурта шартҳо ва қоидаҳои суғуртаи ширкатҳои суғуртавии мухталиф ташкил медиҳанд. Барои беҳтар гардонидани кори танзими бозори суғурта мумкин аст, ки таҷрибаи Фаронса мавриди истифода қарор гирад, зеро дар он мамлакат танзими ҳуқуқии бозори суғурта тавассути Кодекси суғурта амалӣ мегардад. Ин кодекс, соли 1976 қабул гашта буд ва ҳамаи масъалаҳои марбут ба суғуртаро ба танзим медарорад. Дар Тоҷикистон ҳам мумкин аст, ки комплекс – бастаи санадҳои қонунгузориро таҳия кард, ки онҳо ба бозори суғурта дахл дошта, дар намуди маҷмӯӣ манзур гарданд ва ширкатҳои суғуртавӣ онро ҳамчун дастур барои татбиқи фаъолияти суғурта дар мамлакат истифода баранд.

Зарур аст, ки тартиби андозбандии ширкатҳои суғуртавӣ мукаммал гарданд. Мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки алҳол амал мекунад, ширкатҳои суғуртавӣ бо меъёри тадричан баланд андоз аз фоида пардохт мекунанд. Истифодаи таҷрибаи андозбандии ширкатҳои суғуртавӣ, ки дар кишварҳои хориҷӣ ҷорӣ аст, ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар мамлакатҳое, ки бозори рушдкардаи суғурта доранд ва ҳамчунин дар кишварҳои хориҷаи наздик ба ҷои андоз аз фоида, андоз аз мукофоти суғуртавӣ пардохт мешавад, ки он натиҷаҳои хушояндро нишон дод:

а) бо назардошти ҳаҷми пардохтҳои суғуртавии воридшуда муайян намудани пардохтҳои андоз;

б) объекти андозбандӣ феълан аз пардохтҳои суғуртавии воридшуда аз кулли намудҳои суғурта мебошанд, ба истиснои намудҳои ҳатмии суғурта, ки маблағгузории он аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ амалӣ мегардад;

в) вобаста ба навъи суғурта мумкин аст, ки меъёри андоз тафриқа дошта бошад;

г) андозҳо бояд ба буҷетҳои маҳаллӣ, дар ҷои баста шудани шартномаи суғурта ворид гарданд [4]. Ҳамин тавр, мубодилаи андозбандии пардохтҳои суғуртавӣ бар ивази андоз аз фоида барои буҷетҳои маҳаллӣ имкон пайдо

мекунанд, ки соҳиби захираҳои андоз шуда, онро барои рушди ноҳия ва ё шаҳр равона кунанд.

Ҳоло бошад, мо бозори суғуртаи баъзе аз мамлакатҳои мутараҚиро таҳлил карда мебароем. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ду навъи ширкатҳои суғуртавӣ: ҷамъияти саҳомӣ ва ҷамъияти суғуртаи байниҳамдигарӣ фаъолият мекунанд. Ширкатҳои давлатии суғуртавӣ вуҷуд надоранд. Саҳмияҳои ҷамъиятҳои саҳомиро ҳам шахсони воҚеӣ ва ҳам шахсони ҳуҚуҚӣ харида метавонанд. Ширкатҳои суғуртавӣ се навъи суғуртаро анҷом медиҳанд: иҷтимоӣ (суғуртаи ҳаёт ва саломатӣ, тиббӣ, нафаҚа, амонатӣ), тиҷоратӣ (доираи васеъ) ва амволӣ (суғуртаи биноҳо, автомобилҳо ва дигар амволи шаҳрвандон). Дар ИМА суғуртаи шахсӣ бештар инкишоф ёфтааст. Ҳамасола дар ИМА танҳо барои суғуртаи дарозмуддати ҳаёт ҚариБ 350 млрд. доллари ИМА ҷамъоварӣ мегардад, ки ин маблаҒ сеяки маблаҒи умумии сармоягузориҳоро ба иҚтисодиёти миллӣ ташкил медиҳад [5].

Бозори суғуртаи Британияи Кабир бошад, яке аз аввалин ва пуртаҷрибатарин бозорҳои суғурта дар ҷаҳон буда, нуфузу эътибори ба худ хосро соҳиб мебошад. Дар давоми даҳсолаҳо то ба имрӯз бозори суғуртаи Британияи Кабир ҚоИда ва шартҳои фаъолияти суғуртаро дар ҷаҳон муайян мекунад. ҚоИдаҳои бозори суғуртаи Британияи Кабир асоси шартҳои суғуртаи миллии аксарияти мамлакатҳои ҷаҳонро ташкил медиҳанд. Аз рӯи баъзе нишондиҳандаҳо то ҳанӯз дар ҷаҳон бозоре баробар ба бозори суғуртаи Британияи Кабир ба назар намерасад, зеро ҳангоми ҳаҷми начандон калони бозори дохилии суғурта (5,3%) ҳиссаи он дар амалиёти байналмилалии суғуртавӣ 20% фаъолияти ҷаҳонии суғуртавиро ташкил медиҳад. Ширкатҳои суғуртавии Британияи Кабир дар 43 мамлакати ҷаҳон амалиёт гузаронида, аз даҳ як ҳиссаи тамоми маблаҒҳои ҳаҚҚи суғуртавӣ дар ҷаҳон ба суратҳисоби онҳо ворид мегардад.

Маркази фаъолияти суғуртавии Британияи Кабир дар Лондон маркази ҷаҳонии молиявӣ марказонида шудааст. Бозори байналмилалии суғуртаи Лондон маблаҒҳои молиявии як ҚатОр мамлакатҳо ва ширкатҳои ҷаҳонро хизматрасонӣ мекунад. Нуфузи бозори байналмилалии суғуртаи Лондон ба иҚтидори бузурги мутахассисони фаъолияти суғуртавӣ, инфрасохтори рушдёфтаи бозор, инчунин фаъолияти корпоратсияи суғуртавии «Ллойд», ки берун аз Британияи Кабир машҳур буда, маблаҒи ҳамарӯза ҷамъоваришудашудаи он 20 миллион фунт стерлингро ташкил медиҳад, такя менамояд. МаблаҒгузориҳои солонаи "Ллойд" ба иҚтисодиёти Британияи Кабир зиёда аз 1 миллиард фунт стерлингро ташкил медиҳанд.

Бозори суғуртаи Олмон дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, 51% онро суғуртаи амвол, 37%-ро суғуртаи шахсӣ ва 12 %-и боҚимондаро суғуртаи тиббӣ ташкил медиҳад. Суғуртаи тиббӣ дар Олмон назар ба дигар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ камтар маъмул аст. Афзоиши солонаи ҷамъоварии маблаҒҳои ҳаҚҚи суғуртавӣ дар Олмон 10%-ро ташкил медиҳад.

Даромаднокии амалиёт дар доираи хизматрасониҳои суғуртавӣ барои шахсони воҚеӣ нисбат ба доираи хизматрасониҳои суғуртавӣ барои шахсони ҳуҚуҚӣ баланд аст, ки фарҚияти назарраси ҳиссаи онҳоро дар бозори суғуртаи миллӣ (87%-и бозори миллии суғурта ба доираи хизматрасониҳои суғуртавӣ барои шахсони воҚеӣ ва 13% - ба доираи хизматрасониҳои суғуртавӣ барои шахсони ҳуҚуҚӣ) ба вуҷуд меорад.

Бозори суғурта дар Олмон босуръат рушд намуда ба низоми таъминоти давлатии иҷтимоӣ ва бахши хусусии суғурта ҷудо шудааст. Суғуртаи иҷтимоӣ барои ҳамаи кормандони меҳнати кироя ҳатмист, агар онҳо бо суғуртаи хусусӣ фаро гирифта нашуда бошанд, яъне суғуртаи айёми пирӣ, ҳолати бекорӣ, муввақатан гум кардани ҚобилИяти меҳнатӣ дар назар дошта мешавад. Бахши суғурта дар Олмон аз ҷамъиятҳои саҳомии суғуртавӣ, ки моликияти саҳмгузорони он мебошанд, ҷамъиятҳои суғуртавии байниҳамдигарӣ ва корпоратсияҳои давлатии суғуртавӣ иборат аст.

Барои бозори суғуртаи Швейтсария сатҳи баланди ҳамгироӣ ба хоҷагии ҷаҳонӣ тавассути пайвастшавии зичи сармояи миллӣ ва хоричӣ хос аст. Ташкилотҳои суғуртавӣ бештар корпоратсияҳои дорои манфиатҳои зиёди трансмиллӣ мебошанд.

Ширкатҳои суғуртавии Швейтсария баъди бонкҳо субъектҳои муҳимтарини иҚтисодиёти миллӣ ба ҳисоб мераванд. Дар аввали соли 2012 70%-и ҳаҷми

маблағҳои ҷамъоваришудаи ҳаққи суғуртавӣ аз мамлакатҳои хориҷӣ ҷалб шудаанд, ки аз сатҳи баланди байналмилалишавии фаъолияти онҳо шаҳодат медиҳад. Азнавсуғуртанамоӣ, ки дар он суғуртакунанда як қисми масъулияти худро ба суғуртакунандагони дигар медиҳад, самти асосии фаъолияти ширкатҳои суғуртавии швейтсариро ташкил медиҳад. Аз рӯи сатҳи нишондиҳандаҳои суғуртавӣ Швейтсария дар ҷаҳон мавқеи чорумро ишғол менамояд. Швейтсария нишондиҳандаҳои баландтарини ҷамъоварии маблағи суғурта ба ҳар сари аҳолиро соҳиб мебошад. Дар Швейтсария шартномаҳои суғурта то 15 фоизи буҷети миёнаи оиларо фаро мегиранд ва моддаи аз ҳама калони хароҷот мебошанд. Оилаҳои сатҳи даромадашон миёнаи Швейтсария барои суғурта назар ба хӯрокворӣ бештар маблағ сарф мекунанд. Ба суғуртаи шахсӣ дар мамлакат бештар аз 50%-и ҳаҷми умумии маблағи суғуртавӣ рост меояд.

Бо истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, пешниҳод дорем, ки ниҳоди мустақили ҳимояи ҳифзи ҳуқуқи суғурташавандагон таъсис ёбад. Дар бисёр мамлакатҳо Дафтари суғурта амал мекунад, ки онҳо бо гузаронидани семинару тренингҳо, мадад расонидан ба суғурташавандагон ва суғуртакунандагон, ташкили машварату семинарҳо бо мақсади шиносоӣ пайдо кунонидан бо асосҳои корбарӣ, амалисозии маркетинг ва баланд бардоштани фарҳанги суғуртавӣ машғул мегардад. Ниҳоди мустақил мисли Дафтари суғурта метавонад, ки барои рушди бозори суғуртаи ватанӣ нақши бориз бозад ва он метавонад, ки барои баланд бардоштани маърифати суғуртавии аҳолӣ ва ҳифзи ҳуқуқи суғурташавандагон мусоидат намояд. Ҳамин тариқ, барои рушди бозори суғурта давлат метавонад, ки шароити мусоид фароҳам оварад.

Бозори суғуртаи хориҷиро таҳлил намуда гуфтан мумкин аст, ки онҳо як қисми бозори суғуртаи байналхалқӣ буда, новобаста аз гуногунии шаклашон ба давлат кӯмак мерасонанд ва ба шароити иҷтимоиву иқтисодии зиндагии мардум мутобиқ мешаванд (ниг. ба расми 2).




***Расми 2. Ҳиссаи бозори суғуртаи давлатҳо дар ММД дар соли 2018***
***Сарчашма: Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Бояд қайд кард, ки суғурта дар бозори ҷаҳонӣ хусусиятҳои ба ҳам монанд доранд, аз ин рӯ мафҳуми «изоморфизми бозори суғурта»-ро шакл гиронида, онро ҳамчун ифодакунандаи ҳолати яксон ва якнавъи бозори суғурта бо монандии нисбӣ ва эквивалентнокии маҳсулоти суғурта ба гардиши илмӣ ворид кардем. Маҳсулоти суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ, новобаста аз махсусиятҳои тарихӣ, фарҳангӣ ва ё махсусияти ҷуғрофии амалкунии бозори суғурта, ҳувият ва якнавъии шаклҳои худ, суғуртаи ҳаёт, саломатӣ, моликият ва масъулиятро ҳифз мекунанд.

Ҳиссаи хизматрасониҳои суғуртавӣ дар арзиши умумии хизматрасониҳои пулакии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар бозорҳо хеле кам буда, ҳамагӣ 16%-ро ташкил медиҳад. Нархи хизматрасонии суғурта дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои як нафар 1 сомонию 72 дирамро ташкил медиҳад. Даромади оилаҳо асосан барои маҳсулоти озуқаворӣ ва пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ сафр мегарданд, аз ин сабаб, оилаҳое, ки хоҳиши истифодабарии хизматрасониҳои суғуртавиро доранд, хеле каманд.

Аҳолӣ ба суғурта мароқ зоҳир намекунад ва танҳо барои ба даст овардани пардохтҳои иҷтимоии давлатӣ майл доранд. Ғайр аз ин, инкор шудани суғурта аз

ҷониби соҳибкорон ва сатҳи пасти фарҳанги суғуртавии мардум барои инкишофи бозори суғурта монеа пеш меорад.

Мо чунин меҳисобем, ки барои тараққӣ додани бозори суғурта рушд додани ниҳоди суғуртаи мутақобила зарур аст ва ба ин дар бозор мавҷудияти танҳо як ҷамъияти суғуртаи мутақобила бо ҳаҷми ками мукофоти суғуртавӣ шаҳодат медиҳад.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 30 сентябри соли 2020 хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҷониби 18 иштирокчии касбии бозори суғурта амалӣ карда мешаванд, ки онҳо аз 2 адад ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ (КВД), 15 адад ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ва 1 адад Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила иборат мебошанд. Дар ин давра, шумораи филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ба 77 адад баробар шуданд. Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ дар давраи ҳисоботӣ бинобар сабаби барҳамхӯрии ҶДММ "ТС Лидер иншуранс" ба 1 адад кам гардидааст (ниг. ба ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1. Сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғурта (бо адад)***

| Нишондиҳандаҳо | 9/2019 | 9/2020 | (+/-) |
|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои суғуртавӣ | 2 | 2 | 0 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 16 | 15 | -1 |
| Маркази дастгирии суғуртаи мутақобил | 1 | 1 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | **19** | **18** | **-1** |
| Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ | 77 | 77 | 0 |

**Дороиҳои умумии ташкилотҳои суғуртавии кишвар** дар маҷмӯъ дар нӯҳ моҳи соли 2020 ба 417,3 млн. сомонӣ баробар гардида, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 14,6 млн. сомонӣ (3,4 фоиз) кам гардидааст (ниг. ба диаг. 1) [9]:

***Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2015- 2020***




***Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон***

Дар давраи ҳисоботӣ уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ 201,4 млн. сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 50,3 млн. сомонӣ (20,0 фоиз) камтар мебошанд (ниг. ба диаг. 2)

***Диаграммаи 2. Тағйирёбии уҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар солҳои 2015-2020***




***Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон***

**Маблағҳои худии (сармояи) иштирокчиёни касбии бозори суғурта** дар нӯҳ моҳи соли 2020 маблағи 215,9 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 35,7 млн. сомонӣ (19,8 фоиз) афзоиш ёфтааст, ки ин раванд дар самти устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ мусбӣ арзёбӣ мегардад. Боиси зикр аст, ки қисми асосии маблағҳои худии (сармояи) иштирокчиёни касбии бозори суғуртаро сармояи оинномавии онҳо ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда дар нӯҳ моҳи соли 2020 122,9 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 3,3 млн. сомонӣ (2,8 фоиз) зиёд шудааст.

**Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)**, ки яке аз сарчашмаҳои асосии даромади ташкилотҳои суғуртавӣ ба ҳисоб меравад, дар давраи баррасишаванда ҳаҷми умумии воридоти он ба 175,3 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипаришуда 6,8 млн. сомонӣ (4,1 фоиз) афзоиш ёфтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши мазкур аз ҳисоби зиёд гардидани воридоти мукофоти (ҳаққӣ) суғуртавии ҶДММ «ТС БИМА», ҶДММ «ТС Эсхата Суғурта», ҶСДММ «Спитамен Суғурта» ва ҶСП «ТС «Суғуртаи аввалини миллӣ» ба амал омадааст (ниг. ба диаг. 3).

***Диаграммаи 3. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2020***




***Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон***

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ мутаносибан 895,1 ҳазор сомонӣ ва 46,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан 67,3 ҳазор сомонӣ (7,0 фоиз) ва 4,5 млн. сомонӣ (8,8 фоиз) кам гардидаанд.

Дар давоми нӯҳ моҳи соли ҷорӣ воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ аз рӯи суғуртаи ихтиёрӣ бошад, дар ин давра ба 128,0 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 73,0 фоизи ҳаҷми умумии мукофотҳои суғуртавиро дар кишвар ташкил медиҳад. Ҳаҷми суғуртаи ихтиёрӣ дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 11,4 млн. сомонӣ зиёд гардида, ҳиссаи он бошад, ба андозаи 9,8 банди фоизӣ афзудааст [9]. Раванди мазкур шаҳодат аз он медиҳад, ки суғуртакунии ихтиёрӣ дар кишвар то андозае рушд карда истодааст ва ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ ҷиҳати таҳвият бахшидани ин раванд тавассути пешниҳоди хизматрасониҳои муосири суғуртавӣ ба аҳолии ҷумҳурӣ тамоми имкониятҳои мавҷудаи худро истифода намуда истодаанд.

Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ дар нӯҳ моҳи соли 2020 ба 80,9 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 31,6 млн. сомонӣ (64,1фоиз) зиёд мебошад, ки ин нишондод мавриди истифодаи самаранок қарор гирифтани маблағҳои захираҳои суғуртавиро нишон медиҳад.




***Расми 3. Нишондиҳандаҳои асосии даромаднокии низоми суғурта.***
***Сарчашма: Сомонаи расмии БМТ.***

Чуноне, ки таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, яке аз нишондиҳандаҳои муҳими ифодакунандаи самаранокӣ ва ҷолибнокии ташкилотҳои суғуртавӣ ин нишондиҳандаи даромаднокии онҳо мебошад. Нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳои (ROA) низоми суғурта дар давраи ҳисоботӣ ба ҳисоби миёна 6,4 фоиз ва нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE) бошад, 10,6 фоизро ташкил намуданд.

Баъди гузашти марҳилаи созмонёбӣ, дар шароити иқтисодиёти бозорӣ суғурта метавонад, ки олоти эътимоднок доир ба ҳимояи моликияти суғурташудагон гардад. Махсусан, масъалаҳо дар бораи гум кардани кафолатҳои муқаррарии ҳифзи иҷтимоӣ, роҳҳои такмили механизми ҳифзи суғурташудагони потенсиалӣ, таъсиси механизмҳои нави бозории ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон ва давлат бо тараққӣ додани бозори ватании суғурта тезутунд меистад.

**АДАБИЁТ**

1. Ќонуни Љумњурии Тољикистон "Дар бораи суғурта", ш. Душанбе, 20 июли соли 2010 № 982.
2. Ќарори Њукумати Љумњури Тољикистон аз 10.05.2015 №171 «Дар бораи тасдиќ намудани Стратегияи маблаґгузории суґуртаи тиббии Љумњурии Тољикистон барои солњои 2015-2018».
3. Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи суґуртаи тиббї дар Љумњурии Тољикистон» аз 02.01.2018 с., №1490.
4. Абдусаттор Љабборов., Насриддин Шарипов. Суґурта: Китоби дарсї - Душанбе.: Ирфон, 2011.
5. Александрова Т.Г., Мещерякова О.В. Коммерческое страхование. Справочник. Москва. Институт новой экономики, 2015.
6. Алякринский А.Л. Правовое регулированне страховой деятельности в России, Москва. 2015.
7. Мирзоев И. Суґуртаи давлатї дар Тољикистон. Душанбе, Ширкати давлатии суґуртаи Тољикистон соли 2012.
8. Сафаров М. С. Мавќеи суґуртаи давлатї дар Љумњурии Тољикистон. Душанбе соли 2014.
9. Сомонаи расмии Бонки миллии Тољикистон
10. Сомонаи расмии Кумитаи рушди иќтисод ва савдои Љумњурии Тољикистон

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ СТРАХОВОГО РЫНКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

В статье выявлены диспропорции отечественного страхового рынка, комплекс проблем взаимодействия с потребителями страховых услуг, системные проблемы страховых компаний, инфраструктуры. Материалы работы могут быть использованы отечествеными государственными органами страхового надзора, корпоративным сектором и аналитическими компаниями при формировании стратегии и тактики страховых компаний для повышения конкурентоспособности в условиях реорганизации национального страхового рынка. Становление страхового дела в Республике Таджикистан прошло сложный путь под влиянием политических, социально-экономических преобразований и как система появилась позднее, чем в других странах и развивалось более медленными темпами, что характеризуется сохранением в длительном периоде крепостничества и неизменно рождающимися преградами на пути развития частнокапиталистической экономики. Авторы подчеркивют, что страховой рынок можно представить как экономическое пространство, или систему, управляемую соотношением спроса покупателей–страхователей на страховые услуги, и предложением продавцов – страховых организаций по предоставлению страховой защиты. Спрос на страховую защиту определяется двумя главными факторами: потребностью в страховании как элемента риск–менеджмента хозяйствующего субъекта и отдельно взятого гражданина, а также покупательной способностью страхователей, позволяющей удовлетворить спрос на страхование путем приобретения страховой услуги. С другой точки зрения, следующее определение: страховой рынок - система экономических отношений, возникающих по поводу купли - продажи страхового покрытия в процессе удовлетворения общественных потребностей в страховой защите.

**Ключевые слова:** страхование, страховой рынок, страховые премии, добровольное страхование, обязательное страхование, объект страхования, предмет договора страхования, страховой риск, страховая компания, финансовая устойчивость.

## МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ АМАЛИИ БОЗОРИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола номутаносибии бозори суғуртаи дохилӣ, маҷмӯи мушкилоти ҳамкорӣ бо истеъмолкунандагони хидматҳои суғурта, мушкилоти низоманди ширкатҳои суғурта, инфрасохтор ошкор карда шудааст. Маводи кор метавонад аз ҷониби мақомоти давлатии назорати давлатии суғурта, бахши корпоративӣ ва ширкатҳои таҳлилӣ дар ташаккули стратегия ва тактикаи ширкатҳои суғурта барои баланд бардоштани рақобат дар шароити азнавташкилдиҳии бозори суғуртаи миллӣ истифода шавад. Ташаккули тиҷорати суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таъсири дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ роҳи душворро паси сар кард ва чун низом нисбат ба дигар кишварҳо дертар пайдо шуда, бо суръати сусттар рушд кард, ки бо суботкории устувор дар давраи тӯлонӣ ва монеаҳои пай дар пай дар рушди иқтисодии сармояи хусусӣ ба миён омадааст. Муаллифон таъкид мекунанд, ки бозори суғуртаро ҳамчун як фазои иқтисодӣ ё як низом тасаввур кардан мумкин аст, ки таносуби талаботи харидорон-суғуртакунандагон ба хизматрасониҳои суғурта ва пешниҳоди фурӯшандагон - ташкилотҳои суғурта барои фарогирии суғурта танзим карда мешавад. Талабот ба фарогирии суғурта бо ду омили асосӣ: эҳтиёҷ ба суғурта ҳамчун унсури идоракунии хавфи субъекти иқтисодӣ ва як шаҳрванди инфиродӣ, инчунин қобилияти харидории шахсони суғуртакунанда, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки талаботро ба суғурта қонеъ кунанд тавассути хариди хадамоти суғурта муайян карда мешавад. Аз нуқтаи назари дигар, таърифи зерин: бозори суғурта ин як низоми муносибатҳои иқтисодиест, ки аз хариду фурӯши фарогирии суғурта дар ҷараёни қонеъ кардани эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ба ҳифзи суғурта бармеояд.

**Калидвожаҳо:** суғурта, бозори суғурта, мукофотҳои суғуртавӣ, суғуртаи ихтиёрӣ, суғуртаи ҳатмӣ, объекти суғурта, мавзӯи шартномаи суғурта, хавфи суғуртавӣ, ширкати суғуртавӣ, суботи молиявӣ.

## THEORETICAL AND PRACTICAL ISSUES OF THE INSURANCE MARKET IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article revealed imbalances of the domestic insurance market, a set of problems of interaction with consumers of insurance services, systemic problems of insurance companies, infrastructure. The materials of the work can be used by the domestic state bodies of insurance supervision, the corporate sector and analytical companies in the formation of the strategy and tactics of insurance companies to increase competitiveness in the conditions of reorganization of the national insurance market. The establishment of the insurance business in Tajikistan has gone through a difficult path under the influence of political, socio-economic transformations and as a system appeared later than in other countries and developed at a slower pace, which is characterized by the persistence of serfdom in a long period and the ever-emerging obstacles to the development of the private capitalist economy. The authors emphasize that the insurance market can be represented as an economic space, or a system controlled by the ratio of the demand of insured buyers for insurance services, and the supply of sellers - insurance organizations to provide insurance protection. The demand for insurance protection is determined by two main factors: the need for insurance as an element of the risk management of an economic entity and a single citizen, as well as the purchasing power of insurers, which allows meeting the demand for insurance by acquiring an insurance service. From another point of view, the following definition: the insurance market is a system of economic relations arising about the purchase and sale of insurance coverage in the process of meeting public needs for insurance protection.

**Keywords:** insurance, insurance market, insurance premiums, voluntary insurance, compulsory insurance, object of insurance, subject of insurance contract, insurance risk, insurance company, financial stability.

**Сведения об авторах:** ***Икромов Фазлиддин Нуриддин*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой управления государственными финансами. **Адрес:** 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Fazliddin-91-91@mail.ru.** Телефон: **(+992) 981-07-67-67.**

***Саидмуртазоев Саймухиддин Сафаралиевич*** – Таджикский национальный университет, магистр первого курса кафедры управления государственными финансами. **Адрес:** 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **saimuhiddinsaidmurtazoev@gmail.ru.** Телефон: **(+992) 937-95-77-79.**

***Муминзода Мехроб Нозим*** – Таджикский национальный университет, магистр первого курса кафедры управления государственными финансами. **Адрес:** 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **mehrob0100@gmail.ru.** Телефон: **(+992) 934-69-01-00.**

**Information about the authors:** ***Ikromov Fazliddin Nuriddin*** – Tajik National University, candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of public finance management. **Address:** 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Fazliddin-91-91@mail.ru**. Phone: **(+ 992) 981-07-67-67.**

***Saidmurtazoev Saimukhiddin Safaralievich*** – Tajik National University, first-year master of the Department of Public Finance Management. **Address:** 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **saimuhiddinsaidmurtazoev@gmail.ru**. Phone: **(+ 992) 937-95-77-79.**

***Muminzoda Mehrob Nozim*** – Tajik National University, first-year master of public finance management. Address: 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **mehrob0100@gmail.ru.** Phone: **(+ 992) 934-69-01-00.**

# ҲАМГИРОӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА МАҚОМИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ МИНТАКАВӢ

*Қурбонов П.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тадқиқот нишон медиҳад, ки ҷараёнҳои дар территорияи собиқ иттиҳоди шуравӣ ба вуҷуд омада истода ба мантиқи софи иқтисоди тобеъ намебошанд, асоси аксари (аз он ҷумла якҷоя) қарорҳои хоҷагии давлатҳои мустақилро мақсадхои сиёсӣ, милли (хатто этникӣ), ғайрииқтисоди ва дигарҳо ташкил мекуннад. Ин акида (фикр) дар маърузаи гуруҳи олимони пажиушгоҳи иқтисодии Академияи Улуми Россия дар таҳти роҳбарии С.Д. Валентей соли 1993 қайд кардашуда буд.

Яке аз вазифаҳои асосии Шурои консултатсионию ҳамоҳангсозии ИДМ ташкил кардани ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, мутобиқ намудани амалиёт дар сиёсати буҷаю асъор ва гумрукӣ, ва ҳамчунин барқарор кардани бозори умумии меҳнат, сармоя ва коғазхои қиматнок мебошад. Ҳамчунин пешниҳодот оиди ҳаракати зарурияти ба имзорасонии Созишномаҳо оиди системаи ягонаи пули ва сиёсати якҷояи (мувофиқ кардашудаи) пулию қарзӣ ва асъории давлатҳо; оиди ташкил кардани бонки байнидавлатии эмиссионӣ; оиди ташкил кардани суди арбитаржии байналхалқи (дар ҳудуди ИДМ) ва ғайраҳо дохил карда шуда буданд.

Мувофиқи Созишнома оиди ташкил кардани Кумитаи Иқтисодии Байнидавлати (КИБ), ки 21-уми декабри соли 1994 аз тарафи сарони давлатҳо ба имзо расидааст, дар муҳлати кутоҳтарин кор барои ташкил ва фаъолият кардани ин идораи доимо амалкунандаи ҳамоҳангсозии Иттифоқи Иқтисодӣ оғоз карда шуда буд. Аз қадамҳои аввалини масъалаҳои баркароршавӣ ва самаранок амал кардани ҳамкории иқтисодӣ дар хамаи ҷанбаҳои хоҷагидори гузашта шуда буд.

Дар ҳудуди кардани Кумитаи Иқтисодии Байнидавлати фаҳмида буданд, ки кандашавии пурраи робитаҳои хоҷагии байни собиқ ҷумҳуриҳои ИЧСШ шикасти ҳамаи ақидаҳои (равияҳои) гузариш ИДМ ба бозор ифода мекунад. Бинобар ин нигоҳ доштани ҷараёни гузариш бо ҳамоҳангсозии вай бо ислоҳоти низоми иқтисодӣ дар давлатҳои ИДМ муҳим (зарур) буд. Хар дуи ин ҷараён дар роҳи муқобили якдигар ҷойгиранд. Дар вақти ҳозира саъю кушиш барои ташкил кардани бозори озод дар минтақаи Евроосиё равона карда шудааст. Бозори нави евроосиёгӣ бояд ба қисми таркибии бозори ҷаҳонӣ мубаддал шавад, вале дар айни ҳол вай хислат ва имтиёзҳои минтакавии худро дошта бошад, ки барои мамлакатҳо гузаришро ба муносибатҳои бозори сабук гардонад. Ташкил кардани бозори Евроосиёгӣ бояд бо якборагӣ ва параллелӣ бо ташаккули бозорҳои озодимилли сурат гирад, ки дар он ҷо нархҳои озод (рақобати) ҳукмфармо бошад ва рақобати ҳақиқии мол истехсолкунандагон, интихоби озоди шарикон ҷой дошта бошад.

Ҳангоми ташкилнамоии Иттифоқи гумрукӣ тарафҳо онро «ҳамчун муттаҳиднамоии иқтисодии давлатҳо»-и ба омилҳои ягонаи территорияи гумрукӣ ва механизми якхелаи танзимкунии иқтисодиёти ба принсипҳои хоҷагидории бозори асосёфта муайян карданд.

Ҳудуди ягонаи гумрукӣ бояд бо роҳҳои зерин барқарор карда шавад;

- дар тиҷорати молҳои байни давлатҳои ба қарордод омада, ки дар территорияи онҳо истеҳсол карда шудаанд, аз байн бардоштани боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва боҷҳои амалиёти эквиваленти дошта, ва ҳамчунин маҳдудиятҳои миқдорӣ;
- муайяннамои ва истифодабарии реҷаи ба як шакл даровардашудаи тиҷорат, тарифҳои умумии гумрукӣ ва чорабиниҳои ғайритарифии танзимкунии тиҷорати берунӣ нисбати мамлакатҳои сеюм;
- барқарор кардани механизми муносибатҳои мутақобили Иттифоқи гумрукӣ бо давлатҳои сеюм ва созмонҳои байналхалқи дар асоси тартиботи ягонаи танзимкунии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ.

Механизм ва марҳалаҳои ташкил кардани Иттифоқи гумрукӣ, татбиқ намудани комплекси чорабиниҳои алоқаҳои мутакобил дар ду марҳала бояд гузаронида шавад.

Марҳалаи якум – истифодаи амалии механизми амалкунии Созишнома оиди ташкил кардани минтақаи озоди тиҷорат аз 15 апрели соли 1994, ва пеш аз ҳама, бекор кардани маҳдудияти тарифи ва миқдори дар тиҷорати байниякдигарро фаро

мегирад. Ҳамчунин унификатсияи (якхелакунии) қонунгузории тиҷорати хориҷӣ, гумрукӣ, асъору-молия, андоз дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ пешбини шуда буд.

Марҳалаи дуюм – муттаҳиднамоии территорияи гумрукии давлатҳо ба территорияи гумрукии ягона, ҳал кардани масъала оиди ҳуқуқи субъекти байналхалқии Иттифоқи гумрукӣ ва қисмати қарордодҳои байналхалқии амал кардаистода.

Иттифоқи гумрукӣ – ин аввалин дар таърихи на он қадар дарози ИДМ шакли ҳамкории ҳамгироии байналхалқи мебошад, ки барои иштирок кардан дар он комплекси шартҳои муайянро, пеш аз ҳама, дар фаъолияти иқтисодии хориҷи ва доираи гумруки иҷро кардан шарт аст. Ин шартҳо иборатанд:

- ташкил кардани минтақаи озоди тиҷорат бе мусодира кардан ва маҳдудияти миқдори;
- якхелакунии қонунгузории гумрукӣ ва дигархое, ки фаъолияти иҷтисодии хориҷиро фаро мегирад;
- муайян кардани тартиби ягонаи танзимкунии тарифи ва бидуни тарифи ва механизми тағйир додани он;
- ҷори кардани реҷаи ягонаи тиҷорат бо мамлакатҳои сеюм ва созмонҳои байналхалқӣ ва тартиби ягонаи истифодаи маҳдудияти муваққатӣ дар тиҷорат бо мамлакатҳои сеюм;
- ҷорӣ кардани принсипҳои ягонаи танзимкунии асъорӣ ва назароти асъорӣ;
- таъмин намудани бадалшавии тарафайни асъорҳои милли мувофиқи қурбе, ки аз тарафи бонкҳои марказӣ (миллӣ) гузошта мешавад;
- истифода кардани методологияи ягонаи омори гумрукии тиҷорати хориҷӣ ва номенклатураи (фехристи) ягонаи молии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;
- барқарор кардани низоми ягонаи идоракунии умури гумрукӣ;
- муайян кардани тартиби ягонаи назорати гумрукӣ аз болои ҳаракати молҳо, воситаҳои нақлиёт ва шахсони воқеи, ва ҳамчунин руёнидани пардохтҳои гумрукӣ, аз он ҷумла, боҷҳои гумрукӣ, аксизхо, боҷҳои гумрукӣ барои расмиятдарории гумрукӣ;
- ташкил кардани низоми ягонаи автоматикунонидашудаи ахборотии умури гумрукӣ, сохтан ва муҷаҳҳазгардонии техникии ҳудудҳои берунии гумрукии давлатҳо – иштироккунандагони Иттифоки гумрукӣ;
- ташкил кардани территорияи ягонаи гумрукии мамалакатҳо-иштирокдорони Иттифоки гумрукӣ.

Яке аз қарорҳои тақдир муайянкунанда барои Иттифоқи гумрукӣ кабул кардани Тарифи умумии гумрукӣ мебошад. Ин шарти асосии ташкил кардани Иттифоқи гумрукист.

Қабули Тарифи умумии гумрукӣ таъмин мекунад:

- баробаршавии омилҳои фаъолияти хоҷагидории молистеҳсолкунандагони панҷ давлат дар шароити воридоти молҳо;
- ҳамоҳангкунии сиёсати имтиёзноки тарифи нисбати давлатҳои ру ба тараққӣ ва қашшоқ;
- ба як шакл даровардани шартҳои додани имтиёзҳои тарифӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ дар хар як давлат.

Бояд қайд кард, ки мушкилоти зиёд дар амалигардонии чорабиниҳои қабул кардашуда, ҷой дорад. Ҳоло фаркиятҳои куллӣ дар нуқтаи назари ҳукуматҳо оиди додани имтиёзи тарифи вуҷуд дорад. Аз ин ҷо барои таъмин кардани фаъолияти Иттифоқи гумрукӣ, тайёр ва гузаронидани сиёсати умумии гумрукӣ, мувофикнамоии таъсири мутақобили умурҳои гумрукӣ, ҷамъ ва таҳлил кардани омори гумрукӣ роҳбарони умурҳои гумрукии мамлакатҳои ИДМ Шурои гумрукӣ таъсис доданд. Вай аз намояндагони ваколатдори тарафҳои Аҳдномабаста иборат аст ва идораи Олии Иттифоқи гумрукиро ташкил мекунад.

Мақсадхои асосии Шуро иборат аст:

- таъмин кардани фаъолияти Иттифоқи гумрукӣ;
- тайёр ва гузаронидани сиёсати ягонаи гумрукӣ;
- муқобилати зидди монополизм ва ҳамчунин амали дискриминатсионии давлатҳои хориҷӣ ва иттифоқи онхо;

- гирифтани пеши роҳи рақобати беинсофона ҳангоми гузаронидани амалиёти содиротию воридотӣ;
- якхелакунии қонунгузории гумрукӣ ва қоидаҳои гумрукӣ ба манфиати ҳамгироии иқтисодиёти давлатҳои – иштирокдори Иттифоқи гумрукӣ ба хоҷагии ҷаҳонӣ;
- мувофиқгардонии таъсири мутақобили умури гумрукии мамлакатҳои – иштирокдори Иттифоқ;
- тайёр кардан ва татбик намудани барномаи мушаххаси тараққиёти фаъолияти гумрукӣ;
- чамъ ва таҳлил кардани омори гумрукии Иттифоқ.

Ба имзо расидани Шартнома оиди тараққиёти ҳамгироӣ дар соҳа ҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ барои ташаккулёбии минбаъдинаи муносибатҳои иқтисодии мамлакатҳо таъсири хеле калон расонид. Тибқи ин Шартнома тарафҳо кушиши якҷояи худро барои марҳала ба марҳала наздик шудан равона карданд. Аҳамияти ин Шартнома, пеш аз ҳама, аз барқароршавии «ядро» - и Иттиҳод иборат аст, ва чи тавре, ки таҳлил нишон медиҳад иқтидори бузурги иқтисодиро доро мебошад.

Ҷараёнҳои ҳамгироӣ дар мамлакатҳои Иттифоқи гумрукӣ хислати системавиро бо баробари таъмин намудани самти ягонаи гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ барои барқарор кардани иқтисодиёти бозории муосир ба воситаи тасбит кардани истеҳсолот ва барқарор кардани рушди иқтисодӣ бояд гирад.

Дар алоқаманди бо ин яке аз вазифаҳои аввалиндарача барои Кумитаи Ҳамгироӣ муайян кардани стратегияи тағйиротҳои сохтори мебошад, ки ба барқарор кардани шароит барои рушди иқтисодӣ, ҳавасмандгардонии тараққиёти инфраструктура ва ҳамкории байниминтақавӣ ҳам дар ҳудуди панҷгона ва хам дар заминаи дутарафа нигаронида шудааст.

Ҳастии Иттифоқи гумрукӣ бо зарурияти таъмин кардани «чор озоди» – ҳаракати молҳо, мададҳо, сармояҳо ва кувваи коргарӣ, яъне ташкил кардани бозори умумӣ ва ҳамчунин сиёсати ба якдигар мувофиқ кардашудаи макроиқтисодӣ алоқаи мустаҳкам дорад.

Бо назардошти ин фаъолияти Кумитаи Ҳамгироӣ, пеш аз ҳама, бояд ба тайёр кардани созишномаҳои сохтори тиҷорат ва муносибатҳои иқтисодиро муайянкунанд нигаронида шавад, ки барои ҷоннокнамоии саноат, зиёдшавии гардиши мол меоварад. Ҳамчунин зарурияти гузаронидани ислоҳоти калон дар соҳаи нархгузорӣ, субсидияҳои давлатӣ, андозбандӣ, сиёсати молиявию қарзӣ ва ташкили тиҷорати хориҷӣ ба миён омадааст.

Мақсад аз гузаронидани онҳо – барқарор кардан ва нигоҳ доштани рушди иқтисодқ ба воситаи тағйироти куллии сохтори истеҳсолот ва тақсимот. Барои амалисозии ин ба хусусигардонӣ, камшавии таъсири давлат ба иқтисодиёт ва либерализатсияи тиҷорат бояд такя кард. Дар ин сурат танзимкунии давлатӣ бо амали қувваҳои бозорӣ иваз карда мешавад. Пешбини шудааст, ки истеҳсолоти ғайримолӣ ба моли мубаддал карда шавад, ки барои афзоиши содирот мусоидат мекунад.

Давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, ки Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбекистонро муттаҳид мекунад, сиёсати фаъоли воридшавиро ба фазои ҷаҳонии иктисодӣ пеш гирифтаанд. Иштироки интенсивии мамлакат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат яке аз омилҳои пуриқтидори рушду нумуи иқтисодӣ мебошад.

Дар ҳудуди собиқ Иттифоқи Шуравӣ ҷумҳуриҳои ИИОМ асосан захираҳои моддию ашёиро интиқол мекарданд, ки минбаъд дар қисмати Европоии мамлакат аз нав кор карда мешуданд. Бар ивази ин маҳсулоти тайёр аз ашёи худи бо нархи баланд харид карда мешуд. Дар натиҷа, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ доимо баланси тиҷоратии манфӣ доштанд: дар соли 1990, масалан, ҳиссаи онҳо дар гардиши тиҷорати хориҷии Иттифоқ ҳамагӣ 6,9% -ро ташкил кард. Хусусияти ашёвии давлатҳои Осиёи Марказӣ иқтисодиёти яктарафа ва гипертрофиро ба миён овард.

Баробари мустакил шудан ҷумҳуриҳо аз руи шартҳои пештара бо якдигар тиҷорат карда наметавонистанд. Дар шароити таназзули тези иқтисодӣ истеҳсолкунандагон таҷрибаи тиҷорати хориҷиро надошта, маҷбур буданд харидоронро дар бозорҳои хориҷи ҷустучӯ намоянд. Хоҳиши ба даст овардани асъор дар бисёр ҳолат ба он меовард, ки мол бо нархи аз нархи миёнаи ҷаҳонӣ

пасттар фурухта мешуд, ё ин ки бо молҳои таъиноти истеъмоли доштаи тақозои бозори дохили иваз карда мешуд.

То соли 1995 аксарияти мамлакатҳои ИДМ асъори миллии худро ҷори карданд ва системаи ҳисоббаробаркунии байниякдигари тағйир дода шуд, ки мувофиқи он муносибатҳои тиҷоратии онҳо дар шароити бозори ҷаҳонӣ ба амал бароварда мешуд. Дар ин шароит барқарор кардани бозори умумииттифоқи барои мамлакатҳои ИДМ, роҳи ягонаи раҳои ёфтан аз бухрони умумии иқтисодӣ буд ва хоҳиши муттаҳидшавии давлатҳои нав дар ҳалли масъалаҳои иқтисоди ихтиёрӣ буда, бар асари омилҳои объективӣ сар мезад.

Бинобар наздики ва мукаммалии мутақобилаи системаҳои иқтисодии кишварҳои ИДМ, ширкати Тоҷикистон дар чунин иттиҳодҳои ҳамгирої ба монанди ИИОМ (Иттиҳоди Иқтисодии Осиёи Миёна) ва ИИЕО (Иттиҳоди Иқтисодии Евроосиё) хеле муҳим аст.

Манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон дар иттиҳоди ҳамгирої бо кишварҳои ИДМ, дар он таҷассум меёбанд, ки ҷумҳури стратегияи иқтисодии худро ба халли чунин масъалахо равона мекунад: эҳё ва таъмини инкишофи устувори иқтисодӣ; тезонидани тараққиёти саноатии иқтисодиёт амалинамоии бозсозии сохторӣ; таъмини ҳаракати озоди амвол, хадамот ва сармояи Тоҷикистон ҳудуди иқтисодии ИДМ; таъмини ҳаракати озоди манофеи коргари дар ҳудуди байнидавлатӣ; нерубахшии иқтидори содиротӣ; табдилдиҳии Тоҷикистон аз минтақаи сарбаста ба минтақаи транзитӣ.

Вале мутаасифона, бояд қайд кард, ки ба кушишҳои ҳукумат нигоҳ накарда раванди ҳамгирої хеле суст инкишоф ёфта истодааст, дар як қатор ҳолатхо он ба таъсири манфии раванҳои тағйирёби (ки дар давлатҳо-аъзоёни иттиҳодҳои ҳамгирої дида мешаванд) боздошта мешавад. Бисёр шартномаҳои имзошудаи байнидавлатӣ тасдиқ намудаанд ё ин ки амали намешаванд, ки ба ин сабаб коэффициенти самаранокии иттиҳодҳои ҳамгироии ташкилшуда паст мешавад, ва ҳамин тавр, ба чунин хулоса омадан мумкин, ки барои таҳвиятбахшии равандҳои ҳамгирої ва баланднамоии сифати онҳо чораҳои қатъи оиди воҳиднамоии манбаи қонунгузорӣ ва тафоруки тамоилҳои ҳамгирої, риояи қатъии талаботҳои амнияти иқтисодии кишвар, заруранд.

**АДАБИЁТ**


1. Тошев О Интеграционые процессы системы внешэкономических связи Республикми Таджикистана Душанбе :. Ирфон 2012 с 30-32
2. Шербанин Ю.А. – Межнународные экономические отношение - М (Банки и биржи) ЮНИТИ 2014 с 35-39
3. Обзор социально – экономического развития государств центральноно – Азиатского экономического сообщества за 2010год . Выпус 14 Бишкек - 2011.
4. Экономика Таджикистана: стратегия развития : Курбанов Т. Х Наджемидинов А.Н. « Экономическая интеграция в центральной Азии с 157- № 1 2011.


**ҲАМГИРОӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА МАҚОМИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАМГИРОИИ ИКТИСОДИИ МИНТАКАВӢ**


Канда шудани робитаҳои хоҷагӣ байни мамлакатҳои собиқ ИҶШС зарурияти ташкили созмони минтақавиро дар ин ҷо пеш овард ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ташкил ёфт. Аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаҳои зиёд дар ҳама соҳаҳои фаъолият дар доираи ин созмон ба имзо расонда шуданд, ки қисми зиёди онҳо амал намекунанд. Аз ин сабаб сарони 5 давлат (Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия ва Беларус) қарор доданд, ки иттиҳоди гумрукиро дар доираи ИДМ таъсис диҳанд. Ин иттиҳод соли 2010 ба созмони комилҳуқуқи байналхалқӣ табдил ёфт, ки номи Иттиҳоди Иқтисодии Аврупову Осиёро гирифт. Аммо аҳамияти бештар дар замони муосир ҳамкорӣ байни мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дорад.



**Калидвожаҳо:** иқтисодиёт, ҳамгирої, минтақа, ҳамкорӣ, гумрук, созишнома.


**ИНТЕГРАЦИЯ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ И МЕСТО ТАДЖИКИСТАНА В РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ**


Разрыв экономических связей между странами бывшего СССР потребовал создания здесь региональной организации и образования Содружества Независимых Государств (СНГ). Республика Таджикистан подписала ряд соглашений по всем направлениям деятельности в рамках этой организации, большинство из которых не имеют силы. По этой причине главы пяти государств (Таджикистана, Казахстана, Кыргызстана, России и Беларуси) приняли решение о создании таможенного союза в рамках СНГ. В 2010 году союз стал полноценной международной организацией, переименованной в Евразийский экономический союз. Однако в наше время сотрудничество между странами Центральной Азии приобретает еще большее значение.



**Ключевые слова:** экономика, интеграция, регион, сотрудничество, таможня, соглашение.

**INTEGRATION IN CENTRAL ASIA AND THE STATUS OF TAJIKISTAN IN REGIONAL ECONOMIC INTEGRATION**

The severance of economic ties between the countries of the former USSR necessitated the establishment of a regional organization here, and the Commonwealth of Independent States (CIS) was formed. The Republic of Tajikistan has signed a number of agreements in all areas of activity within this organization, most of which are not in force. For this reason, the heads of five states (Tajikistan, Kazakhstan, Kyrgyzstan, Russia and Belarus) decided to establish a customs union within the CIS. In 2010, the union became a full-fledged international organization, renamed the Eurasian Economic Union. However, in modern times, cooperation between the countries of Central Asia is even more important.

**Keywords:** economy, integration, region, cooperation, customs, agreement.

**Сведения об авторе:** ***Курбанов П.А.*** – магистрант 2 курса по специальности «Мировая экономика» финансово-экономического факультета Таджикского национального университета. Электронная почта qurbon@mail.ru. Телефон: **93 940 61 41**

**Information about the author:** ***Kurbanov P. A.*** – 2nd year Master's student in the specialty "World Economy" of the Faculty of Finance and Economics of the Tajik National University. Email: qurbon@mail.ru. Phone: **93 940 61 41**

# УСТУВОРИИ МОЛИЯВӢ ВА МУСТАҚИЛИЯТИ БУҶЕТИ МАҲАЛЛӢ

***Салихов П., Давлатшоев О.Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз давраҳои қадим, ҳатто дар марҳилаи ташаккули худ ҷомеа ҳамеша ба амнияти худ таваҷҷӯҳ зоҳир мекард. Бо рушди ҷомеа, мундариҷаи муносибати иҷтимоӣ низ тағйир меёбад, ки дар ин робита амнияти мувофиқи соҳаи фаъолият ба намудҳо ҷудо карда мешавад. Яке аз аввалини онҳо ва дар айни замон намуде, ки имрӯз низ нисбатан муҳим ҳисоб меравад, амнияти иқтисодӣ мебошад. Дар замони ҳозира омӯзиши ҳамаҷонибаи ин падидаи иҷтимоӣ дар ҳама сатҳҳои зуҳури он (давлатӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ) басо муҳим мегардад.

Амнияти иқтисодӣ дар сатҳи худидоракунии маҳаллӣ ба ҷомеа ва шахси мушаххас наздиктар аст, танҳо дар ин сатҳ, дар маҷмӯъ, амнияти иқтисодиро арзёбӣ кардан мумкин аст.

Яке аз омилҳои муҳимтарини тавсифкунандаи амнияти иқтисодии маҳаллӣ ин буҷети маҳаллӣ мебошад. Маҳз таркиби он муайян мекунад, ки то чӣ андоза субъекти маҳаллӣ мустақил ва то чӣ андоза ба тағйироти муҳити берунӣ ва дохилӣ тобовар аст. Мақомоти маҳаллӣ бо сабаби тамоюли афзояндаи вобастагии буҷетҳои маҳаллӣ аз кӯмаки молиявии буҷети ҷумҳуриявӣ, аз мустақилияти молиявӣ маҳруманд.

Паҳлӯҳои гуногуни фаҳмиши "амнияти иқтисодӣ" -ро дар маҷмӯъ ва моҳияти ҳокимияти маҳаллиро омӯхта, ба хулосае омадан мумкин аст, ки амнияти иқтисодии маҳаллӣ маҷмӯи шароит ва омилҳое мебошад, ки мустақилият, субот, устуворӣ, қобилияти навсозӣ ва такмили доимии онро таъмин мекунанд.

Заминаи молиявии ҳукуматҳои маҳаллӣ буҷети онҳо мебошад. Ҳуқуқҳои буҷетӣ ва амволие, ки ба ин мақомот дода мешаванд, имкон медиҳанд, ки буҷети худро таҳия, баррасӣ, тасдиқ ва иҷро намоянд. Корхонаҳоеро, ки ба тобеияти онҳо гузаштаанд, истифода баранд ва аз онҳо даромад гиранд.

Буҷети маҳаллӣ фонди мутамаркази манбаъҳои молиявии маҳалии алоҳида мебошад, ки ташаккул, тасдиқ ва иҷро, инчунин назорати иҷрои онро мустақилона ҳукумати маҳаллӣ амалӣ менамояд.

Устувории молиявии буҷети маҳаллӣ ин мутобиқатии буҷети маҳаллӣ ба омилҳои дохилӣ ва берунӣ мебошад, ки аз манбаъҳои беруна вобаста нестанд ва имкониятҳои устувори маблағгузории хароҷотро доранд.

Буҷет, ба монанди дигар категорияҳои молиявӣ, таҷассуми дахлдори моддӣ дорад, муносибатҳои буҷетӣ дар фонди буҷетии сатҳи марзии дахлдор ба амал меоянд. Дар натиҷа, муносибатҳои воқеии буҷетӣ дар ҷараёни маблағҳои сафарбаршуда ва истифодашуда дар минтақаи муайян ифода меёбанд.

Татбиқи самараноки рушди иҷтимоию иқтисодии субъект, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ мутобиқ ба вазъи молиявии он муайян карда мешавад, ки ин ба зарурати баррасии мушкилоти таъмини устувории молиявии буҷет тавассути системаи унсурҳои он оварда мерасонад (Расми 1).




***Расми 1. Унсурҳои устувории молиявии буҷети маҳаллӣ***

Иҷрои шартҳо ва меъёрҳои номбаршуда нишон медиҳад, ки маҳалҳо қодиранд захираҳои молиявиро барои иҷрои ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо сафарбар кунанд. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки буҷет на танҳо нақшаи молиявии даромадҳо ва хароҷотест, ки барои амалисозии салоҳиятҳои сохторҳо пешбинӣ шудааст, балки воситаи муҳимтарини раванди сиёсӣ ва аз ин рӯ, идоракунии молияи онҳо мебошад.

Дар шароити муосир, таҳияи механизмҳои ташаккули даромади буҷети маҳаллӣ то такмил додани ҷузъи танзимӣ, яъне муайян кардани меъёрҳои тарҳ аз андозҳо ва такмили усулҳои расонидани кӯмаки молиявӣ коҳиш ёфтааст.

Дар зери устувории молиявии маҳаллӣ тавозуни даромадҳо ва хароҷоти маҳаллӣ ва таҒйироти мутаносиби онҳо дар зери таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ бо мақсади таъмини ваколатҳои мақомоти давлатии маҳаллӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии он дар давраи ҷорӣ ва дарозмуддат фаҳмида мешавад.

Аммо, аксари муҳаққиқон ҳангоми арзёбии устувории молиявии маҳаллӣ танҳо устувории буҷетро ҳамчун манбаи асосии заминаи захиравии он, бидуни баррасии манбаъҳои дигари маблаҒгузорӣ арзёбӣ мекунанд.

Барои муайян кардани хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии устувории буҷет, усулҳои ҳисобкунӣ ва таҳлилӣ истифода мешаванд: усули коэффитсиентҳо ва усули баҳодиҳии экспертӣ. Хусусиятҳои миқдорие, ки бо нишондиҳандаҳои ададӣ ифода ёфтаанд, вазъи молиявии буҷетро барои давраи муайян дар ҳолати муайяни иқтисодӣ инъикос мекунанд.

Дар шароити муосир, барои идоракунии самараноки захираҳои молиявии қаламравҳо, масъалаи баҳодиҳии сифатии имкониятҳои потенсиалӣ ва воқеии минтақавӣ актуалӣ аст. Системаи таҳлили дохилӣ, чун қоида, ба арзёбии нишондиҳандаҳои буҷет асос ёфтааст.

Дар системаи иқтисодии Русия, як модели арзёбии иқтидори молиявии минтақа таҳия нашудааст. Чун қоида, иқтисоддонҳо дар системаи арзёбӣ мафҳумҳои сатҳи «иқтидори молиявӣ» ва «вазъи молиявии минтақаро» муттаҳид мекунанд.

Дар ин ҳолат, мафҳуми "иқтидори молиявӣ" ҳамчун маҷмӯи имкониятҳои молиявӣ барои рушди давлат ва минтақаҳо истифода мешавад. Тадқиқот асосан дар сатҳи корхона гузаронида мешавад. Дар доираи ин тадқиқотҳо муносибати ягона ба муайян кардани мафҳуми «иқтидори молиявӣ» ҳамчун маҷмӯи захираҳои молиявӣ ва даромади субъектҳои хоҷагидорӣ таҳия карда шудааст, ки мавҷудият ва ҷойгиркунии маблаҒҳо, имкониятҳои воқеӣ ва эҳтимолии молиявиро инъикос мекунанд.

Сарфи назар аз он, ки дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми «иқтидори молиявии минтақа» аксар вақт бо «иқтидори андози минтақа» иваз карда мешавад, ин мафҳумҳо ба куллӣ фарқ мекунанд.

Агар потенсиали молиявии минтақа маҷмӯи тамоми манбаъҳои молиявии минтақаи мушаххасро дар бар гирад, пас иқтидори андози минтақа танҳо як қисми ин захираҳо мебошад.

Потенсиали молиявӣ метавонад захираҳои молиявиро дар бар гирад, ки ё дар доираи низоми андози дар давлат қабулшуда объекти андозбандӣ намебошанд ё қисман андозбандӣ карда мешаванд.

Омӯзиши моҳияти иқтисодии мафҳуми «иқтидори молиявии маҳал» ба мо имкон медиҳад, ки таърифи зерини онро таҳия намоем: иқтидори молиявии маҳал маҷмӯи захираҳои молиявии дар ихтиёри агентҳои иқтисодӣ қарордошта, ки ба даст овардани ҳадафҳои стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии маҳалро муайян мекунанд.

Мувофиқи таърифи иқтидори молиявии маҳал унсурҳои зерини сохторӣ фарқ карда мешаванд:

- ✓ Потенсиали буҷетӣ ва андози маҳаллӣ – имконияти иқтидори ҷамъоварии захираҳои молиявӣ дар буҷет;
- ✓ Потенсиали молиявии корхонаҳо ва ташкилотҳои дар маҳал ба қайд гирифташуда;
- ✓ Захираҳои молиявии худии озод ва ҷалбшуда;
- ✓ Иқтидори низоми молиявию қарзӣ - захираҳои молиявии муассисаҳои низоми бонкӣ ва қарзии маҳал.

Истифодаи пурраи нерӯи молиявии маҳал ба ноил шудан ба рушди мутавозуни иҷтимоию иқтисодии он мусоидат мекунад. Чунин самара танҳо дар сурати ҷалби ҳадди аксар ва истифодаи оптималии тамоми манбаъҳои молиявии мавҷуда имконпазир аст.

Арзёбии манбаъҳои молиявии маҳаллӣ имкон медиҳад, ки сохтори манбаъҳо, мавҷудияти имкониятҳои воқеии молиявӣ барои ҷалби захираҳои иловагӣ барои такрористеҳсоли васеи иқтисодӣ муайян карда шавад.

Таҳлили таҳияи буҷет метавонад самтҳои зерини тадқиқотро дар бар гирад:

- Таҳлили вазъи молиявии соҳаҳои соҳаи истеҳсолоти моддӣ;
- Таҳлили иҷрои пешбинишудаи буҷети соли ҷорӣ;
- Таҳлили нишондиҳандаҳои тавозуни молиявӣ;
- Таҳлили қисми даромади лоиҳаи буҷет аз рӯи манбаъҳои даромад;
- Таҳлили қисми хароҷоти лоиҳаи буҷет дар самтҳои истифодаи маблағҳои буҷетӣ.

Инчунин бояд қайд кард, ки дар адабиёти илмӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи усулҳои баҳогузорӣ ва андозагирии мустақилияти буҷетҳои маҳаллӣ вуҷуд надорад. Дар ҳамин ҳол, ҷомеаи коршиносони дохилӣ ва байналмилалӣ мушкилоти мустақилияти буҷетҳо ва нишондиҳандаҳои пешниҳодшударо муфассал муҳокима мекунанд, ки асосан зарурати муқоисаи байни кишварҳо ва заминаи мавҷудаи оморирo барои ин инъикос мекунанд.

Арзёбии мустақилияти буҷетҳои маҳаллӣ, пеш аз ҳама, бояд аз таҳияи меъёрҳое оғоз шавад, ки худи ҳамин мустақилиятро муайян мекунанд. Таҳияи системаи коэффитсиентҳои таҳлилӣ бояд ҳамчун усули муайянкунандаи баҳогузории он қабул карда шавад.

Дар баробари ин, танҳо таҳлили ҳамаҷонибаи буҷет ба ҳукумат имкон медиҳад, ки барои қабули қарорҳо дар ташаккул ва татбиқи сиёсати молиявӣ маълумоти зарурӣ ба даст оварад, захираҳо дар сафарбаркунии маблағҳо ба буҷет, баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо ва назорат аз болои афзоиши онҳоро пурзӯр кунад.

Имкониятҳои мавҷудаи андозбандии аксари субъектҳои ҳудудӣ ба мақомоти маҳаллӣ имкон намедиҳанд, ки тавозуни буҷетҳоро мустақилона таъмин кунанд. Ин ба ҳеҷ ваҷҳ ҳамеша натиҷаи заъфи ташаббуси маҳаллӣ нест, аксар вақт натиҷаи аз ҷониби мақомоти марказӣ мувофиқи сатҳҳои системаи буҷет ҷудошавии бемантиқи андозҳо, ба мақомоти минтақавӣ надодани ҳуқуқҳои кофӣ мебошад.

Ғайр аз он, омилҳои зиёде мавҷуданд, ки метавонанд ба ҳолати буҷетҳои маҳаллӣ таъсири манфӣ расонанд. Яке аз мушкилоти ташаккулёбии қисми даромадҳо субсидияи баландтари буҷетҳои субъектҳо мебошад. Камбизоатии паст метавонад як қатор оқибатҳои манфиро ба вуқӯъ орад, вобастагии зиёд аз иродаи мақомоти ҷумҳуриявӣ, вобастагии мақомоти маҳаллӣ дар ташаккули даромади буҷет ва коҳиш ёфтани масъулияти онҳо барои иҷрои буҷет, сафарбаркунии даромади иловагӣ, ноустуворӣ дар истифодаи маблағҳо ва иҷрои ӯҳдадориҳо.

Аз ин рӯ, барои таъмини мустақилияти маҳалҳо, ҷустуҷӯи манбаъҳои нави маблағгузории заминаи захиравии онҳо зарур аст.

Хавфҳо дар таъмини суботи молиявии системаи буҷетии як сохтори ҷумҳурӣ имконияти сар задани ҳолати бетаъмини захираҳои молиявиро ифода мекунанд, ки ин ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ имкон намедиҳад, вазифаҳои худро иҷро кунанд. Ҳангоми таъмини суботи молиявии низоми буҷетӣ аз нуқтаи назари моделсозии ҳолатҳои хавф ва муайян кардани имконот ва механизмҳои безараргардонии хавфҳо, муайян кардани омилҳои хавфи дохилӣ ва берунӣ, ки вобаста ба таносуби манбаи хавф ба низоми буҷет муайян карда мешаванд, аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Танзими хавфҳои баррасишаванда яке аз ҷузъҳои асосии сохти устувории молиявии системаҳои буҷетӣ мебошад ва татбиқи тадбирҳои коҳиш додани онҳо ҳам тавассути фароҳам овардани шароити экзогенӣ, ки фаъолияти мӯътадили системаро таъмин мекунад ва ҳам тавассути таъсири идоракунӣ аз ҷониби субъектҳои идораи муносибатҳои буҷетӣ дар сатҳи системаҳои буҷети маҳаллӣ амалӣ мегардад.

Мушкилоти таъмини суботи молиявии буҷетҳои маҳаллӣ ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд:

- ✓ Аввалан, ҳама мушкилиҳо вобаста ба камбудии захираҳои молиявӣ;
- ✓ Дуввум, мушкилоти марбут ба номукаммалии сиёсати молиявии давлат, фаъолияти мақомоти идоракунии низоми молиявӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, камбудиҳои танзими давлатӣ ва назорати фаъолияти низоми буҷетӣ, андоз ва бонкӣ.

Масъалаи таъмини мустақилияти воқеии буҷетҳои маҳаллӣ бидуни афзоиши назарраси ҳиссаи манбаъҳои даромади худӣ ҳал карда намешавад.

Ҳамзамон, барои буҷетҳои маҳаллӣ воридоти даромадҳо воқеан метавонанд танҳо дар сурате риоя шаванд, ки шартҳои зерин иҷро карда шаванд. Даромадҳое, ки буҷетҳо мегиранд, бояд ба таври доимӣ ба буҷети мушаххас вогузор карда шаванд ва мақомоти дахлдори давлатӣ бояд ваколатҳои кофии васеъ барои идоракунии ин манбаъҳои даромадро дошта бошанд. Танҳо дар сурати иҷрои ин шартҳо, маҳалҳо метавонанд дар оянда ҷараёни воридоти андозро пешгӯӣ кунанд, инчунин ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва фишангҳои воқеӣ барои рушди истеҳсолот ва васеъ намудани заминаи андоз дар қаламрави дахлдор мавҷуданд.

Шарти муҳимтарини таъмини мустақилияти молиявии буҷетҳои маҳаллӣ тақсимоти одилонаи андозҳо ва воридоти андозҳо дар сатҳи низоми буҷет мебошад. Дар ин ҳолат, сухан дар бораи он аст, ки манбаъҳои андози худӣ бояд дар ҳаҷми умумии даромади буҷети маҳаллӣ бартарӣ дошта бошанд.

Аз ин лиҳоз, таҳияи механизми самарабахши фискалии тақсимоти даромади андоз дар сатҳҳои системаи буҷет ҳам барои барқарорсозии иқтисодиёт дар маҷмӯъ ва ҳам барои ҳар як минтақа, аз ҷумла таъмини захираҳои молиявӣ ба ниёзҳои иҷтимоии ҷомеа хеле муҳим мегардад.

Дар баробари ин, таъкид кардан муҳим аст, ки тақсимоти объективӣ ва самараноки даромадҳо байни буҷетҳои сатҳҳои гуногун вазифаи нисбатан душвор аст. Ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки таъмини суръати рушди иқтисодии давлат бо манфиатҳо ва ниёзҳои минтақаҳои мушаххас барои маблағгузории соҳаҳо ва субъектҳои салоҳиятдор, инчунин ҳалли мушкилоти маҳаллӣ мувофиқат намекунад. Дар робита ба ин, ба таври ногузир мушкилоти мувозинати буҷетҳои ҳар як сатҳ ба миён меояд.

Ҳамзамон бо ҳалли ин масъала тақсимоти андозҳо ва даромадҳои андоз бояд сатҳи дахлдори мустақилияти молиявии буҷетҳои маҳалро таъмин кунанд, ки бидуни таъмин намудани онҳо ба миқдори кофӣ даромади худӣ ба даст овардан ғайриимкон аст.

Дар маҷмӯъ, самаранокии танзими буҷетӣ дар он зоҳир мешавад, ки системаи мавҷудаи тақсимоти байни буҷетӣ ба татбиқи принсипҳои буҷетӣ мусоидат мекунад. Рушди муносибатҳои байни буҷетӣ на танҳо дар нишондиҳандаҳои вазъи низоми буҷетӣ ё таъминоти буҷетии қаламравҳо, балки дар нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои алоҳида, дар нишондиҳандаҳои сатҳ ва сифати зиндагии шаҳрвандон ифода мешавад.

**АДАБИЁТ**

1. Худоиев М.Н, Наджмиддинов С.М. Бюджетный сектор: Учеб, пособие Душанбе. «Ирфон». 2010г
2. Давлатшоев О.Х. Совершенствование механизма бюджетно-налогового регулирования экономики // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. – №2/4 (114). –С.26-30.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 6, мод. 436; с. 2013, № 3, мод. 189, № 11, мод. 784; с. 2016, № 5, мод. 367 (Қонуни ҶТ аз 19.03.2013 № 746; аз 12.11.2013 № 1027; аз 14.05.2016 № 1316; аз 17.05.2018 № 1535))

## УСТУВОРИИ МОЛИЯВӢ ВА МУСТАҚИЛИЯТИ БУҶЕТИ МАҲАЛЛӢ

Дар мақола мазмуни устувории молиявӣ ва мустақилияти буҷети маҳаллӣ тадқиқ шудааст. Таъмини рушди самараноки иҷтимоию иқтисодии маҳаллӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ вобаста ба вазъи захираҳои молиявии он муайян карда мешавад, ки ин ба зарурати баррасии мушкилоти таъмини суботи молиявӣ ва амнияти буҷети маҳаллӣ оварда мерасонад. Муҳаққиқон ҳангоми арзёбии устувории молиявии маҳаллӣ танҳо устувории буҷетро ҳамчун манбаи асосии заминаи захиравии он, бидуни баррасии манбаъҳои дигари маблағгузорӣ арзёбӣ мекунанд. Дар тадқиқоти илмӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи усулҳои баҳогузорӣ ва андозагирии мустақилияти буҷетҳои маҳаллӣ нокифоя мебошад. Ҳадафи ниҳоии тадбиқи сиёсати молиявии маҳаллӣ субот ва тавозуни низоми буҷет, суботи иҷтимоию иқтисодии маҳал, фароҳам овардани шароит барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, рушди иқтисодӣ, омезиши манфиатҳои давлат, маҳалҳо, шаҳрҳо, субъектҳои хоҷагидорӣ ва тамоми аъзои ҷомеа мебошад.

**Калидвожаҳо:** молияи маҳаллӣ, буҷети маҳаллӣ, мустақилияти буҷети маҳаллӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ, устувории молиявӣ.

## ФИНАНСОВАЯ УСТОЙЧИВОСТЬ И НЕЗАВИСИМОСТЬ МЕСТНОГО БЮДЖЕТА

В статье исследуется содержание финансовой устойчивости и самостоятельности местного бюджета. Обеспечение эффективного социально-экономического развития местных сообществ, повышение качества услуг, предоставляемых населению, определяется состоянием его финансовых ресурсов, что приводит к необходимости решения проблем финансовой устойчивости и безопасности местных бюджетов. При оценке финансовой устойчивости на местном уровне исследователи оценивают устойчивость бюджета только как основной источник своей ресурсной базы, не рассматривая другие источники финансирования. Отсутствует комплексное изучение методов исследования для оценки и измерения независимости местных бюджетов. Конечная цель местной фискальной политики - это стабильность и сбалансированность бюджетной системы, социально-экономическая стабильность местности, создание условий для развития бизнеса, экономического развития, интеграции интересов государства, населенных пунктов, городов, хозяйствующих субъектов и всех членов общества.

**Ключевые слова:** местные финансы, местный бюджет, независимость местного бюджета, межбюджетные отношения, финансовая устойчивость.

## FINANCIAL SUSTAINABILITY AND INDEPENDENCE OF THE LOCAL BUDGET

The article examines the content of financial stability and self-sufficiency of the local budget. Ensuring effective socio-economic development of local communities, improving the quality of services provided to the population, is determined by the state of its financial resources, which leads to the impossibility of solving financial problems. Thus, the local budget is an indicator of self-sufficiency and financial independence of local government bodies. The imperfection of the current mechanism for the formation and execution of local budgets in modern conditions is one of the most pressing problems not only in scientific research, but also in political debates, on the results of which the economic security of the state depends.

**Keywords:** local finance, local budget, budgetary independence, interbudgetary relations, budget regulation.

**Сведения об авторах:** ***Салихов П.*** – магистрант второго курса кафедры управления государственных финансов Таджикского национального университета
***Давлатшоев О.Х.*** – доцент кафедры управления государственных финансов Таджикского национального университета

**Information about the authors:** ***Salikhov P.*** – second-year Master's student of the Department of Public Finance Management of the Tajik National University
***Davlatshoev O. Kh.*** – Associate Professor, Department of Public Finance Management, Tajik National University

## ҲУҚУҚ ВА СИЁСАТ – ПРАВО И ПОЛИТИКА – LAW AND POLICY

# ОИД БА ТАКТИКАИ ҲАМКОРИИ МУФАТТИШ БО ИШТИРОКЧИЁНИ ДИГАРИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

***Шодиев Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замони муосир масалаи ҳамкории муфаттиш бо иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ яке аз масалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Чунки худи ҳамкорӣ айни замон ба сифати яке аз принсипҳо ё ғояҳои асосии тафтиши парвандаи ҷиноятӣ шуморида мешавад. Истифода аз принсипи ҳамкорӣ муфаттиш метавонад масалаи ҳаматарафа ва воқеъбинона тафтиш намудани дилхоҳ парвандаи ҷиноятиро дуруст ба роҳ монад. Дар мавриди ҳамкорӣ намудан муфаттишро мебояд, ки аз тактикаи хоси ҳамкорӣ истифода намояд.

Тактикаи ҳамкории муфаттиш бо иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ метавонад дар ҷараёни тафтиши парванда ва ё дар мавриди гузаронидани ҳар як амали алоҳидаи тафтишӣ сурат гирад. Масалан дар мавриди азназаргузаронии ҷойи ҳодиса муфаттиш бо кормандони оперативӣ-ҷустуҷӯйи, мутахассис-криминалист, кинолог ва коршиноси тиббӣ-судӣ ва монанди инҳо.

Шаклҳои асосии ҳамкории муфаттиш бо мақомоти ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ аз рӯи тавсифи худ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Ба гурӯҳи аввал – он шаклҳои ҳамкори таалуқ доранд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ пешбини шудаанд. Ба ин гурӯҳ шаклҳои зайл таалуқ доранд:

а) ба мақомоти тафтишоти сари вақт додани ахбор дар бораи аломатҳои ҷиноятe, ки дар натиҷаи чорабиниҳои ҷустуҷӯи фаври муайян карда шудааст;

б) аз тарафи мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ оғоз намудани парвандаҳои ҷинояти оид ба он ҷиноятҳое, ки тафтиши пешакӣ ҳатмист;

в) аз ҷониби мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ иҷро намудани супориши махсуси муфаттиш оид ба гузаронидани чорабиниҳои ҷустуҷӯи фаврию амалиётҳои алоҳидаи тафтиши;

г) гузаронидани чорабиниҳои якчояи ҷустуҷӯи фаври ва амалиётҳои алоҳидаи тафтиши.

Дар амалияи тафтишоти чунин шаклҳои ҳамкории муфаттиш бо мақомотҳои ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ мавҷуданд, ки то ҳоло танзим нашудаанд. Ҳамкориҳои зайл аз он ҷумлаанд:

а) аз тарафи кормандони мақомотҳои ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ посбони намудани ҷои ҳодиса, муқаррар намудани шоҳидон, ҷабрдидагон ва дастгир кардани шахсони гумонбаршуда;

б) ба муфаттиш дар мавриди гузаронидани амалиётҳои алоҳидаи тафтиши кумак расонидан;

в) гузаронидани амалиётҳои якчояи тактикӣ ва монанди онҳо.

Барои сари вақт ба муфаттиш додани ахборот дар бораи ҷой доштани аломатҳои ҷиноят дар ҳаракатҳои ягон шаҳрванд ё воқеаи рухдода ё дар фаъолияти ягон идора, муассиса дар ду ҳолат эҳтиёҷ пайдо мешавад.

Мувофиқи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи аризаву маълумотҳои дохилшуда маводи зарури талаб кардан, эзохот гирифтан мумкин аст. Аммо дар ин маврид амалиётҳои тафтишӣ гузаронида намешавад. Мантиқан ва бо назардошти қисми сеюми моддаи номбаршуда чунин хулоса бармеояд: агар аз ариза ё шикояти воридшуда аломатҳои таркиби ягон ҷиноят дида шавад, мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ на дертар аз се шабонаруз дар мавридҳои мустасно бошад, дар муддати на зиёдтар аз даҳ шабонаруз дар ин бора ба муфаттиш бояд ахбор диҳанд.

Ҳолати дуввум. Маълум, ки мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ бахри иҷрои вазифаҳои бевоситаи худ чорабиниҳои ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ мегузаронанд ва ваколатдоранд, ки аз рӯи як қатор ҷиноятҳо тафтиши ибтидоӣ баранд. Агар дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ он воқеаи ҷинояти ошкор карда шавад ва агар гузаронидани якчанд амалиёти тафтиши таъгирнопазир бошанд, корманди ин мақомот парвандаи ҷиноятӣ оғоз менамояд. Оид ба ин парвандаи ҷинояти амалиётҳои тафтишии заруриро мегузаронад. Дар ду ҳолати дар боло номбаршуда агар бурдани тафтиш дар тобеияти худи мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ бошад, тафтишро давом медиҳад. Агар тобеи он

набошад, оид ба ҷинояти фошшуда, тафтиши пешакӣ ҳатмӣ бошад, парвандаи ҷиноятиро аз рӯи тобеияти он ба муфаттиши дахлдор месупорад.

Яке аз шаклҳои муҳимтарин ва санҷидашудаи ҳамкорӣ, чи тавре ки дар боло қайд карда шуда буд, ин иҷро кардани супориши махсуси муфаттиш аз ҷониби мақомотҳои ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ мебошад.

Самараи ин шакли ҳамкорӣ аз ду тараф вобаста аст. Барои бо мувафакият иҷро шудани супориши дар мактуб ва агар супориш дар бораи гузаронидани амалиётҳои алоҳидаи тафтиши бошад, дар қарор мақсади он амалиёти тафтиш батафсил, пурра ва аниқ инъикос ёфтанаш лозим аст.

Масалан, агар супориши махсус дар бораи ҷустуҷӯ ва ёфтани амволи дуздидашуда бошад, дар мактуби муфаттиш номгуи амвол, андоза, навъи амвол, хел, ранг, мӯд, адад, вазъи амвол (нав, истифодашуда, кӯҳна), соли истеҳсол, рақами истеҳсол ба миллат ё халқияти муайян таалуқ доштани сохиби амвол ва ахбори дигар бояд инъикос ёбад. Ё ин ки супориш оид ба гузаронидани кофтуков бошад, дар қарори муфаттиш бояд ҷои кофтуков, нишонаи он, тавсифи мухтасари манзил, тахмини муфаттиш, чи хел амвол, ҷасад, одам ё хайвон ва мухтасар аломатҳои онон инъикос ёфтанаш лозим.

Тибқи муқаррароти КМҶ ҶТ дар сурати мураккаб будани ҷинояти содиршуда, амалиёти тафтиши пешакиро ба якчанд нафар муфаттишон супоридан мумкин аст, яъне барои тафтиши ҷиноятҳои мураккаб бригадаи муфаттишон таъсис ёфтанаш мумкин.

Чи хеле ки аз ин меъёр дида мешавад, эҳтимоли таъсис ёфтани бригадаи якчояи муфаттишону кормандони мақомоти ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ дар қонун пешбини карда шудааст. Ба ин нигоҳ накарда дар амалияи тафтишоти гуруҳҳо ё бригадаҳои якчояи на фақат муфаттишони прокуратура ва Вазорати корҳои дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон балки якҷоя бо кормандони мақомоти ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ таъсис меёбанд. Ин шакли ҳамкори дар амалия тез-тез ҷорӣ карда мешавад, яъне барои босамар ва дар муддати кӯтоҳ сирри ҷиноятро фош кардан ва ашхоси дар ҳақиқат гунаҳкорро ба чавобгарии ҷинояти кашидан, гурӯҳҳои тафтишотиву ҷустуҷӯии фаври ташкил медиҳанд. Чунин гуруҳҳо одатан аз муфатишони таҷрибаноку кормандони мақомти ҷустуҷӯи фаврии таъсис меёбанд. Ба гурӯҳи тафтишотиву ҷустуҷӯи фаври вобаста ба ҷинояти тафтишшаванда мутахассисони гуногун, масалан, эксперти тибби, мутахассис-криминалист, мутахассис-молшинос, автотехник ҳамрох кардан лозим мешавад.

Аз миёни аъзоёни гурӯҳи тафтишотиву ҷустуҷӯии фаврии нав муфаттиши пуртаҷрибаеро рохбари гурӯҳ таъин менамоянд. Худи гурӯҳ ба ду зергурӯҳ тақсим шуданаш мумкин: як зергурӯҳ – гурӯҳи муфатишон, гурӯҳи дигар – гурӯҳи ҷустуҷӯи фаври.

Фаъолияи якчояи гурӯҳ дар якҷоя тартиб додани нақшаи тафтиш, мунтазам ба ҳамдигар ахбор додан, якҷоя гузаронидани баъзе амалиётҳои муҳими тафтиши ва машваратҳои якчояи гуруҳҳо барои мухокимаи вазъи тафтиш ва сахех сохтани нақшаи он ифода меёбад.

Фаъолияти якчояи гурӯҳи тафтишотиву ҷустуҷӯи фаври танҳо дар он вақт самара мебахшад, ки агар ҳамаи аъзоёни он аз сидки дил хозони он бошанд, ки ҷиноят фош шавад, сари вақт аз рӯи вичдон ба якдигар пурра, ҳаққони ахбор диҳанд ва дар гузаронидани чорабинихо фаъолу фаври бошанд.

Азназаргузаронии ҷои ҳодиса намуди асосии амалиёти мустакили тафтиши мебошад, ки барои гузаронидани он қувваи калон даркор аст. Барои он ки худи муфатиш ва шахсони холис аз ухдаи он баромаданашон дар баъзе мавридхо имконнопазир мебошад. Сабабаш дар он аст, ки дар як вақт ҳам ҷои ҳодисаро аз назар гузаронидан лозим, онро посбони кардан, шоҳидон, ҷабрдидагонро муқаррар кардан ва дар баъзе мавридхо гумонбаршудагонро дастгир намудан лозим меояд в чорабинихои дигар. Аз ин сабаб муфаттиш якчанд корманди мақомоти ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣро даъват мекунад. Агар як қисми онҳо ҷои ҳодисаро посбони намоянд, дигарашон бо муайян намудани ҷабрдидагон ва шоҳидон, саввумашон бо ҷустуҷӯи гумонбаршудагон ва дастгир намудани онҳо машғул мешаванд. Дар ин маврид хизмати кинолог лозим шуданаш аз эҳтимол дур нест.

Барои гузаронидани кофтукови манзилгох, маҳал, муассисаҳо ҳамкории муфаттиш бо кормандони ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ хусусияти ба худаш хос дорад. Агар манзилро кофтуков кардан лозим бошад, кормандони ҷустуҷӯ бо супориши

муфатиш худуди ҷойгир шудани хавли, тавсиф, рамзи зисту зиндагонии истикоматкунандагони манзил, роҳҳои даромаду баромади пиёдагард ва нақлиёт, востиаҳои алоқа, тарзи хабар додан барои кушодани баромадгохро меомӯзанд. Ғайр аз ин алоқаи истикоматкунандагони манзилгоҳ бо ашхоси дигар, бо ки рафтуомад дорад, тавсифи ин ва муносибатҳои дигарро низ меомӯзанд, ки барои дуруст ташкил намудани кофтуков заруранд.

Ҳангоми кофтуков кормандони ҷустуҷӯи фаври атрофи ҷои кофтуковро назорат карда, низоми зоҳирии онро таъмин мекунанд.

Ҷараёни истинтоқ чунин менамояд, ки муфаттиш танҳо бо шахси истинтоқшаванда кор дораду халос. Ботинан истинтоқ амалиёти хеле мураккаб аст. Масалан, барои бо мувафақият гузаронидани ин амалиёти тафтиши ба вай пухта тайёри дидан лозим меояд, ки бе ҳамкории кормандони ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ имконнопазир аст. Ҳамчун қисми тайёри ба истинтоқ ҷои зисти мукимӣ ва ҳам мувакатии гумонбаршудагон, шохдонро муайян кардан лозим, ҷои кор, касбу ҳунар, машғулиятҳои дустдоштаи онҳо, алоқаи шахсӣ ва тарафҳои дигари зиндагии онҳоро омӯхтан лозим меояд. Барои ин корҳоро ба сомон расонидан ёрдами кормандони ҷустуҷӯи фаври лозим аст. Дар баъзе мавридхо, шоҳидонро ба таври зури ба истинтоқ овардан зарур меояд, ки ин амалро низ кормандони милитсия иҷро мекунанд.

Эксперименти тафтиши аксар вақт дар маҳалҳо, кучаву хиёбонҳо, муассисаҳои истеҳсоли бо ширкати ашхоси гуногун гузаронида мешаванд. Барои ҳамин муфаттиш бо кормандони мақомтҳои ҷустуҷӯи фаври бояд ҳамкори кунад. Бо кумаки онҳо ашхоси даркориро ёфтан лозим меояд. Дар вақти гузаронидани эксперимент бо қувваи онҳо посбонии ҷои эксперимент таъмин карда мешавад. Агар эксперимент дар ягон қисми рохи автомобилгард гузаронида шавад, кормандони БДА бехатарии ҳаракати воситаҳои нақлиётиро дар ин қисмати роҳ таъмин менамоянд. Дар ҷараёни тайёри ба эксперименти тафтиши ва бевосита гузаронидани он муфаттиш бо кормандони милитсия оид ба дигар масъалаҳо низ ҳамкори мекунад.

Дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои вазнину мураккабе, ки одатан аз ҷониби гурӯҳи ҷиноятқорони муташаккил содир мешаванд, барои гузаронидани амалиёти тактикӣ зарурат пайдо мешавад. Ин амалиётҳо ҳам, яке аз шаклҳои ҳамкории муфаттишу кормандони мақомоти ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ ба шумор меравад. Одатан амалиёти тактикӣ бештар аз тарафи кормандони ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ гузаронида мешавад.

Хусусияти хоси амалиёти тактикӣ дар иштироки ҳам муфаттишу ҳам кормандони мақомотҳои ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ набуда, балки дар тавсифи тактикии он мебошад.

Мутахассис-криминалист бо ёрии воситаҳои аудиовизуалӣ вазъи ҷойи ҳодисаро ба қайд гирифта, пайҳои аён, камаён ва дигар пайҳоро ва объектҳоеро ошкор ва кофта мегирад, ки метавонанд далелҳои шайъии парванда гарданд. Вай дар бораи амалҳои эҳтимолии ҷиноятқор дар ҷойи ҳодиса ва оид ба дигар саволҳо машварат дода, экспресс-таҳлили объектҳои пайдогардидаро гузаронида, ба аъзои ГТО тахминҳои худро дар бораи шахсият ва таҷрибаи ҷиноятқор, олоти ҷиноят, воситаҳои нақлиёт ва ғ., ки дар рафти ҷараёни гузоштани фарзия истифода мешаванд, пешниҳод менамояд.

Мутахассис-кинолог (сагшинос) бо саги хизматӣ пайҳои одорологии ҷиноятқорро дар ҷойи ҳодиса коркард намуда, чизҳо ва ашёҳои сарчашмаи бӯй, инчунин бӯйро бо пайҳо гирифта, ин объектҳоро бастабандӣ мекунад.

Коршиноси тиббӣ-судӣ масъалаи вақту сабаби оғози маргро бо олоти (силоҳи) истифодашуда, пайдарпайии зарарҳои ҷисмонии расонидашударо дар ҳолатҳои зерин ҳаллу фасл менамояд;

- ҳангоми таъини экспертиза. Мутахассис нисбати инҳо тавсия медиҳад: зарурат, замони таъин ва намуди экспертиза; далелҳои шайъӣ ва намунаҳое, ки бояд ба тадқиқот фиристонида шаванд; доираи саволҳои пешниҳодшаванда ва маводи мушаххаси парвандаи ҷиноятӣ, ки барои истеҳсолоти экспертиза кифоя мебошанд;

- дар гирифтани намунахо барои тадқиқоти муқоисавӣ, ки барои истеҳсолоти бисёр намудҳои экспертиза зарур мебошанд, масалан: хатшиносӣ, фоноскопӣ, трасологӣ, баллистикӣ, биологӣ ва ғ. Дар ин маврид мутахассис метавонад ба муфаттиш дар омодакунии шароит ва воситаҳои ба даст овардани онҳо, дар

баҳодиҳии намунаҳо аз нуқтаи назари коршоямии онҳо барои истеҳсолоти экспертизаҳо ёрӣ расонад;

- ҳангоми пурсиш ва рӯбарӯкунӣ, ки дар додани машваратҳо ба муфаттиш (дар рафти омодагӣ ба ин амалҳо) ва иштирок дар онҳо ифода меёбад, дар бақайдгирии рафти онҳо, инчунин объектҳое, ки ба дигар муфаттиш ҳамроҳ бо супориши алоҳида дар бораи пурсиш барои нишондиҳӣ бо бақайдгирии воситаҳои аудиовизуалӣ фиристонида мешаванд. Бо даъвати муфаттиш мутахассис метавонад дар пурсиши шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда ва айбдоршаванда, инчунин дар рӯбарӯкунии байни онҳо бевосита иштирок намояд [6];

**АДАБИЁТ**


1. Ищенко Е. П Криминалистика : в вопросах и ответах: учебное пособие - Москва: Проспект, 2015
2. Егоров Н. Н., Ищенко Е. П. Руководство по производству следственных действий : учебно-практическое пособие: учебное пособие - Москва: Проспект, 2016.
3. Криминалистика. Аверьянова Т.В., Белкин Р.С., М.: НОРМА - ИНФРА-М, 2000. - 990 с.
4. Настольная книга следователя. М., 1949. –С. 73-74; Руководство для следователей. Часть. II. М., 1982. –С. 45-51; Яблоков Н.П. Взаимодействие следователя и оперативно-розыскных органов в процессе расскрытия преступлений // Кримналистика. Под ред.Н.П.Яблокова, В.Я.Колдина. Изд-во МГУ, 1990. –С. 56-64.
5. Халим Салим., Криминалистика Сах. 281, С. 2009.
6. Криминалистика: Учебник// Под ред. Н.П. Яблокова. М.: Юристъ,1999.-716с.


**ОИД БА ТАКТИКАИ ҲАМКОРИИ МУФАТТИШ БО ИШТИРОКЧИЁНИ ДИГАРИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ**


Дар мақола масалаи тактикаи ҳамкории муфаттиш бо иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ баррасӣ гардидааст. Нуқтаи назари муаллиф оид ба тактикаи ҳамкории муфаттиш, тарзҳои тактикӣ, шаклҳои ҳамкорӣ ва ҳамкории муфаттиш дар мавриди гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ оварда шудааст. Дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои вазнину мураккабе, ки одатан аз ҷониби гурӯҳи ҷиноятторони муташаккил содир мешаванд, барои гузаронидани амалиёти тактикӣ зарурат пайдо мешавад. Ин амалиётҳо ҳам, яке аз шаклҳои ҳамкории муфаттишу кормандони мақомоти ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ ба шумор меравад. Одатан амалиёти тактикӣ бештар аз тарафи кормандони ҷустуҷӯи фаврии ҷиноятӣ гузаронида мешавад.



**Калидвожаҳо:** тактикаи ҳамкорӣ, ҳамкорӣ, иштирокчёни мурофиаи ҷиноятӣ, муфаттиш, коршинос, амалҳои тафтишӣ.


**О ТАКТИКЕ СОТРУДНИЧЕСТВА ИССЛЕДОВАТЕЛЯ С ДРУГИМИ УЧАСТНИКАМИ УГОЛОВНОГО РАЗБИРАТЕЛЬСТВА**


В каждой статье рассматривается тактика взаимодействия следователя с другими участниками уголовного процесса. Приведены авторские взгляды на тактику взаимодействия следователя, тактические приемы, формы взаимодействия и взаимодействия следователя при проведении отдельных следственных действий. В процессе расследования серьезных и сложных преступлений, которые обычно совершает группа организованных преступников, возникает необходимость в тактических действиях. Эти операции также являются формой сотрудничества между следователями и сотрудниками правоохранительных органов. Тактические операции обычно проводят оперативные сотрудники уголовного розыска.



**Ключевые слова:** тактика сотрудничества, сотрудничество, участники уголовного процесса, следователь, эксперт, следственные действия.


**ON THE TACTICS OF COOPERATION BETWEEN THE RESEARCHER AND OTHER PARTICIPANTS IN THE CRIMINAL PROCEEDINGS**


Each article examines the tactics of interaction between the investigator and other participants in the criminal process. The author's views on the tactics of interaction of the investigator, tactical techniques, forms of interaction and interaction of the investigator during individual investigative actions are given. In the process of investigating serious and complex crimes, which are usually committed by a group of organized criminals, there is a need for tactical actions. These operations are also a form of cooperation between investigators and law enforcement officials. Tactical operations are usually carried out by operational officers of the criminal investigation department.



**Keywords:** tactics of cooperation, cooperation, participants in criminal proceedings, investigator, expert, investigative actions.



**Сведения об авторе**: ***Шодиев Бахромбек*** – магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета

**Information about the author: Shodiyev Bahrombek** – Second-year Master of Law at the Faculty of Law of the Tajik National University

# ШАРТҲОИ УМУМИИ ТАФТИШИ ПЕШАКӢ

*Давлатзода С. М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**

Конституисияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарият доштани ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро эълон дошта муқаррар намудааст: «Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз тарафи давлат эътироф, риоя ва ҳифз карда мешаванд»(қ.3 мод. 5) Вобаста аз баамал барории ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ, бояд қайд намуд, ки Сарқонуни Тоҷикистон ба тарафҳои асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ - ҷабрдида ва айбдоршаванда якшакла эътибор зоҳир менамояд.

Дар ҳолати аввал сухан дар бораи он меравад, ки Конститусия ҳуқуқи ҷабрдидаро ҳимоя намуда кафолати ҳифзи судӣ ва барқарор намудани зарари ба ӯ расонидашударо додаст (мод.21). Дар назар бояд дошт, ки «барқарор намудани зарари расонидашуда» инчунин ба фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба тафтиш намудани ҷиноятҳои содиршударо низ дарбар мегирад.

Қобили қайд аст, ки ҳимояи ҳуқуқи инсонро аз кирдорҳои ҷиноятқорона нисбати ӯ ҳуқуқи байналмилалӣ низ мустаҳкам намудааст.. Масалан, 29 ноябри соли 1985 Ассамблеяи Генералии СММ дар ҷаласаи пленарии 96-и худ Декларатсияи принсипҳои асосии адолати судӣ барои қурбоншудагони ҷиноятҳо ва суиистеъмолкунии ҳукуматро қабул намуд, ки таъиноти он кумак намудан барои ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Чӣ тавре, ки мушоҳида менамоем, Конституисияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли санадҳои байналмилалли кушиш намуддаст то ба таври олӣ ҳуқуқҳои ҷабрдидагон ва айбдоршавандаҳоро ҳимоя намояд, мувозинати байни ҳуқуқи ҷабрдидаро барои мушарраф шудан ба адолати судӣ, пурра барқарор намудани зарари аз ҷиноят расонидашуда ва ҳуқуқи айбдоршавандаро барои баррасии намудани парвандаи ӯ аз тарафи суди босалоҳият ва қонунӣ нигаҳ дорад.

Ин муқарраротҳои конститусиониро ба инобат гирифта, қайд мена моем, ки таиноти Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст аз:

- ҳимоя намудани ҳуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷиноят зарар дида;
- ҳимоя намудани шахсият аз айбдоркунӣ, маҳкумнамоии ғайри-қонунӣ ва беасос.

Баррасӣ ва ҳаллу фасли парвандаҳои хусусияти оммавӣ ва хусусӣ-оммавидоштаро дар суд бе истеҳсолоти тафтишоти пешакӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Бинобар ин дар рафти қисмати тосудии мурофиаи ҷиноятӣ зарур аст тавассути ҳамаи воситаҳои муқаррарнамудаи қонун далелҳоро ҷамъ намуда, санҷида, таъқиботи ҷиноятиро нисбати шахси содирнамудаи ҷиноят ба амал бароварда, ӯро ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашанд, чораҳое андешида шавад, ки ҳозиршавии уро ба суд ва тафтишот таъмин гарда два ҳуқуқи ҷабрдидаро аз ҷиноят ҳимоя карда шавад.

Иҷро намудани ҳаракатҳои мурофиавии дахлдор ва қабули қарори мувофиқ мундариҷаи тафтишти пешакиро ташкил менамояд. Тафтишоти пешакиро мо метавонем чун фаъолияти мақомоти таҳқиқ, таҳқиқгари ибтидоӣ, муфаттиш ва прокурорро оиди ҷамъ намудан, санҷидан ва баҳо додани далелҳое, ки дар асоси онҳо ҳолатҳои ба кор ахамият дошта муқаррар карда мешаванду шахси ҷиноятсодир намуда фош карда шуда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, фахмида мешавад.

Тафтишот барои он пешакӣ ҳисобида мешавад, зеро ки пас аз он тафтишоти дигар нисбатан муҳими мурофиаи ҷиноятӣ – тафтишоти судӣ вуҷуд дорад, ки пас аз итмоми он аз номи давлаит нисбати он парванда қарори мувофиқ қабул карда мешавад. Он хулосаҳои муфаттиш нисбати парванда оиди он ки факти содир шудани ҷиноят ҷой дорад ва маҳз ҳамин шахс дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор аст, барои суд танҳо фарзияест, ки он аз тарафи суд пурра, ҳаматарафа ва бевосита дар суд таҳқик карда мешавад.

Бинобар ин мақомоти тафтишоти пешакиро лозим меояд, ки тафтишоти парвандаро ҳадалимкон пурра, ҳаматарафа ва объективона дар доираи муқаррароти қонуни мурофиаи ҷиноятӣ ба амал бароранд.

Ба амал бароварданн намудҳои гуногуни ҳаракатҳои тафтишотӣ, тартиби мурофиавии онҳо, ҷой ва мақсади истифода шудани онҳоро қонуни мурофиавии

ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки риоя намудани онҳо барои ҳамаи муфаттишони идораҳои гуногун ҳатмӣ мебошанд.

Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ меъёрҳое, қоидаҳое мавҷуданд, ки бархе аз онҳо дар тамоми рафти мурофиаи ҷиноятӣ, қисми дигар бошанд, танҳо дар як қисмати муайяни мурофиаи ҷиноятӣ амал менамоянд. Масалан, принсипҳои конституцсионии мурофиаи ҷиноятии Тоҷикистон дар тамоми рафти мурофиаи ҷиноятӣ меъёрҳои институти мурофиаи ҷиноятӣ – иҷроиши ҳукм танҳо дар ин давра амал менамоянд.

Боби ёздаҳуми Кодекси мурофиаи ҷиноятии амалкунандаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба яке аз институтҳои мурофиаи ҷиноятӣ – шартҳои умуиии тафтишоти пешакӣ бахшида шудааст. Талаботҳои меъёрҳои ин боб бевосита дар рафти тафтишоти пешакии ҳар як парвандаи ҷиноятӣ ба таври ҳатмӣ бояд риоя карда шаванд.

Зери мафҳуми шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ – он қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунро меноманд, ки хусусиятҳои характерноки тафтишоти пешакиро баён намуда, талаботҳои нисбатан муҳимро ба тартиби истеҳсолоти ҳаракатҳои тафтишотӣ ва қабули қарор муайян менамоянд.

Шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ он талаботҳои қонунро доро мебошанд, ки таиноти мурофиаи - ҷиноятии ин давраро таъмин менамоянд.

Чи тавре, ки ба мо маълум аст тафтишоти пешакӣ аз ду шакл – таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ иборат мебошад. Бинобар ин, талаботҳои шартҳои умумӣ , истиснои бархе аз шартҳо, ба ҳар ду ин шакли тафтишоти пешакӣ як хел паҳн мегардад.

Шартҳои умумии тобеияти тафтишотӣ ин қоидаҳои умумии аз тарафи қонун муқарраргардае мебошанд, ки ҷиҳатҳои махсуси характерноки тафтишоти пешакиро баён намуда, талаботҳои нисбатан муҳимро нисбати тартиби истеҳсолоти тафтишоти пешакӣ, ба амалбарории ҳаракатҳои тафтишотӣ ва қабули қарор муайян менамоянд.

Шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ дар қонуни мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида шудаанд, ки иборатанд аз, ҳатмӣ будани тафтишоти пешакӣ; мақомотҳои тафтишотӣ ва тобеияти тафтишотӣ; ибтидои оғоз намудани тафтишоти пешакӣ; ҷой ва муҳлати тафтишоти пешакӣ; якҷоя ва ҷудо намудани парвандаҳои ҷиноятӣ ва ғ.

Яке аз шартҳои умумии муҳими тафтишоти пешакӣ ин тобеитяи тафтишотӣ мебошад. Тобеияти тафтишотӣ имконияти пурра, ҳаматарафа, объективона ва сари вақт тафтиш намудани парвандаҳои ҷиноятиро фароҳам меоварад. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тобеияти тафтишотии **«ихтиёрона»**, яъне муайяннамоии мақомоти тафтишотӣ аз рӯи интихоб ва хоҳиши иштирокчиёни мурофиа ва ё шахсони манфиатдорро, намедонад.

Меъёрҳои институти тобеияти тафтишотӣ танзимгари он муносибатҳои ҷамъиятианд, ки дар байни субъектони мурофиа ҳангоми аз тарафи онҳо ба амалбароварда шудани фаъолияти мурофиавӣ-ҷиноятӣ ба вуҷуд меояд.

Тобеияти тафтишотӣ - ин сифр мафҳуми мурофиавӣ-ҷиноятӣ буда бо зарурияти ҳудудгузории ваколатҳои мақомоти тафтишотӣ оид ба бурдани категорияи муайяни парвандаҳои ҷиноятӣ вобастааст.

Тобеитяи тафтишотии ҳар як парвандаи ҷиноятии мушаххас на аз руи як нишона, балки дар асоси ба инобатгирии маҷмуи нишонаҳо муайян карда мешавад. Чунин нишонаҳои тобеияти тафтишотии парвандаҳои ҷиноятиро номбар намудан қобили қабул аст:

а). нишонаи предметӣ; б). нишонаи ҳудудӣ; в) нишонаи фардӣ;

г). нишонаи алтернативӣ; г). вобаста бо якҷоякунии парвандаҳои ҷиноятӣ.

Ҳудудгузории тобеияти тафтишотии парвандаҳои ҷиноятӣ бо ҳалли якчанд масъалаҳо алоқаманд мебошад. Халли ин масъалаҳо бояд дар доираи амиқи қоидаҳои муқаррар намудаи қонун оиди тобеияти тафтишотӣ сурат гирад. Халли дурусти масъала вобаста ба он ки кадом мақомот бояд тафтишоти пешакиро ба амал барорад, яке аз шартҳои муҳим барои кушодани ҷиноят ва фош намудани ҷинояткорон, ва дигар вазифаҳои мурофиавии судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷои тафтишоти пешакӣ яке аз шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ баҳисоб рафта, он ҷоеро дар назар дошта мешавад, ки дар ҳудуди он тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ, дар доираи муқаррароти қонуни мурофиаи ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад.

Бинобар ин, барои ба таври мувофиқ ташкил намудани тафтишоти пешакӣ зарур аст, ки фазои амали ваколати мақомоти тафтишотиро муайян намоем, зеро

дар ҳар як ноҳия, вилоят мақомоти тафтишотӣ мавҷуд мебошанд. Дар сурати амиқ чудо накардани ҳудуди ваколати мақомоти таҳқик ва тафтишот, сар задани баҳсҳо оиди он ки кадом мақомоти тафтишотии мушаххас бояд ин ё он парвандаи ҷиноятиро тафтиш намояд, аз эҳтимол дур нест. Дар сурати маълум набудани ҷои содир шудани ҷиноят, пас бо мақсади саривақтӣ, объективият, зуддӣ ва пуррагии тафтишот онро дар ҷои дарёфти ҷиноят, инчунин дар ҷои иқомати гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва ё шоҳидони зиёд низ ба амал баровардан имконпазир мебошад.

Дар таҷрибаи тафтишотӣ муайяннамоии ҷои содиршавии ҷиноят душвории зиёдеро талаб наменамояд, дар он ҳолате, ки ҷои содиршавии кирдори хавфноки ҷамъиятӣ ва ҷои ба охиррасии он мувофиқ оянд.

Масъалаи муайян намудани ҷои содиршавии ҷиноят он вақт пайдо шуданаш мумкин аст, ки агар ҷои содиршави кирдори ба ҷамъият хавфнок ва ҷои фарорасии оқибати ҷиноятқорона мувофиқ наоянд. инчунин хангоми бо ҳамиштирокӣ содир намудани ҷиноят ва ғайра.

Яке аз шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ ин ҳатмӣ будани тафтишоти пешакӣ ба ҳисоб меравад. Коидаҳои шарти мазкур дар моддаи 121 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст

Дар ин меъёри ҳуқуқӣ ба таври мушаххас муайян карда шудааст, ки аз руи кадом намуди ҷиноятҳо мақомоти таҳқиқ ва тафтишот ҳуқуқи бурдани таҳқиқ ва тафтишотро дар ҳаҷми пурра доранд. Қонуни мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар менамояд, ки тафтишоти зиёди ҷиноятҳо дар шакли тафтиши пешакӣ ба амал бароварда мешавад. Нисбати парвандаҳои ҷиноятие, ки аз рӯи онҳо гузаронидани тафтишоти пешакӣ ҳатмӣ аст, дар шакли таҳқиқ ба амал баровардани тафтишоти пешакӣ, манъ мебошад.

Риояи амиқи муҳлатҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ, яке аз кафолатҳои назарраси ҳуқуқи инсону шаҳрванд барои амали гардии ҳуқуқҳои конституционияшон ба ҳисоб меравад.

Мӯҳлатҳои мурофиавӣ, гуфта - пеш аз ҳама воситаҳои ташкилиеро мемонад, ки барои таъмин намудани суръати мусоиди иҷроиши вазифаҳои адолати судӣ дар мурофиаи судии ҷиноӣ истифода мешаванд. Нишондиҳандаи қабулияти мӯҳлатҳо дар он ифода меёбад, ки таъмини чунин суръат барои зуд кушодани ҷиноят ба сифати мурофиа, ва сифати мурофиа ба саривақтии он зарар нарасонад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бисёр мӯҳлатҳои мурофиавӣ хусусияти бисёртарафа доранд. Масалан, он мӯҳлатҳое, ки босамарии истехсолоти судиро таъмин менамоянд, чун кафолати ҳуқуқи шаҳрванд, инчунин мӯҳлатҳоеро ки барои таъмини ҳуққи шаҳрванд равона гардидаро чун кафолати босамарии истеҳсолоти судӣ арзёбӣ намудан ҷоиз аст.

Мӯҳлатҳои мурофиавӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ намуди ҷудогонаи воситаҳои ҳуқуқӣе мебошад, ки баҳри таъмин дурусти амалигардии таъиноти истеҳсолоти судӣ нисбати ҳар як парвандаи ҷиноятӣ, яъне намуди кафолати мурофиавӣ, хисобида мешаванд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки барои риоя намудани мӯҳлати тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ, ки аз тарафи қонун муқаррар шудааст як қатор омилҳо таъсир мерасонанд. Масалан, барои дароз намудани мӯҳлати тафтишоти пешакӣ дар баъзе ҳолатҳо дароз ва давомияти гузаронидани экспертизаҳои судӣ таъсир мерасонанд. Боз доштани мӯҳлати тафтишоти пешакӣ бевосита ба ҳуқуқҳои конституционии ҷабрдида дахолат менамояд ва ғ.

Қайд кардан ба маврид аст, ки барои пурра кушодани як катор ҷиноятҳо вақт ва қувваи назаррасе лозим меояд. Муқаррар намудани ҳамаи доираи ҳолатҳои ҷиноят, дарёфти ҳамаи шахсони гунахкор дар содир намудани он ва ба ҷавобгари кашидани ҳамаи онҳо, таъмини барқароркунии зарари аз ҷиноят расонида шуда аз муфаттиш меҳнати сангин ва пурмашаккату тӯлониро талаб менамояд. Давомнокии тафтишоти пешакӣ дар баъзе ҳолатҳо аз яккатор ҳолатҳои объективӣ ва субъективӣ, ки барои сари вақт ва зуд ба итмом расонидани тафтишоти пешакӣ монеа мешаванд, вобастагӣ дорад.

## АДАБИЁТ


1. Конституция Республики Таджикистан. – Душанбе, 2003. – 34с.
2. Зинатуллин З.З., Салахов М.С., Чулюкин Л.Д. Подследственность уголовных дел. – Казань: Изд-во Казанского ун-та, 1986.
3. Салахов М. С. Подследственность в советском уголовном процессе: Дис...канд. юрид. наук Казань, 1972.
4. Уголовный процесс. Учебник / Под ред. П.А. Лупинской. - М.: Юрист, 2005.

5. Павлов Н.Е. Общие условия предварительного расследования (сравнительное исследование): Учебное пособие. - М.: Академия МВД СССР, 1982.
6. Марфицин П. Г. Общие условия производства предварительного расследования. Учебно-практическое пособие. - Омск: ОмЮИ МВД РФ, 1996.
7. Коротенко В.В. Некоторые вопросы подследственности и соотношения компетенции органов следствия и дознания // Практика применения нового уголовно-процессуального законно-дательства.-М.: ВНИИК, 1962.
8. Абдумаджидов Г.А. Об актуальных проблемах совершенствования деятельности следователя // Пути совершенствования деятельности следственных аппаратов органов внутренних дел. - Ташкент: ТВШ МВД СССР, 1987.
9. Останин А.В. Институт подследственности в уголовном процессе Российской Федерации: Дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1998.

## ШАРТҲОИ УМУМИИ ТАФТИШИ ПЕШАКӢ

Дар мақолаи мазкур мафҳум ва аҳмияти шартҳои умумии тафтиши пешаки таҳлил карда шудааст. Бо дарназардошти муҳимияти мавзуъ муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо дастрасии қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи шартҳои умумии тафтиши пешаки истифодаи адабиёти ҳуқуқии олимони ватанию хориҷӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мафҳум ва аҳамияти шартҳои умумии тафтиши пешаки мавриди баррасӣ ва тадқиқ қарор диҳад. Барои пурра кушодани як катор ҷиноятҳо вақт ва қувваи назаррасе лозим меояд. Муқаррар намудани ҳамаи доираи ҳолатҳои ҷиноят, дарёфти ҳамаи шахсони гунахкор дар содир намудани он ва ба ҷавобгари кашидани ҳамаи онҳо, таъмини барқароркунии зарари аз ҷиноят расонида шуда аз муфаттиш меҳнати сангин ва пурмашаккату тӯлониро талаб менамояд. Давомнокии тафтишоти пешакӣ дар баъзе ҳолатҳо аз якқатор ҳолатҳои объективӣ ва субъективӣ, ки барои сари вақт ва зуд ба итмом расонидани тафтишоти пешакӣ монеа мешаванд, вобастагӣ дорад.

**Калидвожаҳо:** шартҳои умуми тафтиши пешаки ,тобеияти тафтишоти, муҳлатҳои мурофиави,таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ.

## ОБЩИЕ УСЛОВИЯ ПРЕДВАРИТЕЛЬНОГО РАССЛЕДОВАНИЯ

В статье анализируются понятие и значение общих сроков предварительного расследования. Учитывая важность темы, автор попытался рассмотреть и изучить понятие и важность общих условий предварительного расследования на общих условиях предварительной экспертизы использования юридической литературы отечественных и зарубежных ученых и правоприменительной практики. Чтобы полностью раскрыть серию преступлений, нужно много времени и усилий. Установление всего круга обстоятельств преступления, установление всех виновных в его совершении и привлечение их к ответственности, а также обеспечение взыскания ущерба, причиненного преступлением, требует от следователя большой и долгой работы. Продолжительность предварительного расследования в некоторых случаях зависит от ряда объективных и субъективных обстоятельств, препятствующих своевременному и быстрому завершению предварительного расследования.

**Ключевые слова:** общие сроки предварительного расследования, подсудность, процессуальные сроки, следствие и предварительное следствие.

## GENERAL CONDITIONS FOR PRELIMINARY INVESTIGATION

Дар криминалистика бошад системаи усулҳои бартараф намудани қулф ҳамчун ба сифати қулф мавҷуд буда, аз мобайни онҳо шикастани қулфҳо ва кушодани қулфҳо бо тарзҳои ғайримуқаррарӣ ҷудо карда мешавад. [№1- с. 89-97].

Кандани қулф – ҳаракатҳое, ки ба воситаи намудҳои гуногуни шикаст қулфҳоро ҳамчун ба сифати монеа бартараф менамояд. Агар дар ин зулфини қулф ҳаракат накунад ҳам, он дар қулфи шикасташуда ҳангоми таъсир расондан ба деталҳои механизми махкамкунанда, ҳаракат менамояд.

Кушодани қулфҳо бо тарзи ғайри муқаррарӣ – ҳаракатҳое, ки қулфро нашикаста, ба ҳаракат даровардани зулфини он нигаронида шудааст. Ҳангоми содир кардани ҷиноят, усулҳои зерини куошдани қулфҳо бо тарзи ғайри муқаррарӣ маълум мебошад:

–Бо ёрии калидҳои интихоб карда шуда;
–Бо ёрии калидҳои сохта;
–Бо ёрии асбобҳои махсуси кушоянда (отмичка);
–Бо ёрии таҷҳизотҳои махсус (“уистити”) ё трубкаҳои махсус;
–Бо ёрии ашёҳои тасодуфӣ;
–Бо усули пахши (отжим) механикии зулфини қулф.

Калиди интихоб карда шуда гуфта, калидҳое, ки барои кушодани ягон қулфи муайян муқаррар гардида, аммо мумкин аст бо он дигар қулфҳо низ кушода шавад.

Агар калид аз тарафи ҷиноятқорон бо мақсади кушодани ягон қулфи муайян тайёр гардида бошад, чунин калидҳо нисбат ба ҳамон қулф калиди сохта (қалбакӣ) ба ҳисоб меравад. Калидҳои сохта (қалабаки)-ро аз маводҳои нимтайёр ё нусхаи калиди даркориро аз дигар калидҳо гирифтан, сурати он ва ҳангоми ба ҷиноятқорон маълум будани аломатҳои рақамии қулфи аз тарафи заводи истеҳсолгардида, ба аломатҳои механизми қулф нигоҳ карда, тайёр карда шуданаш мумкин аст. [№2- с. 89-97].

Агар калидҳои сохта барои бо мақсади ҷиноятӣ кушодани ягон қулфи муайян муқаррар шуда бошад, асбобҳои махсус кушоянда барои кушодани қулфи сохти муайян дошта таъин мегардад. Асбобҳои махсус кушоянда, ки барои кушодани қулфҳои пуржинагӣ муқаррар шудаанд, аз мех, пораи сим ва ба инҳо монанд тайёр шуданаш мумкин аст. Ин бошад ба бемамонияти дохилшавии онҳоро ба дохили сурохии калиди дар қулф буда, таъмин менамояд. Асбобҳои махсус кушоянда, ки барои кушодани қулфҳои сувалдӣ муқаррар гардидаанд, аз рӯи сохти беруниашон ба калидҳо монанд мебошанд. Дандонаҳои онҳо аз як чанд

сатҳи корӣ иборат мебошад. Ба ғайр аз он, дар дандонаҳои чунин асбобҳои махсус кушоянда барои ба муҳофизаткунанда нарасида гузаштан, дар онҳо чуқурчаҳо кофта шудаанд. Барои кушодани қулфҳои силиндрӣ аз пластинкаҳои металии хеле борик истифода бурда мешавад (Расмҳои 1,2,3).



***Расми 1. Асбобҳои махсус кушоянда (отмичка), ки барои кушодани қулфҳои ғайри сувалдӣ муқаррар шудаанд.***



***Расми 2. Асбобҳои махсус кушоянда (отмичка), ки барои кушодани қулфҳои сувалдӣ муқаррар шудаанд.***



***Расми 3. Асбобҳои махсус кушоянда (отмичка), ки барои кушодани қулфҳои силиндрӣ муқаррар шудаанд.***

Ҳангоми кушодани қулфҳо бо асбобҳои махсус кушоянда, аз ин кушояндаҳо дар деворҳои дохилии корпуси қулф ва дар механизмҳои қулф (масалан, зулфин ва сувалдаҳо) изҳои молидашуда боқӣ мемонад. Изҳои молидашудаи дар деворҳои дохилии корпуси қулф буда, дар шакли камонмонанд мешаванд. Пайи мазкур дар атрофи сурохии калид ҷойгир мешавад ва бо изҳои дандонаҳои калид мувофиқ намеоянд. Изҳои молидашудаи зулфин, лукидон ва сувалдаҳо дорои шакли ҷуйборчаҳои борик мебошанд.

Ҳангоми бо асбобҳои махсус кушоянда кушода шудани қулфҳои силиндрӣ, изҳои харошидашавӣ дар сурохии калид ва бевосита дар саракҳои штифтҳо ба вуҷуд меоянд.

Дар бисёр ҳолатҳо ҷиноятқорон қулфҳоро бо ёрдами калиди интихоб шуда мекушоянд. Дар ин ҳолат эҳтимолияти кушода шудани қулф аз то кадом дараҷа монанд будани калиди интихоб шуда ба калиди аслӣ вобастагӣ дорад.[№3- с. 193-197].

Кушодани қулфҳои пуржинагӣ, қулфҳои сувалдӣ (агар миқдори сувалдаҳо кам бошад) бо усули интихоб кардани калид, осонтар мебошад.

Ҳангоми кушодани қулф бо усули интихокунии калид, ба калиди истифодашаванда таъсирҳои гуногун расонида мешавад, ки онро ба ҳолатҳои гуногун мегузаронанд, баъзан дар натиҷаи чунин таъсир ғеҷида шудани зулфин (лукидон) ё силиндр давр заданаш мумкин аст. Хусусан дар ҳоли ҳозир усули

мазкур дар қулфҳои васеъ паҳнгашта, ки дар Чин истеҳсол карда шудаанд, хеле бисёр истифода мешаванд. Сохтакунонии калид бо роҳи аз калиди аслӣ ягон нусха гирифтан, кашидани нақшаи он ба амал бароварда мешавад.

Ҳангоми кушодани қулфҳо бо калидҳои интихобгардида ё ба нусхаи аслӣ нигоҳ карда сохта шуда, изҳо ва аломатҳои зерин ба вуҷуд омаданаш мумкин аст:

–Дар деворҳои дохилии корпуси қулфҳои сувалдӣ ва пуржинагӣ, аз дандонаҳои калиди истифода гардида изҳои шакли давра дошта боқӣ мемонад, изҳои мазкур ба изҳои калиди аслӣ ва ба диаметри изҳо мувофиқ намеояд, харошида шудани метал мушоҳида мегардад;

–Дар ҷойҳои таъсир нашудаи зулфин (лукидон) ва сувалдаҳо бо калиди аслӣ, изҳои аз дандонаҳои калиди бегона гузошта шуда ба вуҷуд меояд;

–Ба ҳолати миёнагӣ гузашта шудани механизмҳои қулф.

Ба ғайр аз ин, ҳангоми кушодани қулфҳо бо калидҳои интихоб гардида ё бегона ба қулф қувваи калони ҷисмонӣ расонида мешавад. Ин бошад дар баъзе ҳолатҳо сабаби деформатсияшавии қисмҳои қулф, шикаста шудани калидҳо (баъзан пораҳои шикаста шудаи калидҳо дар сурохии қулф боқӣ мемонад) мегардад. Агар боқимондаи калиди шикасташудаи дар қулф, дар шахси гумонбаршуда низ чунин боқимонда муайян карда шавад, бояд экспертизаи пайшиносӣ оид ба муайян кардани бутунӣ аз рӯи пораҳо таъин гардад.

Дар бисёр ҳолатҳо қулфҳо бо ёрии таҷҳизоти махсус “уистити” кушода шудан низ мумкин аст. Асбоби мазкур асосан ҳангоми гузошта шудани калид дар қулф (аз тарафи дохиили дарҳо) бо пушида будани дарҳо истифода бурда мешавад. Барои ин уистити аз берун ба сурохии дар қулф буда ҷойгир карда мешавад. Бо дандонаҳои он нугҳои меҳвари калиди аз тарафи дохил будаи қулф қапида мешавад ва дандонаҳои уистити онро оҳиста давр мезанонад, дар натиҷа қулф кушода мешавад. Дар ин ҳолат дар нуги меҳвари калид изҳои харошидашави ё пачақшудаи дандонаҳоии уистити гузошта шуданаш мумкин аст.

**Усулҳои шикастани қулфҳо ва аломатҳои ба ҳуд хоси онҳо**

Усулҳои шикастани қулфҳо хеле бисёр ва рангоранг мебошад. Истифода намудани ин ё он намуди усулҳои шикаст аз намуди қулф, ҳолати он ва аз усули ҷойгиршавии он ба дарҳо вобастагӣ дорад.

Аз ҳама қулфҳое, ки шикаста кушода мешаванд, қулфҳои овезон ба ҳисоб меравад. Шикаста шудани қулфҳои овезон чунин ба амал бароварда мешавад:

–Канда гирифтани камонҳои қулф ё ҳалқаҳои барои овезон кардани қулф ба дарҳо муқарра шуда;

–Бо усули бурридани камонҳои қулф ё ҳалқаҳои барои овезон кардани қулф ба дарҳо муқарра шуда;

–Бо усули шикастани корпуси қулф;

–Бо усули бо қувва пахш кардани канори болоии корпуси қулф.

Барои канда гирифтани камонҳои қулфҳои овезон ҷиноятқорон ба сифтаи ричаг аз намудҳои гуногуни ашёҳои сахт (лом, симҳои металӣ ва ҳоказо) истифода мебаранд. Дар натиҷаи чунин таъсир баъзе қисмҳои қулф (масалан, камони қулф, зулфини (лукидони) он) тағйир меёбад. Ҳангоми канда гирифтани камони қулф дар сараки зулфин ё дар тарафи махкамкунандаи камони қулф хамгаштаҳои гуногун, қисман шикасташавӣ, кучиши метал, харошидаҳо ба вуҷуд меоянд. Агар аз корпуси қулф тарафи дуюми камон, ки дар дохили қулф ҷойгир карда шудааст, канда гирифта шавад он гоҳ тарафи мазкури камон мешиканад.

Ҳангоми таъсир расондан ба камонҳои қулфҳои овезон онҳо ба ҳарфи лотинии “S” монанд шуда қат (деформатсия ) мешаванд. Аз олоти шикасти ҳангоми шикастани қулфҳо истифода шуда, изҳо шакли харошида ва фишурдашуда дошта боқӣ монданаш мумкин аст. Ин изҳо одатан релефи қисҳои пай ҳосилкунандаи олоти шикастро акс наменамоянд ва барои ҳамин ҳам онҳо барои идентификатсия кардан корношояманд.

Ҳангоми канда гирифтани камонҳои қулф як нуги олоти шикаст ба дар ё девор такя мекунад. Дар ин ҳолат дар ҳамон сатҳҳо пайҳои ҳаҷмӣ ба вуҷуд меояд. Пайҳои мазкур бисёртар хусусиятҳои сохти беруна ва шакли сатҳи кории олоти шикастро инъикос менамояд ва бинобар ин онҳо метавонад барои идентификатсия кардан коршоям бошанд. Канда гирифтани камони қулфи овезон ба деформатсияшавии ҳалқаҳое, ки барои овехтани қулф ба дарҳо муқаррар шудааст, оварда мерасонад.

Ҳангоми шикастани қулфҳои овезон ҷиноятқорон бисёртар ҳалақаҳое, ки барои овехтани қулфҳо муқаррар гардидаанд, канда мегиранд. Усули мазкурро

ҷиноятқорон ҳамон вақт истифода мебаранд, ки агар ҳалқаҳо нисбат ба қулфҳо камтар мустаҳкам бошанд. дар ин ҳолат дар қулф ва дар дигар қисмҳои ҷойи қулф овезон карда шуда изҳои монанд ба изҳои ҳангоми шикастани қулф ҳосилшаванда, ба вуҷуд меояд.

Ҳангоми бурридани камони қулфи овезон бо анбурҳо ё қайчиҳои оҳанбур, дар ҷойҳои бурриши камон изҳои шакли чуқурчаи фонамонанд, ки аз берун ба марказ ҳаракаткунанда мебошад, ба вуҷуд меояд.Дар сатҳҳои бурридашудаи камонҳо аз сатҳҳои асбоби бурранда изҳои шакли хатҳои байни ҳам паралелл харошида дошта, мушоҳида карда мешавад. Ин изҳо барои идентификатсия кардан коршоям шуданашон мумкин аст.

Агар камонҳои қулфи овезон бо ёрии арраи оҳани буррида шуда бошад, дар сатҳҳои бурридашудаи камонҳо изҳои шакли зинапояи бодбезакмонанд дошта ба вуҷуд меояд. Дар тарафи бурриш саршудаи сатҳи камон харошидаҳо, кучиши метал ба вуҷуд меояд, ин аломатҳо дар натиҷаи харошидашавии дандонаҳои арраи оҳанӣ ба сатҳи буррандаи камон ҳосил мешавад.

Ҳангоми бо ёрии суян бурридани камонҳои қулфи овезон сатҳи камони бурридашуда ҳариб ки ҳамвор мебошад, изҳои шакидашаваии суян дар намуди бетартибона ҷойгиршавии харошидаҳо мушоҳида карда мешавад. Агар суянҳои шакли секунҷа ё чоркунва дошта истифода гардида бошад, он гоҳ сатҳи бо суян бурридашудаи камон дорои шакли конусмонандро мегирад. Дар ҳолатҳои истифода гардидани асбобҳои дар боло оварда шуда дар қисми бурридашудаи камон ҷойи то охир суян карда нашуда мушоҳида карда мешавад, зеро ҷойи мазкур то ба охир расондани суянкунӣ шикаста меравад. Айнан ҳамин пайҳоро аз назар гузаронида ва тадқиқ карда намуди асбоби истифода гардида, паҳнии дандонҳои аррараро муайян кардан мумкин аст.

Дар бисёр ҳолатҳо ҳангоми шикастани қулфҳои овезон дар дарҳо, дохили корпуси қулф, фаршҳо, замин ва дар ҷойҳои ба инҳо монанд, заррахои оҳанӣ – боқимондаҳо (опилка), ки дар натиҷаи аррақунӣ ё суянкунӣ ё худ шикастан ба вуҷуд омадааст, мушоҳида карда мешавад. Чунин заррахои оҳанӣ дар дастон, либосҳо ва бадани шахси гумонбаршаванда ҳам боқӣ монданаш мумкин аст. Дар чунин ҳолатҳо заррахои аз ҷойи ҳодисаи содиргардида ва аз шахси гумонбаршуда гирифта шуда, бояд бо ёрии методи таҳлилӣ спектралӣ тадқиқ ва муайян карда шавад.

Дар баъзе қулфҳои овезон нугҳои пушонандаи камонҳо ба тарқиши дар корпус буда, он қадар чуқур намедароянд. Чунин сохтро қулфҳои назоратӣ дороанд. Қулфҳои ба ин монанд бо усули зер кардани канори болоии корпуси қулф кушода шуданаш мумкин аст. Барои ин, ашёи ҳамвори металӣ ба мобайни канори болоии корпуси қулф ва сарпуши иловагӣ дохил ва фушурда карда мешавад. Дар натиҷа аз сурохии корпуси қулф нуги махкамнакунандаи камон бароварда мешавад ва қулф кушода мешавад. Ҳангоми бо чунин роҳ шикастани қулфҳо дар корпуси қулф, дар сатҳҳои сарпуши иловагӣ изҳои гуногуни харошидашавӣ , фушурдашавӣ ва шикастаҳо ба вуҷуд меояд.

Ҳангоми шикастани қулфҳои овезон ҷиноятқорон аз пармаҳо истифода менамоянд. Барои ин дар корпуси қулф, сурохиро тарзе парма менамоянд, ки штфиҳои қулф гирифта шаванд. Дар натиҷа силиндре, ки бо штифтҳо дошта нашудааст, ба тарафи дилхоҳ давр зананда мешавад ва қулф кушода мешавад. Барои чунин шикасташавӣ пайҳои пармакунӣ ва боқимондаҳои металӣ афтидашуда ҳамчунин аломатҳои гуногуни дар қулф буда, ба монанди фушурдашавӣ, хос мебошад.

Шикасташавии қулфҳои беруна ва дохила нисбат ба шикасташавии қулфҳои овезон дида камтар вомехуранд. Сабаби ин дар он аст, ки барои шикастани чунин қулфҳо, ба шикаста шудани ҷойи ҷойгир карда шудаи(масалан, ҳамин қисми дар) ҳамон қулфҳо рост меояд. Танҳо дар ҳамон ҳолате бо чунин усул қулфҳо шикаста мешаванд, ки агар кушодани қулф дигар усулҳо имконнопазир бошанд. Ба ғайр аз шикастани қулфҳо намудҳои зерини бо дигар усулҳои кушодан мавҷуд аст:

–Фушурда (отжим) ҷудо кардани зулфин ;

–Кушодан бо ёрии асбоби махсус кушоянда (отмичка), калидҳои интихоб шуда ё сохта, “уистити” ва дигар таҷҳизотҳо .

*Усули фушурда(отжим) ҷудо кардани зулфин*. Усули мазкур ҳангоми кушодани қулфҳои беруна ва дохила истифода мегардад. Бисёртар зулфини қулфи силиндрӣ, ки худ махкамшаванда мебошад, фушурда ҷудо карда мешавад. Зеро, агар зулфини чунин қулфҳо дар муҳофизаткунанда нигоҳ дошта нашуда бошад, он

дар ҳолати озод ҷойгир мешавад. Барои ҳамин ба масофаи дар мобайни дар ва бурриши он буда, ашёи ҳамвор дохил карда мешавад ва бо ёрии он ба зулфин таъсир расонида шуда , онро ба дохили корпуси қулф ворид мекунанд. Ҳангоми кушода шудани қулфҳо бо ин усул, дар канор ва бурриши дарҳо, дар атрофи ковокӣ бурриш, ки барои зулфин мебошад, дар сатҳи планка (зиҳи тунукагӣ) изҳои харошидашавӣ ва пахшкунӣ боқӣ мемонад. Дар сараки зулфин изҳои харошидашудаи ба тири он паралелл ҷойгир буда ва изҳои кофта шудани метал ба вуҷуд меояд. Ҳангоми ҷудо карда кушодани зулфин дар қисмҳои механизми қулф деформатсияшавӣ пайдо мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Грибунов О. П. Судебные экспертизы, назначаемые при расследовании преступлений против собственности, совершаемых на транспорте // Вестн. Вост.-Сиб. ин-та М-ва внутр. дел России. - 2016. — № 1 (76). - С. 89-97.
2. Козлов М. О. Термины и определения в трасологической экспертизе: справ. пособ. - Волгоград: Волгогр. акад. М-ва внутр. дел России, 2007. - 192 с. 5. Замки механические: справ. пособ. для экспертов-криминалистов, специалистов сервисных служб и испытателей / ЭКЦ МВД России; под общ. ред. Ю. М. Дильдина, В. В. Крылова. - М.: ИнтерКрим-пресс, 2011. - 208 с.: Грибунов О. П. Судебные экспертизы, назначаемые при расследовании преступлений против собственности, совершаемых на транспорте // Вестн. Вост.-Сиб. ин-та М-ва внутр. дел России. - 2016. - № 1 (76). - С. 89-97.
3. Адыгезалов Р.Ф. Актуальные аспекты, проблемы криминалистического исследования отпирания цилиндровых штифтовых замков Р.Ф. Адыгезалов, М. М. Ятусевич // Вестник Полоцкого государственного университета. Криминалистическая и оперативно-розыскная деятельность. - 2011. - № 13 - С. 193-197.


## УСУЛҲОИ МУАЙЯН КАРДАНИ ШИКАСТАНИ ҚУЛФҲО ВА АЛОМАТҲОИ БА ХУД ХОСИ ОНҲО


Яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлат, ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ин бо роҳу усулҳои гуногун мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ мебошад. Барои махкам кардани дарҳои биноҳои гуногун ва иншоотҳо, сейф, ҷевон, қуттиҳои мизҳо ва объектҳои монанди инҳо аз механизмҳои гуногун, таҷҳизот ва воситаҳо истифода бурда мешавад. Аз ҳама восита маҳкамкунии васеъ паҳн гашта, қулфҳо ба ҳисоб меравад. Аломатҳои бо мақсади ҷиноятӣ кушодани қулфҳо одатан дар қисми дохилии корпуси қулф акс меёбад, аз ҳамин лиҳоз, дар тадқиқотҳои ибтидоии қулфҳо эҳтимолияти муайян карда шудани чунин аломатҳо хеле кам мебошад. Пайҳои намуди молидашуда, харошидашуда ва кучиши металӣ доштаи дар сурохии корпуси қулф, ки барои калид муқаррар шудааст ва бевосита дар атрофи он буда бошад, дар ҷараёни тадқиқотҳои ибтидоӣ муайян ва тадқиқ шуданашон мумкин аст.



**Калидвожаҳо:** қулф, калид, пайҳои шикастани қулф, олотҳои шикастани қулф, калидҳои сохта, усулҳои шикастани қулф, корпуси қулф, сарпуш.


## МЕТОДЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ РАЗРУШЕНИЯ ЗАМКОВ И ИХ ПРИЗНАКИ


Одно из основных направлений деятельности государства и правоохранительных органов – это борьба с преступностью различными способами. Различные механизмы, оборудования и инструменты используются для запирания дверей различных зданий и сооружений, сейфов, шкафов, столовых ящиков и подобных предметов. Самый распространенный способ запирания – замки. Признаки отпирания для преступных целей обычно видны на внутренней стороне корпуса замка, поэтому первоначальные исследования замков вряд ли обнаружат такие признаки. Следы смазки, царапины и налетов металла в отверстии корпуса замка, которое установлено для ключа и расположено непосредственно вокруг него, можно идентифицировать и исследовать во время первоначального исследования.



**Ключевые слова:** замок, ключ, следы взлома замка, предметы(инструменты) взлома замка, встроенные ключи, методы (способы) взлома замка, корпус замка, крышка.


## METHODS FOR DETERMINING THE DESTRUCTION OF LOCKS AND THEIR SIGNS


One of the main activities of the state and law enforcement agencies is the fight against crime in various ways. Various mechanisms, equipment and tools are used to lock the doors of various buildings and structures, safes, cabinets, dining boxes and similar items. The most common way to lock the door is with locks. Signs of unlocking for criminal purposes are usually visible on the inside of the lock body, so initial studies of locks are unlikely to detect such signs. Traces of grease, scratches and metal deposits in the opening of the lock body, which is installed for the key and is located directly around it, can be identified and examined during the initial examination.



**Keywords:** lock, key, traces of breaking the lock, objects(tools) of breaking the lock, built-in keys, methods (methods) of breaking the lock, lock body, cover.



**Сведения об авторе:** ***Нуронов Мухамад-Али Исматуллоевич*** **–** магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Тел: **+992-909-69-14-00**

**Information about the author:** ***Nuronov Muhamad-Ali Ismatulloevich*** – second-year Master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University. Phone: +**992-909-69-14-00**

# МАФҲУМИ ҲУҲҶАТ ДАР КРИМИНАЛИСТИКА

***Рачабзода Х. Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз замонҳои қадим инсоният кушиш менамуд, ки дониш ва таҷрибаро аз насл ба насл мерос гузорад. Бо инкишоф ёфтани ҷамъият зарурати қайднамоии иттилоот ба вуҷуд омад, ки шаклҳои аввалини он тавассути тасвирҳо қайднамоии иттиллоот буд. Инчунин бавуҷудоии хат такони ҷиддӣ дар ин самти фаъолияти инсонӣ гардид.

Маҳз дар натиҷаи пайдоиши хат ҳуҷҷаткунонӣ ба вуҷуд омад. Инчунин ақидаҳое, низ мавҷуданд, ки маҳз зарурияти қайднамоии иттиллоот боиси пайдоиши хат гардид. Ҳамчунин ба сифати яке аз дастовардҳои бузурги башарият, ин ихтироъ намудани қоғазро метавон эътироф намуд, ки истифодаи он ба сифати мавод барои хатнависӣ боиси сарфа гардидани вақти тайёр намудани дастхатҳо гардид. Бо вуҷуди яке аз дастовардҳои нодир эътироф шудани ихтирои қоғаз, он низ натавонист, ба доираи васеӣ мардум дастрас гардад.

Инкишофи ҷомеа ва инсоният, шаклгирии муносибатҳои ҷамъиятӣ боиси ба вуҷуд омадани меъёрҳои хаттӣ, фармонҳо, қонунҳо ва ғ. гардиданд, ки ҳамаи ин ба рушду инкишофи ҳуҷҷат ва ҳуҷҷатгузорӣ замина гузоштанд. Ҳуҷҷат ва ҳуҷҷатгузорӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, идоракунӣ, ҳуқуқӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври васеъ истифода гардида, тартиби истифодабарӣ ва муносибат ба онҳо низ тадриҷан шакл гирифт.

Функсияи асосии ҳуҷҷат ин қайднамоии муносибатҳои ҳуқуқӣ байни одамон, давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаю ташкилот, муқаррар намудани фактҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки тавассути онҳо қонунгузор бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ ва қатъгардии муносибатҳои ҷамъиятиро алоқаманд менамояд. Ин функсияи ҳуҷҷат аз замони пайдоиши он оғоз гардида минбаъд то шакли муосир инкишоф ёфтааст.

Худи мафҳуми ҳуҷҷат бошад аз калимаи лотинии“documentum” (ҳама чизе, ки ба сифати шаҳодатдиҳанда, намуна баромад мекунад) [1, с.13] гирифта шуда маъноиш намуна, шаҳодатдиҳанда, далел, ҳама гуна объекти моддӣ ки ба сифати баранда, нигоҳдоранда ва инъикоскунандаи маълумоти дар шакли муқарраршуда қайдгардида, барои интиқоли он дар фазо ва замон пешбинӣ гардидааст. Бо гузашти замон мафҳуми ҳуҷҷат маҳдуд гардид, ки минбаъд дар зери мафҳуми ҳуҷҷат объекти дорои маълумоти қайдгардида, ки махсус барои нигоҳдорӣ ва интиқоли он дар фазо ва замон пешбинӣ гардидааст, фаҳмида мешуд.

Оид ба мафҳуми ҳуҷҷат дар байни олимон бошад ягонафикрӣ вуҷуд надошта ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Масалан Даль дар луғати худ ҳуҷҷатро ба мазмуни умумиистифодашаванда пешниҳод намудааст, ки чунин аст, “ҳуҷҷат ин ҳама гуна қоғази расмӣ, ҳамчунин диплом, шаҳодатнома ва ғ.” [2, с.31]. Дар луғати энсиклопедии худ Ф.Ф. Павленко бошад ҳуҷҷат гуфта “1. Ҳамагуна қоғази бо тартиби қонунӣ омодакардашуда, ки метавонад исботкунандаи ҳуқуқ ба ягон чиз, ё иҷрои ягон уҳдадорӣ баромад намояд. 2. Ҳамагуна далели хаттӣ” эътироф мегардад.

Тибқи ақидаи Белкин Р.С. “объекти моддӣ, ки дар он бо ёрии аломатҳо, нишонаҳо ва дигар элементҳои забони табии ё сунъӣ маълумот оид ба далелҳо қайд мегарданд ҳуҷҷат ҳисобида мешавад” [3, с.68]. Дар адабиётҳои криминалистӣ таърифҳои гуногун оид ба мафҳуми ҳуҷҷат пешбарӣ мегарданд, аз ҷумла Сальтевский М.В. онро шартан ба ду гуруҳ ҷудо мекунад:

1) Таърифе, ки мувофиқи он ҳуҷҷат ин санади хаттии шаҳодатдиҳандаи ҳолатҳои аҳамияти ҳуқуқидошта эътироф мегардад.

2) Таърифе, ки мувофиқи он дар зери мафҳуми ҳуҷҷат ин ҳамагуна предметҳои фаъолияти мақсадноки инсон, ки бо истифодаи тарзҳои умумиэътирофшуда ё махсус маълумотҳои воқеии барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдошта қайд карда мешаванд, эътироф мегардад. [4, с.335]

Мафҳуми ҳуҷҷат ба маънои васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад. Ба маънои маҳдуд дар зери мафҳуми ҳуҷҷат санади хаттии ба сифати муайянкунанда ё шаҳодатдиҳандаи ягон чиз баромад кунанда, фаҳмида мешавад. Ба маънои васеъ бошад, ҳуҷҷат ҳамчун маводҳои матнӣ ё графикии дастнавис, ба воситаҳои типографӣ ё мошинаҳо чопкарда шуда, тасвиркардашуда, нақшакашишуда ё ҳакокишуда, ин чунин лентаҳои магнитӣ ва дискӣ, кино, негативҳо ва позитивҳои

аксӣ, инчунин дигар барандагони маълумот, фаҳмида мешавад. [5, с.290] Дар криминалистика бошад ҳуҷҷат маҳз бо мазмуни васеъ фаҳмида мешавад.

Ҳамаи ин фаҳмишҳои дар боло овардашуда оид ба мафҳуми ҳуҷҷат ниҳоӣ набуда ҳамчунин дигар мутахассисон низ ақидаҳои мухталиф оид ба ин падида пешбарӣ намудаанд.

Чуноне ки аз тамоми мафҳумҳои ҳуҷҷат, ки аз ҷониби олимони гуногун пешбарӣ гардидаанд, маълум мешавад ҳамаи онҳо моҳияти маълумотии (информатсионӣ) ҳуҷҷатро қайд менамоянд.

Мувофиқи моддаи 1 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоотонӣ" аз 06.08.2001. №40 "иттилооти ҳуҷҷатшуда (ҳуҷҷат) – иттилооти дар ягон ҳомили моддӣ сабтшуда бо маълумоте, ки ин иттилоотро исбот месозад" ба ҳисоб меравад. Аз ин бармеояд, ки ҳуҷҷат ин иттилоот мебошад, ки дар ягон шакл пешниҳод карда мешавад. Мафҳуми иттилоот бошад бевосита дар қонуни мазкур ва инчунин моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоот" аз 10.05.2002. №55 айнан муқаррар карда шудааст. Дар қонунҳои зикргардида мафҳуми иттилоот чунин пешбинӣ шудааст: "иттилоот – маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо".

Мувофиқи моддаи 78 ва 82-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳо метавонанд далелҳои шайъӣ вобаста ба парванда ё ҳуҷҷатҳои дигар бошанд. Далелҳои шайъӣ ин далелҳое мебошанд, ки алоқамандии бевосита ба ҷиноят доранд, ва бояд қайд намуд, ки дилхоҳ намуди ҳуҷҷат метавонад ба сифати далели шайъӣ баромад намояд. Мувофиқи моддаи 82 КМҶ ҳуҷҷатҳои дигар ҳамчун далел эътироф мешаванд, ба шарте ки маълумоти дар онҳо аз ҷониби корхонаву ташкилот, шахсони мансабдор ва воқеӣ инъикос ё тасдиқнамуда барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта бошанд. Ҳуҷҷат метавонад маълумотеро дарбар гирад, ки хаттӣ ё ба тарзи дигар сабт шудааст. Ба ҳуҷҷат маводи аксӣ ва навори кино, сабти аудио ва видео дохил мешаванд, ки аз сарчашмаҳои электронии иттилоот ва манбаъҳои дигар гирифта шудаанд ё бо тартиби пешбининамудаи моддаи 86-и Кодекси мазкур пешниҳод ва ҳамчун далели парванда эътироф гардидаанд.

Агар ҳуҷҷат дорои ҳамаи нишонаҳои дар моддаи 78-и кодекси мазкур зикргардида бошад, далели шайъӣ ба ҳисоб меравад. Чуноне, ки бармеояд мафҳуми ҳуҷҷат ба маънои васеъ, ки профессор Ищенко Е.П. пешбарӣ намудааст ва мафҳуми ҳуҷҷатҳои дигар, ки дар моддаи 82-и КМҶ ҶТ оварда шудаанд ба ҳамдигар шабоҳат доранд.

Инчунин ҳуҷҷатҳо метавонанд ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва далелҳои шайъӣ бошанд. Ҳуҷҷатҳои хаттӣ барои муайян намудани ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ танҳо вобаста ба муҳтавояшон хизмат карда метавонанд (аз ҷумла хулосаи коршинос, маълумотнома аз ҷои кор ва ғ.). Ҳуҷҷатҳои аҳамияти далели шайъидошта объектҳои тадқиқоти криминалистӣ ба ҳисоб мераванд. Фарқияти асосии ҳуҷҷатҳо- далелҳои шайъӣ аз дигар ҳуҷҷатҳо дар он аст, ки онҳо ивазнашаванда мебошанд. Аз дигар ҳуҷҷатҳо метавон нусхабардорӣ намуд, ки дар он муҳтавои ҳуҷҷат нигоҳ дошта мешавад. ҳуҷҷат- далели шайъӣ бошад бояд дар шакли аслӣ пешниҳод гардад.

Дар моддаи 74-и Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад мафҳуми далелҳои хаттӣ дода шудааст. Чуноне ки аз мафҳуми додашуда бармеояд далелҳои хаттӣ яъне шартномаҳо, санадҳо, маълумотномаҳо, муросилоти корӣ, дигар ҳуҷҷатҳое, мебошанд, ки дар шакли рақамӣ, сабтҳои графикӣ ё дигар восита иҷро шудаанд, барои муқаррар намудани мазмуни ҳуҷҷат имконият медиҳанд ва маълумотро оид ба ҳолатҳое дарбар мегиранд, ки барои парванда муҳиманд. Ҳамчунин ин модда протоколҳои маҷлиси судӣ, протоколҳои ҳаракатҳои алоҳидаи мурофиавӣ, ва замима ба онҳоро ҳамчун далелҳои хаттӣ эътироф намудааст. Ҳуҷҷатҳои тавассути алоқаҳои фиксималӣ, электронӣ, ё дигар намуди алоқа гирифташуда, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои бо имзои рақамӣ, ё бо шабоҳати дигари имзои дастӣ имзо шудаанд, дар ҳолатҳо ва тартиби муқарранамудаи қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё шартнома ба сифати далелҳои хаттӣ истифода мешаванд.

Ҳамчунин таснифоти дигаре, ки аз ҷониби олимони криминалист карда шудааст, ҷолиби диққат аст, ки тибқи он ҳуҷҷатҳоро вобаста ба асосҳои зерин таснифбандӣ мекунанд:

1) Аз рӯи таъинот (муайянкунандаи ягон факт ва ҳуқуқ ва дарбаргирандаи маълумоти муайян, масалан хусусияти маълумотидошта).

2) Аз рӯи сарчашмаи пайдоиш (расмӣ, аз муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ аз шахсони хусусӣ,

3) Аз рӯи тарзи тайёрнамоӣ (дастнавис, дар мошинкаҳо чопкардашуда, ба тарзи типографӣ омодашуда, тавассути воситаҳои полиграфии хурд омодашуда, ҳамчунин бо ёрии аксбардорӣ тайёршуда).

4) Аз рӯи навбати пайдоиш ( аслӣ, нусха).

Ҳамчун сарчашмаи иттилооти исботкунанда оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳуҷҷатҳоро метавон ба аслӣ ва қалбакӣ ҷудо мекунанд.

Ҳуҷҷати аслӣ ба воқеият чи аз рӯи шакл ва чи аз рӯи мазмун мутобиқат менамояд:

-фактҳо, рӯйдодҳо ва хусусиятҳое, ки дар ҳуҷҷат хабар дода мешавад, дар ҳақиқат ҷой доштанд, тавсифдиҳандаи хусусиятҳое, мебошанд, ки дар ҳуҷҷат тасвир гаштаанд, ҳамчунин фактҳои исботкунанда бо ҳуҷҷат мутобиқат мекунанд;

-шакл (вобаста аз намуди ҳуҷҷат) ба талаботи мувофиқати ҳамаи реквизитҳо ба воқеият ҷавобгӯ бошад.

Ҳуҷҷатҳои аслиро бошад ба эътиборнок ва беэътибор (қувваи қонуниашонро гумкарда, масалан: ваколатномае, ки муҳлаташ гузаштааст) ҷудо мекунанд.

Ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ба чунин намудҳо ҷудо мешаванд:

-бо сохтакории зеҳнӣ (агар он аз рӯи шакл дуруст бошад, вале аз рӯи мазмун ба воқеият мутобиқат накунад);

-бо сохтакории моддӣ (сохтакории мазмун ё дигар реквизитҳои ҳуҷҷат бо роҳи ворид намудани тағйиротҳои муайяни моддӣ);

Яке аз унсурҳои асосии ҳуҷҷат ин реквизитҳои он мебошанд. Мафҳуми реквизити ҳуҷҷат (реквизит) яке аз мафҳумҳои асосӣ дар тадқиқоти техники криминалистии ҳуҷҷатҳо мебошад. Асоси онро чунин категорияҳои ҳуқуқӣ ба мисли ҳуҷҷат, бланкаи ҳуҷҷат, шакли ҳуҷҷат ташкил медиҳанд. То айни замон таърифи ягонаи ин падидаи ҳуқуқӣ дар адабиётҳо ҷой надорад. Олимон ва мутахассисон аксаран таърифҳои реквизитро ба шаклҳои гуногун пешниҳод менамоянд. Чуноне ки баъзе олимон ба реквизитҳои ҳуҷҷат қоғази махсус, бланка ва дигарҳо бошанд тури ҳимоявиро дохил мекунанд. Россинская Е.Р. ҳамчун реквизити ҳуҷҷат гуфта қайдҳои дастнавис ва имзоҳоро меҳисобад. Белкин Р.С. бошад оид ба мафҳуми реквизити ҳуҷҷат чунин ақида баён мекунад. “Реквизити ҳуҷҷат ин маҷмӯи маълумотҳои фардикунонандаи ҳуҷҷат ва маҷмӯи ифодаҳои ҳатмии ҳуҷҷат мебошанд”. [6, с.47] Калимаи реквизит бошад аз калимаи лотинии “requisitum” (ҳатмӣ, зарурӣ) гирифташуда, ифодакунандаи элементи ҳатмии қайднамоии ҳуҷҷати расмӣ мебошад. Таърифҳои гуногуни мафҳуми мазкур мавҷуданд, ки якчандтои онро баррасӣ менамоем. Дар энсиклопедияи калони советӣ истилоҳи реквизит чунин шарҳ ёфтааст. “Реквизит маълумотҳои ҳатмӣ, ки мавҷудияти онҳо асосӣ воқеӣ эътироф гардидани ҳуҷҷат мебошад.” [7, с.73]

Дар асоси мафҳумҳои дар боло овардашуда ва нуқтаҳои назари мутахассисон чунин хусусиятҳои реквизити ҳуҷҷатро ҷудо намудан мумкин аст:

1) Маҷмӯи таъинотҳои барои гуруҳи мушаххаси ҳуҷҷатҳо хос;

2) Имконияти ин маҷмӯъ барои фардикунонии ҳуҷҷати муайян;

3) Маҷмӯи таъинотҳо бояд боиси аҳамияти ҳуқуқидошта эътироф гардидани ҳуҷҷат гарданд;

4) Қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ, дастурамалҳо таркиби реквизитҳоро батанзим дароварда, мавқеъ ва андозаи онҳоро муайян мекунанд;

Хусусиятҳои додашуда имконият медиҳанд, ки таърифи мукаммалтари реквизити ҳуҷҷат пешниҳод карда шавад. Ҳамин тариқ реквизити ҳуҷҷат ин маҷмӯи муқаррароти муайян, ки шумора, андоза ва ҷои ҷойгиршавии он тибқи қонун муқаррар карда мешавад, онҳо ҳуҷҷатро фардӣ намуда ба он аҳамияти ҳуқуқӣ медиҳад.

Ба реквизитҳои ҳуҷҷат инҳоро дохил намудан мумкин аст:

- Дастнависҳои ҳарфӣ, рақамӣ ва матнҳои омехта;
- Нақши муҳрҳо, муҳру штампҳо, телеграф, дастгоҳҳои кассавӣ ва дигар дастгоҳҳои чопкунанда, матнҳои дармошинкаҳо чопшуда;
- Реквизитҳои часпонидашуда, аксҳо ва маркаҳо;
- Аломатҳои компостерӣ; [8, с.14]

Дар адабиётҳо ва сарчашмаҳои гуногун оид ба реквизити ҳуҷҷатҳо таснифотҳои гуногун пешбарӣ карда мешаванд, ки аз ҳама зиёд истифодашаванда ин ба ҳатмӣ ва иловагӣ ҷудо намудани реквизитҳои ҳуҷҷат мебошад.

Бо дарназардошти рушду инкишофи бемайлони тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ ва тараққиёти босуръати илмӣ техникӣ дар ҳуҷҷатшиносӣ ва коргузорӣ инчунин ҳамчун масъалаи асосии тадқиқотҳои назарию амалӣ дар соҳаи криминалистика ва экспертизаи судӣ махсусан тадқиқоти техникӣ криминалистии ҳуҷҷатҳояке аз масъалаҳои марказимафҳуми ҳуҷҷат боқӣ мемонад. Зеро ки бавуҷудоии унсурҳои нав дар ҳуҷҷатҳои мавҷудбуда ва инчунин пайдоиши шаклҳои нави нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли итиллоот ногузир боиси пайдоиши шаклҳои нави ҳуҷҷат мегардад, ки зарурияти омӯзиш, муқаррар намудани унсурҳо ва аломатҳои онҳо ва қонунан мустаҳакамнамоии онҳо бавуҷуд меояд. Бавуҷуд омадани ҳуҷҷатҳои пластикӣ, биометрӣ ва электронӣ аллакай мафҳуми ҳуҷҷат, реквизит ва аломатҳое, ки ба ҳуҷҷатҳои анъанавӣ дахл доштанд, зери суол мегузорад, зеро ки он унсурҳо дар шаклҳои нави ҳуҷҷат ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтаанд ва ё ин ки тамоман вуҷуд надоранд. Бинобар ин зарурият ба тағйр додан ва мукаммал кардани он то ҳол ҳамчун мавзӯи мубрам боқӣ мемонад.

## АДАБИЁТ


1) Терзиев Н.В. Введение в криминалистическое иследование документов. Ч.1. М 1949 С.13.
2) Торопова М.В. Криминалистическая экспертиза установления относительной давности выполнения реквизитов документов: диссертация канд. юр. Наук. М. В. Торопова . М. 2014 С.31
3) Белкин Р.С. криминалистическая энциклопедия. Мегатрон, М 2000 С. 68
4) Сальтевский М.В. Криминалистика. Харьков. Рубикон, 1997. С. 335
5) Ищенко Е.П., Топорков А.А. Криминалистика. М: "КОНТРАКТ", ИНФРА-М, 2006 с.290
6) Ляпичева В.Е., Шведова Н.Н. Технико криминалистическая экспертиза документов: учебник под ред. В.Е. Ляпичева, Н.Н. Шведова. Волгоград: Волгоградская академия МВД России, 2005. С. 47
7) Селин Л.Ф. Большая советская энциклопедия: (т.30). гл. ред. А.М.Прохоров. 3-е изд. М. Советская энциклопедия, 1969-1978, т.23. С.73.
8) Волков А.А. Диагностика в технико криминалистическом исследовании реквизитов документов: дис. канд. юр.наук. А.А.Волков.-Саратов, 1999 С.14


## МАФҲУМИ ҲУҶҶАТ ДАР КРИМИНАЛИСТИКА


Объекти тадқиқот мафҳуми ҳуҷҷат дар криминалистика ҳамчун яке аз унсурҳои марказии тадқиқоти техникӣ криминалистии ҳуҷҷатҳо мебошад. Предмети тадқиқот бошад, масъалаҳои назариявии дарбаргирандаи мафҳуми ҳуҷҷат дар криминалистика, таснифоти ҳуҷҷатҳо аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ, инчунин аломатҳои фардикуноннадаи ҳуҷҷат-реквизитҳои он ба ҳисоб меравад. Дар мақолаи мазкур нуқтаи назари олимони соҳаи криминалистика ва махсусан мутахассисоне, ки дар бахши тадқиқоти техникӣ криминалистии ҳуҷҷатҳо корҳои илмӣ намудаанд, инчунин моддаҳои алоҳидаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ки фарогирӣ масоили мазкур мебошанд, мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Ҳамчунин дар мақолаи мазкур таснифи ҳуҷҷатҳо вобаста ба маҳакҳои гуногун, баррасӣ гардида, мафҳум ва намудҳои аломатҳои фардикунонандаи ҳуҷҷат-реквизитҳои он шарҳ дода мешавад. Бо дарназардошти нуқтаҳои назари олимони мухталиф, меъёрҳои моддаҳои алоҳидаи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ва амалияи коргузорӣ ва тафтиши ҷиноят вобаста ба объекти мазкур кушиш карда мешавад, ки мафҳумҳои асосноки ҳуҷҷат ва реквизитҳои он пешбарӣ карда шавад.



**Калидвожаҳо:** итиллоот, итиллоотонӣ, итиллооти ҳуҷҷатшуда, ҳуҷҷат, аломатҳои фардикунонанда – реквизитҳои ҳуҷҷат.


## ПОНЯТИЕ ДОКУМЕНТА В КРИМИНАЛИСТИКЕ


Объектом исследования является понятие документа в криминалистике как один из центральных элементов технико-криминалистическое исследование документов. Предметом исследования являются теоретические вопросы понятия документа в криминалистике, классификация документов с научной и практической точки зрения, а также индивидуализирующые признакы документа - его реквизиты. В статье анализируются взгляды криминалистов и особенно специалистов в области технико-криминалистические исследования документов, а также отдельных статей действующего законодательства Республики Таджикистан, затрагивающих эти вопросы. В этой статье также рассматривается классификация документов по разным критериям, разъясняются понятие и типы отдельных признаков документа - его реквизиты. Принимая во внимание взгляды разных ученых, нормы отдельных статей нормативных правовых актов и практику делопроизводства и расследования преступлений, связанных с данным объектом, предпринята попытка дать обоснованное определение документа и его реквизитов.



**Ключевые слова:** информация, информатизация, документированная информация, документ, индивидуализирующие признакы-реквизит документа.


## CONCEPT OF A DOCUMENT IN FORENSIC SCIENCE


The object of the research is the concept of a document in forensic science as one of the central elements of the technical and forensic study of documents. The subject of the research is the theoretical issues of the concept of a document in forensic science, the classification of documents from a scientific and practical point of view, as well as the individualizing features of a document – its requisites. The article analyzes the views of

criminologists and especially specialists in the sphere of technical and forensic studies of documents, as well as individual articles of the current legislation of the Republic of Tajikistan, affecting these issues. This article also discusses the classification of documents according to different criteria, explains the concept and types of individual characteristics of a document - its details Taking into account the views of different scholars, the norms of individual articles of regulatory legal acts and the practice of office work and investigation of crimes related to this object, an attempt was made to give a reasonable definition of the document and its details.

**Keywords:** information, informatization, documented information, document, individualizing signs-requisites document.

**Сведения об авторе:** ***Раджабзода Хисрав Наджмиддин*** – магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Тел: **985 01 03 81**

**Information about the author:** ***Rajabzoda Hisrav Najmiddin*** – second-year Master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University. Phone: **985 01 03 81**

## ИСТОРИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОГО ПРАВА

***Келдиева Дж.Р.***
**Российско-таджикский (Славянский) университет**

Российское предпринимательское право имеет глубокие исторические корни, тесно переплетенные с торговым и хозяйственным правом дореволюционного и советского периодов развития нашей страны. Каждый пройденный этап общественно-экономического развития России характеризуется особым подходом государства к регулированию экономической деятельности и поэтому заслуживает научного анализа для выявления динамики становления и развития предпринимательского права как системы правовых норм, регулирующих общественные отношения в сфере предпринимательской деятельности.

Развитие предпринимательского права в России Древнейшим видом предпринимательской деятельности является торговля, которой славянские племена занимались задолго до появления первых письменных документов. Среди древнейших источников предпринимательского права можно назвать договоры Руси с Византией (907, 911, 944, 971), определявшие порядок торговых связей между странами. Первый свод законов Древней Руси, составленный Киевским князем Ярославом Мудрым в 1016 г. и дополненный затем его преемниками, – Русская Правда – выделял купечество в обособленную социально-экономическую группу, регулировал отношения продавцов и покупателей, определял виды торговых сделок, устанавливал различные виды банкротства торговых людей и порядок возврата денег. Эти положения Русской Правды не были настолько развитыми, как соответствующие институты торгового права XI–XII вв., используемые, например, в городах итальянского или германского побережья. Тем не менее древнерусское торговое право развивалось в одном направлении со всем европейским торговым правом, которое по утверждению Г. Дж. Бермана было «транснациональным» и разрабатывалось преимущественно самими купцами в процессе организации международных ярмарок и рынков сбыта [1].

Торговый устав 1653 г. упразднял многочисленные местные таможенные уставные грамоты, введя на Руси единое общегосударственное таможенное обложение (по 10 денег от рубля продаваемых товаров). В Новоторговом уставе 1667 г. развивались положения прежнего устава, регулировался порядок осуществления внутренней и внешней торговой деятельности, взаимодействия с иностранными торговцами. В частности, устанавливалось правило о том, что ввозимые товары должны иметь свойства, указывающие на место их производства, а таможенные работники обязаны предотвращать ввоз низкосортной продукции [2]. Новоторговый устав признается историками в качестве «вершины законодательства» в сфере торговли и таможенного дела, отразившей особенности русского меркантилизма. Впоследствии Новоторговый устав был заменен Таможенным уставом 1755 г. Говоря в целом о развитии предпринимательства Древней Руси, можно заключить, что до монголо-татарского ига и установления порядков Золотой Орды в экономике складывались благоприятные условия для экономической инициативы ввиду наличия большей свободы у субъектов хозяйствования. В дальнейшем происходит усиление роли государства во всех областях жизни населения и в первую очередь в экономической сфере. Объединение княжеств вокруг Москвы сопровождалось ликвидацией автономии местных купеческих корпораций, торговые люди становились политически

бесправными. В политике и экономике начинает преобладать авторитарное начало, увеличиваются фискальные сборы, закрепляется государственная монополия на «заповедные» товары. Введение сословных ограничений на занятие торговлей и развитие системы крепостничества выступили долгосрочными факторами сдерживания предпринимательской активности населения. К положительным достижениям этого периода относятся заложенные основы единого общероссийского торгового права, попытки найти баланс между публичными и частными интересами для обеспечения успешного развития страны. Следующий этап развития предпринимательского права в России связан с преобразованиями Петра I, стремившегося унифицировать российское право с западноевропейским как более передовым. В 1711 г. Указ Сената расширил круг лиц, наделенных правом на осуществление торговой деятельности, предоставив право «всякого чина людям» «торговать всеми товарами везде». В 1721 г. был издан регламент главного магистра, в соответствии с которым предприниматели делились на две гильдии. К первой гильдии были отнесены банкиры, известные купцы, мастера золотых и серебряных дел и др. Во вторую гильдию вошли торговцы мелочными товарами, харчевыми припасами и ремесленники. В 1724 г. Указом «О таможенном суде по словесным прошениям» был создан специальный суд для рассмотрения споров «купеческих людей». Во времена правления Петра I появились передовые организационно-правовые формы предпринимательской деятельности: компании, артели, товарищества. Берг-коллегия, Коммерц-коллегия, Мануфактур-коллегия, созданные по указу Петра I, были призваны развивать промышленность и торговлю, разрабатывать программу мероприятий содействия предпринимательству, регламентировать экологическую сторону предпринимательской деятельности и пр. [4]. XVIII в. ознаменовался принятием правовых актов, регулирующих отдельные вопросы торгово-хозяйственной деятельности, в частности, были приняты Морской устав (1720), Вексельный устав (1729), Устав о банкротах (1740), Таможенный устав (1755), Устав о купеческом водоходстве (1781), Цеховой устав (1799) и др. Императрицей Елизаветой Петровной были учреждены банки – дворянский и купеческий. Купцам предоставлялось надежное поручительство, и для возврата долга был установлен срок в один год. Произошло активное развитие кредитных организаций [5]. Благоприятные условия для развития предпринимательства старалась создать императрица Екатерина II. Хозяйственно-правовая мысль в СССР возродилась после XX съезда КПСС. В 1960-е гг. получила развитие третья школа хозяйственного права, основоположником которой в России выступил академик РАН В. В. Лаптев. Концепция исходила из необходимости единства правового регулирования хозяйственных отношений, складывающихся как при осуществлении хозяйственной деятельности (отношений горизонтального характера), так и при руководстве ею (вертикальные отношения). Сочетая элементы публичного и частного права, эта концепция дала возможность обосновать расширение прав государственных предприятий в рамках обязательных для них плановых заданий. Ее сторонники внесли весомый вклад не только в исследование теоретических проблем хозяйственного права, но и в разработку некоторых основополагающих хозяйственно-правовых актов при проведении экономической реформы 1965 г. Кроме того, на синтезе начал частного и публичного права был создан проект Хозяйственного кодекса СССР, который, однако, так и не был принят. Реабилитация частной предпринимательской деятельности в российском законодательстве произошла лишь в конце XX в., когда начался переход от командно-плановой экономики к рыночной. Возрождение предпринимательства связано с принятием законов «Об индивидуальной трудовой деятельности» (1986), «О кооперации в СССР» (1988), «О собственности в СССР» (1990), «О предприятиях и предпринимательской деятельности» (1990), «О банках и банковской деятельности» (1990), «Об общих началах предпринимательства граждан в СССР» (1991), «О конкуренции и ограничении монополистической деятельности на товарных рынках» (1991), «О регистрационном сборе с физических лиц, занимающихся предпринимательской деятельностью, и порядке их регистрации» (1991), «Об инвестиционной деятельности в РСФСР» (1991), «О защите прав потребителей» (1992). Законом РФ от 09.12.1992 № 4061-1 «Об изменениях и дополнениях Конституции (Основного закона) РФ – России» была закреплена частная, государственная, муниципальная и собственность общественных объединений. В дальнейшем базой для развития предпринимательского права стала Конституция РФ 1993 г., закрепившая основополагающие принципы предпринимательства в нашем государстве: законности, свободы экономической деятельности, свободы конкуренции и ограничение

монополий, признания и равной защиты всех форм собственности, единого экономического пространства страны, государственного регулирования предпринимательства, разграничения компетенции различных государственных органов в сфере правотворчества, включения общепризнанных принципов и норм международного права в правовую систему РФ. Указанные конституционные принципы заложили основы предпринимательского правопорядка, получив свое развитие во многих нормативно-правовых актах предпринимательского права. Важнейшим из них является Гражданский кодекс РФ, называемый некоторыми исследователями «экономической конституцией». Кодифицированными правовыми актами в сфере предпринимательства выступают также Налоговый кодекс РФ, Арбитражный процессуальный кодекс РФ и др. Современную систему «предпринимательского» федерального законодательства предлагается условно разделить на шесть групп: 1) законы, регулирующие предпринимательскую (хозяйственную) деятельность в целом и гарантии ее осуществления; 2) законы, устанавливающие правовое положение отдельных субъектов права, действующих на рынке; 3) законы, регулирующие отдельные виды предпринимательской деятельности; 4) законы, устанавливающие статус субъектов права и их деятельность; 5) законы, устанавливающие правовой режим объектов предпринимательско-правовых отношений; 6) законы, устанавливающие требования к предпринимательской деятельности. В настоящее время касаемо проблемы определения места предпринимательского законодательства в системе права сложились две полярные научно-теоретические концепции. Дуалистический (цивилистический) подход (Е. А. Суханов, В. П. Мозолин, В. Ф. Попондопуло, С. Э. Жилинский и др.) исходит из того, что частноправовые отношения между юридически равноправными субъектами предпринимательской деятельности регулируются единым гражданским правом, а отношения по организации и руководству предпринимательской деятельностью – административным и некоторыми другими отраслями права (финансовым, налоговым и др.). Другими словами, представители данной концепции отрицают целесообразность конструирования предпринимательского права как самостоятельной отрасли права. Монистическая концепция, напротив, исходит из необходимости признания самостоятельности отрасли хозяйственного (предпринимательского) права и создания соответствующего кодекса законов. По мнению сторонников этой концепции (В. В. Лаптев, В. С. Мартемьянов, И. В. Дойников, В. К. Мамутов, В. С. Анохин, И. В. Ершова и др.), эта отрасль представляет собой совокупность норм, регулирующих отношения между субъектами предпринимательской деятельности, а также тесно связанные с ними иные отношения, в том числе создающие условия для осуществления предпринимательской деятельности и воздействующие на субъектов предпринимательской деятельности в процессе государственного регулирования экономики. Отдельным направлением в данной концепции предпринимательского права выделяются работы авторов, трактующих предпринимательское право как комплексную отрасль права (Ю. К. Толстой, М. Д. Шаргородский, П. Г. Лахно и др.).

Итак, нами был рассмотрен генезис становления предпринимательского права в России, который происходил посредством формирования различных экономических институтов. Как мы увидели, существующий в государстве политический строй на том или ином этапе развития в значительной мере отражался и продолжает отражаться как на теории предпринимательского права, так и на основах предпринимательского законодательства. В силу известных исторических событий в нашей стране поступательное развитие предпринимательства было прервано, тем не менее концептуальные основы современных трактовок предмета предпринимательского права были заложены еще в конце XIX – начале XX вв. В настоящее время в научном и практическом плане является актуальным вопрос определения места предпринимательского права в российской системе права и формирования комплексного правового регулирования предпринимательства на основе единого хозяйственного кодекса.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Белых В. С. Правовое регулирование предпринимательской деятельности в России. М.: Проспект, 2014. 432 с.
2. Бортников С. П., Пашков А. В. Рыночное предпринимательское право Российской Федерации. Самара: Самарский университет, 2011. 499 с.
3. Зайцева Г. В. Исторические факты развития предпринимательства и налогообложения в России // Современное развитие малого бизнеса: материалы II Всерос. профессиональн. конф. с междунар.

участием. Челябинск: ЧОУ ВО ЧИЭП им. М. В. Ладошина, 2014. С. 20–26Иващенко А. А. Традиции предпринимательства в России и диалектика его гражданско-правового регулирования // Вестник Пермского университета. Юридические науки. 2012. № 4. С. 73–82.
4. Лаптев В. В. Предмет и система хозяйственного права. М.: Юридическая литература, 1969. 175 с.
5. Мамутова В. К , Хозяйственное право / под ред.. Киев: Юринком Интер, 2002. 912 с.
6. Маньков А. Г. Законодательство и право России второй половины XVII века. СПб.: Наука, 2002. 214 с.
7. Платонов О. А. Энциклопедия купеческих родов. 1000 лет русского предпринимательства. М.: Современник, 1995. 470 с.
8. Стучка П. И. Классовое государство и гражданское право. М.: Издательство Социалистической академии, 1924. 78 с.
9. Шубников Ю. Б. Становление и развитие правового обеспечения предпринимательской деятельности в России IX – начала XX вв.: Историко-теоретическое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. СПб., 2002. 363 с.

## ИСТОРИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОГО ПРАВА

Предметом рассмотрения представленной статьи стали основные этапы становления хозяйственного, торгового, коммерческого, предпринимательского права на территории нашего государства как комплекса норм права, а также науки российского предпринимательского права, – с применением теоретических основ и подходов к осмыслению ее специфики. Для достижения заявленной цели сформировано представление об исторических корнях предпринимательства и традициях хозяйственного, торгового, коммерческого права в России. Российское предпринимательское право как отрасль права было рассмотрено с позиции нормативного обеспечения правоотношений, входящих в его предмет регулирования, которое на сегодняшний день находится в стадии становления, развития и уточнения структуры законодательного обеспечения данных правоотношений, в том числе с точки зрения возможности применения унификации, кодификации и т. д. Целью предпринятого исследования явилось рассмотрение динамики формирования российского предпринимательского права, предметом послужила рассматриваемая комплексная отрасль права – с нормативной и научной точек зрения, с применением исторического и формального методов научного познания как основных; результатом работы можно считать сделанные выводы о современной стадии развития российского предпринимательского права – стадии формирования и предметного, методологического уточнения.

**Ключевые слова**: история частного права, история предпринимательского права, история хозяйственного права, правовое обеспечение предпринимательской деятельности, наука российского предпринимательского права.

## РУШДИ ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ

Мавзӯи мақолаи пешниҳодшуда марҳилаҳои асосии ташаккули ҳуқуқи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, тиҷоратӣ, соҳибкорӣ дар қаламрави давлати мо ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин илми ҳуқуқи тиҷорати Русия бо истифода аз асосҳо ва равишҳои назариявӣ буданд ба дарки хусусиятҳои он. Барои ноил шудан ба ҳадафи зикршуда дар бораи решаҳои таърихии соҳибкорӣ ва анъанаҳои ҳуқуқи иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва тиҷоратӣ дар Русия ғоя ташаккул ёфт. Қонуни тиҷорати Русия ҳамчун як бахши ҳуқуқ аз мавқеи дастгирии меъёрии муносибатҳои ҳуқуқие, ки ба мавзӯи танзими он дохил карда шудааст, баррасӣ карда шуд, ки ҳоло дар марҳилаи ташаккул, рушд ва тавзеҳи сохтори дастгирии қонунгузории ин муносибатҳои ҳуқуқӣ қарор дорад, аз ҷумла аз нуқтаи назари истифодаи унификация, кодификация ва ғ. Мақсади тадқиқоти гузаронидашуда баррасии динамикаи ташаккули ҳуқуқи тиҷорати Русия буд, ки мавзӯъ соҳаи мураккаби ҳуқуқ ҳисобида мешуд - аз нуқтаи назари меъёрӣ ва илмӣ бо истифодаи усулҳои таърихӣ ва расмии дониши илмӣ ҳамчун шахсони асосӣ; натиҷаи корро метавон хулосаҳо дар бораи марҳилаи кунунии рушди қонунгузории соҳибкории Русия - марҳилаи ташаккул ва тавзеҳи моддӣ, методологӣ ҳисобид.

**Калидвожаҳо:** таърихи ҳуқуқи хусусӣ, таърихи ҳуқуқи соҳибкорӣ, таърихи ҳуқуқи иқтисодӣ, дастгирии ҳуқуқии соҳибкорӣ, илми ҳуқуқи соҳибкорӣ.

## HISTORICAL DEVELOPMENT OF BUSINESS LAW

The study features the main development stages of various branches of Russian law, i.e. economic, commercial, and business law, as well as related sciences. The author defines business law as a complex of legal norms and describes the history of entrepreneurship and the traditions of economic, commercial and business law in Russia. The author considers Russian business law from the perspective of normative support of legal relations. The structure of legislative support of these legal relations is now at a nascent stage in terms of unification and codification. The aim of the study was to examine the dynamics of the formation of Russian business law from the normative and scientific points of view, with the use of historical and formal methods of scientific knowledge. The author comes to the conclusion that Russian business law is currently undergoing a stage of development and specialization.

**Keywords:** history of private law, history of business law, history of economic law, legal support of business, science of business law.

**Сведения об авторе:** ***Келдиева Джонона Равшановна*** – магистрант 2-го курса обучения программы направления «Право и бизнес» юридического факультета Российско-Таджикского (Славянского) Университета, 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзода, 30, тел:+992557777220, Email: ckeldieva@gmail.com.

**Information about the author:** ***Keldieva Jonona Ravshanovna*** – 2nd year student of the "Law and Business" program of the Law Faculty of the Russian –Tajik (Slavonic) University, 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. M.Tursunzoda, 30, tel: +992557777220, Email: ckeldieva@gmail.com/

# СЕРВИТУТ

***Розикова Х.Т.***
**Донишгохи миллии Точикистон**

Институти истифодаи маҳдуди қитъаи замин дар қонунгузории замини мо навгонӣ набуда, он қаблан вуҷуд дошт. Ин институт институти байнисоҳавӣ буда, ҳам аз ҷониби меъёрҳои қонунгузории граждани ва ҳам аз ҷониби қонунгузории замин танзими гардидааст. Сервитут ҳанӯз дар ҳуқуқи Рими қадим ба мазмуни классикӣ чун ҳуқуқи як шахс ба истифодаи момумулки ғайриманқули дигар шахс да ҳаҷми муайяншуда фаҳмида мешуд.

Дар қонунгузории граждании мо ба сервитут аҳамият дода шуда, ба он қаблан чандин модда бахшида шуда буд. Қонунгузор сервитутро ба сифати яке аз ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ ҳисоб намуда, онро ба танзим даровардааст. Албатта онро ба қонунгузории давлатҳои хориҷ муқоиса намудан имконнопазир аст. Чунки дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаҳое, ки ба он бахшида шуда буданд, бекор карда шуданд ва ба Кодекси замин танҳо ба як модда (Моддаи 10[1]. Ҳуқуқи маҳдуди истифодабарии қитъаи замини дигар заминистифодабандагон) дохил карда шуданд. Бояд қайд намуд, ки дар Code civil (с. 1804) ба сервитут 134 модда бахшида шудааст.

Эътироф намудани сервитут ба сифати ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ ҷои шубҳа аст, чунки дар сатҳи конституцсионӣ ва ҳам дар қонунгузории соҳавӣ замин зери моликияти истисноии давлат қарор дорад. Ҷалби замин дар муомилоти граждани, сохтмони қитъаи замин, ки ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеа гардидааст, ба вайрон намудани меъёрҳои ҳифзи табиат, шаҳрсозӣ ва дигар қонунгузорӣ мерасонад. Ин масъала талаб менамояд то ин ки масъалаи зимни баҳсҳо ва муносибатҳои печдарпеч бамиёномада танзим гардида, манфиатҳои техникӣ, экологӣ ҳифз гарданд.

Пас аз Инқилоби октябр (с.1917) сервитут аз муомилот ва аз хотираи мардум рафта буд, чунки ҳуқуқи моликияти хусусӣ ба замин вуҷуд надошта онро аз муомилоти граждани хориҷ намуда буданд. Моликияти манқул ва ғайриманқул дар низоми ягонаи молумулки манқул ва ғайриманқул ва аҳдҳои вобаста ба онҳо қарор надошт. Гузариши қитъаи замин аз даст ба даст бо роҳи аҳдҳои граждани-ҳуқуқӣ танҳо моҳиятан дар сурати бегонасозии сохтмони дар ин қитъа вуҷуддошта дида мешуд. Ҳатто он вақте ки муомилоти қитъаи замин боздошта шуда буд, дар ҳаёт зарурат ба миён омад, ки муносибатҳои байни соҳибони қитъаҳои замини ҳамсоя танзим гарда. Махсусан замоне, ки қитъаҳо мувофиқи мавқеи ҷойгиршавӣ ва тарҳи худ бояд ба дигар кас хизмат намояд, он бе истифодаи замини бегона имконнопазир мегардид.

Бисёр вақт баҳсҳои зерин ба вуҷуд меомаданд:

- Муайян кардани сарҳади байни қитъаҳои замин;
- Дар сарҳад кадом намуди дарахтон шинонида шаванд, к иду қитъаи заминро ҷудо намоянд;
- Ҳуқуқи гузантан аз қитъаи замини ҳамсоя (гузаргоҳ):
- Гузаронидани чорво барои обдиҳӣ
- Ҳуқуқи истифодаи об аз чоҳи дар қитъаи замини ҳамсоя қарордошта:
- Манъ намудани сохтмони иморат ба соҳиби қитъаи замини ҳамсоя, ки он барои расидани рӯшноӣ барои сабзавот ва меваҷот монеагӣ мекард:
- Истифодаи ин қитъа бо мақсади гузаронидани партов ва монанди инҳо.

Дар ин замин ихтилофот ба миён меояд, ки ба мусолеҳа омада наметавонанд. Танзими муносибатҳое, ки тарафҳоро ба баҳс меорад, ҳалли худро дар муқаррар намудани сервитут ёфт. Он ҳамон вақте ба кор омад, ки ҳуқуқи соҳибмулкон, соҳибони замин ё заминистифодабарангон бо мақсади таъмини манфиатҳои омма маҳдуд карда шуд. Лаҳзаи нозукеро бояд қайд кард, ки сервитут натанҳо нисбати қитъаи замин муқаррар мегардад, балки нисбати шахси муайян низ татбиқ мегардад.

Ҳамин тавр, дар Кодекси замин дар моддаи 1[2] чунин мавҳуми сервитут оварда шудааст:

Сервитут - ҳуқуқи шахс ва (ё) шахсон ба истифодаи маҳдуди қитъаи замини дар истифодаи дигар шахс қарордошта, ки бо тартиби муқарраргардида ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, ба ҳисоб меравад.

Кодекси замини ҶТ сервитутро вобаста ба ду критерия таснифбандӣ менамояд: дар асоси муҳлати амали сервитут ( ба муҳлатнок ва бемуҳлат) ва дар асоси оне, ки сервитут ба манфиати кӣ муқаррар мешавад (оммавӣ ва хусусӣ). Асоси якум дар моддаи дар поён қайдшуда ба худ равшанӣ касб менамояд, ки мутобиқ ба моддаи 10[1] ҳуқуқи маҳдуди истифодабарии қитъаи замин метавонад бо розигии тарафҳо (сервитути хусусӣ) ё дар мавриди зарурат дар асоси қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо (сервитути оммавӣ) муқаррар карда шаванд. Яъне сервитутро ба оммавӣ ва хусусӣ ҷудо мекунанд.

Қонунгузор комилан коидаҳои гуногуни танзимоти сервитути оммавӣ ва хусусиро пешбинӣ менамояд, то ки мухтавои он ба кули кушодаву равшан гардад, чунин муқоисакунӣ мегузаронем.

А. Таркиби субъективӣ. Сервитути хусусӣ мувофиқи қонунгузории граждани бар асоси манфиати соҳибмулки қитъаи замини ҳамсоя, ки нисбати ҳамин қитъаи замин сервитут пешбинӣ мегардад, муқаррар карда мешавад. Дар ин муносибат сервитут на танҳо ба манфитати соҳибони қитъаи замини ҳамсоя, балки ба манфиати ашхосе, қитъаи замин мувофиқи ҳуқуқи истифодаи якумраи меросӣ ба онҳо дода шудааст, мебошад. Сервитути оммавӣ бошад, ба манфиати давлат, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муқаррар карда мешавад.

Б. Асосҳои ба вуҷуд омадани сервитут. Сервитути хусусӣ бо розигии байни шахсоне, ки сервитутро талаб менамоянд ва соҳибони қитъаи замини ҳамсоя муқаррар мегардад ва бояд бақайдгириро дар асоси муқаррарот барои бақайдгирии ҳуқуқ ба молумулки ғайриманқул пешбинигардидаро, гузарад. Сервитути хусусӣ (ба розигӣ асосёфта) ба қитъаи замин бо розигии тарафҳо дар мавриди пайдо гардидани баҳс миёни заминистифодабардагон бошанд, дар асоси қарори суд муқаррар карда мешаванд. Яъне баҳсхои бавуҷудомада аз ҷониби мақомоти судӣ ҳалли худро меёбанд. Сервитути оммавӣ бо қонун ё дигар санади меъёрӣ-ҳуқуқи ҶТ, қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муқаррар мегардад. Муқаррар намудани сервитути оммавӣ бо дар назар гирифтани манфиатҳои омма ва шунидани онҳо сурат мегирад.Сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) ҳамчунин аз ҷониби суд аз рӯи даъвои шахс дар мавриди ба даст овардани созиш дар бораи муқаррар намудани сервитути хусусӣ (ба розигӣ асосёфта) метавонанд муқаррар карда шаванд.

Сервитути оммавӣ дар мавридҳое, ки он барои таъмини манфитаҳои давлат ва аҳолии маҳаллӣ зарур бошад, бе гирифтани қитъаҳои замин муқаррар карда мешавад.

В. Мақсадҳои муқаррар намудани сервитут. Сервитути хусусӣ барои таъмини гузаргоҳ ва гузаштан аз қитъаи замини ҳамсоя, гузаронидани шабакаҳои барқӣ, роҳу воситаҳои кубурҳои обгузар ва дигар эҳтиёҷоти соҳиби амволи ғайриманқул ки бе муқаррар намудани сервитут ғайриимкон мегарданд.

Сервитути оммавӣ метавонад дар мавридҳои зерин муқаррар карда шавад:

–Барои гузаштан, аз ҷумла бо нақлиёт тариқи қитъаи замин ба объектҳои истифодаи умумӣ, қабристон, мазорҳо ва дигар объектҳои хусусияти мазҳабидошта;

–Барои истифодабарии муваққатии қисми қитъаи замин бо мақсадҳои таъмир ва хизматрасонии шабакаҳои коммуналӣ, муҳандисию техникӣ, барқӣ, инчунин объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ;

–Барои дар қитъаи замин ҷойгир намудани нишонаҳои марзию геодезӣ ва гузаргоҳ ба онҳо;

–Барои обгирӣ ва обдиҳии чорво ва қитъаи замин аз тариқи қитъаи замин аз як ҷой ба дигар рондани ҳайвонот;

–Барои истифодарии қитъаи замин бо мақсадҳои шикор , моҳигириӣ аз ҳавзҳои воқеи қитъаи замин, ҷамъоварии растаниҳои худрӯй дар муҳлатҳои муқаррагардида ва бо таритиби муқаррагардида;

–Барои истифодабарии муваққатии қисми қитъаи замин бо мақсади иҷрои корҳои ҷустуҷӯӣ, тадқиқотӣ ва дигар корҳо;

–Барои дастрасии озод ба заминҳои назди соҳил

–Дар ҳолатҳои дигари ба манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ алоқамандбуда.

Г. Асосҳои меъёрӣ. Сервитути хусусӣ асосан бо муқаррароти қонунгузории граждани ва сервитути оммавӣ бошад, бо қонунгузории замин танзим мегарданд.

Истифодабарандаи қитъаи замине, ки ба он сервитути хусусӣ ё оммавӣ муқаррар карда шудааст, ҳуқуқ доранд аз шахсоне, ки сервитут ба манфиаташон муқаррар карда шудааст, пардохти мувофиқро талаб намоянд.

Агар муқаррар намудани сервитути оммавӣ истифодабарии қитъаи заминро номумкин гардонад, заминистифодабаранда ҳуқуқ дорад, аз ӯ гирифтани қитъаи замин аз ҷумла, бо роҳи харида гирифтани ҳуқуқи истифодабарии ин қитъаи заминро бо ҷуброни зарар аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ки сервитути маҷбурӣ оммавиро муқаррар намудаанд ё додани қитъаи дигари баробарарзиши қитъаи дигари баробарарзиши заминро бо ҷуброни товони зарар талаб намояд.

Агар муқаррар намудани сервитути оммавӣ истифодабарии китъаи заминрот мушкил гардонад, заминистифодабанда ҳуқуқ дорад аз мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ки сервитути оммавиро муқаррар намудаанд, пардохти музди баробарарзишро талаб намояд.

Дар мавриди бегона намудани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин сервитут эътибори худро нигоҳ медорад.

Сервитуте, ки тибқи шарнома ба вуҷуд омадааст, метавонад ба мӯҳлати номуаяйн ё муайян муқаррар карда шавад , сервитути оммавӣ метавонад бинобар аз байн рафтани асосҳое, ки тибқи онҳо сервитут муқаррар шуда буд, бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо ё суд қатъ карда шавад. Шакли шартнома оид ба сервитути хусусӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Сервитут наметавонад предмети мустақили гартномаи хариду фуруш, гарав боша два ё ба шахси дигар , ки соҳиби қитъаи замин намебошанд, гузарад.

Ду роҳи қатъ гардидани сервитут вуҷуд дорад: аз байн рафтани асосҳое, ки мувофиқи он сервитут муқаррар карда шуда буд ва ғайриимкон гардидани истифодаи қитъаи замин мувофиқитаъиноташ. Дар сурати дуюм тартиби қатъ гардидани сервитут вобаста ба шакли он мебошад. Агар сервитут хусусияти оммавиро дошта бошад, пас соҳиби қитъаи замин, заминистифодабаранда, соҳибмулки он ҳуқуқи талаб намудани ҷуброни онро аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ доранд. Агар сервитут хусусияти хусусирор дошта бошад, пас соибмулк ҳуқуқ дорад аз суд талаб намояд, ки сервитут қатъ карда шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Алешукина С.А. Ҳуқуқҳои маҳдуди ашёи ба замин мувофиқи қонунгузории замини ФР. // Право. 2015с , саҳ. 248
2. Боголюбов С.А. и др. комментарий к Земелному кодексу Российской Федерации/ отв. Ред. С.А. Боголюбов 7-е изд., перераб. И доп. М. Проспект,2011
3. Галиновская Е. А. Оид ба масъалаҳои ҳуқуқҳои ашёӣ ба замин. Муносибатҳои молумулкӣ дар ФР. 2010. № 3
4. Ефимов А.Ф., Толчеев Н.К. китоби руи мизии судяҳо оид ба баҳсҳои замин. М. Проспект, 2009.


**СЕРВИТУТ**


Макола ба масъалахои вобаста ба танзими хукукии хукуки махдуди истифодаи китъаи замин-сервитут бахшида шудааст. Сервитут дар низоми хукукхои махдуди ашёи макоми махсусро ишгол менамояд, чунки солхои охир он ба сифати яке аз хукукхои мухими махдуди ашёи дар баробари дигар хукукхои ашёи мавриди тахлилу баррасии илми-амали карор гирифтааст. Бояд кайд намуд , ки он хануз аз замони хукмронии Рими кадим дар амалия вучуд дошт. Пас аз Инқилоби октябр (с.1917) сервитут аз муомилот ва аз хотираи мардум рафта буд, чунки ҳуқуқи моликияти хусусӣ ба замин вуҷуд надошта онро аз муомилоти граждан хорич намуда буданд. Дар баробари кабули Кодекси граждани он танзими худро дар меъёрхои кодекс ёфт ва минбаъд бо инкишоф ёфтани муносибатхои хукуки оид ба заминистифодабари дар конунгузории замин танзим гардид. Сервитут - ҳуқуқи шахс ва (ё) шахсон ба истифодаи маҳдуди қитъаи замини дар истифодаи дигар шахс қарордошта, ки бо тартиби муқарраргардида ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, ба ҳисоб меравад.



**Калидвожахо**: сервитут, сервитути оммави, сервитути хусуси, Кодекси замин, асосхо, намуд, китъаи замин, заминистифодабарандагон, китъаи замини хамсоя.


**СЕРВИТУТ**


Статья посвящена вопросам правового регулирования ограниченное право пользования земельным участком- сервитутам. Сервитуты в системе ограниченных вещных прав занимают особое место, потому что в последные годы сервитут стал одным из важнейших вешных прав в ряду с другими вещными правами, которое исследуется и в науки и в практики. Нам следует сказать, что сервитут существовало в практики уже в Древном Риме. После Октябрской революции (1917г.) оно вышло из оборота и вышло из памяти людей. Когда приняли Гражданский кодекс оно нашло свое определение в кодексе и потом с развитием правовых отношений в сфере землепользованием оно перевелось в Земельный кодекс. Сервитут- права лица и (или) лиц на ограниченное пользование

земельным участком, находящимся в пользовании другого лица, прошедшее государственную регистрацию в установленном порядке .

**Ключевые слова**: сервитуты, публичный сервитут, личный сервитут, Земельный кодекс, основы, виды, земельный участок, землепользователы, соседный земельный участок.

**SERVITUDE**

The article deals with legal regulation of the limited real rights in land-servitude. In system of limited real rights the Servitudes occupy special seat, because servitudes became one of the forefront limited real rights within other rights last years , which is used in practice and in science.We should say that the servitude already existed in Ancient Rome in practice . After Revolution of October (1917y) it stopped its uses and was forgetten. When the Civil code was adopted it found definition in code's articles. After years when the law relations in Land sphere were developed the articles from Civil Code were translated to the Land Code. Servitude – the right of person and of people to the limited real rights in land, which is used by other person and is pasted the state register by determined orders.

**Keywords:** Servitude, public servitude, private servitude, Land Code, bases, kinds,land plot, land users, neighbour land plot.

**Сведения об авторе**: ***Розикова Хиромон Толибджоновна*** – магистрант второго курса кафедры гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: rozikovakh@gmail.com Тел: **900 86 88 66**

**Information about the author:** ***Rozikova Khiromon Tolibjonovna*** – graduate student of the department of the Civil law, the faculty of Law of Tajik national university E-mail: rozikovakh@gmail.com Phone num: **900 86 88 66**

## ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ВА НИЗОМИ СУДӢ

***Рустамзода Р. Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мафҳуми "ҳокимияти судӣ" низ дар қонунгузории Тоҷикистон дар солҳои охир пайдо шудааст. Зеро аз рӯзи қабули Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", яъне 9 сентябри соли 1991,Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мустақили демократии ҳуқуқбунёд мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми «ҳокимияти судӣ» дар қонунгузории Тоҷикистон дода нашудааст. Ғайр аз ин тадқиқотҳои пурра ба мавзӯи ҳокимияти судӣ бахшидашуда кам мебошанд.

Дар давлати ҳуқуқбунёд суд бояд ҳамчун мақомоти мустақили ҳокимияти давлатӣ рафтор намояд. Чӣ тавре ки дар моддаи 84 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудааст, ҳокимияти судӣ мустақил буда, ҳуқуқ ва озодии шахс, манфиати давлат, созмону муассисаҳо ва қонунияту адолатро ҳифз менамояд.

Ҳокимияти судӣ тамоми аломатҳои ҳокимияти давлатиро дорад. Ба амал баровардани ин ҳокимият ба зиммаи суд ҳамчун мақомоти махсус вогузор шудааст, ки он аз рӯи тартиби муайянкардаи қонун рафтор карда санадҳои бо қонун пешбинишударо қабул менамояд, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро татбиқ мекунад ва ба муносибатҳои бавуҷуъомада таъсир расонида, ба он баҳои ҳуқуқи медиҳад. Суд ба ғайр аз татбиқи чораҳои ҷамъиятӣ инчунин чораҳои маҷбуркунии давлатиро низ дар амал ҷорӣ менамояд.

Ҳоло зарур аст муайян намоем, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом хусусиятҳои хоси ҳокимияти судиро муқаррар намудаанд.

Аввалан, дар қисми якуми моддаи дуюми Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" омадааст, ки ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба судҳо дар симои судяҳо ва машвараттчиёни халқӣ, ки дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун барои ба амал баровардани адолати судӣ ҷалб шудаанд, тааллуқ дорад. Яъне ба амал баровардани адолати судӣ яке аз ваколатҳои асосии суд мебошад.

Ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ шуда, дар баробари ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия амал менамояд.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ надоранд, ки ба зиммаи судя вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбин накардаро гузоранд.

Тартиби мурофиавии баррасии парвандаҳоро аз ҷониби суд қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд.

Айнан чунин талабот дар қонунҳои Ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС ҷой дошт.

Чи тавре, ки маълум аст ҳокимияти судӣ яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҳокимияти судӣ яке аз шохаҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, фаъолияти худро дар асоси ба амал баровардани адолати судӣ дар мурофиаҳои судии конституцсионӣ, ҷиноятӣ, граждани, хоҷагӣ ва дар мурофиаҳои судии оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба амал мебарорад, муқаррар гардидааст дар моддаи 2 Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Дар моддаи 84 Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки адолати судиро Суди конституцсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, суди ҳарбӣ, суди ВМКБ, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, суди иқтисодии ВМКБ, судҳои иқтисодии вилоятӣ ва суди иқтисодии шаҳри Душанбе амалӣ мекунад.

Адолати судӣ танҳо аз тарафи мақомоти судӣ ба амал бароварда мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки дигар мақомотҳо ҳуқуқи амалӣ карданӣ адолати судиро надоранд.

Мутобиқи банди 7 моддаи 57 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси судҳо ба салоҳияти истисноии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад.

Мутобиқи талаботи Конституцсия судҳо бо роҳи интихобӣ ё таъйин намудан ташкил карда мешаванд. Судяҳои судҳои мақомоти олии судиро Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб менамояд. Судяҳои судҳои звенои асосӣ ва миёнаро Президенти мамлакат таъйин мекунад. Мӯҳлати ваколати судяҳои тамоми судҳо даҳ сол муқаррар шудааст.

Ҳокимяти судӣ аз шохаҳои гуногун иборат аст, ки дар маҷмӯъ низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи мақомоти судии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунандаро ифода менамояд, ки бо тартиби муқарраркардаи Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуда, вазифаҳои ҳокимияти судиро амалӣ намуда, бо умумияти вазифаҳо, асосҳои сохтор ва ташкилӣ муттаҳид гардонида шудаанд.

Вобаста ба тақсимоти кишвар ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ғайр аз судҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ ба се звено тақсим мешавад. Судҳои шаҳрӣ (ноҳиявӣ) звенои асосии судҳои салоҳияташон умумиро ташкил медиҳанд. Суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе ба суди звенои миёна дохил мебошанд. Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суди звенои олӣ мебошад.

Судҳои ҳарбии гарнизонҳои шаҳри Душанбе, Хуҷанд, вилояти Хатлон, шаҳри Хоруғ зинаи асосӣ ва коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зинаи олӣ мебошанд.

Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба истисноии Суди конституцсионӣ) фаъолияти мурофиавии худро дар ду марҳила ба амал мебароранд, ки мавҷудияти онро татбиқи функсияҳои судӣ тақозо намудааст. Марҳилаи судӣ аз рӯи ваколати суд дар ҳалли парвандаҳо муайян карда мешавад.

Суди марҳилаи якум суде мебошад, ки парвандаро аввалан ва моҳиятан баррасӣ менамояд. Парвандаҳо парвандаҳои ҷиноӣ, граждани ва хоҷагӣ шуда метавонанд. Суди зинаи аввал ин парвандаҳоро моҳиятан баррасӣ намуда, ҳукм, ҳалнома ва ё тайинот мебарорад.

Бояд қайд кард, ки ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шохаҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ ба шумор рафта, дар фаъолияти худ танҳо Конституцсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ мегиранд. Ин гуфтаҳо дар моддаи 87 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конституцсия ва қонун итоат мекунанд».

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат барои судяҳо ҳуқуқу кафолатҳои зиёдеро пешбинӣ кардаанд, ба мисли судяҳо ва ғ. Ин ҳуқуқу кафолатҳо барои боз ҳам дар сатҳи дурусттар қарор додани ба амалбарории адолати судӣ мусоидат мекунанд.

Адолати судӣ танҳо тавассути суди дорои ҳокимияти мустақили суди ба амал бароварда мешавад. Адолати судӣ бо роҳи баррасии парвандаҳои конституцсионӣ, граждани, ҷиноятӣ, хоҷагӣ ва парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби суд ба амал бароварда мешавад

Бояд қайд кард, ки ба амал баровардани адолати судӣ танҳо яке аз ваколатҳои суд мебошад. Бинобар ин, мафҳуми адолати судиро бо мафҳуми ҳокимияти судӣ ҳаммаъно эътироф намудан нодуруст аст. Мафҳуми ҳокимияти

судӣ аз мафҳуми адолатӣ суди васеътар аст, зеро, ки адолати судӣ яке аз зуҳуроти ба амал баровардани ҳокимияти судӣ мебошад. Азбаски суд баёнгари ҳокимияти судӣ мебошад, ваколатҳои он танҳо бо роҳи ба амал баровардани адолати судӣ хотима намеёбанд. Суд инчунин аз нуқтаи назари мурофиави ваколати таъмини иҷро намудани санадҳои судӣ (ҳукм, ҳалнома, таъйинот, қарор)-ро дорад. Судҳои болоӣ - Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд оид ба масъалаҳои амалияи судӣ дар доираи салоҳияти худ тавзеҳоти дастурӣ медиҳанд.

Судяҳо ҳамчун баёнгари ҳокимияти судӣ дорои ваколатҳои ҳокимият мебошанд. Мутобиқи талаботи моддаи ҳаштуми Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳалномаҳо, ҳукмҳо, таъйинот ва қарорҳои қабулкардаи судҳо, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, барои иҷро ҳатмӣ мебошанд.

Вазифаи суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ мебошад.

Ин талаботи қонун дар қонунҳои мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон(КМҶ ҶТ, КМГ ҶТ, КМСИ ҶТ) вобаста ба амалиёти мушаххаси суд ва дар вазъияти мушаххас саҳеҳ нишон дода шудааст. Дар сурати иҷро накардани санадҳои зикргардидаи суд судя нисбат ба ҳуқуқвайронкунандаҳо чораҳои маҷбуркунии давлатиро татбиқ менамояд. Масалан, мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва граждани ҳангоми бе сабабҳои узрнок ба суд ҳозир нашудани шоҳид суд нисбат ба ин шоҳид чораи маҷбуран ба суд оварданро татбиқ мекунад.

Чунонки дар боло хотирнишон кардем, Тоҷикистон давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд эълон шудааст. Аз ин ру муносибатҳои ҳокимиятҳои қонунгузор ва иҷроия бо ҳокимияти суд бояд дар як сатҳ қарор дошта бошанд. Дар чунин шароит ваколати суд танҳо бо барраси намудани парвандаҳои ҷиноятию граждани ва маъмурӣ маҳдуд намешавад. Масалан, мутобиқи талаботи Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 3 моддаи 89) ва Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (моддаи 14) муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти намояндагӣ ва иҷроия ба Конституцсия, ба салоҳияти Суди конституцсионӣ тааллуқ дорад. Ҳамин тавр, мувозинати рукнҳои ҳокимият риоя шудааст. Пеш аз ин суд чунин ваколатро надошт ва муносибати он бо ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия якхела набуда, муносибат хусусияти ҳокимият ва тобеият дошт.

Васеъ гардидани ваколати судҳо боз дар он зоҳир мегардад, ки дар кишвар тибқи Конституцсияи нав судҳои иқтисодӣ таъсис дода шудаанд ва онҳо ваколатҳои ба худ хос доранд. Дар давраи гузашта санадҳои ғайримеъёрии Ҳукумати Ҷумҳурӣ аз тарафи судҳо баррасӣ карда намешуданд. Ҳоло бошад, мутобиқи Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 24) Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳоро дар бораи пурра ё қисман беэътибор донистани санадҳои ғайримеъёрии Ҳукумати Ҷумҷурии Тоҷикистон, ки ба қонун мутобиқат надоранд ва ҳуқуқу манфиатҳои ташкилотҳо ва шаҳрвандонро вайрон мекунанд, баррасӣ менамояд.

Ғайр аз ин, судҳо (ба ғайр аз Суди конституцсионӣ ва судҳои иқтисодӣ) аз болои мақомоти тафтиш ва таҳқиқ дар масъалаи ба ҳабс гирифтани шаҳрванд ва дароз намудани мӯҳлати баҳабсгирӣ ҳуқуқи назорати судӣ бурданро доранд. Масъалаи нигоҳ доштан дар маҳбас бевосита бо масъалаи маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои кафолатдодаи Конституцсия вобаста аст. Яъне дар ин маврид бо шикояти шахси ба ҳабс гирифгашуда суд ҳолатҳои қонунӣ будани баҳабсгирии он шахсро тафтиш менамояд ва оид ба ин масъала қарор қабул мекунад.

Дар навбати худ мақомоти қонунгузор бо роҳи қабул намудани қонунҳои нав бояд барои самаранокии фаъолияти судҳо мусоидат намоянд. Аз нуқтаи назари қонунгузор танҳо бо ин роҳ ба фаъолияти судҳо назорат кардан мумкин аст.

***Мафҳуми низоми судӣ.*** Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар барои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" муайян карда шудааст. Дар моддаи 20 қонуни конституцсионии мазкур омадааст, ки Суди конституцсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳрию ноҳиявӣ, суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоятӣ ва суди иқтисодии шаҳри Душанбе низоми

судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили суди фавқулоддаро манъ мекунад (қисми 5 моддаи 84).

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми низоми судӣ, омилҳои ягонагии низоми судӣ вокеиятҳое мебошанд, ки ба сохтори дохилии низоми судӣ таъсир мерасонанд ва принсипҳои ташкил ва фаъолияти низоми судиро баён мекунанд.

Дар моддаҳои 22 ва 45 қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" Суди Олӣ нисбат ба судҳои шаҳру ноҳия, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва судҳои ҳарбӣ дар соҳаи баррасии парвандаҳои граждани, ҷиноӣ ва маъмурӣ, Суди Олии иқтисодӣ бошад оид ба ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва парвандаҳои дигаре, ки аз тарафи судҳои иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, мақомоти олии судӣ эътироф гардидаанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид мегардад, ки мафҳумҳои умумӣ ба монанди «зинаҳои низоми судӣ» ва «марҳилаи судӣ» ҳангоми таҳлили низоми судӣ бо ҳам алокамандӣ доранд ва маънои онҳо баён карда шудаанд. Дар дохили низоми судҳои умумӣ ва арбитражӣ мақомоти судӣ таъсис мегардад, ки онҳо аз рӯи мавзӯи салоҳият ва ҳамчунин ҳаҷми ҳокимияти судӣ, доираи ваколат нисбат ба қисмҳои алоҳидаи таркибии низом фарқ мекунанд. Судҳои поёнӣ ва болоӣ ҷудо мегарданд. Бо ин истилоҳот фарқият дар ваколат ва хислати умумии алоқаҳои марҳилавӣ қайд мегардад.

Суди конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон зинаҳои судӣ надорад. Судҳои иқтисодӣ ва судҳои ҳарбӣ аз ду зина ва судҳои боқимонда аз се зина иборат мебошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Правоохранительные органы РФ. Учебник / Под ред. Божьева В.Б. – М., 1998.
2. Гуценко К.Ф., Ковалев М.А. Правоохранительные органы. Учебник. – М., 1995.
3. Стецовский Ю.И. Судебная власть. Учебное пособие. – М.: Дело, 1999.
4. Григонис Э.П. Правоохрнительные органы.- СПб: Питер, 2001.
5. Лебедев В.М. Судебная власть в современной России: проблеми становления и развития.- СПб.: Санкт-Петергбургский Гос. Университет, «Лань», 2001.
6. Ғафуров Х.М. К вопросу о понятии судебной власти // Давлат ва ҳуқуқ.- №1.-2006.
7. Ғафуров Х.М. Судебная система: понятие и принципы организации и деятельности/ Давлат ва ҳуқуқ.- № 4.- 2005.
8. Ғафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современноя состояние и преспективи развития.- Душанбе, 2007.
9. Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.–Душанбе, 2003.
10. Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҶТ» // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ.-2001.- №17. – Мод. 517.
11. Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992 - 2003). Душанбе.,2003.


**ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ВА НИЗОМИ СУДӢ**


Дар мақолаи мазкур мафҳум ва аҳмияти ҳокимияти суди ва низоми суди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Бо дарназардошти муҳимияти мавзуъ муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо дастрасии қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи низоми ҳокимияти суди ва низоми суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи адабиёти ҳуқуқии олимони ватанию хориҷӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳокимияти суди ва низоми суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва тадқиқ қарор диҳад.



**Калидвожаҳо:** мафҳуми ҳокимияти судӣ, низоми судӣ, адолати судӣ, принсипҳо, зинаҳои асосии судҳои салоҳияташон умумӣ, суди ҳарбӣ.


**СУДЕБНАЯ ВЛАСТЬ И СУДЕБНАЯ СИСТЕМА**


В данной статье анализируется понятие и значение судебной системы и судебной системы в Республике Таджикистан. Принимая во внимание важность темы, автор попытался рассмотреть и изучить действующее законодательство Республики Таджикистан о судебной системе и судебной системе в Республике Таджикистан, использование юридической литературы отечественных и зарубежных ученых и юриспруденции. правоприменительная практика в Республике Таджикистан.



**Ключевые слова:** понятие судебной власти, судебная система, правосудие, принципы, основные инстанции судов.


**JUDICIARY AND THE JUDICIAL SYSTEM.**


This article analyzes the concept and importance of the judiciary and the judicialsystem in the Republic of Tajikistan. Taking into account the importance of the topic, the author tried to review and study the current legislation of the Republic of Tajikistan on the judicial system and the judicial system in the Republic of Tajikistan, the use of legal literature of domestic and foreign scholars and law enforcement practice in the Republic of Tajikistan .



**Keywords:** the concept of the judiciary, the judicial system, justice, principles, the main levels of courts of general jurisdiction, the military court. общей юрисдикции, военный суд.

**Сведения об авторе:** ***Рустамзода Рахмон Рустам*** – Таджикский национальный Университет, магистрант юридического факультета. Адрес: Республика Таджикистан, г.Душанбе. Тел: **937-22-16-16.**

**Information about the author:** ***Rustamzoda Rahmon Rustam*** – Tajik national University, graduate student of Law Faculty. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe city. Phone:**937-22-16-16**

# ОДКБ И ЕЁ РОЛЬ В СТРАНАХ СНГ: НА ПРИМЕРЕ РТ

***Саидова С.***
**Таджикский национальный университет**

История оповещает нас о том, что в мире процесс становления и развития человеческого бытия определяется тем, что отношения между полисами (город-государство) в Древнем Риме и Античной Греции, а также других исторических городов, складывающиеся на фоне тесного сотрудничества и совместного ведения политических, экономических и военных дел.

По истечении времени, ввиду глобализации во всех отраслях общественной жизнедеятельности, страны стремительно стали увеличивать своё сотрудничество на международном уровне. Такому явлению прежде всего способствует своевременное координирование стран для взаимного повышения уровня жизни среди населения, гармонизировать внутреннее законодательство в соответствии с международными обычаями и стандартами. Бывшие страны Советского Союза на пути к созданию миролюбивого государства считали необходимым тесного сотрудничества между государствами. Так, Республика Таджикистан 25-го декабря 1991 года присоединилась Содружеству Независимых Государств (СНГ). Формирования Республики Таджикистана как полноправного члена мирового сообщества прежде всего служит то, что Республика Таджикистан начал сотрудничать с организациями мирового масштаба. Такими являются Организация Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) и Содружество Независимых Государств (СНГ). Организация Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) – военно-политический союз, созданный бывшими странами Советского Союза на основе Договора о коллективной безопасности (ДКБ), подписанного 15 мая 1992 года в Ташкенте Россией, Арменией, Казахстаном, Киргизстаном, Узбекистаном и Таджикистаном. В 1993 году к Договору присоединились Беларусь, Азербайджан и Грузия.

Содружество Независимых Государств было основано главами России, Белоруссии и Украины путём подписания 8 декабря 1991 года в Вискулях (Беловежская пуща) "Соглашения о создании Союза Славянских Государств" (ССГ), в последствии изменённое на «Соглашения о создании Содружества Независимых Государств» (известно в СМИ как Беловежские соглашения).

В документе, состоявшем из Преамбул и 14 статей, констатировалось, что СССР прекращал своё существование как субъект международного права и геополитической реальности. Однако, основываясь на исторической общности народов, связях между ними, учитывая двусторонние договоры, стремление к демократическому правовому государству, намерение развивать свои отношения на основе взаимного признания и уважения государственного суверенитета, стороны договорились в окончательном варианте об образовании Содружества Независимых Государств.

Уже 10 декабря соглашение ратифицировали Верховный Совет Белоруссии и Верховная рада Украины, а 12 декабря – Верховный Совет России. Российский парламент ратифицировал документ подавляющим большинством голосов: «за» – 188 голосов, «против» – 6 голосов, «воздержались» – 0, тем самым он нарушил ст. 104 Конституции РСФСР, так как для ратификации Беловежского соглашения необходимо было созвать высший орган государственной власти – Съезд народных депутатов РСФСР, поскольку соглашение затрагивало государственное устройство республики, являющейся частью СССР, и тем самым влекло за собой изменение конституции. В апреле 1992 года Съезд народных депутатов России трижды отказался ратифицировать Беловежское соглашение, вплоть до своего разгона в октябре 1993 года он так и не ратифицировал документ.

13 декабря 1991 года в Ашхабаде состоялась встреча президентов пяти центрально-азиатских государств, входивших в состав СССР: Казахстана, Киргизии,

Туркмении, Узбекистана и Таджикистана. Итогом стало заявление, в котором страны выразили согласие войти в организацию, но при условии обеспечения равноправного участия субъектов распадающегося Союза и признания всех государств СНГ в качестве учредителей.

Как нам известно: «Договор вступил в силу 20 апреля 1994 года. Договор был рассчитан на 5 лет и допускал продление. 2 апреля 1999 года президенты России, Армении, Казахстана, Кыргызстана и Таджикистана подписали протокол о продлении срока действия договора на следующий пятилетний период.

14 мая 2002 года на московской сессии ДКБ было принято решение о преобразовании ДКБ в полноценную международную организацию – Организацию Договора о коллективной безопасности (ОДКБ). Устав ОДКБ был принят Советом коллективной безопасности в г. Кишинёве, 7 октября 2002 г. и вступил в силу 18 сентября 2003 г.

В данное время участниками ОДКБ являются Российская Федерация, Республика Беларусь, Республика Казахстан, Республика Армения, Киргизская Республика и Республика Таджикистан. Республика Узбекистан возобновило своё участие в ОДКБ 16 августа 2006 года и приостановила своё членство в организации в 2012 году».

ОДКБ военно-политическая организация, открытая для вступления новых членов, приверженных ее целям и принципам и несущая оборонительный характер. Организация действует на основе неукоснительного уважения независимости, добровольного участия, равенства прав и обязанностей государств-членов, невмешательства во внутренние дела, попадающие под национальную юрисдикцию государств-членов.

Основными целями и принципами Организации являются укрепление мира, международной и региональной безопасности и стабильности, защита на коллективной основе независимости, территориальной целостности и суверенитета государств-членов, приоритет в достижении которых государства-члены отдают политическим средствам. Государства-члены согласовывают и координируют свои внешнеполитические позиции по международным и региональным проблемам безопасности, используя, в первую очередь, консультационные механизмы, объединяют свои усилия в борьбе с международным терроризмом, религиозным экстремизмом, незаконным оборотом наркотических средств и психотропных веществ, оружия, организованной транснациональной преступностью, нелегальной миграцией и другими угрозами безопасности государств-членов.

Республика Таджикистан являясь полноправным участником мирового сообщества. На основании статьи 11 Конституции РТ, которая гласит: «Таджикистан, проводя миролюбивую политику, уважает суверенитет и независимость других государств, определяет свою внешнюю политику на основе международных норм». Из формулировки настоящий статьи вытекает, что Республика Таджикистан входит в число стран, который придерживается политике открытых дверей, уважает суверенитет зарубежных государств и народов. Исходя из вышеуказанного, следует отметить, что Республика Таджикистан всегда готова к новым сотрудничествам, которые могут быть полезны и использованы в различных областях жизнедеятельности населения страны.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. https://mfa.tj/ru/main/view/147/tadzhikistan-i-organizatsiya-dogovora-o-kollektivnoi-bezopasnosti / (Электронный ресурс) – Дата обращения – 05.02.2021.
2. Конституция Республики Таджикистан. – Душанбе. – 2016. – 64с.

**ОДКБ И ЕЁ РОЛЬ В СТРАНАХ СНГ: НА ПРИМЕРЕ РТ**

Данная статья посвящается рассмотрению и изучению роли ОДКБ в странах СНГ. Анализ и изучение данного вопроса являются одним из актуальных тем в международной политике современного общества. Автор рассматривает и анализирует настоящий вопрос с точки зрения международного права и национального законодательства стран СНГ на примере Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** организация, сотрудничество, мировое сообщество, государство, роль, связь, ОДКБ, СНГ.

**СААД ВА НАҚШИ ОН ДАР КИШВАРҲОИ ИДМ: ДАР МИСОЛИ ҶТ**

Мақолаи мазкур барои баррасӣ ва омӯзиши нақши СААД дар кишварҳои ИДМ бахшида шудааст. Таҳлил ва омӯзиши ин масъала яке аз мавзӯъҳои мубрами сиёсати байналмилалии ҷомеаи муосир мебошад. Муаллиф ин масъаларо аз нуқтаи назари ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллии кишварҳои ИДМ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва таҳлил кардааст.

**Калидвожаҳо:** ташкилот, ҳамкорӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ, давлат, нақш, алоқа, СААД, ИДМ.

**THE CSTO AND ITS ROLE IN THE CIS COUNTRIES: THE CASE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article is devoted to the review and examination of the role of the CSTO in the CIS countries. The analysis and research of this issue is one of the current topics in the international politics of modern society. The author considers and analyzes this issue from the perspective of international law and national legislation of the CIS countries on the example of the Republic of Tajikistan.

**Key words:** organization, cooperation, world community, state, role, communication, CSTO, CIS.

**Сведения об авторе:** ***Саидова С.***- магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета.

**Information about the author:** ***Saidova S*** – second-year master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University.

# ЭКСПЕРТИЗАИ ЭКОЛОГӢ

***Рақабов Н.Ҳ.***
**Донишгохи миллии Тоҷикистон**

Проблемаи ҳифзи муҳити зист шадидтарин проблемаи глобалии ибтидои асри XXI ба ҳисоб меравад. Ҳамчун як проблемаи глобалӣ, он барои тамоми ҷаҳон ва барои ҳар як давлати алоҳида муҳим аст. Инқилоби илмию техникӣ ва рушди босуръати истеҳсолоти саноатӣ на танҳо ба баланд шудани некӯаҳволии инсон мусоидат мекунад, балки ба вазъи муҳити атроф низ таъсири манфӣ мерасонад. Давлат дар навбати худ кушиш мекунад, ки бо истифода аз ҳама гуна усулҳо ва механизмҳо таъсири манфӣ ба муҳити зистро пешгирӣ кунад. Экспертизаи давлатии экологӣ яке аз чунин механизмҳои пешгирикунанда мебошад, ки ба муҳити мо таъсири зараровар мерасонад. Бо назардошти мушкилоти дар боло зикршудаи замони мо, мавзӯи ба экспертизаи давлатии экологӣ бахшидашуда актуалӣ аст, зеро экспертизаи экологӣ дар аксари ҳолатҳо ба пешгирии мушкилот мусоидат мекунад.

Экспертизаи экологӣ ба таври расмӣ муайянкунии мутобиқати фаъолияти пешбинишуда ва анҷомдодашудаи хоҷагӣ ва дигар фаъолиятҳо ба талаботҳои экологӣ ва муайянкунии имконпазирии истифодаи объектҳои экспертизаи экологӣ бо мақсади пешгирии оқибатҳои эҳтимолии номусоиди таъсиррасонии ин фаъолият ба муҳити зист ва оқибатҳои ба он вобастаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва оқибатҳои дигари истифодаи объекти экспертизаи экологӣ мебошад.

Ба ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ дохил мешаванд:

-ташкили экспертизаи давлатии экологии объектҳое, ки дар моддаи 7 ҳамин Қонун зикр гардидаанд, инчунин ташкили комиссияи экспертӣ;

- муқаррар намудани меҳлати эътибори хулосаҳои мусбии экспертизаи давлатии экологӣ;

- таҳия, аз нав баррасӣ намудан ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ ва дасгурию методӣ, ки татбиқи ҳамин қонунро дар хусуси гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ таъмин менамояд;

- таъмини илмию методии экспертизаи давлатии экологӣ;

- ташкили бо иттилоот таъмин намудани экспертизаи давлатии экологӣ, аз ҷумла таъсис ва пешбурди манбаи маълумот оид ба фаъолияти пешбинишаванда, оид ба истифодаи объекти экспертиза ва таъсири онҳо ба муҳити зист;

- бо тартиби муқарраршуда ҳамкорӣ намудан бо мақомоти экологию экспертии давлатҳои дигар бо мақсади гузаронидани машваратҳо, экспертизаҳои экологии муштарак, мубодилаи тадқиқотҳои илмию методӣ ва ҷалби мутахассисони хоричӣ;

-- гузаронидани семинару конференсияҳо оид ба масъалаҳои методологӣ ва шаклҳои анҷом додани экспертизаи экологӣ, мубодилаи таҷриба доир ба гузаронидани он ва баланд бардоштани сифати фаъолияти экспертизаи экологӣ;

- дар ҳудуди салоҳияти худ ҳамоҳанг сохтани фаъолияти экспертизаи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, анҷом додани роҳбарии методӣ дар масъалаи гузаронидани экспертизаи экологии объектҳо, сарфи назар аз тобеъият ва шакли моликияти онҳо;

- назорати риоя намудани Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи экспертизаи давлатии экологӣ ҳангоми ташкил ва гузаронидани он;

- пешбурди фехристи давлатии экспертҳо дар гузаронидани экспертизаи экологӣ;

- ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо, ташкилотҳо ва воҳидҳои экспертии онҳо дар доираи салоҳияти худ.

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ ҳуқуқ дорад:

- экспертизаҳои экологии байналмилалиро ташкил намояд, анҷом диҳад ва дар онҳо иштирок намояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон олимону мутахассисони хориҷиро оид ба экспертизаи экологӣ ҷалб намояд, ба uайр аз ҳолатҳое, ки агар объекти экспертиза дорои сирри давлатӣ ё тиҷоратӣ бошад;

- оид ба вазъи муҳити зист аз манбаи иттилоот ва оид ба баҳодиҳии таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намудҳои фаъолияти инсон ва табиат аз манбаи маълумот дастрас намояд;

- ба мақомоти бонкӣ оид ба қатъи маблаuгузории объектҳое, ки баҳои мусбии экспертизаи экологиро нагирифтаанд, хулоса фиристад;

- ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомот ҷиҳати ҳалли масъалаи оид ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки дар вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ гунаҳкоранд, маводи дахлдор тайёр намуда супорад;

- дар доираи салоҳияти худ дигар амалро, ки хилофи қонунгузории ҷорӣ набуда, ҷиҳати татбиқи ваколати онҳо заруранд, анҷом диҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду намуди экспертизаи экологӣ:

- экспертизаи давлатии экологӣ ва экспертизаи экологии ҷамъиятӣ анҷом дода мешавад.

**Эксперти экспертизаи давлатии экологӣ.** Эксперти экспертизаи давлатии экологӣ мутахассисе мебошад, ки барои гузаронидани экспертизаи экологӣ оид ба самтҳои дахлдори илму техника ва технология аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ ҷалб шудааст.

Фармоишдиҳанда ё таҳиякунандаи лоиҳа, намояндаи онҳо, намояндаи вазорату идораҳо ва ташкилотҳое, ки объекти таҳти экспертиза қарор дошта ба соҳаи фаъолияти онҳо дахл дорад, инчунин бо фармоишдиҳанда ва таҳиякунандаи лоиҳа муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои шартномавӣ, ки мукофоти моддиро пешбинӣ мекунанд доранд, коршиноси экспертизаи давлатии экологӣ буда наметавонанд.

Эксперт дар гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ, мутобиқи Қонуни мазкур ва супориши додашудаи роҳбари комиссияи экспертӣ иштирок мекунад.

Эксперти экспертизаи давлатии экологӣ, ҳангоми гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ, ҳуқуқҳои зеринро дорад:

- ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ дар хусуси зарурияти аз ҷониби фармоишдиҳанда пешниҳод намудани мавод барои экспертизаи экологӣ, ки ҷиҳати баҳодиҳии ҳамаҷониба ва воқеии объектҳои экспертизашаванда заруранд, хабар диҳад;

- доир ба объекти экспертиза андешаи махсус иброз намояд, ки он бояд ҳатман ба хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ замима гардад.

Эксперти экспертизаи давлатии экологӣ вазифадор аст:

- таҳлили ҳаматарафа, пурра, холисона ва комплексии маводи ба экспертизаи давлатии экологӣ пешниҳодшавандаро анҷом дода, мутобиқати онҳоро бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ муайян намояд;

- талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба экспертизаи экологӣ риоя намояд;

- меҳлат ва тартиби иҷрои экспертизаи экологиро, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ муқаррар шудаанд, риоя намояд;

- асосноқӣ ва холисона будани хулосаҳои худро таъмин намояд;

- дар таҳияи маводе, ки ҳангоми гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ баҳисобгирии хулосаҳои экспертизаи экологии ҷамъиятӣ, инчунин пешниҳодоти аз мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дохилшудаи ба тарафҳои экологии объектҳои экспертиза дахлдорро асосноқ мекунанд, иштирок намояд.

Пардохти музди меҳнати экспертҳои uайриштатии экспертизаи давлатии экологӣ дар асоси шартнома аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Пардохт ва ҳавасмандгардонии кормандони штатӣ, ки дар гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ иштирок мекунанд, бо тартиби барои хизматчиёни давлати муқарраргардида анҷом дода мешавад.

**Экспертизаи экологии ҷамъиятӣ.** Экспертизаи экологии ҷамъиятӣ бо ташаббуси шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки самти асосии фаъолияти онҳо тибқи оинномаашон ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла ташкил ва гузаронидани экспертизаи экологӣ мебошад, ташкил ва гузаронида мешавад.

Экспертизаи экологии ҷамъиятӣ метавонад дар худи ҳамон объектҳо, новобаста аз гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ анҷом дода шавад.

Экспертизаи ҷамъиятии экологӣ нисбат ба объектҳои дар моддаи 7 ҳамин Қонун муайяншуда, ба uайр аз объектҳои экспертизаи экологӣ, ки маълумоти дорои сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ва сирри дигари тибқи қонун муҳофизатшаванда доранд, метавонад анҷом дода шавад.

Нисбат ба экспертҳое, ки барои гузаронидани экспертизаи экологии ҷамъиятӣ ҷалб карда мешаванд, талаботи дар қисми дуюм, банди 1 қисми чорум, бандҳои 1, 2, 4 қисми панҷуми моддаи 16 Қонуни мазкур пешбинишуда, татбиқ мегарданд.

**Объектҳои экспертизаи экологӣ**. Аз экспертизаи ҳатмии экологӣ инҳо бояд гузаронида шаванд:

1) лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ, дастурию методӣ, ки фаъолияти хоҷагӣ ва дигар фаъолияти ба истифодабарии муҳити зист алоқаманд бударо танзим менамоянд;

2) ҳуҷҷатҳое, ки пеш аз таҳияи дурнамои рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегардад, аз ҷумла:

- лоиҳаҳои барномаҳои давлатии комплексӣ ва мақсадноки иҷтимоию иқтисодӣ, илмию техникӣ ва uайра;
- лоиҳаҳои нақшаи генералии инкишофи ҳудудҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ва ҳудудҳои бо реҷаи махсуси истифодабарии табиат ва бурдани фаъолияти хоҷагӣ;
- лоиҳаҳои нақшаҳои инкишофи соҳаҳои хоҷагии халқ аз ҷумла саноат;
- лоиҳаҳои барномаҳои сармоягузорӣ (инвеститсия), ки ба масъалаҳои истифодабарии табиат дахл доранд;
- лоиҳаҳои комплексии нақшаҳои давлатии ҳифзи табиат;

3) ҳамаи намудҳои ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ, аз ҷумла:

- лоиҳаҳои нақшаҳои генералии ҷойгиркунонӣ, истифодабарии табиат ва ташкили минтақавии қувваҳои истеҳсолкунанда;
- лоиҳаҳои нақшаҳои комплексии минтақавии ҳифзи табиат ва истифодаи он;
- нақшаҳо ва лоиҳаҳои банақшагирии ноҳиявии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ;
- нақшаи генералии шаҳрҳо ва дигар маҳалҳои зист;
- лоиҳаҳои хати марзии маъмурии шаҳрҳо ва деҳаҳо;
- нақшаи генералии ҳудуд, мақомоти тобеъи ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо, инчунин минтақаҳои истиқоматӣ, саноатӣ, истироҳатӣ ва корӣ;
- лоиҳаҳои банақшагирии муфассали марказҳои ҷамъиятӣ, маҳалҳои зист ва роҳҳои асосии шаҳрҳо;
- лоиҳаҳои сохтмони маҳалҳо, қитъаҳои шаҳрҳо ва дигар маҳаллаҳои истиқоматӣ;
- лоиҳаи рекултиватсияи заминҳое, ки дар натиҷаи кофтуковҳои геологӣ, истеҳсоли канданиҳои фоиданок, тарконидан ва дигар намуди корҳо вайрон шудаанд;

4) асосноккунии техникию иқтисодӣ ва лоиҳаҳои сохтмонҳо, азнавсозӣ, васеъкунӣ, азнавтаҷҳизонии техникӣ, барҳам додан ва муваққатан хобонидани иншоот, корхонаҳо ва дигар лоиҳаҳо, сарфи назар аз арзиши меъёрӣ, мансубияти муассисавӣ ва шакли моликият, ки татбиқи онҳо мумкин аст ба муҳити зист таъсир расонад, аз ҷумла маводҳо оид ба барпо намудани корхонаҳои муштарак бо фирмаҳои хориҷӣ;

5) асосноккунии техникию иқтисодӣ ва лоиҳаҳои фаъолияти хоҷагӣ, ки метавонанд ба муҳити зисти давлатҳои ҳамсоя таъсири манфӣ расонанд ё барои амалӣ намудани онҳо истифодаи объектҳои табиии бо давлатҳои ҳамсарҳад умумӣ зарур аст ва онҳо ба манфиати давлатҳои ҳамсарҳад, ки тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида муайян шудаанд, дахолат мекунанд;

6) маводҳо оиди таъсиси корхонаҳои соҳаи истеҳсоли нафт, истихроҷи нафту газ, истеҳсоли ангишт ва маъданҳои кӯҳӣ, инчунин корхонаҳои калони дигар

соҳаҳои саноат бо сармоягузориҳои хориҷӣ, сарфи назар аз ҳаҷми сармояи оинномавии онҳо;

7) маводҳои тадқиқотии корхонаҳои амалкунандаи аз ҷиҳати экологӣ хавфнок, объектҳо, техника, технология, масолеҳ ва ашё, ки бо тартиби муқарраргардида дар сурати қабули қарорҳои дахлдор оид ба гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист иҷро гардидаанд;

8) лоиҳаҳои шартномаҳо, аҳдномаҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои созишномаҳо оид ба тақсимоти маҳсулот ва шартномаҳои консессионӣ ва uайра, ки истифодаи сарватҳои табиӣ ва партовҳои объекти бо сармояи хориҷиро пешбинӣ менамоянд;

9) ҳуҷҷатҳои техникӣ барои техникаи нав, технология, масолеҳ ва ашё, мол ва хизмати сертификатсияшаванда, аз ҷумла аз хориҷа харидашаванда;

10) маводҳои тадқиқоти комплексии экологии ҳудудҳо ва объектҳое, ки ба онҳо додани мақоми ҳуқуқии ҳудудҳои табиӣ ва объектҳои махсус муҳофизатшаванда, минтақаҳои экологии зарардида ё минтақаҳои ҳолати фавқулоддаро асоснок менамоянд;

11) лоиҳаҳои нақшаи ҳифз ва истифодаи об, ҷангал, замин ва дигар сарватҳои табиӣ, ки дар ихтиёри давлат қарор доранд;

12) маводҳо оид ба намудҳои фаъолияте, ки хавфи экологӣ доранд;

13) дигар намуди ҳуҷҷатҳое, ки тибқи санадҳои меъёрии бо тартиби муқарраргардида қабулшуда, метавонанд ба муҳити зист таъсири мустақим ё uайримустақим расонанд.

Вазифаҳои зкспертизаи экологӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- баҳодиҳии самаранокӣ, асосноки ва кофӣ будани тадбирҳо оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист дар объектҳои экспертизашаванда;
- баҳодиҳии дурустии аз ҷониби истеҳсолкунанда муайянкунии дараҷаи хавф ва хатари экологии фаъолияти пешбинишаванда ва иҷрошаванда;
- баҳодиҳии мутобиқати объектҳои экспертизашавандаи ҷиҳати истифодабарӣ пешбинишуда, пеш аз қабули қарор оид ба истифодабарии онҳо, ё мутобиқати фаъолияти аллакай дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрошаванда ба стандартҳои экологӣ;
- ташкили таҳлил ва баҳодиҳии ҳамаҷониба, холисона, аз ҷиҳати илмӣ асосноки объектҳои экспертизашаванда;
- таҳлил ва баҳодиҳии таъсири аз ҷиҳати экологӣ зарарноки объектҳои экспертизашаванда ба саломатии аҳолӣ, сарватҳои табиӣ, муҳити зист, инчунин оқибатҳои эҳтимолии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ;
- тайёр намудани хулосаҳои холисона ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки экспетризаи экологӣ, пешниҳоди саривақтии онҳо ба мақомоти давлатӣ ва дигар мақомоте, ки оид ба истифодаи объекти экспертизашаванда қарор қабул менамояд, додани маълумот ба шахсони манфиатдор, ҷомеа ва шаҳрвандон;
- гирифтани маълумот дар бораи вазъи экологӣ ва таҳлили он.

Экспертизаи экологӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- ба таври ҳатмӣ гузаронидани экспертизаи экологӣ то қабули қарор дар бораи ба истифода додани объекти экспертизаи экологӣ;
- эҳтимоли имконпазири хавфи экологии объектҳое, ки барои экспертизаи экологӣ пешбинӣ шудаанд;
- маҷмеъи баҳои таъсири фаъолияти хоҷагӣ ва дигар фаъолият ба муҳити зист ва оқибатҳои он;
- боэътимодӣ ва пуррагии маълумоте, ки ба экспертизаи экологӣ пешниҳод карда мешавад;
- мустақилияти мақомоти экспертӣ ва экспертҳо ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳояшон дар соҳаи экспертизаи экологӣ;
- аз ҷиҳати илмӣ асоснок, холисона ва қонунӣ будани хулосаҳои экспертизаи экологӣ;
- ошкорбаёнӣ, иштироки ҷомеа, ба назар гирифтани афкори умум;
- масъулияти иштирокчиёни экспертизаи экологӣ ва тарафҳои манфиатдор барои ташкил, гузаронидан ва сифати экспертизаи экологӣ.

Хулосаи экспертизаи экологии ҷамъиятӣ ба мақомоте, ки экспертизаи давлатии экологиро анҷом медиҳанд ва ба мақомоте, ки оид ба истифодаи объекти экспертизашаванда қарор қабул мекунанд, фиристонида мешавад.

Хулосаҳои экспертизаи экологии ҷамъиятӣ хусусияти тавсиявӣ дошта, танҳо баъд аз тасдиқи натиҷаҳои он аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунад.

Хулосаи экспертизаи экологии ҷамъиятӣ метавонад дар воситаҳои ахбороти умум интишор гардад ва ба мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо, мақомоти экспертизаи давлатии экологӣ, фармоишдиҳандагони ҳуҷҷатҳое, ки аз экспертизаи экологии ҷамъиятӣ мегузаранд ва дигар шахсони манфиатдор пешниҳод карда шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Букс И.И. ,Фомин С.А." Экологическая экспертиза И ОВОС". Учебное пособие, г. Москва, МНЭПУ.
2. Павловский В.А. " Экологическая экспертиза: теория и практика: опыт применения в Самарской области "/ г.Самара, 1997г. -190 стр.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»
4. Фомин С.А. "Теория и практика экологической экспертизы", г.Москва, МНЭПУ, 1995г.33." Экологические проблемы больших городов: инженерные решения", г. Москва, РЭФИА.


## ЭКСПЕРТИЗАИ ЭКОЛОГӢ


Ҳадафи азхудкунии фанни "Экспертизаи экологӣ" ташаккул ёфтани дониш дар бораи заминаи ҳуқуқии баҳодиҳии таъсири муҳити зист, баҳодиҳии таъсири иқтисодӣ фаъолият оид ба муҳити зист, риояи талаботи ҳифзи муҳити зист , таъмини амнияти экологӣ, ҳифз ва оқилонаистифодаи захираҳои табиӣ, малакаҳои амалӣ барои ҳифзи ҳуқуқӣ муҳити зист. Яке аз омилҳои муҳимтарин дар ҳаёти инсон вазъияти экологӣ мебошад. Одам, тамошои табиат ва ба муносибати худ хос аст, ки мехоҳад ин ҳамоҳангиро дар ҳаёташ созад. Ин хоҳиш хеле махсусан нисбат ба ҷариб ба ҷарибӣ, оқибатҳои ғайричашмдошти фаъолияти беасос, боиси нобуд шудани муҳити табиӣ мебошад. Ва ин дар ниҳоят ба худи шахс таъсири манфӣ расонид. Тартиби баҳодиҳии таъсири экологӣ яке аз тартиби аз ҳама васеъ истифодашавандаи арзёбии фаъолияти банақшагирифташуда мебошад. Моҳияти ин механизм қабули қарори идоракунӣ оид ба иҷрои қарори банақшагирии қонунгузорӣ ва дигар фаъолиятҳо бо назардошти оқибатҳои манфии муҳити зист, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар. Вазифаи ташхиси таърихии экологӣ барои арзёбии экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, инчунин талаботи кофии қонунгузорӣ мебошад.



**Калидвожаҳо: глобалӣ** ; давлат; экспертиза; экологӣ; қонун; иҷтимоӣ; қисм; ҳуқуқ; модда; кодекс; мусоидат; механизм; имконпазир; мавзуъ; меъёр; тарафҳо; баррасӣ;


## ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ ЭКСПЕРТИЗА


Целью освоения дисциплины «Экологическая экспертиза» является формирование знаний о правовых основах экологической экспертизы, оценки воздействия хозяйственной деятельности на окружающую среду, соблюдение требований по охране окружающей среде, обеспечение экологической безопасности, сохранения и рационального использования природных ресурсов, практических навыков по правовой охране окружающей среды. Одним из важнейших факторов в человеческой жизни является экологическая ситуация. Люди, наблюдая за природой и характеризуются его отношениями, которые хотят сделать эту гармонию в ее жизни. Это желание особенно по сравнению с почти неожиданными последствиями необоснованной активности, вызывающей разрушение естественной среды. И это негативно повлияло на человека в конце концов. Процедура экологической оценки воздействия на окружающую среду является одной из наиболее широко применяемых в мире процедур предварительной оценки планируемой деятельности. Суть данного механизма заключается в принятии управленческого решения о реализации планируемой хозяйственной и иной деятельности с учетом возможных негативных экологических, экономических, социальных и иных последствий. Задача государственной экологической экспертизы заключается в том, чтобы в процессе оценки воздействия на окружающую среду были предусмотрены меры по охране окружающей среды и рациональному использованию природных ресурсов, а также адекватные требования законодательства.



**Ключевые слова:** государство, экспертиза, экологический, закон, социальное, часть, статья, право, кодекс, содействие, механизм.


## ENVIRONMENTAL ASSESSMENT


The purpose of mastering the discipline "Environmental Expertise" is the formation of knowledge about the legal basis of environmental expertise, assessment of the impact of economic activities on the environment, compliance with environmental protection requirements, ensuring environmental safety, conservation and rational use of natural resources, practical skills in legal environmental protection. One of the most important factors in human life is the ecological situation. People, watching nature and is characterized by his relationship that wants to make this harmony in her life. This desire is particularly especially compared to almost, the unexpected consequences of unreasonable activity, causing the destruction of the natural environment. And this negatively affected the person's eventually. The environmental impact assessment procedure is one of the most widely used procedures for preliminary assessment of planned activities. The essence of this mechanism is to adopt a management decision on the implementation of the planned in-law and other activities, taking into account the permanent negative environmental, economic, social and other consequences. The task of a historical environmental examination is to ensure that environmental evaluation assessment and the rational use of natural resource, as well as adequate requirements of legislation.



**Keywords:** nation; examination; ecological; right; law; society; part; article; lawbook; assistance; mechanism; possible; subject; measure; parties; consideration.

**Сведения об авторе:** ***Раджабов Нурмухаммад Хикматуллаевич*** – магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **918 23 80 70**

**Information about the author:** ***Rajabov Nurmuhammad Hikmatulloevich*** – second year graduate student of the faculty of Law of Tajik National University. Phone: **918 23 80 70**

# МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚҲОИ МОЛУ МУЛКИИ КӮДАК

***Ашуров С.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва арзиши олӣ эътироф шудани онҳо аз ҷониби давлат дар сатҳи меъёрҳои Қонуни асосӣ кафолат дода шудааст. Чунин мақоми баланди ҳимояи ҳуқуқӣ ба ҷуз аз меъёрҳои конституцсионӣ, инчунин бо дигар соҳаҳои қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад. Насли ҷавон дар тамоми давраҳои таърихи миллати тоҷик қувваи бузурги созандаи ҷомеа ба шумор мерафт. Дастгирӣ, тарбия ва таъмини шароити арзандаи мавҷудияти он, барои рушди минбаъдаи давлат бо такя ба арзишҳои демократӣ, аҳамияти муҳим доранд. Бо дар назар доштани ин асосҳо, ҳамеша чунин шуморида мешуд, ки ин табақаи ҷомеа ба ҳифзи махсус ниёз дорад. Дар ин маврид, масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкии кӯдак дар мадди аввал қарор мегиранд ва ин дар навбати аввал аз ниёзи иҷтимоии тарбияи насли ҷавону солим вобаста мебошад, ки танҳо дар сурати таъмини некӯаҳволии иқтисодии оила, ки на танҳо асоси мавҷудияти он, балки тамоми ҷомеаро ташкил мекунад, имконпазир аст. Солимии аҳолӣ маҳз аз сатҳи таъминоти иқтисодӣ вобаста мебошад, ки ба туфайли он моликияти оила ташаккул ёфта, мавқеъгирии ҳаётии аъзои он шакл мегирад. Мубрамияти масъалаи зикршуда инчунин бо он тавзеҳ дода мешавад, ки таҷрибаи ҳаётӣ надоштани кӯдак, вобастагии ӯ аз падару модар ва ё дигар намояндагони қонунӣ ба он оварда мерасонад, ки ӯ имконияти воқеии самаранок ҳифз намудани ҳуқуқҳои худро ба мисли дигар субъектҳои ҳуқуқ, ки иддаои ҳифзи судӣ мекунанд, надорад. Бинобар ин, дар қиёс бо дигар субъектҳои ҳуқуқ, зарурати бештари ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои қонунии кӯдак ба миён меояд. Равандҳои муосир, ки бо вазъи кӯдакон ва мушкилоти онҳо вобастагӣ доранд, на- танҳо дар ягон кишвари алоҳида, балки дар тамоми дунё шаҳодати онанд, ки мавҷудияти танҳо принсипҳои декларативии ҳифзи кӯдакон, ки дар тафоҳумномаҳо ва конвенсияҳои мухталиф ифода ёфтаанд, кифоя намебошад. Пешниҳоду таҳқиқотҳои наве заруранд, ки дар онҳо бо такя ба меъёрҳои ҳуқуқӣ чораҳои таъсирбахш ва усули ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак инъикос гардида бошанд. Ин матлаб ба Тоҷикистон низ дахл дорад, ки дар он мушкилиҳои ҳифзи манфиатҳои қонунии кӯдакон дар шароите, ки ҳифзи иҷтимоӣ ба таври дахлдор таъмин нест ва оила дар худ тамоми мушкилиҳои давраи гузаришро эҳсос мекунад, муҳимияти махсус пайдо мекунад. Ҳар як давлат аз ҷумла, Тоҷикистон ба ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, баҳри таъмину муҳайё кардани шароити зиндагии арзанда барои кӯдакон тамоми чораҳои заруриро меандешад. Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” баён доштанд, ки фарзанд меваи умри инсон мебошад ва ҳеҷ фард то охири умраш набояд худро аз масъулият дар назди фарзанд канор гирад. Мутаасифона, тавре таҳлилҳо нишон медиҳад, солҳои охир сатҳи тарбияи кӯдакон коста гардидааст ва баъзе падару модарон ба ин масъалаҳои ҳаётан муҳим аҳамияти зарурӣ намедиҳанд. Таъминоти моддии фарзандон ва тарбияи сазовори онҳо вазифаи аввалиндараҷаи волидон аст ва аз нуқтаи назари қонун онҳо барои иҷрои ин вазифаҳо уҳдадор ҳастанд. Ё ба таври дигар гӯем, тарбияи фарзандон дар доираи рафтори хубу шоиста вазифаи бевосита ва асосии волидон ба ҳисоб меравад. Манфиатҳои кӯдакон, ҳифз ва таҳкими асосҳои иқтисодии оилаҳо, коркард ва татбиқи маҷмӯи чорабиниҳои навъи ташкилӣ- ҳуқуқӣ ва иқтисодиро тақозо мекунанд. Ин ҳам ба соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкии кӯдак ва ҳам ба ташкили сарчашмаҳои иловагии даромади оила (ҷойи кор бо музди меҳнати муносиб, баланд бардоштани андозаи стипендия, нафақа ва дигар пардохтҳои

иҷтимоӣ, кам кардани сарбории андоз барои соҳибкории хурду миёна ва ғайра) марбут аст. Барои ҳамчун аъзои фаъол ва масъули ҷомеа ба воя расонидани кӯдак, падару модар, муассисаҳои таълимӣ ва давлат уҳдадоранд, ӯро дар руҳияи эҳтиромӣ калонсолон ва риояи қонун тарбия намоянд, уҳдадорӣ то давраи аз ҷониби кӯдак мустақилона татбиқ намудани ҳуқуқҳои субъективиаш амал мекунад.

Кӯдак – объекти таъсиррасонии муназзаму ҳамешагии падару модар ва давлат нест. Баръакс, шахсиятест, ки аз маҷмӯи ҳуқуқҳои субъективие, ки чун қоида тавассути намояндагони қонуниаш амалӣ менамояд, барҳӯрдор аст. Тибқи Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак аз соли 1989 (Ҷумҳурии Тоҷикистон онро соли 1993 тасвиб кардааст), ҳар як кӯдак новобаста аз нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, вазъи молӣ ва баромади иҷтимоӣ, дорои ҳамаи ҳуқуқҳои пешбининамудаи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мебошад. Ҳеҷ кас набояд зери ягон навъи табъиз қарор дода шавад. Вобаста ба ин, дар ҷаҳони муосир ҳуқуқҳои молу мулкии кӯдак агар вобаста ба таъиноти иҷтимоиашон татбиқ шаванд, онҳо набояд поймол карда шаванд. Дар ҳуқуқи оилавӣ дилхоҳ сӯиистифодаи ҳуқуқ манъ мебошад. Амали дилхоҳ дорандаи ҳуқуқ, ки бо мақсади расонидани зарар ба дигар субъектҳои ҳуқуқи граждани ё оилавӣ равона гардидааст, қатъиян иҷозат дода намешавад. Бинобар ин, бояд зикр кард, ки ҳеҷ кас масъулияти субъекти ҳуқуқӣ ростқавлу бовиҷдон будани кӯдак ва намояндаи қонунии ӯро бекор намекунад. Ҳамчунин, ниҳодҳои давлатӣ зимни қабули қарорҳои мухталиф бояд тавассути андешидани чораҳои беҳтарин манфиатҳои кӯдакро таъмин намуда, ӯро зери ҳимоя ва ғамхории махсус қарор диҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вақтҳои охир як зумра санадҳои меъёрӣ, ки ба мустаҳкам намудани ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ва баланд бардоштани масъулияти падару модар дар тарбияи кӯдак равона гардидаанд, қабул шудаанд. Масалан, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки меъёрҳои онҳо махсусан ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, муқаррар кардани масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи кӯдак ва ғайра равона гардидаанд, аз ҷумлаи онҳоянд. Ин санадҳои ҳуқуқӣ дар қатори дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ноболиғон, ҳамчун субъектҳои комилҳуқуқи муносибатҳои молу мулкӣ нигаронида шудаанд. Меъёрҳои конституцсионии марбут ба тарбия ва таъминоти кӯдакон татбиқи амалии худро дар ҳуқуқи оилавӣ пайдо намудаанд. Дар он меъёрҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак, бо назардошти 37 талаботи муосири ҷомеа инъикос шудаанд. Баррасии ҳуқуқи молу мулкии кӯдак бевосита дар заминаи ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузории оилавию граждании ҷумҳурӣ ва амалан афзудани имкониятҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак мусоидат мекунад. Сарфи назар аз чунин тадбирҳои ҷиддии ҳуқуқии дар сатҳи қонунгузорӣ андешидашуда, бояд гуфт, ки на ҳама масъалаҳои ҳуқуқию амалии марбут ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ҳалли худро пайдо намуданд, зеро дар муносибатҳои оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ба назар мерасад, ки нисбат ба ҳуқуқ, бештар ба арзишҳои анъанавӣ афзалият дода мешавад. Масалан, қонунгузории оилавӣ манфиатҳои кӯдакро танҳо ҳамчун истифодабарандаи ҳуқуқ ба инобат гирифта, бо назардошти манфиатҳои ӯ ба суд ҳуқуқ медиҳад, ки баробарии ҳиссаро ҳангоми тақсими моликияти муштараки падару модари кӯдак ба инобат нагирифта, ҳиссаи ҳуқуқи моликияти ҳамсареро, ки кӯдак дар нигоҳубинаш мемонад, зиёд намояд. Ҳамзамон, дар оянда поймол шудани ҳуқуқҳои молу мулкии кӯдак, аз ҷумла ҳуқуқҳои манзилии ӯ аз ҷониби худи ҳамин волидайн – соҳибмулк, истисно карда намешавад. Дар қонунгузории граждани низ меъёри муқарраркунандаи мақоми махсуси ҳуқуқии кӯдаке, ки аъзои собиқи оилаи молик гардидааст, мавҷуд намебошад. Дар ҳуқуқи оилавӣ ҳолати иштироки шахси ҷисмонии ноболиғ дар мавриди ба даст овардани моликияти манқул ва ё ғайриманқул, инчунин муқаррар кардани ҳиссаи ӯ дар он, номуайян боқӣ мемонад. Дар хусуси номукаммал будани танзими граждани-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкии кӯдак, мавҷуд набудани муқаррароти умумӣ, ки метавонад ба ҳамаи ҳолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкии кӯдак, хусусан дар раванди баррасии судии чунин баҳсҳо, татбиқ шавад, шаҳодат медиҳад. Нашри маводи сершумор дар воситаҳои ахбори оммаи муосир, ки ба вазъи ногувори кӯдакон ва поймолшавии ҳуқуқҳои онҳо бахшида шудаанд, муҳимияти ин масъаларо исбот мекунанд, бахусус аз он, ки дар теъдоди зиёди оилаҳо ин ҳолат хислати муқовим дорад. Аён аст, ки осебпазир будани кӯдакон бо номукаллафии ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ, вобастагӣ, тобеъ будани онҳо аз шахсони болиғ – падару модар, васӣ,

парастор, тарбиятгар, муаллим ва ғайра вобаста мебошад. «Масъулияти таърихии замона бо зарурати тарбияву таълими натиҷабахш ваиҷтимоишавии насли наврас, ки он кафили эҳёшавии ҷамъиятии кишвар ба шумор меравад, муайян карда мешавад».

**АДАБИЁТ**


1. Суханронӣ бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 14.12.2010с. [Захираи электронӣ]. URL: http:// president.tj/node/400 ва аз 08.04.2011с.[Захираи электронӣ]. URL:
2. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 г., принятая всенародным референдумом. (Текст) – Душанбе, Ганч,-2016
3. Закон РТ «О правах ребенка» // Ахбори Маджлиси Оли РТ, 2015. – № 3. – Ст. 218


**МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚҲОИ МОЛУ МУЛКИИ КӮДАК**


Мақолаи мазкур ба масъалаҳои мубрами илмӣ ва амалӣ, хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Бешубҳа, равандҳои муосири марбут ба вазъи кӯдакон ва муаммоҳои онҳо, на танҳо дар давлати алоҳида, инчунин дар тамоми ҷаҳон собит намуданд, ки танҳо як принсипҳои декларативии ҳифзи кӯдакон, ки дар тафоҳумномаҳо ва конвенсияҳои мухталиф инъикос гардидаанд, кифоя намебошанд. Дар ин ҷода пешниҳоду тадқиқоти нав, ки дар онҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои таъсирбахш ва усулҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак инъикс гардидаанд, зарур мебошад. Ин ба Тоҷикистон низ, мансуб мебошад, зеро дар он масъалаҳои ҳифзи манфиатҳои қонунии кӯдакон дар шароити нокифоягии ҳифзи иҷтимоӣ, ки оила дар худ тамоми душвориҳои давраи гузаришро эҳсос мекунад, мубрамияти хоссаро касб мекунад. Манфиатҳои кӯдакон, инчунин ҳифз ва мустаҳкам кардани асосҳои иқтисодии оилаҳо, коркард ва татбиқи чораҳои комплексии дорои хусусияти ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодиро талаб мекунанд. Ин, ҳам ба соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкии кӯдак ва ҳам ба ташкили сарчаш- маҳои иловагии даромади оила (ҷойи кор бо музди меҳнати мувофиқ, баланд шудани андозаи идрорпулӣ, нафақа ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ, коҳиш додани гаронии андоз барои соҳибкорони хурду миёна ва ғайра.) мансуб мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вақтҳои охир як зумра санадҳои ҳуқуқӣ, ки ба мустаҳкам кардани ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ва тақвияти масъулияти падару модар дар тарбияи кӯдакон, нигаронида шудаанд, қабул гардидаанд. Масалан, ин қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки меъёрҳои онҳо махсусан ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, муқаррар кардани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва ғайра. равона гардидаанд. Мақсади ин санадҳои ҳуқуқӣ дар радифи дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ноболиғон, ҳамчун субъектони комилҳуқуқӣ муносибатҳои ҳуқуқии молу мулкӣ мебошанд.



**Калидвожаҳо:** ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкии кӯдак, ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак, ҷавобгарӣ, муносибати ҳуқуқӣ, субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, падару модар, қобилияти амалкунӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ, худмуҳофизатӣ, қонунгузории оилавӣ, ҳуқуқи граждани.


**ВОПРОСЫ ИМУЩЕСТВЕННОГО ПРАВА РЕБЕНКА**


В этой статье актуальной научной и практической проблеме особенности защиты имущественных прав ребенка по законодательству Республики Таджикистан. Безусловно, современные процессы, связанные с положением детей и их проблемами, причем не только в какой – то отдельной стране, но и во всем мире, показали, что одних декларативных принципов защиты детей, изложенных в разных меморандумах и конвенциях, недостаточно. Требуются новые предложения, исследования, в которых на основе правовых норм были бы закреплены действенные меры и способы защиты прав детей. Это касается и Таджикистана, где проблема защиты законных интересов детей приобретает особую актуальность в условиях слабой социальной защищенности, где семья испытывает на себе все трудности переходного периода. Интересы детей, а также сохранение и укрепление экономической основы семьи требуют разработки и реализации комплекса мер организационно – правового и экономического характера. Это относится как к сфере защиты имущественных прав ребенка, так и к созданию дополнительных источников дохода семьи (рабочие места с достойной заработной платой, повышение размера стипендий, пенсий и иных социальных выплат, уменьшение налоговой нагрузки на малое и среднее предпринимательство и т. другие.). В последнее время в Республике Таджикистан принят ряд нормативных актов, направленных на укрепление защиты прав и интересов ребенка и усиление ответственности родителей за воспитание детей. Например, это законы Республики Таджикистан, нормы которых специально направлены на защиту прав ребенка, установление ответственности родителей за обучение и воспитание детей и другие. Эти правовые акты наряду с другими источниками семейного права призваны защитить права и законные интересы несовершеннолетних, как полноправных субъектов имущественных правоотношений.



**Ключевые слова:** защита имущественных прав ребенка, права и интересы ребенка, ответственность, правоотношение, субъекты имущественных отношений, родители, опека и попечительство, дееспособность, правоспособность, самозащита, семейное законодательство, гражданское право.


**ISSUES OF PROPERTY RIGHTS OF THE CHILD**


In this article is devoted to actual scientific and practical, especially the protection of property rights of the child’s according to legislation of the Republic of Tajikistan. Certainly modern processes connecting with the situation of children and their problems, not only in separate country, but all over are the world, set in different memorandums and convention, deficiency. It is demand new proposal and researches which on the base of legal norms were fixed affective measures and the ways of defense of child’s right. It concerns also Tajikistan where

the problem of protection child`s legislative rights of children gains special actuality in the condition of weak social protection, where the family feels all difficulties transitional period. The interests of children and also maintaining and strengthening economic bases of family demands design working and realization of complex measures of organize law and economic characters. It concerns as the sphere protection properties of child's right and also towards of foundation additional sources income of families (working places with worthy salary, rising the size of scholarships, pension, and other social prepayment, reduction of tax loading on little and average business and so on. Several regulation acts were adopted in the Republic of Tajikistan lately, directed to the strengthening of child's rights and internets of child's and effort responsibility of parents for bringing up children. For a example this is the law of the Republic of Tajikistan norms which especially directed to the protection of children's rights. Formation responsibility parents for studying and bringing up children. These legislative acts with an other sources of family rights is called upon protect the rights and legislative interests of minors as full right subjects of properties legal relations.

**Keywords:** a property of child's right, the right and interests of child, responsibility legal relation, subject properties of relation, parents, guardian – and guardian ship, legal capacity, self-defense, family legislation, civil right.

**Сведения об авторе:** ***Ашуров Сухайли Салохович*** – магистрант 1-ого курса юридического факультета Таджикского Национального Университета, кафедры гражданского права. Тел: **985 01 01 98**

**Information about the author:** ***Ashurov Suhaili Salokhovich*** – 1st-year Master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University, Department of Civil Law. Phone: **985 01 01 98**

# МАФҲУМҲОИ АСОСИИ ҲУҚУҚИ МЕРОС

***Шеров Д.Ҷ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Пас аз муайян намудани мавқеи ҳуқуқи меросӣ дар низоми зерсоҳаҳои ҳуқуқи граждани ва умуман соҳаҳои ҳуқуқ, масъалаи дигаре ба миён меояд, масъалаи муайян намудани мафҳумҳои асосие, ки дар ҳуқуқи меросӣ истифода мешаванд. Зеро бе таҳлили мафҳумҳое, ки дар соҳаи ҳуқуқи меросӣ истифода мешаванд, омӯзиши минбаъдаи ин зерсоҳаи ҳуқуқ ғайриимкон аст.

Яке аз мафҳумҳои марказии ҳуқуқи меросӣ ин мерос ва ворисӣ мебошад, ки оиди муайн намудани мӯҳтавои он дар байни олимон гунофикрӣ ҷой дорад. Ба ақидаи гурӯҳе аз олимон, ҳамаи он молу мулк ва ӯҳдадориҳое, ки аз меросгузор ба ворисон мегузарад ин мерос ва ё худ ворисӣ мебошад. Мафҳуми ворисӣ дар қонунгузории граждании ҶТ оварда шудааст, аммо мафҳуми мерос бошад дар қонунгузории ҶТ дида намешавад. Мафҳуми мазкур дар моддаи 1138- и КГ ҶТ ба таври оварда шудааст: ворсӣ ин гузариши ҳуқуқи молу мулкӣ ва дар ҳолатҳои пешбинӣ намудаи қонқн ба дигар шахс ё ашхос (ворисон) гузаштани ҳуқуқҳои шахсии ғайри молу мулкии ба мулк вобастаи шахси фавтида (меросгузор) тибқи шартҳои ворисии ҳуқуқии универсалӣ эътироф мегардад. Агар меъёрҳои КГ ҶТ тартиби дигареро пешбинӣ нанамоянд, ҳамчун қоида мерос ҳамчун як маҷмӯи мукаммал ва дар як лаҳза мегузарад. Аз ин маълум мешавад, ки таҳти мафҳуми ворисӣ на худи мерос, балки раванди гузариши он аз меросгузор ба ворисон фаҳмида мешавад.

Мафҳуми дигари марказии ҳуқуқи меросӣ ин мафҳуми "мерос" мебошад. зеро маҳз дар атрофи мафҳуми мазкур дигар муносибатҳои минбаъдаи ин зерсоҳаи ҳуқуқ ба вуҷуд меояд. Агар мерос вуҷуд надошта бошад, пас гузариши он , яъне ворисӣ низ вуҷуд дошта наметавонад. аз маълум мешавад, ки дар баробари мафҳуми ворисӣ мафҳуми мерос низ мавҷуд аст. Гарчанде ки мафҳуми мерос дар қонунгузорӣ ҷой надошта бошад ҳам, вале дар илми ҳуқуқшиносӣ мафҳумҳои гуногуни он аз ҷониби олимон пешниҳод гардидааст. Аз ин рӯ мафҳуми меросро дар робита бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назарияи ҳуқуқи меросӣ муайян бояд кард. Масалан, олимони ватанӣ Маҳмудзода М.А. ва Менглиев Ш.М. мафҳуми зерини меросро пешниҳод намудаанд: Мерос- ин гузариши ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва ӯҳдадориҳои шахси фавтида ба ворисонаш мебошад.

Оиди мафҳуми мерос олими дигари ватанӣ Тағойназаров Ш.Т. чунини қайд мекунад: Мерос – ин он молу мулк, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳое, ки пас аз вафоти меросгузор ба ворисони он мувофиқи ҳуқуққабулкунии меросӣ мегузарад, фаҳмида мешавад [5, с.113].

Дар баробари олимони ватанӣ, олимону мутахассисони хориҷӣ низ вобаста ба мафҳуми мерос фикру ақидаи хешро иброз намудаанд. Масалан, Алексеев С.С. мафҳуми мерос ба таррики зайл пешниҳод намудааст: Молу мулк, ки тибқи

ҳуқуққабулкунӣ мегузарад, меросро ташкил медиҳад, ки ба таркиби вай дар рӯзи кушодашавии мерос ашё, дигар молу мулк, инчунин ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва ӯҳдадорӣ, ки ба меросгузор таалуқ доранд, дохил мешавад [5, с. 113].

Ба ақидаи Ю.К. Толстой зери мафҳуми мерос ҳар он чизе, ки баъди вафоти меросгузор ба ворисони ӯ тибқи тартиби ҳуқуққабулкунии меросӣ мегузарад, бояд фаҳмида шавад [5, с. 113].

Ҳангоми ворисӣ ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои меросгузор тибқи тартиби ҳуқуққабулкунии умумӣ ба ворисон мегузарад. Ба ворисон ҳангоми қабули мерос ҳамаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои меросгузор, ба истиснои баъзе ҳуқуқҳо, ки бевосита онҳо дар қонун нишон дода шудааст ё аз табиати ҳуқуқии онҳо бармеояд, дар маҷмӯъ мегузаранд. Қайд кардан зарур аст, ки ба меросхӯрон танҳо он ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳое мегузаранд, ки воқеан ба меросгузор дар вақти дар қайди ҳаёт буданаш тааллуқ доштанд. Таркиби молу мулки меросӣ васеъ шуда метавонад, ки ба он молу мулки дар фаъолияти ҳамарӯза истифодашаванда, хонаи истиқоматӣ ва дигар молу мулки ғайриманқул, маблағҳои пулӣ ва коғазҳои қимматнок, ҳуқуқҳои истисноӣ ва дигар молу мулке ки меросгузор дар қайди ҳаёт буданаш ҳуқуқи моликияти нисбати онҳо дошт.

Чӣ хеле дар боло қайд намудем қонунгузор баъзе ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои меросгузорро муайян намудааст, ки онҳо ҳангоми ворисӣ ба ворисон намегузаранд, зеро ин ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ба шахсияти меросгузор зич алоқаманданд, ба монанди ҳуқуқ ба алимент, ҳуқуқ ба ҷуброни зарари ба саломатӣ расонидашуда ваа дигар ҳуқуқу ӯҳдадориҳо. Масалан ҳангоми фавти меросгузори дорандаи ҳуқуқ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ӯ мутобиқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ, ба шарти ба қайд гирифта шудани он ё дар ҷараёни шаш моҳ аз рӯзи оғози мерос ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудани ворис, ба ворси ӯ мегузарад. Дар акси ҳол шартнома қатъ мешавад. (қ.2 м. 969 КГ ҶТ).

Ба таркиби мерос ҳуқуқҳои шахсии ғайри молу мулкӣ, ба монанди ҳуқуқ ба ном, ҳуқуқи муаллифӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба озодии мусофират ва интихоби ҷойи зист, ҳамчунин дигар неъматҳои ғайри моддӣ ба монанди ҳаёт. саломатӣ, қадр, номус, эътибори корӣ ва ғайра наметавонанд дохил шаванд. Ҳуқуҳои номбаршуда ба шахсияти меросгузор зич алоқамандӣ доранд аз ин лиҳоз бегонга ё интиқол додани онҳо ғайриимкон аст. Гурӯҳи мазкури ҳуқуқҳо ба шахсияти дорандаи он алоқаи ногусастани дошта, пас аз фавти шахс ин ҳуқуқҳо низ аз байн мераванд.

***Ҳуқуққабулкунӣ*** дигар мафҳуме мебошад, ки дар ҳуқуқи меросӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода мешаввад. Дар ҳуқуқи граждани ду шакли ҳуқуққабулкунӣ дида мешавад: ҳуқуққабулкунии умумӣ (универсалӣ) ва ҳуқуққабулкунии қисмӣ (сингулярӣ).

Ҳуқуққабулкунии умумӣ бошад дар ду ҳолат ҷой метавонад , дар вақти қабул намудани мерос ва ҳангоми азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ. Хусусияти хоси ин навъи ҳуқуққабулкунӣ дар он аст, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо аз як субъект ба субъекти дигар ба қисмҳо ҷудо нашуда баръакс дар шакли том мегузарад. Масалан ҳангоми қабули мерос аз ҷониби ворис, ӯ ( ворис ) наметавонад танҳо молу мулки меросгузорро қабул намуда аз ӯҳдадорияҳояш даст кашад, ворис бояд ҳам ҳуқуқ ва ҳам ӯҳдадориҳои меросгузорро дар як вақт яку якбора қабул намояд. Дигар хусусияти хоси ҳуқуққабулкунии умумӣ ҳангоми ворисӣ дар он аст, ки ҳам ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои меросгузор ба ворис ( ворисон ) яку якбора ва дар як вақт мегузарад. Ин чуни маъно дорад, ки ворис ( ворисон ) наметавонанд, ки як қисми молумулкӣ меросирро як вақт ва қисми дигарашро дигра вақт қабул намоянд.

Дар ҳуқуққабулкунии қисмӣ (сингулярӣ) бошад ба кредитор ва қарздори нав на ҳамаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо, балки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои муайян мегузарад.

***Асосҳои ворисӣ*** **-** ин қонун ва васиятнома мебошанд. Ин асосҳо ба ҳамдигар зид нестанд. Мерос метавонад тибқи васиятнома ва дар сурати набудани он тибқи қонун муайян карда шавад. Ворис метавонад қисме аз молу мулкӣ ба мерос гузошта шударо тавассути васиятнома ва қисми дигарашро аз рӯи мерос тибқи қонун қабул намояд. Инчунин метавонад, ки қисме аз ворисон дар васиятнома ва қисми дигарашон, бо роҳи муайяннамудаи қонун ба ҳайси ворис шомил шаванд. Меросгузор метавонад ба воситаи васиятнома он шахсонеро, ки наметавонанд аз руи қонун ба ворисии ӯ шомил шаванд, дохил намояд. Қонунгузории граждании ҶТ ба ҳар як соҳибмулк имконият додааст, ки молу мулкашро ба касе, ки хоҳад ба

мерос гузорад , аз ҷумла ба он шахсоне, ки ӯ нисбат ба онҳо алоқаи хунӣ ва ё умуман хешӣ надорад. Агар қисме аз молу мулкӣ меросгузор тавассути васиятнома ва қисми дигараш бошад аз рӯи қонун ба мерос гузошта шавад, пас дар навбати аввал он шахсоне , ки дар васиятнома ба ҳайси ворис зикр шудаанд, соҳиби мерос мешаванд, ва баъдан молу мулки боқӣ мондаи меросгузор аз рӯи қонун миёни дигар ворисон, тақсим карда мешавад. Ин тартиб гувоҳи он аст, ки қонунгузории граждании ҶТ ирода ва хоҳиши соҳибмулкро дар мадди аввал гузошта ба ӯ имконият медиҳад, ки ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш тақдири минбаъдаи молу мулкашро ҳал намояд.

***Кушода шудани мерос***. Кушодашавии мерос дар заминаи ду факти ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд:

а) фавти шаҳрванд;

б) фавтида эълон намудани шахс аз ҷониби суд;

Фавтида эълон намудани шахс аз ҷониби суд боиси ҳамон оқибатҳое мегардад, ки марги шахс пешбинӣ менамояд. Фвти шаҳрванда ва ё фавти да эълон намудани ӯ, аз ҷониби қонунгузор ҳамчун фактҳои ҳуқуқие эътироф шудаанд, ки боиси ба вуҷуд омадани муносибатҳои меросӣ мегарданд. Дар назарияи мерос мавқеи марказиро кушодашавии мерос ишғол менамояд, зеро яке масъалаҳои асосии ҳуқуқи мерос, ин дақиқ муайян намудани вақти кушодашавии он мебошад. Рӯзи вафоти шаҳрванд ин рузи кушодашавии мерос эътироф мешавад. Агар шахс аз ҷониби суд фавтида эътироф шавад, пас рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳалномаи судӣ, рӯзи кушодашавии мерос эътироф мешавад.

***Меросгузор.*** Агар мафҳумҳои ворисии ҳуқуқ ба мерос ва кушодашавии меросро таҳлил намоем, пас маълум мешавад, ки ба сифати меросгузор танҳо шахси воқеӣ баромад карда метавонаду халос. Мутобиқи м.17 КГ ҶТ дар зери мафҳуми шахси воқеӣ - шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд фаҳмида мешавад. Азбаски шахси ҳуқуқӣ субъекте мебошад, ки бо тартиби муқарраршудаи қонун сохта шудааст, наметавонад ба ҳайси меросгузор дар муносибатҳои меросӣ баромад намояд. Шахси ҳуқуқӣ аз лиҳози оне, ки субъекти сохташудааст, вафот намекунад, балки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун барҳам меҳӯрад.

Оид ба меросгузор ҳаминро низ қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми қабули мерос аз руи қонун (дар сурати мавҷуд набудани васиятнома) ҳолати рӯҳию равонӣ ва вазъи саломатии меросгузор аҳамият надорад. Яъне ҳангоми ба сифати меросгузор аз руи қонун баромад намудан, шарт нест, ки шахс (меросгузор) дорои қобилияти пураи амалкунӣ бошад. Ҳангоми ворисӣ тибқи васиятнома, масъалаи дорои қобилияти пурраи амалкунӣ будани мерросгузор ранги дигар мегирад, зеро васиятнома ин аҳди яктарафаи ҳуқуқӣ ба шумор меравад ва он бояд аз ҷониби ашхосе тартиб дода шуда бошад, ки оқибати амалу ҳаракатҳои худро дарк карда тавонад, яъне дорои қобилияти пурраи амалкунӣ бошад. Дар акси ҳол агар васиятнома аз ҷониби шахсе, ки суд ӯро ғайри қобили амал эътироф намудааст ё ноболиғ ва ё соҳибмулке, ки ҳуқуқи ба мерос гузоштани молу мулкро надорад тартиб дода шуда бошад, пас он васиятнома беэътибор эътироф карда мешавад.

Мафҳуми дигаре, ки ҳангоми омӯзиши ҳуқуқ ба мерос бояд мавриди таҳлил қарор дода шавад, ин ***ворис*** ё ***ворисон*** мебошад. Дар фарқият аз меросгузор ба ҳайси ворис на танҳо шахсони воқеӣ, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, давлат, давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ метавонанд баромад намоянд. Давлат низ метавонад ба ҳайси ворис дар муносибатҳои меросӣ баромад намаояд. Масалан, меросгузор молу мулкашро ба давлат васият мекунад ё ин, ки меросгузор васиятнома тартиб надодааст ва ё ворисонро аз ҳуқуқ ба мерос маҳрум намудааст, инчунин ҳангоми набудани ворисон аз руи қонун, молу мулки меросгузор ба давлат мегузарад.

Доираи ворисон, ҳангоми ҷой доштани васиятнома мутобиқи он муайян карда мешавад, дар сурати мавҷуд набудани васиятнома доираи ворисон мутобиқи қонун муайян карда мешавад. Дар баробари ин имконияти шаҳрванд , оид ба қабул кардани мерос ба ягон ҳолат, аз ҳаҷми қобилияти амалкунии ӯ вобаста намебошад. Як субъект метавонад дар вақт ворисӣ якчанд меросгузор башад, вобаста ба асосҳои гуногун, масалан вориси як меросгузор аз руи васиятнома ва ё ворисӣ дигар меросгузор тибқи қонун. Ворис аз руи васиятнома он ашхосе эътироф карда мешавад, ки ҳангоми кушодавии мерос зинда бошад, истисно дар ин танҳо нисбат ба кӯдаконе мебошад, ки ҳангомии дар қайди ҳаёт будани меросгузор дар батни модар буданд ва баъдан солим ба дунё омаданд.

Кӯдакони ҳоло таваллуднашуда ба сифати субъекти ҳуқуқ наметавонанд баромад намоянд. Ҳуқуқҳои ӯ ба он шарте ҳифз мешавад, ки агар зинда таваллуд шавад. Агар ион кӯдак зинда таваллуд нашавад факти дар батни модар будани ӯ маънои худро гум мекунад, зеро ӯ ҳанӯз дорои қобилияти ҳуқуқдории граждан̄ набуд.

**АДАБИЁТ**


1. Ҳуқуқи меросии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соҳибов М.М. Бобохонов Ҳ.З. Душанбе 2017.
2. Ҳуқуқи граждан̄. Қисми меюм: Китоби дарс̄ / Зери таҳрири Тағойназаров Ш.Т. Душанбе, 2014.
3. Гришаев С.П. Наследственное право. -М.: Юристъ. 2005.
4. Гражданское право: учеб. Алексеев С.С. Екатеринбург: Институт частного права, 2010.
5. Маҳмудов М.А., Менглиев Ш.М. Ҳуқуқи хусусии рим̄,( фишурдаи лексияҳо) - Душанбе: Сино.- С.113.
6. Ҳуқуқи граждан̄. Қисми меюм: Китоби дарс̄ / Зери таҳрири Тағойназаров Ш.Т. Душанбе, 2014. С. 280
7. Гражданское право: учеб. Алексеев С.С. Екатеринбург: Институт частного права, 2010. С.-256.
8. Гражданское право: учеб.: Ю.К. Толстой. Изд. Проспект, 2005. - С. 614.


**МАФҲУМҲОИ АСОСИИ ҲУҚУҚИ МЕРОС**


Дар мақолаи мазкур мафҳумҳои асосии ҳуқуқи мерос, ки ҳангоми омӯзиши ин зерсоҳаи ҳуқуқ, дида мешавад, мавриди таҳлил ва баррас̄ қарор дода шудааст,зеро бе дарки пурра ва ҳаматарафаи мафҳумҳои мазкур ба монанди мерос, меросгузор, ворис, кушодашавии мерос, ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмии мерос, васиятнома, ҳуқуққабулкун̄ , ворисони ношоиста, навбати ворисон ва ғ . омӯзиши ин зерсоҳаи ҳуқуқ ғайриимкон аст . Инчунин дар ин мақола фикру ақидаи олимони ватаниву хориҷ̄ ҳангоми таҳлили мафҳумҳо мавриди баррас̄ қарор дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи мерос, мерос, ворис̄, меросгузор, ворис, ҳуқуққабулкун̄, кушодашавии мерос, асосҳои ворис̄, васиятнома, ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмии мерос.


**ОСНОВНЫЕ ПОНЯТИЯ НАСЛЕДСТВЕННОГО ПРАВА**


В данной статье анализируются и обсуждаются основные понятия наследственного права, которые рассматриваются в этом подсекторе права, поскольку без полного и всестороннего понимания таких понятий, как наследование, наследователь, наследник, открытие наследства, право на обязательную долю наследования, завещание, наследство, законные наследники, очередь наследников и т. д. изучение этого подразделения права невозможно. В данной статье также анализируются и рассматриваются взгляды отечественных и зарубежных ученых по этой теме.



**Ключевые слова:** наследственное право, наследство, наследование, наследователь, наследник, правопреемство, открытие наследства, основы преемственности, завещание, право на обязательную долю наследования.


**BASIC CONCEPTS OF INHERITANCE LAW**


This article analyzes and discusses the basic concepts of inheritance law, which are considered in this subsector of law, since without a full and comprehensive understanding of such concepts as inheritance, testator, heir, opening of inheritance, right to a compulsory share of inheritance, will, inheritance, legal heirs, line of heirs, etc. the study of this subdivision of law is impossible. This article also analyzes and discusses the views of domestic and foreign scientists on this topic.



**Keywords:** inheritance law, inheritance, testator, heir, admission, opening of inheritance, foundations of succession, wills, right to a compulsiry share of inheritance.



**Сведения об авторе:** ***Шеров Давлатманд Джаборович*** – магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: **909 96 06 16**

**Information about the author*: Sherov Davlatmand Jaborovich*** – second-year Master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University. Phone: **909 96 06 16**


# РОЛЬ ГОСУДАРСТВ-ЧЛЕНОВ СОВЕЩАНИЯ ПО ВЗАИМОДЕЙСТВИЮ И МЕРАМ ДОВЕРИЯ В АЗИИ В ПРОТИВОДЕЙСТВИИ ПРОБЛЕМ 21 ВЕКА


***Шодиева Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


С развитием мира и появлением всякого рода коммуникации между странами и людьми, также появляются сотрудничества групп лиц с негативным воздействием на общества. В 20 и 21 веках появились такие понятия как терроризм, насильственный экстремизм и радикализм, которые осуществлялись недоброжелательными союзами лиц, сеев вражду между людьми используя их радикальные убеждения, потребности, интерес и несформулированное критическое мышление, которым воспользовались и не показывающие себя субъекты крутят рули в обществах. Существует множества

